ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис



ВБД: 891.55+008(55) (83.3 Эрон+71 (5 Эрон))

ШОДИЁН ФАРХУНДА ТОҶИДДИН

МАВҚЕЪ ВА АҲАММИЯТИ АНДАРЗҲОИ АДАБӢ-ЭСТЕТИКӢ (ГУЗИНГӮЯҲО)-И АҲМАДИ ШОМЛУ ДАР РУШДИ АДАБИЁТИ МУОСИРИ ЭРОН

(ҳимояи такрорӣ)

ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (адабиёти форсӣ)

Роҳбари илмӣ:

доктори илмҳои филологӣ

Сафаров Умархоҷа Раҳимович

ДУШАНБЕ – 2026

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА.....4-13

БОБИ I. АВЗОИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ЭРОН ДАР СОЛҲОИ ЧИЛУМИ АСРИ ХХ.....14-64

1.1. Хусусиятҳои сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеа.....14-16

1.2. Вижагиҳои фарҳангӣ-ақидатии ҷомеа.....16-19

1.3. Таъсири нашрияҳои адабӣ-иҷтимоӣ дар рушди шеъри муосири форсӣ...19-39

1.4. Ҷараёнҳои шеърӣ дар солҳои чилуми асри ХХ.....39-64

1.4.1. Ҷараёни шеъри суннатӣ ва нимасуннатӣ.....39-55

1.4.2. Ҷараёни шеъри озод ё шеъри нимоӣ.....55-60

1.4.3. Ҷараёни шеъри мансур.....60-64

БОБИ II. ЗИНДАГИНОМА ВА МЕРОСИ АДАБИИ АҲМАДИ ШОМЛУ.....65-93

2.1. Шарҳи ҳоли Аҳмади Шомлу.....65-72

2.2. Мероси адабии Аҳмади Шомлу.....72-84

2.3. Нақд ва баррасии ашъори Аҳмади Шомлу.....85-93

БОБИ III. ТАҲЛИЛИ АНДАРЗҲОИ АДАБӢ-ЭТЕТИКИИ АҲМАДИ ШОМЛУ.....94-169

3.1. Анвои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу.....94-106

3.2. Нигоҳе ба мафҳум ва маънии истилоҳии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо).....106-109

3.3. Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу перомуни зиндагӣ.....109-114

3.4. Мавзуи равшанфикрон ва нақши онҳо дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу.....114-119

3.5. Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу дар бораи шеър ва анвои он.....119-142

3.6. Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу перомуни шоир, ҳунар ва мафҳумҳои марбут ба онҳо.....142-155

3.7. Мавзуи нақду мунаққид дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу.....156-160
3.8. Мавзуи «калима» ҳамчун унсури шеър дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу.....160-164
3.9. Навиштан ва нависанда аз диди шоир бар асоси андарзҳои адабӣ-эстетикӣ.....164-165
3.10. Мавзуи ҳиҷрат дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу.....165-169
ХУЛОСА.....170-172
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ.....173
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ…….....174-189

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Аҳмади Шомлу аз машҳуртарин шоирони навпардози адабиёти муосири Эрон буда, дастпарвари мактаби Нимо Юшиҷ мебошад.

Аввалин сурудаҳои Аҳмади Шомлу бо сабку шеваи суннатӣ эҷод шудаанд. Шоир пас аз ошноӣ бо Нимо Юшиҷ шеваи навпардозии ӯро қабул мекунад, аммо баъдтар сабки эҷодашро тағйир медиҳад. Ба ибораи дигар, «шеъри нимоӣ»-ро канор гузошта, эҷоди шеъри сапед ё шеъри мансурро ҷиддӣ мегирад. Имрӯз ӯро дар адабиётшиносии ҷаҳон ҳамчун бунёдгузори «шеъри сапед»-и Эрон мешиносанд. Дар ҷомеаи адабӣ шоирро инчунин асосгузори шеъри мансур, нависандаву рӯзноманигор, пажуҳишгару назарияпардози адабиёт, ходими намоёни ҷамъиятӣ ва луғатнигори номдор эътироф кардаанд.

Шоир луғати бисёрҷилдаеро бо номи «Китоби кӯча» таълиф намудааст, ки фарогири зарбулмасалу мақол ва ибораҳои рехтаи мардумӣ мебошад. Аҳмади Шомлу, ки маводди онро тамоми умр гирдоварӣ намуда, то ба имрӯз даҳҳо ҷилд аз китоби мазкур нашр гардидааст. Раванди фаъолияти эҷодии шоир дар тули замон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи олимону донишмандони адабиёт буда, то ба имрӯз дар атрофи корномаи Аҳмади Шомлу садҳо китобу мақолаҳо таълиф гардидааст.

Дар диссертатсияи мавриди назар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Баррасии амиқу густурдаи ин мавзуъ аз он ҷиҳат муҳим аст, ки дар заминаи он метавон назари шоирро дар хусуси фарҳангу адабиёт, шеъру рисолати шоир дар ҷомеа, раванди адабӣ ва иртиботу муносибати муштараки инсону адаб муайян кард.

Тавассути мавзуи мазкур, инчунин дидгоҳи хосси адиб дар мавриди муносибату пайванди инсону адабиёт муайян карда мешавад.

Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу, ки натиҷаи мушоҳидаҳо ва таҷрибаи тулониаш мебошанд, дар шинохти амиқи шахсияти адиб ва лабораторияи эҷодии ӯ нақши назаррас доранд.

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Аҳмади Шомлу баъди чопи нахустин маҷмуааш бо номи «Оҳангҳои фаромӯшшуда» мавриди таваҷҷуҳи мунаққидони замонаш қарор гирифтааст. Муқаддимаи маҷмуаи мазкурро Иброҳими Дайламқониён, Фарзона ва Носир Аҷамӣ навиштаанд. Ин муҳаққиқон бо зикри вижагиҳои шеъри шоир ба ояндаи дурахшони ӯ умед мебанданд. Муртазо Кайвон маҷмуаи нахустини ӯро нақд намуда, ба шоир дурӣ ҷустан аз мактаби романтизмро тавсия медиҳад ва шеърҳои бевазну қофияи ӯро васф мекунад [62, с. 23].

Бар хилофи Муртазо Кайвон Маҳдӣ Ахавони Солис шеърҳои бевазни Аҳмади Шомлуро нуқтаи заъфи адиб мешуморад [43, с. 51].

Аз шарқшиносони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ Вера Борисовна Кляшторина аввалин бор дар эроншиносии шуравӣ роҷеъ ба зиндагӣ ва эҷодиёти Шомлу очерки муфассал таълиф намудааст, ки то имрӯз қобили таваҷҷуҳи муҳаққиқони осори шоир мебошад [18].

Муҳаққиқи озар Рустам Алиев таҳқиқи судманде перомуни «шеъри нав»-и Эрон анҷом додааст, ки натиҷаи он мақолаи ҷудогонае оид ба хусусиятҳои шеъри Аҳмади Шомлу мебошад [11, с. 291-299].

Аз муҳаққиқони рус Александр Михайлович Шойтов ҳам атрофи шохисҳои корномаи адабии шоир маълумоти кӯтоҳе овардааст [38, с. 514].

Аввалин пажуҳиши муфассал дар эроншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки аз ҷониби Умхонум Манаф-қизи Дадашева соли 1975 ба анҷом расидааст, перомуни назми Аҳмади Шомлу мебошад, ки ҳамон сол дар шакли рисолаи илмӣ дифоъ шудааст [16, с. 34].

Муҳаққиқи рус Даниил Самуилович Комиссаров зимни таҳлилу арзёбии равандҳои нави шеъри форсӣ ба нақши Аҳмади Шомлу дар эҷоди шеърҳои навпардозона ишораҳо кардааст [19, с. 164].

Александр Иванович Полишук аз муҳаққиқони дигари рус мебошад, ки дар очерки муфассал оид ба ҷараёнҳои шеъри нави Эрон бахшеро ба таҳлили дарунмояҳои ашъори Аҳмади Шомлу ихтисос додааст. Мавсуф қайд намудааст,

ки Шомлу «шоири фоҷеа аст. Марг яке аз мавзуъҳои аслии девони вай маҳсуб мешавад» [37, с. 352].

Адабиётшинос ва шарқшиноси тоҷик Умар Сафар дар хусуси робитаи Аҳмади Шомлу ва Нимо қайд мекунад, ки Нимо бо пайравони мактаби хеш бетаваҷҷуҳ набуда «балки аз миёни ҳама пайравонаш бештар ба Соя, Аҳмади Шомлу ва Сиёвуши Касроӣ меҳру алоқа доштааст» [25, с. 130].

Муҳаққиқи номвари адабиёти муосири Эрон Ризо Бароҳанӣ дар таҳқиқи хеш атрофи вижагиҳои шеваи эҷодгарии шоир, заминаҳои ҳунарии вай, таъсири адабиёти Ғарб ва адабиёти классикӣ ба шеъри шоир изҳори назар намудааст [51, с. 312-341].

Муҳаққиқи номвари эронӣ Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар таълифоти хеш ба хусусиятҳои шеъри сапеди Шомлу ва ҷанбаҳои мусиқии ашъори ӯ таваҷҷуҳ кардааст [103, с. 112].

Оид ба эҷодиёти Аҳмади Шомлу дар мақолаҳои ҷудогонаи муҳаққиқони тоҷик А. Абдуманнонов, Х. Асозода ва дигарон ишораҳои кӯтоҳе шудааст. Печидагии сабки эҷодӣ ва мубҳамии шеъри шоир сабаб шудааст, ки муҳаққиқони тоҷик ба он камтар таваҷҷуҳ кардаанд [8; 13].

Шарқшиноси тоҷик Умар Сафар аз арзёбии осори Аҳмади Шомлу ба ин натиҷа расидааст, ки шеъри шоир, қабл аз ҳама, бо сохт ва ҷойгиршавии калимаҳо дар шеър хонандаро ҷалб мекунад. Ба андешаи ӯ: «Дар ашъори Шомлу метавон бо вуҷуди калимаҳое пай бурд, ки тамоми пайкараи шеър, сохтмону иртиботи мазмунӣ, ҳадафрасонӣ, саҳнаофаринӣ вобастаи онҳо аст» [25, с. 143].

Муҳаққиқи дигар Маҳмуд Фалакӣ ба омӯзиши унсурҳои меҳварии шеъри шоир, махсусан, мусиқии шеъри сапеди Шомлу машғул гардидааст. Ба андешаи ӯ дар матни шеъри шоир ҳар калима, ҳар ҷузъе аз шеър нақшу ҷойгоҳи вижа дорад [100].

Шоираи номвар Фурӯғи Фаррухзод, ки аз насли Аҳмади Шомлу мебошад, оид ба шеъри ӯ андешаҳои арзишманде баён кардааст [119, с. 64].

Муҳаққиқ Парвин Салоҷиқа дар бораи зиндагӣ ва осори шоир пажуҳиши арзишманде анҷом додааст, ки аз даҳ фасл иборат аст. Дар ҳар фасл бахше аз

эҷодиёти шоир таҳлилу баррасӣ шудаанд. Муҳаққиқ дар пажуҳиши хеш талош намудааст, муҳимтарин шохисҳои сабки фардии Аҳмади Шомлуро муайян созад [81].

Аз таҳқиқоти даҳсолаи охир анҷомшуда метавон ба пажуҳиши арзишманди донишманди фозил Тақӣ Пурномдориён «Сафар дар меҳ» ишора намуд. Пажуҳиши мазкур бар асоси охирин шеваҳои таҳқиқи осори адабӣ анҷом шуда, низоми устувору мустаҳкам дорад.

Муҳаққиқ кулли ҷанбаҳои ҳунарии ашъори Аҳмади Шомлуро таҳқиқу таҳлил намудааст [52].

«Шеъри замони мо» таълифи Муҳаммад Ҳуқуқӣ яке аз пажуҳишҳои судманд дар мавриди роҳи эҷодии Аҳмади Шомлу мебошад. Муаллифаш ба масъалаҳои зебоишинохтии шеъри адиб, масъалаи гуногуннавъӣ дар шеъри шоир, шеваҳои таркибсозӣ ва забони Аҳмади Шомлу таваҷҷуҳи хосса намудааст [66].

Ба масъалаи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) дар осори Аҳмади Шомлу муҳаққиқ Иллиё Диёнӯш дар китоби «Лолоӣ бо шайпур» таваҷҷуҳ кардааст. Мавсуф андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-ро гирдоварӣ намуда, ба онҳо муқаддима навиштааст [2].

Пажуҳишҳо перомуни фаъолияти эҷодии шоир зиёданд, ки дар диссертатсия ба муҳимтарини онҳо ишора шудааст.

Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Мавзуи кори диссертатсионӣ яке аз бахшҳои кори илмӣ-таҳқиқии кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро ташкил дода, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро шудааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

Мақсади таҳқиқ. Таҳлилу баррасии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ ва муайян намудани дидгоҳҳои назарӣ-завқии шоири муосири Эрон Аҳмади Шомлу мақсади таҳқиқи мазкурро ташкил медиҳад.

Вазифаҳои таҳқиқ. Дар доираи таҳқиқи мавзуъ иҷрои вазифаҳои зерин зарур шуморида мешавад:

- таҳлилу арзёбии вазъи сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангиву адабии Эрон дар солҳои 40-уми асри XX;
- баррасии хусусиятҳои фарҳангӣ-ақидатии ҷомеа;
- омӯзишу арзёбии нашрияҳои адабӣ-иҷтимоии замон ва таъйини нақши онҳо дар рушду камоли шеъри муосири форсӣ;
- гурӯҳбандӣ ва таҳлилу баррасии ҷараёнҳои шеъри муосир дар солҳои 40-уми асри XX бар асоси намунаҳои шеъри шоирони таъсиргузор;
- шарҳи зиндагинома ва мероси адабии шоир дар заминаи асли таърихият;
- мероси адабии Аҳмади Шомлу;
- баррасии мухтасари хронологии маҷмуаҳои шоир;
- таҳқиқи гунаҳои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу (шеърҳои суннатӣ, нимасуннатӣ ва шеърҳои сапед);
- баррасии андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир;
- омӯзиши мавзуии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ;
- таҳлили дидгоҳҳои завқии Аҳмади Шомлу оид ба шеър, шоир, ҳунар ва рисолати шоирӣ.
- мушаххас намудани нақши андарзҳои адабӣ-эстетикӣ дар муайянсозии шахсияти адабии шоир.

Объекти таҳқиқ. Объекти таҳқиқ андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу ва нақшу ҷойгоҳи онҳо дар адабиёти муосири Эрон мебошад. Ба сифати сарчашмаҳои асосии таҳқиқ маҷмуаҳои ашъори Аҳмади Шомлу, китоби «Лолоӣ бо шайпур»-и Иллиё Диёнӯш интихоб шудаанд. Барои таҳқиқи фарогирии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу маҷаллаҳои адабии замон, аз қабили «Кайҳон», «Замона», «Ояндагон», «Теҳрони мусаввар», «Одина», «Паёми нав» ва ғайра истифода шудааст.

Мавзуи (предмети) таҳқиқ. Омӯзиши мазмуну мундариҷа ва ҷойгоҳи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ дар осору рӯзгори эҷодии Аҳмади Шомлу предмети таҳқиқро ташкил медиҳад.

Асосҳои назарии таҳқиқ. Дар диссертатсия шеваи таҳқиқии донишмандону адабиётшиносону шарқшиносони тоҷик Х. Асозода [13], Х. Шарифзода [36], Х. Отахонова [24], Р. Мусулмониён [22], А. Абдуманнонов [8], У. Сафар [25] ва шарқшиносони русу эронӣ, аз ҷумла Д.С. Комиссаров [19], В.Б. Кляшторина [18], П.Н. Хонларӣ [128], М. Кохӣ [77], М. Кадканӣ [102], М. Ҳуқуқӣ [66], П. Салоҷиқа [81], Р. Бароҳанӣ [51], А. Зарринкӯб [79], М. Ёҳақӣ [136], С. Шамисо [88], Ш. Лангрудӣ [119], Я. Ориянпур [137], А. Дастғайб [70], Т. Пурномдориён [52], И.А. Нурӣ [130] ва дигарон ба ҳайси маводди назарии таҳқиқ истифода шудаанд.

Навгонии илмии таҳқиқ. Дар диссертатсия бори аввал бахши камшинохташудаи осори Аҳмади Шомлу – андарзҳои адабӣ-эстетикии ӯ мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор мегирад.

Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ ҷумлаҳои кӯтоҳе мебошанд, ки атрофи масоили мухталифи конуни зиндагии инсонӣ гуфта мешаванд. Андарзҳои адабӣ-эстетикиро дар ҳар забон бо мафҳумҳои мухталиф шарҳ медиҳанд. Аз ҷумла, дар адабиёти классикии тоҷик бо номи «калимаҳои қисор (кӯтоҳшуда – Ш.Ф.)» ёд мешаванд. Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) дар имтидоди замон бар асари мушоҳидаву назора, таҷрибаҳову андӯхтаҳо дар зеҳни як ҳунарманд шакл мегиранд.

Навгонии дигари таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар адабиётшиносии тоҷик раванди ташаккули шахсияти адабии Аҳмади Шомлу дар пайванд бо муҳити адабии замонаш таҳқиқу таҳлил мешавад.

Дар ҷараёни пажуҳиш масъалаи таъсири нақди адабӣ, ҳавзаҳои адабӣ, маҷаллаву рӯзномаҳои таъсиргузори замони шоир дар тарбият ва камолоти эҷодии Аҳмади Шомлу мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:

1. Аз пажуҳиш маълум гардид, ки солҳои 40-уми асри XX дар таърихи муосири Эрон аз лиҳози сиёсӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангӣ марҳилаи муҳимму созанда мебошад. Ин давра бо рӯйдодҳои муҳимми сиёсиву фарҳангӣ, зуҳуру густариши

маҳфилҳои адабӣ, таъсис ва интишори рӯзномаву маҷаллаҳои адабӣ, инкишофи ҷараёнҳои нави шеърӣ ва ба майдони адабиёт омадани насли ҷадиди шоирони навпардоз аз дигар рӯзгорон фарқ мекунад.

2. Таҳқиқ нишон дод, ки андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) дар эҷодиёти Аҳмади Шомлу ҷойгоҳи хосса дошта, гуногунии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ аз лиҳози мавзуъ нишонгари ҷаҳони андеша, диди шоирона, вусъати назар, мавқеи иҷтимоӣ ва рисолати иҷтимоии шоир мебошад.

3. Аз таҳлилу баррасии мавзуи мазкур маълум гардид, ки таъсису нашри аксари рӯзномаву маҷалла ва моҳномаҳои адабӣ дар солҳои мазкур ба Ҳизби тӯдаи Эрон тааллуқ доранд ва маҳз нашрияҳои ҳамин ҳизб дар таблиғу тарвиҷи шеъри нав, равандҳои шеърӣ ва диди навпардозона нақши назаррас доштаанд. Дар муаррифӣ ва густариши афкори навпардозона саҳми маҷаллаҳои «Сухан», «Номаи мардум», «Паёми нав», «Фарҳанги нав», «Интиқоди китоб» назаррасу арзишманд мебошад.

4. Собит шудааст, ки мавзуъҳои калидӣ дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу инсону рисолати он дар ҷомеа, ҷойгоҳи равшанфикрон дар рушди маънавии мардум, шеъру шоирӣ, рисолати як ҳунарманд ва ҷойгоҳи фарҳангу адаб дар ҷомеа мебошад.

Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ. Диссертатсия дар таҳқиқи шеъри муосири Эрон ва шеъри муосири тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеър ва ҳамзамон шинохту маърифати масири эҷодии шоири муосири Эрон Аҳмади Шомлу, нақши ӯ дар бунёду такомули шеъри сапеди Эрон, эҷоду густариши доираи мавзуи андарзҳои адабӣ-эстетикии адабӣ судманд хоҳад буд. Маводди фароҳамомада ва натиҷаҳои ба дастовардаи мо ҷанбаҳои назарии масоили марбут ба шеъри нав ва ҷанбаҳои шинохту омӯзиши ин жанрҳои адабиро таҳким бахшида, чаҳорчӯби таҳқиқ ва шеваҳои омӯзиши минбаъдаи андарзҳои адабӣ-эстетикиро дар адабиётшиносии тоҷик мукаммал мекунад.

Натиҷа ва хулосаҳои илмии бадастоварда **ҷанбаҳои амалии** илми адабиётшиносии тоҷикро дар иртибот бо таҳқиқи масъалаҳои алоқаманд бо адабиёти муосири Эрон, шеъри нав ва сапеди форсӣ, андарзҳои адабӣ-эстетикӣ

тақвият дода, вижагиҳои муҳтаво, зебоишинохтии андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлуро баён месозанд.

Маводди диссертатсияро зимни навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ ҷиҳати баррасиву арзёбии масоили алоқаманд ба адабиёти муосир, махсусан, шеъри наву сапеди форсӣ, дар мавриди дигар паҳлуҳои камомӯхташудаи шеъри муосири Эрон ва Тоҷикистон метавон истифода кард. Ҳамчунин, маводди диссертатсияро дар тадриси фанҳои таълимии «Адабиёти муосири тоҷик», «Назарияи адабиёт», «Таърихи адабиёти муосир» ва «Шеъри нав» ва «Сабкшиносии шеър» истифода намудан мумкин аст.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо он асоснок мегардад, ки дар кори таҳқиқии мавриди назар дар такя ба методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ ва таҳқиқӣ-қиёсӣ мероси адабии Аҳмади Шомлу тасниф гардида, андарзҳои адабӣ-эстетикии ӯ мавриди таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ бо овардани мисолу далелҳои мушаххас, ҳамчунин, истинод ба сарчашмаҳои илмӣ-назарӣ тасдиқ гардидаанд. Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳои пажуҳишро кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳқиқӣ, коркарди амалии натиҷаҳо, нашри мақолаҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва гузоришу маърузаҳо дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ собит менамоянд.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Мавқеъ ва аҳаммияти андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу дар рушди адабиёти муосири эрон» дар асоси нақшаи таҳия ва тасдиқгардида таълиф ва ба анҷом расида, мавзуъ ва муҳтавои он ба бандҳои 1, 10, 14 ва 15-и «Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.17. Адабиёти халқҳои мамолики хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия мувофиқат мекунад. Дар бандҳои мазкур таҳқиқи чанбаҳои иҷтимоӣ-таърихӣ, фалсафӣ-эстетикӣ ва мухтассоти сабкию бадеии осори адибони хориҷӣ таъин гардида, ҳамчунин, баррасии масоили марбут ба анъанаю

навоварӣ, дарку тафсир ва нақди осори чеҳраҳои маъруфи адабиёти кишварҳои хориҷӣ тарҳрезӣ шудааст.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ. Масъалаҳои таҳқиқӣ аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии унвонҷӯ дар мақолаҳои илмӣ, маъруза дар конференсияҳо ва диссертатсия инъикос ёфтаанд. Дар ҷараёни таҳқиқ кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки дар радифи баррасии рӯзгору мероси адабии Аҳмади Шомлу, анвои шеърии девони шоир таъин гардида, ба масоили марбут ба нақди ашъори шоир ва таснифу таҳқиқи андарзҳои адабӣ-эстетикии ӯ таваҷҷуҳи вежа зоҳир шавад. Таҳқиқи мазкур заҳмати чандинсолаи муаллиф буда, дар шакли диссертатсия ба анҷом расидааст.

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Мундариҷа ва қисматҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои анъанавии ҳамасолаи ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва конференсияҳои байналмилалии «Масъалаҳои мубрами филология ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён аз забонҳои хориҷӣ» (Душанбе: Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, 20-22-юми майи соли 2023), «Дастовардҳои илмии ховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол» (Душанбе: Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 14-уми марти соли 2024), ва «Мероси адабӣ-ирфонии Ҷалолуддини Балхӣ ва таъсири он ба тафаккури ҷомеаи муосир» (Душанбе: Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, 30-юми сентябри соли 2026) баён шудаанд.

Диссертатсия дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расида, дар ҷаласаи васеи кафедраи мазкур дар таърихи 20.06.2026, суратҷаласаи №10 муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст.

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуну моҳияти асосии диссертатсия ва натиҷаҳои таҳқиқ дар 7 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, ки аз ин теъдод 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар маводди конференсияҳои байналмилалӣ нашр шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 17 фасл, 3 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат буда, ҳаҷми он 189 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

БОБИ I
АВЗОИ СИЁСӢ-ИҶТИМОИИ ЭРОН ДАР СОЛҲОИ ЧИЛУМИ АСРИ XX

1.1. Хусусиятҳои сиёсӣ-иҷтимоии ҷомеа

Таърихи муосири Эрон, ки оғозаш бо ибтидои қарни XX мелодӣ рост меояд, саршори ҳаводису рӯйдодҳои сарнавиштсоз мебошад. Агар дар даҳаи аввали қарни мазкур Инқилоби Машрута сурат гирифта бошад, дар даҳаҳои баъдӣ хонадонҳои тозаи шоҳӣ бар сари қудрат расиданд. Аз саҳифаҳои таърих равшан аст, ки тағйири як сулолаи ҳукмфармо дар сатҳи умумии ҷомеа дигаргуниҳои амиқеро пеш меоварад. Ин дигаргуниҳо ба раванди умумии рушду инкишофи ҷомеа, соҳаҳои иҷтимоӣ ва аз ҷумла адабиёт таъсир мегузоранд.

Дар ин бахши диссертатсия вазъи солҳои чилуми қарни XX таҳлилу баррасӣ мегардад. Дар ин давра адабиёти муосири Эрон ба пешрафтҳои назаррас ноил шуда, насли наве ба майдони адабиёт омад, ки ба пешрафту шукуфоии Эрон ва истиқлолу озодии он таъсири амиқ расониданд. Аҳмади Шомлу, дар ҳамин давра вориди адабиёт гардид.

Моҳи августи соли 1941 қуввaҳои давлати Англия ва собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба Эрон ҳамла карданд ва дар муддати кӯтоҳе Ризошоҳ сарнагун гардида ба ҷояш писараш Ризошоҳ ба тахт нишаст.

Дар натиҷа як теъдоди шоирон ба майдони адабиёт омаданд ва ашъори иҷтимоӣ эҷод карданд. Вазъияти сиёсӣ ва демократӣ дар ин давра ба ҷараёни шеъри нав, ки дар адабиёт зуҳур карда буд, имконоти лозимро фароҳам овард.

Барои истифодаву таҷриба намудани сохту шаклҳои нави шеърӣ чунин муҳит бисёр зарур буд. Масалан, инъикоси дарунмояҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ дар замони давлатдории Ризошоҳ имконпазир набуд, аммо дар ин давра имкон дошт. Ба андешаи муҳаққиқи эронӣ Зарқонӣ «вақте руҳияи демократик дар фазои сиёсии ҷомеа ҳоким шуд, худ ба худ майл ба ибтикору навовариву офаринишҳои ҳунарии ҷадид, дар ҳама бахшҳои шеър ҳам тақвият мегардад. Забони шеър ба

роҳатӣ ин имконро меёбад, ки ба ҳама соҳаҳо ворид шавад. Сувари хаёл озодона танзим мегардад. Отифа ба ҳар шакле, ки бихоҳад ва ба дур аз сонсурҳо худашро нишон медиҳад. Инҳо имконоте буд, ки асри Ризо надошт ва ҳоло ба каф оварда буд ва дар натиҷа такассуру танавуъ (гуногуннавъӣ – Ш.Ф.) дар ҳама заминаҳои шеърӣ падид омад» [80, с. 237].

Дар ин давра дигаргунӣ ин буд, ки шумори зиёде аз шоирон ба таври ошкорову пинҳонӣ узви Ҳизби тӯдаи Эрон шуданд. Бархе дигар аз сиёсатҳои он ҷонибдорӣ намуда, огоҳонаву нохудогоҳ барномаву идеяҳои ин ҳизбро таблиғ менамуданд.

Чунин вазъ боис гардид, ки миёни шоирон навиштани шеър дар васфи коргарон, ки замони ҳукмронии Ризошоҳ таназзул пайдо карда буд, дубора ривоҷу равнақ пайдо намояд. Сабаби маҳбубияту ҷолибияти ин ашъор дар он буд, ки аз як тараф ба афкору ақида ва сатҳи андешаи Ҳизби тӯда мувофиқ буда, аз ҷониби дигар, чашм ба руҳияи хаставу зулму истибдодзадаи табақаи коргар дошт. Дар ҳар сурат Ҳизби тӯдаи Эрон яке аз таъсиргузортарин созмонҳои сиёсии давр буд. Тибқи навиштаи муҳаққиқон «таблиғоти он ҳизб чунон густурдаву қавӣ буд, ки дар он солҳо тӯдаӣ будан ва чап будан ва ҳадди ақал тазоҳур ба чап будан, муди рӯз шуда буд. Зеро ҳизб қодир буд дар кӯтоҳ муддат филмасал шоир ё нависандаи мухолиф ё бетарафро ба сурати як пули сиёҳ дарбиёрад. Ҳамон тавре ки метавонист, дар тайи чанд даҳа даҳҳо шоиру нависандаи каммояи дараҷаи севумро низ дар нашриёти худ ба унвони шоирону нависандагони бемонанд муаррифӣ кунад» [73, с. 54].

Нигоҳи олимону пажуҳандагон ба ин раванд яксон нест. Бархе бар ин ақидаанд, ки тӯдаӣ шудани шеър онро аз асл ба шеъри шиорӣ табдил кард. Танҳо ягона ҷанбаи мусбат офариниши адабиёти коргарӣ буд. Албатта, нақши ҳизб дар зуҳуру шаклгирии назарияи шеър ва нақди адабӣ бисёр арзишманд мебошад. Шоирони саршиносе мисли Ф. Таваллулӣ, Ҳушанг Соя, Нодири Нодирпур, Нимо ва ҳатто М. Баҳор узв ё ҳаводори ин ҳизб буданд [140, с. 64].

Падидаҳои сиёсие, ки дар давраи мавриди таҳқиқ дар Эрон ба вуҷуд омаданд, ба рушду инкишофи адабиёти муосир, махсусан, шеъри форсӣ таъсири

амиқ гузоштанд. Гузашта аз ин саҳми баъзе аз созмонҳои ҳизбии хориҷӣ, ки дар Эрон фаъолият мекарданд, ба ҷараёни инкишофу шаклгирии шеъри нав назаррас буд, ки ҷузъиёташро дар боло баён намудем.

1.2. Вижагиҳои фарҳангӣ-ақидатии ҷомеа

Ҷомеаи эронӣ дар солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-уми асри гузашта аз нигоҳи вазъи фарҳангиву ақидатӣ фарогири хусусиятҳои намоёне буд, ки шеърро таҳти таъсири худ қарор дода буданд.

Муҳимтарин хусусияти фарҳангии замони Муҳаммад Ризошоҳ гуногунии ақидатӣ-фарҳангии мардум, вусъати гуногунандешӣ буд, ки қутби мухолифи Ризошоҳ буд. Ба андешаи аксари муҳаққиқон дар ин давра афкору ақидаҳои сотсиалистӣ вусъату рушди беандоза касб намуданд.

Бовару эътиқодоти динӣ низ дар ин давра ба андозае ҷойгоҳи худро дар ҷомеа таҳким бахшида буданд ва ташкилотеро бо номи «Фидоиёни ислом» таъсис карданд. Аммо имконоту зарурияти онҳо дар ҳудуду андозае набуд, ки моҳияти ғайримазҳабии низоми сиёсиро ба хатар андозад. Намояндагони ин бахш ба адабиёт ва шеър ҳеҷ таъсир надоштанд.

Эрон, ки пеш аз ин бо кишварҳои Ғарб иртибот барқарор карда буд, наметавонист аз вуруди афкору фарҳангу адаби ғарбиён дар канор бимонад. Рафтуомад, доду гирифт, шинохту ошноӣ, хоставу нохоста ба сатҳи фарҳангу андеша таъсир мерасонад. Албатта, шароити фарҳангӣ бештар ба сатҳи мазмуну муҳтавои шеър асар мегузорад.

Хусусияти муҳимми фарҳангӣ дар ин давра озодии баёну афкор ва таъсису пайдоиши пурвусъати маҷаллаву нашрияҳо мебошад. Ин амр дар навбати худ шароитеро фароҳам овард, ки гурӯҳҳои алоҳида бо диду андешаи хос, идеологияи вижа вориди майдон гарданд ва ҳама якҷо сатҳи қобили мулоҳизаи огоҳӣ ё шуури ҷомеаро фароҳам ованд. Ин бошад дар навбати худ мизони хосси огоҳии адабии шоирону адибонро ба вуҷуд меовард. Дар ин давра шоироне

зуҳур карданд, ки диди тоза, умқи хосси ҷаҳонбинӣ, донишу биниши қобили таваҷҷуҳ доштанд.

Хусусияти дигари фарқкунандаи фарҳангӣ боз ҳам бо Ҳизби тӯдаи Эрон ва барномаи фаъолияти он гирех мехӯрад, зеро ин ҳизб «саъй дошт бар асоси рисолате, ки барои адабиёт қоил мешуд, реализми сусиёлистиро, ки мабонии (бунёд – Ш.Ф.) ҷамолшиносик (эстетика – Ш.Ф.)-и он тавассути мунаққидону шоирон дар рӯзномаҳову маҷаллоте назири «Кабӯтари сулҳ», таблиғ мешуд, тарвиҷ диҳад ва қатъан шеър таҳти таъсири чунин як бинише ва як чунин мабонии ҷамолшиносӣ қарор гирифт» [80, с. 239].

Маҳмуд Деҳқонӣ дар китоби арзишманди худ «Пешгомони нақди адабӣ дар Эрон» менависад, ки дар ҳамин давра буд, ки Нимо Юшиҷ бунёнгузори шеъри нави Эрон ба дидгоҳҳои марксистӣ дар иртибот бо ҳунар наздик мешавад, ки ин амр ба ҳамин хусусияти фарҳангӣ пайванд дорад [74, с. 134].

На танҳо Нимо, балки бисёре аз шоирону мунаққидони замон назару фаҳмиши сотсиалистӣ доштанд. Мантиқан саволе дар миён меояд, ки Ҳизби тӯдаи Эрон чигуна тавонист, ки хеле зуд миёни мардум нуфуз пайдо намуда, ҷонибдорони зиёде пайдо кунад? Махсусан, дар ҳоле ки идеологияи сотсиалистӣ асоси идеологияи онро ташкил медод. Идиологияе, ки зиддидинӣ буд ва ба ҳувияти динии эрониён созгор набуд. Гузашта аз ин магар шоирону нависандагоне, ки бо ҳизб иртибот доштанд, ё узви он буданд аз ин идеология ҷонибдорӣ менамуданд ё не?

Назарияпардозони ҳизб дар барномаҳои таҳиянамудаи худ ба ҷанбаҳое таваҷҷуҳ карда буданд, ки камбуди онҳо дар ҷомеа эҳсос мешуд ва аксаран як ниёзу эҳтиёҷи ҳамагонӣ буд. Бо ин сабаб ҳизб ба таври шигифтовар эътибор пайдо мекард.

Бар хилофи таълимоти зиддимазҳабии Ризошоҳ, ки дар ҷомеа то ҷое муваффақият ҳам пайдо намуда буд, ҳисси мазҳабии аксари мардум амиқу мустаҳкам буд. Дар адабиёти пажуҳишӣ перомуни ин масъала қайд шудааст, ки «Ҳизби тӯда барои ҷилугирӣ аз ҳамалоти руҳониён марксизмро аз барномаи худ канор гузошт» [140, с. 153].

Муҳаққиқ Зарқонӣ бошад дар хусуси иртиботу дилбастагии аҳли зиё ба тӯдаиҳо бар ин ақида аст, ки «рӯйкарди густурдаи шоирону нависандагони эронӣ ба Ҳизби тӯда ба маънои пазириши беқайду шарти идеулужии ақидатии ҳизб набуд, балки бештар барномаҳои иҷтимоиву сиёсии он ҳизб барояшон ҷозибаву мақбулият дошт. Бархе шоирон ба бахши эътиқодии коммунизм гироиш ёфта буданд» [80, с. 240].

Доир ба хусусиятҳои фарҳангии давраи пажуҳишии мо афкору ақидаҳо мухталифтанд, ки зикри чанде аз онҳо зарур дониста мешавад.

Яке аз барҷастатарин хусусиятҳои фарҳангии замон майлу тавоҷҷуҳи зиёд ба навгароӣ ва суннатшиканӣ буд. Ин ҳолат дар ҳама соҳаҳои фарҳанг вуҷуд дошт. Таҳлили пажуҳишҳои анҷомшуда дар ин замина баёнгари он аст, ки ҳаёти шаҳрӣ аз нигоҳи сатҳу сифат дар ин давра рушд карда, оқибатҳои хоссеро дар пай дошт. Махсусан, фаъолияти Ризошоҳ як навъ фазои дурӯғинро эҷод намуда, мардумро умедвор месохт. Ҳар нафар аз ҳокимият умедҳои зиёд дошт. Дар чунин вазъияте табиӣ аст, ки баъзеҳо бидуни эҳсосу дарки воқеият даст ба амалҳое заданд, ки барояшон оқибатҳои хуб надошт. Нишонаҳои ин тундравиҳову суннатшиканиҳо ва дурӣ аз ҳувияти худ дар шиору овезаҳо ва матбуоти он давра ба хубӣ инъикос гардида буданд. Таъсири ин ҳаракатҳо дар адабиёти он замон ва махсусан, шеър ошкор аст [80, с. 225].

Ривоҷу равнақи тарҷума, махсусан, тарҷумаҳои адабӣ дар камолу инкишофи равандҳои шеърӣ таъсири амиқе гузоштанд. Ин мавзуъро донишманди фозил Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ баррасӣ намуда, оид ба ашъори тарҷумашуда чунин зикр мекунад: «миқдори зиёди шеъри хориҷӣ-масалан шеърҳои Маяковский ва Нозим Ҳикмат тарҷума шуд, ки асари мустақим рӯйи шоирони ҷавон, аз ҷумла Шомлу гузошт. Соя ҳатто шеъре хитоб ба Нозим Ҳикмат сурудааст. Дар баъзе шеърҳои «Ҳавои тоза» ҷойи пойи «забон»-и тарҷумаи Эҳсон Табарӣ аз шеъри Маяковский пайдост, агарчи Шомлу худ мункири ин таъсирпазирӣ бошад, ин нукта чизе аз мақоми волои ӯ дар шеъри муосир намекоҳад. Дар ин давра ашъори зиёде аз шуарои олмонӣ, русӣ, англисӣ тарҷума шуданд, ки дар адабиёти ин аср ҷойи худашонро боз карданд ва ба

унвони авомили фарҳангии тағйир бояд комилан ба онҳо таваҷҷуҳ кард» [104, с. 59].

Бояд таъкид намуд, ки омилҳои дар боло зикршуда дар маҷмуъ ба раванди шаклгирии ҷараёнҳои нави шеъри форсӣ таъсири созанда гузоштаанд.

1.3. Таъсири нашрияҳои адабӣ-иҷтимоӣ дар рушди шеъри муосири форсӣ

Нашрияҳои замон ҳадафҳои хосси сиёсӣ-иҷтимоӣ доштанд, вале ба таври густурда ба фазои адабии ҷомеа, ба ҷараёнҳои мавҷуди шеърӣ таъсир мегузоштанд. Дар нашрияҳо чанд саҳифаи адабӣ ташкил шуда, дар онҳо ашъори шоирон ба нашр мерасиданд.

Муҳимтарин нашрияҳои таъсиргузор дар ин замон маҷаллаҳои «Сухан», «Номаи мардум», «Паёми нав», «Хуруси ҷангӣ», «Ҷоми Ҷам», «Кабӯтари сулҳ», «Илму зиндагӣ», «Фарҳанги нав» ба шумор мерафтанд. Яке аз нашрияҳои маъруфтарини ин давра маҷаллаи номдори «Сухан» аст, ки анқариб то солҳои 70-уми асри гузашта дар чанд давра чоп мешуд. Шумораи аввалини «Сухан» моҳи майи 1943 мунташир гардидааст, ки адабиётшиносу шоири номвари Эрон Парвиз Нотили Хонларӣ сармуҳаррири ин маҷалла буд. Перомуни ҷараёни таъсису фаъолиятҳои муқаддамотии маҷалла Парвиз Нотили Хонларӣ чунин нақл намудааст: «Асли эҷоди «Сухан» аз ин ҷо оғоз шуд, ки «Ҷомеаи лисонсияҳои донишсарои олӣ» муҷтамае доштанд ва он ҷо тасмим гирифтанд маҷаллае дошта бошем ва органи он ҷамъият. Дар он ҷо исми банда ба миён омад, қарор шуд имтиёзашро бигирам, вале ман ҳанӯз синнам кам буд. Чун соҳибони имтиёз сӣ сол мебояд дошта бошанд, тибқи қонуне, ки он вақт маъмул буд. Ба ин ҷиҳат ба исми худам наметавонистам бигирам… Баъд аз чанд шумора банда ба синни булуғ расидам ва имтиёзро ба номи худам гирифтам» [120, с. 246].

Матолиби чопшуда дар шумораи нахустини «Сухан» гувоҳ бар он аст, ки дастандаркорони он перомуни вазъи адабии ҷаҳон адабиёту фарҳанг, мутолиоти

фаровон доранд ва пеши худ мақсад гузоштаанд, тағйире дар ҷомеаи адабӣ ба вуҷуд биёранд.

Парвиз Нотили Хонларӣ дар сармақолаи маҷалла перомуни ин мавзуъ ибрози назар намуда, қайд кардааст, ки имрӯз дар адабиёти форсӣ ду гурӯҳи мутафовит мушоҳида мешавад. Гурӯҳи якумро метавон адибон номид, зеро онҳо ба асолати забон бовармандand ва мероси гузаштаро намунаи ҷовидонӣ медонанд. Ба андешаи онҳо, авҷи камолоти назму насри форсӣ то асри ҳаштум идома доштааст ва мазмун бар шакл бартарӣ дорад. Гурӯҳи дуюмро бошад, метавон «наврасидагон» хонд. Онҳо ба адабиёти классикӣ пойбанди амиқ надоранд, зеро онҳо танҳо чанд порча аз «Гулистон»-у «Калила» дар мактаб хондаву гуфтаи муаллиме, ки дар бораи ҳусни иншои ин ду китоб муболиға мекардааст, бовар накардаанд. Ба ҳамин монанд, борҳо аз девони Ҳофиз фол гирифтаву рубоиёти Хайёмро барои гузаронидани вақт азёд кардаанд. Пас аз он ба хондани романҳо, бахусус тарҷумаҳои форсии асарҳои ҷаҳонӣ, рӯй овардаанд. Онҳо аз хондани ин достонҳо лаззат бурдаанд, вале то кунун роҳнамое пайдо накардаанд, ки нозукиҳои адабиёти навини ҷаҳониро ба эшон бишиносонад [120, с. 246].

Ҳангоми таъсиси маҷаллаи мазкур дар адабиёти муосири Эрон ҷараёни тозаи шеърӣ бо номи «шеъри нав», ки баъдҳо бо номи шеъри нимоӣ маъруф гардида, зуд ривоҷу равнақ ёфт. Дар ҷомеаи адабӣ муборизаи суннатгароён ё ҷонибдорони шеъри суннатӣ бо навгароён ё навпардозон вусъати чашмрас пайдо мекунад.

Раванду сатҳи ин муборизаву баҳсҳо дар тули даҳаи чилум ба худ ранги дигар гирифта буд. Ба ин маънӣ, ки маҷалла ашъори зиёдеро аз шоирони навпардоз ба чоп мерасонид, вале аксари аъзои маҷалла муҳофизакор буданд ва ин масъала иллату заминаи хоссе дошт, зеро «муҳофизакории асҳоби сухан реша дар андешаи буржуазӣ, бавижа буржуазияи тарсхӯрдаи Эрон дошт. Инҳо намояндагони фарҳангии он табақоте буданд, ки дар заминаҳои иқтисодӣ низ қоил ба тағйири бунёдӣ набуданд» [120, с. 249].

Маҷаллаи «Сухан» мақолоту маводди фаровони пажуҳишӣ-назариро дар бораи падидаи шеъри нав ба нашр мерасонид. Бемаврид нест дар робита бо ин мавзуъ аз Нимо Юшиҷ ёдовар шавем, ки яке аз поягузорони шеъри нав шинохта шудааст. Нимо тайи даҳаи чилум назорагари матолиби мунташира дар маҷаллаи «Сухан» буд ва худ низ дидгоҳҳои назарияшро дар бораи ҷузъиёти шеъри нав таълифу тадвин менамуд. Мавсуф на ба ҳама назаргоҳҳои маҷалла мувофиқ буд ва зимнан бархе андешаҳояшро перомуни консепсияи пешгирифтаи дастандаркорони маҷалла ба нашр мерасонд. Дар яке аз шумораҳои маҷаллаи «Сухан» ӯ дар бораи шеваи фаъолияти коргарони маҷалла ва матолиби ба чоп расида чунин нигошта буд: «Ин олиммиқдорон, ки ҳамагон масруф ба ҳарф задан бо забони гузаштагон аст, дар сабкшиносӣ ҳамаи сабкҳоро баладанд, аммо сабки зиндагиро балад нестанд. Корашон ҳарф задан бо забони мурда аст. Инҳо вақте ки калимаи асилеро пайдо накардаанд аз мақсуди худ сарфи назар мекунанд. Ҳунари ин тавр аз зиндагӣ рӯй гардонидани онҳо ба ҳамаи фасоҳату балоғат ба кори ҳамон гузаштагон, яъне олами мурдагон мехӯрад. Онҳо шабоҳат доранд ба чароғҳое, ки дар утоқҳои ғайримаскунӣ месӯзанд» [132, с. 122].

Баъди таъсиси маҷаллаи «Сухан» шеъри Нимо то ҷое дар ҷомеаи адабии он давра шуҳрат пайдо намуд, аммо теъдоди каме аз шоирон ба моҳияту умқи кори ӯ пай бурда буданд. Иддаи зиёде ба тарзи эҷоди Нимо тақлид менамуданд. Маҳз ин маҷалла маводди фаровонеро дар шинохти шеваву сабки Нимо ба чоп расондааст, ки маъруфтаринаш мақолаи муфассали Хонларӣ «Пасту баланди шеъри нав» мебошад [128, с. 141-151].

Вусъату доманаи назаррас пайдо намудани шеъри нав ва мушкилоти қабулу пазириши он дар ҷомеаи адабии Эрон боиси он мешавад, ки соли 1946 дар Теҳрон нахустин ва мутаассифона охирин Анҷумани нависандагони Эрон баргузор гардад. Дар ин Анҷуман муҳаққиқону адабиётшиносони зиёде аз кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла, Иттиҳоди Шуравӣ ва Покистону Афғонистон ҳузур доштанд. Ин ҳамоиши таърихӣ аз он ҷиҳат аҳаммиятнок буд, ки тамоми қишрҳои пешрави адабии Эронро гирди ҳам овард ва ҳалли масоили мубрами адабиётро пешорӯйи онҳо гузошт. Маркази иттиҳоду таҷаммуи адибону ҳунарварон

нашрияҳои пешқадами замон ба шумор мерафт. Бисёре аз нависандагону мунаққидон дар маҷаллаи «Сухан» ҷамъ омада, дар тадвину чопи он бо сарварии муассисаш Парвиз Нотили Хонларӣ саҳми назаррас доштанд.

Саҳми нашрия дар пешрафту тараққии адабиёт ва барномарезии масоили адабӣ муфиду созгор мебошад. Ҳадафи асосии маҷаллаи «Сухан» шиносонидани ҷомеаи адабӣ ба гироишҳову ҷараёнҳои тозаи адабӣ, фароҳамсозии имконоти зарурӣ барои чопи ашъори шоирони навпардоз, ошно намудани хонандаи эронӣ ба беҳтарин намунаҳои адабиёти ҷаҳон буд. Нақши нашрия ҳамчунин барои шаклгирии равандҳои тозаи адабиёт, дар хусуси шоирони навпардози аксари кишварҳо ва шеваи кори онҳо бисёр арзишманд аст.

Маҷаллаи дигаре, ки дар камолу пухтагии равандҳои тозаи адабӣ, шаклгириву инкишофи шеъри навпардозонаи Эрон ҷойгоҳи муътабару муҳим дошт «Рӯзгори нав» мебошад. Ба андешаи муҳаққиқони адабиёт маҷаллаи мазкур аввалин нашрияе буд, ки бо шеваву мароми тоза дар аёми фирори Ризошоҳ аз Эрон дар соли 1941 интишор шуд.

Маҷаллаи «Рӯзгори нав» дар Лондон чоп шуда, баъдан ба Эрон фиристода мешуд. Таваҷҷуҳ ба шумораҳои нахустини маҷалла нишон медиҳад, ки соҳибони он пеши худ мақсад гузоштаанд дар радифи чопи ашъори шоирони навпардоз адабиёти форсиро дар маҷмуъ чи классику чи муосир таблиғ намоянд. Гузашта аз ин мероси мутааллиқ ба Эрону адабиёту фарҳанги Эронро, ки дар музейҳову осорхонаҳо мавҷуд буданд, баррасиву таҳқиқ намуда, атрофашон матлабҳои муаррификунанда ба табъ расонанд. Маҷаллаи мазкур бо Муҷтабо Минавӣ, Масъуди Фарзод иртибот барқарор намуда, таҳриру тасҳеҳи нашрияро бо кумаки онҳо анҷом медод. Мутаассифона, чун аксари дастандаркоронаш ҷонибдори адабиёти суннатӣ буданд, ба тамоюлҳои навини адабиёт, аз ҷумла «шеъри нав» таваҷҷуҳи хос надоштанд.

Маҷаллаи дигаре, ки дар ҷомеаи адабии он аём таъсиру нуфузи қобили мулоҳиза дошт «Паёми нав» мебошад**,** ки ба Иттиҳоди Шуравӣ тааллуқ дошт. Ин нашрия асосан таблиғгари андешаву афкори Анҷумани равобити Эрону Иттиҳоди Шуравӣ ба шумор мерафт ва аз аввал бо сабаби назару мавқеияти

демокративу тараққихоҳонааш тавониста буд равшанфикрон, нависандагону адибони маъруфро мисли Парвиз Нотили Хонларӣ, Бузург Алавӣ, Содиқ Ҳидоят, Ҷалол Оли Аҳмад, Саид Нафисӣ, Фотима Сайёҳ ҷалб созад. Номбурдагон нависандагони маъруф Содиқ Ҳидоят, Абдулҳусайни Нӯшин, Парвиз Нотили Хонларӣ, Фотима Сайёҳ ва Саид Нафисӣ дар маҷалла кор мекарданд.

Яке аз бахшҳои муҳимму арзандаи фаъолияти маҷалла тарҷумаи бадеӣ маҳсуб мешуд. Махсусан, тарҷумаи осори адибоне мисли М. Горкий, С. Шедрин, А. Блок, Б. Белинский, А.С. Пушкин, И.Н. Тургенев, Л. Толстой, А.П. Чехов дар саҳифаҳои рӯзнома назаррас аст. Тарҷума аксар аз ҷониби худи аҳли эҷоди нашрия ва ҷалби муҳаққиқону адибони русидон сурат мегирифт.

Масалан, осори зиёде аз А.С.Пушкин. А. Чехов, И.Н. Тургенев аз ҷониби Саид Нафисӣ, Фотима Сайёҳ, Аҳмад Мирфанд, Алӣ Асғар Ҳикмат ба форсӣ тарҷума шуданд.

Нашрияи дигаре, ки такяи аслиаш ба тарҷумаи адабӣ буд, маҷаллаи «Ҷаҳони нав» ба шумор мерафт, ки бори аввал соли 1946 чоп шудааст. Дар сармақолаи маҷалла таъкид гардида буд, ки мақсади асосии он баланд бардоштани сатҳи фарҳанги ҷомеа мебошад. Маҷалла барои табақаҳои гуногуни ҷомеа ва касоне, ки тарафдори мутолиаи мавзуъҳои ҷиддӣ буда ва аҳли андеша ва нукоту масоили иҷтимоӣ-илмӣ ва фарҳангии байналмилалӣ ҳастанд, чизҳои хонданӣ фароҳам намояд. Дар сармақолаи шумораи нахустини маҷалла аз ҷумла чунин омадааст: ««Ҷаҳони нав» бо нишон додани беҳтарин қисматҳои адабӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии Эрон саъй хоҳад намуд, афкору тараҳушшоти қаламии асотиди фанни аврупоиро, ки тараққихоҳ ҳастанд, ба ҷомеаи аврупоӣ муаррифӣ намояд. Сабки «Ҷаҳони нав» бо «Роҳи нав» тафовуте нахоҳад дошт, ҷуз он ки «Ҷаҳони нав» бештар ба масоили иҷтимоиву интиқодҳои асосӣ хоҳад пардохт. Дар сурате ки ҷанбаи илмии «Роҳи нав» нисбат ба масоили иҷтимоӣ зиёдтар буд» [120, с. 301].

Бояд гуфт, ки аксари ашъоре, ки дар саҳифаҳои «Ҷаҳони нав» ба табъ мерасиданд, шеърҳои қадиму навқаламон аз Муҳаммадҳусейни Шаҳриёр, Содиқ Сармад, Абулҳусайни Зарринкӯб, Муртазо Кайвон ва дигарон буданд.

Соли 1946 нашрияи «Мардум», ки моҳе як маротиба нашр мешуд, аз ҷониби Ҳизби тӯдаи Эрон таъсис гардид. Нашрияи мазкур баъдҳо ба яке аз маъруфтарин расонаҳои ҳизб табдил гардид. Сармуҳарририи ин моҳномаро нависандаи саршинос Ҷалол Оли Аҳмад ба уҳда дошт. Дар моҳнома бештар ашъори шоирони навқалам ва нимоӣ ба чоп мерасид. Маҷалла дар тули фаъолияташ ашъори зиёде аз шоирони навпардозро мисли Нодири Нодирпур, Фаридуни Таваллулӣ, Нимо Юшиҷ ва дигаронро чоп кардааст.

Соли 1946 инчунин маҷаллаи адабии дигаре бо номи «Андешаи нав» таъсис ёфт, ки ҷойи маҷаллаи «Мардум»-ро гирифт.

Ҳайати эҷодии нашрияи «Андешаи нав» бештар мутаваҷҷеҳи замон ва тағйирҳои навини он буданд. Дар яке аз шумораҳои нашрия омадааст: «дар сармақолаи нахустин шумораи «Андешаи нав» ба дунболи зарбулмасали маъруфи фаронсавии «даврони нав-оҳанги нав» мехонем кадом омил боиси он таҳаввули шигарф шудааст? Муҳимтарин омили муассиру фаъол дар дигаргунии дунёи куҳан, дунёи зулму аҷҳафи табақотӣ, дунёи асорату кору андешаи нав иборат аст аз дониши муборизаи кор бо сармоя, дониши пирӯзии ҳатмии кор бо сармоя. Беш аз як қарн аз пайдоиши ин андешаи навин, яъне сусиёлизм мегузарад ва бешак тамоми падидаҳои наве, ки дар дунёи кунунӣ мебинем, ношӣ аз ин ҳақиқат аст, ки пайкори кор бо сармоя ба марҳилаи қатъии худ расидааст» [138, с. 455].

Чопи маҷаллаи мазкур бо сабабҳои номаълум баъд аз чопи чанд шумора давом накард.

Нашрияи дигари таъсиргузор дар ҷомеаи адабии Эрон маҷаллаи «Ҷоми Ҷам» маҳсуб мешавад, ки дар соли 1949 дар арсаи матбуоти Эрон зуҳур кардааст. Аслан нашрияҳое, ки дар тули солҳои 40-ум фаъолият доштанд, хусусияти боризашон ин буд, ки ё ғарбгаро буданд ё шарқгаро. Бар хилофи ҳамаи ин «Ҷоми Ҷам» бештар ҷанбаи миллигароёна дошт. Воқеият ин аст, ки дар солҳои поёнии даҳаи чилум ҳунару адаби муосир ба андозаи қобили шоистае расида, эҳтиёҷи рӯзгори он замон буд, ки дастоварду комёбиҳои ҳунарӣ як навъ натиҷагирӣ шавад.

Ин вазифаро нашрияи ёдшуда ба зимма дошт. Дар нахустин шумораи маҷалла зикр гардида буд, ки масъулони нашрия вазифаҳои муҳиммеро пешорӯ доранд, ки дар пешрафти фарҳангии ҷомеа нақши боризеро иҷро хоҳанд кард. Албатта, дар ҷомеаи фарҳангии Эрон корҳои зиёде дар ин замина ба субут расонида шудаанд, ки ҳамагӣ дар зоти худ шоистаанд, вале мо қарор додаем, ки таблиғкунандаи як ҳунари миллӣ ва пешрафта бошем ва дар баробари ҳамаи омилҳои ихтилофбарангез, ки дар роҳи дигаргуние, ки ҳадафаш ба бероҳа кашидани ҳунари миллӣ ва навини Эрон аст, истодагарӣ кунем. Масъулони маҷалла ҳадаф доштанд, ки созу абзори ҳунареро фароҳам созанд, ки аз гузаштаҳо, ниёзмандиҳо ва орзуҳои миллат сарчашма мегирад. Ҳунаре, ки мутааллиқ ба миллати Эрон аст ва боиси пешрафти он мегардад. [120, с. 290].

Аз таҳқиқу баррасии матолиби маҷалла маълум гардид, ки ҳайати эҷодии он назди худ мақсад гузошта буданд, ки бар зидди ақидаву афкори зиддимиллӣ ва куҳнапарастӣ, ки садди роҳи камолу пешрафти ҳунар мегарданд, мубориза баранд.

Масъулини маҷалла ба ин нукта расида буданд, ки ҳунари Эрон дар ҳама риштаҳо: адабиёту мусиқӣ, меъморӣву пайкарасозӣ ба анъанаву суннатҳои гузаштагон такя намояд, аз дошатаҳои гузаштагон, мероси гаронбаҳои ниёгон истифода намояд. Дар радифи ин бояд аз фарҳангу адаби дигар миллатҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ ғофил набошад. Вале бо вуҷуди доштани мақсаду ҳадафҳои судманд маҷалла пас аз чопи шумораи шашум аз чоп монд.

Охири даҳаи чилум ва оғози панҷоҳум бархе аз нашрияҳои Ҳизби тӯда бо сафорати Иттиҳоди Шуравӣ ба гунае робитаи наздик пайдо намуданд, ки ба нашрияи иттилоотии сафорат табдил гардиданд. Дар саҳафоти онҳо ба ҷуз хабару иттилооти расмӣ аз шеъру адабиёт чизе чоп намешуд. Яке аз ин маҷаллаҳо, ки комилан тобеи сафорат гардида буд, «Паёми нав» буд. Аммо тағйири тарзи кори маҷалла беиллат набуд. Кишвари Иттиҳоди Шуравӣ ҷанги мудҳишеро паси сар карда буд. Ҷанге, ки аз нигоҳи вусъату домана дар таърих назиру ҳамто надошт. Пас аз ғалаба дар ин ҷанг Иттиҳоди Шуравӣ ба сулҳу оромиш ниёз дошт, то нақшаҳои иқтисодиву фарҳангиашро амалӣ кунад. Бо

дарназардошти ин, маҷаллаи «Паёми нав» ба як органи таблиғгару ривоҷбахши сулҳ мубаддал мешавад ва табиатан худро аз дахолат дар корҳои дохилии кишварҳо, аз ҷумла Эрон канор мекашад.

Мисли ин ки Иттиҳоди Шуравӣ дигар қасд надошт дар корҳои ҳунарии Эрон дахолат намояд. Мутаассифона, чунин мавқеъгирии Иттиҳоди Шуравӣ боиси он мегардад, ки гурӯҳи чапгарои Эрон низ таблиғгари сулҳ мегарданд ва аз ҷараёни реализми сотсиолистӣ, ки ҳеҷ пайванду робитае бо ҷомеаи Эрони онрӯза надорад, сухан ба миён меорад. Давлати Иттиҳоди Шуравӣ муътақид буд, ки азбаски ҷомеаи сотсиолистиро барпо намудааст, бояд аҳли адабу ҳунар ҳам реалист бошанд.

Дар чунин вазъияте ба шарҳу баёни воқеияти кишварашон, ки сотсиолизм аст, бипардозанд. Равшан аст, ки ин амал ба ҷомеаи нимафеодалии Эрон ҳеҷ пайвандие надошт, вале ҷонибдорони сиёсати Иттиҳоди Шуравӣ дар Эрон бе дарку фаҳми ҳақиқати ҳол, мехостанд ба сабку услуби реалистӣ асар эҷод намоянд. Маҳз дар ҳамин вазъият ба ҷонибдорӣ аз ин сиёсат маҷаллаи дигаре ба номи «Кабӯтари сулҳ» соли 1958 пайдо шуд. Нахустин шумораи он бо ҳамкории гурӯҳе аз мансабдорони ҳукумат ва дӯстдорони адабиёт Ҷаҳонгир Беҳрӯз, Аҳмад Содиқ ва Муҳаммад Ҷаъфар Маҳҷуб дар нашриёти «Сипеҳр» ба табъ расид.

Масъулини маҷалла онро нашрияи ҳунарӣ эълон карданд, онҳо аз ҳунар ва ҷойгоҳи он дар ҷомеа дарку тасаввури хос доранд ва дар маромномаи худ дарҷ карда буданд, ки ҳадафи онҳо барои мардум пешниҳоди шеъри навест, ки мазмуни наву пешбаранда дорад. Шоирон бояд бо забони худ барои мардум шеър нависанд, зеро ашъоре чун шеъри Лоҳутӣ ба маротиб осонтар аст. Хонандагон бояд битавонанд, аз шеъри озод ва шеъри нав аввал масоили иҷтимоиро фаро гиранд ва баъдан ба шакли тозаи он ҳам ошно шаванд. Вазифаи ҳатмии коргарони маҷалла тавре ки дар маромнома омадааст, омӯхтани дониши муборизаву қиём бар зидди нодурустиҳост, ки барои фикру завқу салиқа роҳнамоӣ мекунад [120, с. 435].

Аз омӯзишу таҳқиқи матолиби дар маҷалла ба табъ расида маълум шуд, ки ҳарфи дастандаркоронаш на рушду такомули шеъру адабиёт, балки дастёбӣ ба

қудрату ҳокимият аст. Дар аксари мақолаҳо таъкид мегардад, ки лозим аст ба забони мардум сухан гуфт, вале хуб медонад, ки шеъри нав то муддатҳои зиёд забони хос дошт. Масъулони маҷаллаи мазкур аслан неруву тавони фаҳмиши тағйиру таҳаввули шеъри навро надоштанд, то чи расад ба дарку тасаввури дигар масоили шеърӣ аз қабили поэтика ва зебоишиносӣ.

Аз сӯйи дигар, ҷойи тааҷҷуб аст, ки намоёнтарин намояндагони шеъри нав мафтуну дилдодаи сиёсатбозиҳову фиреби гардонандагони маҷалла гашта, шеъру офаринишҳои хешро дар ихтиёри онҳо мегузоштанд. Аз ҷумла, бунёдгузори шеъри нави Эрон Нимо Юшиҷ ҳама истеъдоду ҳунару завқу салиқаи хешро барои маҷалла сарф кард. Илова бар ин маҷалла бо вуҷуди тамоюли зиддиҳунарӣ доштанаш тавониста буд шоирони машҳури замон Н. Нодирпур, Ҳ.И. Соя, С. Касроиро ба худ ҷалб созад ва шеъру сурудаҳои онҳоро барои амалӣ сохтани сиёсатбозиҳои хеш истифода кунад.

Яке аз нашрияҳои муътабари дигар, ки дар ибтидои соли 1951 таъсис ёфт, маҷаллаи «Хуруси ҷангӣ» буд. Метавон гуфт, ки маҷаллаи мазкур қутби мухолифи «Кабӯтари сулҳ» буд. Ҳайати эҷодии он саъйу кӯшиш менамуданд, ки ба ҷойи шеъри нав, ки аллакай дар ҷомеаи адабӣ густариш ёфтаву решадор шуда буд, шеъри тозатаре ба вуҷуд биёваранд. Сарпарастии ин маҷалларо шоири навпардоз Ҳушанги Эронӣ ба дӯш дошт ва яке аз мухолифони сарсахти Нимо ва шеваи эҷодии вай буд. Ҳушанги Эронӣ бар ин ақида устувор буд, ки Нимо Юшиҷ агарчи шеъри классикии форсро комилан дигаргун сохт, вале баъдҳо ба куҳнагиву вопасмондагӣ дучор омад.

Ҳушанг яке аз ҷонибдорону таблиғгарони навовариву таҷаддуд дар шеър буд, вале бар ин ақида буд, ки бисёриҳо Ниморо истифода намуда, шеъри ӯро ҳизбиву расонаӣ кардаанд. Масалан, маҷаллаи «Кабӯтари сулҳ», ки мутааллиқ ба ҳизб буд, аслан ҳеҷ эътиқоду бовар ба ҷараёни шеъри нав надошт ва борҳо изҳор намуда буд, ки Нимо Юшиҷ ҳаргиз ашъори навпардозонаи худро ҷиддӣ намегирад ва ба расмият намешиносад. Аммо дар мавридҳои зарурӣ аз ӯ ҳамчун ҳунарманд, ки тамоми истеъдоду ҳунарашро дар хидмати сулҳ ниҳодааст, истифода менамуд.

Замони фаъолияти «Хуруси ҷангӣ» яке аз шоирони тозагӯву навовар ва боистеъдоди муосир Фаридуни Таваллулӣ, ки ашъори ноби навпардозона зиёд дорад, ба муқобили Нимо бархост ва дар маҷмуаи «Раҳо»-и худ шеъри навро сахт интиқод намуд. Ҳушанги Эронӣ низ бо мақолаву матолиби мавзуну қофиядори худ алайҳи Нимо бархост. Номбурда дар мақолааш изҳор доштааст, ки ҳунар ҳаргиз собит сохтани зуҳури падидаи наве нест. Ҳунар ба хотири қаноатманд намудани кайфияту лаззати ҳунарманд эҷод мешавад ва ҳунарманд дар ҳамин маврид бо ҳунар дӯстӣ меварзад, гоҳо онро канор мегузорад ва пушти шеваҳои тоза меравад, то хостаҳои ботинии хешро бароварда созад. Барои ҳунарманд ҳама чиз танҳо дастранҷу намоиши ҳунару истеъдоди ӯст ва ҳеҷ гоҳ побанди ахлоқу суннатҳои қадима нест [120, с. 454].

Яке аз масъулони маҷалла Ғуломҳусейни Ғариб буд, ки бахши насри онро роҳбарӣ менамуд. Ӯ ақида дошт, ки шоир ё нависанда бояд ҳангоми офариниш аз ҳама побандиҳо, қайду бандҳо озод бошад. Атрофи мавзуъ, оғозу анҷом, рафти сужаи асар фикр накунад. Зеҳнаш озод бошад. Зеҳнро чизе роҳбаладӣ накунад. Чи тавре ки дида мешавад, ин тарзи пешниҳод ба шеваи сюреалистон монандӣ дорад. Бар хилофи мавсуф Шервонӣ, ки соҳибимтиёзи маҷалла буд, бар ин ақида буд, ки назарияи ҳунари нав, ки мақсад дорад ҷойгузини афкору андешаҳои дидгоҳҳои гузаштагон гардад, бояд мантиқиву саҳеҳ бошад. Офарандагони ҳунар дорои таҷриба, истеъдоду ҳунар бошанд. Зеро ҳамон гуна ки равшан аст, чизи нав то давраи муайяне барои мардум ношинос аст ва мавриди пазириш қарор намегирад. Номбурда дар мақолае назари хешро перомуни мавзуи мавриди назар ба тафсил баён намуда буд. Аз нигоҳи ӯ ҳунари имрӯз бояд тозагиву мантиқи дурусте дошта бошад. Дар матни он омилҳову шароити камолу пешрафт дида шавад. Назарияро дошта бошад, ки аз дидгоҳҳои назарии пешиниён бартару комилтар бошад. Илова бар ин барои мардуми мо, барои ҷомеаи фарҳангии Эрон қобили қабул бошад. Мутаассифона, мавқеияти иҷтимоии мардуми Эрон нишонгари он аст, ки заминаи мусоиде барои пешрафту таҳаввул дар риштаи ҳунару офаринандагӣ дида намешавад. Дар чунин вазъияте зеҳният, сатҳи андешагии мардум низ карахту исто боқӣ мемонад. Ин дар ҳоле аст, ки

равандҳои иҷтимоиву сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа ниёзманди пешрафту боландагианд [120, с. 455].

Бо вуҷуди ҳамаи ин ҳайати эҷодии «Хуруси ҷангӣ» натавонистанд миёни мардум маҳбубият пайдо намоянд, зеро пешниҳод мекарданд, ки адабиёти қадим бояд аз реша нобуд карда шавад.

Дар кору фаъолияти аксари маҷаллаҳо нависандагону шоирони номвари замон нақши босазо доштанд, махсусан, дар пешрафти маҷаллаву нашрияҳое, ки ибтидои солҳои 50-ум таъсис гардиданд. Масалан, маҷаллаи «Илму зиндагӣ», ки шумораи аввалинаш зимистони соли 1951 аз чоп баромад. Маҷалла тибқи маъмул моҳе як маротиба ба табъ мерасид ва муассисаш Халил Маликӣ буд. Мавсуф ҳамзамон роҳбари гурӯҳе буд, ки аз Ҳизби тӯдаи Эрон ҷудо шуда буд. Сардабири маҷалла нависандаи номдор Ҷалол Оли Аҳмад буд. Узви ҳайати таҳририя бошанд Симин Донишвар, Носир Вусуқӣ, Алӣ Вусуқӣ ва Муҳаммад Ҷаннатӣ буданд. «Илму зиндагӣ» ҳудуди 14 шумора нашр гардид. Маҷалла дар тули фаъолияташ ашъори зиёдеро аз Нодири Нодирпур, Фаридун Муширӣ, Нимо Юшиҷ, Суҳроби Сипеҳрӣ, Парвизи Дориюш ба табъ расонид.

Яке аз корҳои шоиставу мондагори нашрия чопи суханронии сардабир Ҷалол Оли Аҳмад бо номи «Мушкили Нимо Юшиҷ» буд, ки зимни таҷлили ҷашни шоир ироа гардида буд. Ин суханронӣ дертар дар шакли китоби алоҳида ба ҳамин ном чоп шудааст.

Муаллиф кӯшида буд, то шеваи кори Ниморо аз нигоҳи назарӣ-илмӣ ба хонандагон баён созад. Барои таъйиди ин андеша қисме аз онро меорем. Ҷалол Оли Аҳмад аз он ҷумла изҳор дошта буд, ки: «Нимо Юшиҷ дар бидъате аст, ки оварда. Мушкиле дар вазну шакли шеър ва мушкили дигаре дар маъно, дар мафҳуми он ва танҳо яке аз ин ду кофӣ буд, ки диди куҳнапарастиро бароварад. Ашъори давраи охири ӯ ба вуҷуҳ сози ҷудогона менавозад, вазни дигаре дорад ва ҳатто дар ағлаб маворид забони дигаре. Ба хусус агар дар назар биёварем, ки Нимо аз миёни мардуме меояд, ки агар ҳама низ шоир набошанд, дасткам ҳама мудаии шеършиносанд. Бидъати ӯ бидъати бас бузург менамояд. Масъала ин аст, ки ҳама чиз замонаро ба таҳаввул мебарад. Вақте ба ҷойи мантиқи Арасту

мантиқи илмии ҷадид нишастааст, чаро дар ҷустуҷӯйи арузи тозае, мантиқи шеърии тозае набошем. Нимо агар дар бартани ин мантиқи тоза то ба охир ҳам нарасид, дасткам поягузори он будааст. Рӯзгоре будааст, ки падарони мо пайи шамъ менишастанд ва ба қалами пай рӯйи тумор менавиштанд ва аз Хуросон ба Ҳиҷозро яксола мепаймуданд. Аммо имрӯз тамаддуну фарҳанг басо тезпотар аз инҳо ҳаст ва муҳимтарин ин ки дар гарави бозиҳои иқтисоду сиёсат аст. Мо дар фикри қаволиби арузӣ бошем, дигарон миллатеро дар қолаби дигаре рехтаанд. Масъала ин аст, ки шоир битавонад агар мазмуни шеърии худро муносиб ба арузи куҳан дид, бо арузи тозае бигӯяд. Танҳо агар бипазирем, ки бидъат мояи ҳунару лозимаи шеър аст ва аруз танҳо як мантиқи куҳани шеърӣ ин баҳси дарози такфиру иртидод поён ёфтааст ва мушкили Нимо ҳал шуда ва тоза кори ҳунар оғоз гашта» [120, с. 465].

Ҷалол Оли Аҳмад барои нишон додани вижагиҳои шеваи пешгирифтаи Нимо аз осори назарии вай мисолҳои фаровонеро оварда, дурустии роҳи ӯро исбот менамояд. Мавсуф хитобан ба мунтақидони бадхоҳи вай, ки беасос шоирро интиқод мекарданд, таъкид менамояд, ки бояд роҳи ӯро биёмӯзанд, ҷанбаҳои назарии ӯро дарку фаҳм намоянд.

Маврид ба таъкид аст, ки мақаллаи мазкур барои шуҳратёр шудани бисёре аз шоирон мусоидат кард.

Дар нимаи солҳои 50-ум низ нашрияҳои зиёде дар ҷомеаи илмию фарҳангии Эрон пайдо шуданд. Масалан, соли 1952 мақаллаи дигаре бо номи «Фарҳанги нав» таъсис ёфт. Дар сармақолаи шумораи нахустини мақалла зикр шуда буд, ки вазорати фарҳанг бо вуҷуди доштани имконоти зиёди молӣ, ки барои хариди китоб таъсиси китобхонаҳо дар мактабу муассисаҳои таълимӣ сарф мегардад, натиҷаи чашмрасе аз фаъолияти китобхонаҳо дар даст надорад. Гузашта аз ин, дар китобхонаҳои мактабу муассисаҳои омӯзишӣ миқдори китобҳо кофӣ нест. Ба ин хотир аҳли қалам, нависандагону шоиронро лозим аст, ки вориди майдон гардида, неруи халлоқу эҷодии худро ба кор баранд, маҳсули офариниши хешро дар ихтиёри мардуми ҷомеа гузоранд.

Ин маҷалла низ таҳти назари Ҳизби тӯдаи Эрон фаъолият дошт ва тамоми мақолаҳову матолиби он бо номҳои ориятӣ ба нашр мерасиданд.

Соли 1953 маҷаллаи «Шева» таъсис дода шуд. Ин охирин маҷаллае буд, ки мутааллиқ ба Ҳизби тӯда мебошад. Дар сармақолаи шумораи нахустини маҷаллаи мазкур зикр шудааст, ки ҳадафи аслии дастандаркорони он хидмат ба мардуми Эрон аст. Хидмате, ки бояд дар заминаи фарҳангу адабиёт сурат бигирад. Онҳо бар ин назар буданд, ки «ҳанӯз ҳунару адабиёти дархури ҳаяҷоноту ҷунбишҳои шадиди иҷтимоӣ дар ҷомеа ба вуҷуд наомадааст. Ҳунармандону ҳунардӯстони мутараққӣ дар ҳар фурсат даст ба талоше задаанд, ки ҳарчанд амале ба бор оварад, вале мутаассифона натавонистааст, пайгиру мудовим бошад» [120, 554].

Масъулини «Шева» ҳаракатҳои охириро омили шаклдиҳандаи ҳунар ҳисобида, боварӣ доштанд, ки адибону нависандагон хидматгузори равандҳои иҷтимоӣ мебошанд ва вазифадоранд, ки онро инъикос кунанд.

Инчунин ҳайати эҷодии маҷалла идао доштанд, ки шоирон ҳангоми эҷоди шеър бояд завқу писанди оммаи мардуму собиқаи зеҳниву сатҳи фикрии онҳоро дар назар гиранд ва асоси кори худ қарор диҳанд ва ба шеваҳои баёнии суннатӣ, ки дар миёни мардум паҳн шудаанд, рӯй оваранд.

Яке аз масъалаҳои бисёр муҳим дар тули фаъолияти маҷалла мавзуи нақд буд, ки аз чопи ин шумора то нашри шумораи дигар неруманду бақувват мегардид. Назарҳои вижае дар атрофи нақду шеваҳои нақд, бархӯрди шоирон ба нақди осорашон таҳлилу арзёбӣ мешуданд. Аз ҷумла, дар шумораи сеюми маҷалла, ки соли 1953 ба табъ расидааст, перомуни вазъи нақд дар кишвар сухан меравад. Зикр шудааст, ки дар заминаҳои адабиву ҳунарӣ дар Эрон, то ба ҳол нақди муносиб солиму дархӯр ба вуҷуд наомадааст. Замоне, ки як шоир ё нависанда нисбат ба навиштааш бетаваҷҷуҳӣ, набудани нақдро эҳсос мекунад, руҳафтодаву дилшикаста мешавад. Аз сӯйи дигар, масъулини «Шева» вазифаи як адибро дар ҳамқадам будан бо ҷомеа ва мардумон меҳисобанд: «Дар назари мо як нависанда ё ҳунарманд вақте бузург, гиромӣ ва маҳбуб аст, ки дар роҳи тӯдаҳо қадам бардорад, зиндагии онҳо ва талоши онҳоро барои дарҳам

шикастани душмани табақотӣ ва пайрезии зиндагии беҳрӯзи фардо тарсим кунад. Ҳар гуна инҳироф аз ин роҳ аз тарафи ҳар кас, ки сар занад, бояд шадидан кӯбида шавад» [120, с. 576].

Аммо бо гузашти замон ин маҷалла бар асари таъсири ниҳодҳои Иттиҳоди Шуравӣ, ки муқими Эрон буданд, сиёсатзада гардида чопи шеърҳои наву ҷараёнҳои тоза низ фаромӯш мешавад.

Бо гузашти замон маҷаллаи дигаре таҳти унвони «Андеша ва ҳунар» баҳори соли 1954 ба саҳнаи ҷомеаи адабӣ омад, ки масъулаш Носир Вусуқӣ буд. Дар оғози фаъолият маҷалла бештар ба табъу нашри мақолоти иқтисодӣ тамоюл дошт. Баъдҳо ба адабиёт ва махсусан, нашри шеъри нав рӯй оварад.

Маҷалла замоне ба фаъолият оғоз кардааст, ки дар кишвар табаддулоти низомӣ шуда буд. Аз баррасии матолиби маҷалла маълум мегардад, ки масъулинаш мақсад доштанд, шеъру адаби Эронро вусъату домана бахшанд, то миёни адабиёти дигар қавму миллатҳо ҷойгоҳе барои худ пайдо намояд, зеро адабиёти форсӣ имконоти фаровон дорад, ки бояд дар раванди имрӯз аз онҳо баҳра гирифт.

Дар боло хотирнишон гардида буд, ки Эрон солҳои зиёд «меҳмондор»-и кишварҳои бегонае мисли Англия ва Русия буд. Ҳузури онҳо наметавонист ба адабиёт бетаъсир бошад. Бо дарназардошти ин ҳақиқат дар яке аз шумораҳои маҷалла зикр шудааст, ки ҳар гоҳ ки кишвари бегонае ба нияти истисмору баҳракашӣ вориди марзҳои кишвари дигаре мегардад, хоставу нохоста ҷанбаҳои реаксиониву ақибмондаи афкори адабиро неруманд месозад, аммо «ҷараёни сарнавишти миллатҳо ҳамчун ҷӯйборҳое ба тадриҷ аз нуқоти мухталиф ба ҳам мепайвандад ва оқибат дар бистари бузург ва ё азамате дар дили ҳам ба сӯйи дарёи бепоёни таърих пеш меравад ва ҳамон қадар, ки фосилаву ҳудуд камбару тангтар шудааст, огоҳиву шиносоӣ ба фарҳангу тамаддуни милал низ осонтар гардидааст» [120, с. 49].

Аз нигоҳи ҳайати эҷодии маҷалла қавму миллатҳое, ки мехоҳанд озоду мустақил зиндагӣ намоянд ва аз шароиту имконоти лозими иҷтимоӣ-сиёсӣ маҳрум ҳастанд, бояд ҳар чи зудтар худро ба фарҳангу тамаддуни дигар

миллатҳо наздик созанд ва фарҳанги гузаштаи худро бо ҳифзу нигаҳдошти асолат, ҳамоҳангу ҳамқадами равандҳои замон гардонанд. Масъулини маҷалла муътақид буданд, ки ислоҳи вазъи мавҷуд кори бисёр васеъ ва пурдоманае буда, маҷаллаи онҳо метавонад дар ин кор нақши назаррас дошта бошад.

Миёни шумораи зиёди маҷаллаҳои адабӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ маҷаллаҳое ҳам буданд, ки ба ҷуз чанд шумора зиёд чоп нашуданд, вале дар шаклгирии ҷараёнҳои шеърӣ ва ташаккули шахсияти адабии шоирон нақш доштанд.

Масалан, «Дар роҳи ҳунар» аз зумраи чунин нашрияҳое буд, ки ҳамагӣ шаш шумора чоп шудааст. Шумораи нахустини он бо номи «Сангари Ховарон» соли 1954 аз чоп баромад. Аксари коргарону масъулонаш аҳли Хуросон буданд. Маҷаллаи ёдшуда низ дар ибтидои шуруи фаъолият нисбат ба шеъру шоирӣ бедиққат буд.

Танҳо аз шумораи сеюм сар карда, ба таблиғи ҷараёни шеъри нав оғоз намуд. Дар сармақолаи шумора зикр шудааст, ки маҷалла дар пайи он нест ин ё он шеър «куҳна» аст. Барои мо пеш аз ҳама шеър будан аҳаммият дорад. Масъулини маҷалла вазифадоранд ҳар шеъри пешниҳодиро аз нигоҳи шеърият, ҷанбаҳои зебошинохтӣ, тозагии баёну забон, истифодаи вожагон мавриди омӯзиш қарор диҳанд, мурури сармақола нишонгари он аст, ки аксари коргаронаш ба вазъи адабиёт дар ҷомеа, дараҷаи омӯзиши мавзуъ ошно ҳастанд.

Дар миёни нашрияҳое, ки дар тули ду даҳсола дар ҷомеаи адабии Эрон ҳузури фаъол доштанд, маҷаллаи «Интиқоди китоб» ҷойгоҳи ҷудогона дорад. Маҷаллаи мазкур, ки бори аввал соли 1955 нашр гардидааст, ҷанбаи иттилоотиву интиқодӣ дошт. Яъне, перомуни китобҳои мунташиршуда иттилоъ дода, онҳоро ба гунае арзёбӣ менамуд. Дар шумораи аввалин ёдоварӣ гардидааст, ки дар Эрон кори тарҷума ва нашри китоб ба пешрафтҳои қобили мулоҳизае ноил омадааст.

Мардум дар қиёс бо солҳои пешин ба китобу расонаҳои гурӯҳӣ таваҷҷуҳу майли вижа зоҳир менамоянд. Дар шумораи якум ҳамчунин хотирнишон шудааст, ки бархӯрди мардум ба китоб дугона аст. Китоб барои гурӯҳе аз мухотабон як навъ саргармӣ, дурӣ аз ҳар гуна андешаҳои саргармкунанда аст. Ба дигар сухан ин гурӯҳ мехоҳад бо китоб худро машғулу гирифтор нигоҳ дорад.

Дар радифи онҳо гурӯҳи дигаре ҳастанд, ки аз китобу маҷаллаҳо интизори дигаре доранд. Яъне, саъю талош менамоянд аз роҳи китоб ба назаргоҳҳову дидгоҳҳо, ҷаҳони андешаи мардуми ҷаҳон ошно шаванд. Ба пешрафту камоли зеҳнии дигар қавму миллатҳо шинос гардида, маънавияти хешро такомул бахшанд. Маҳзи хотири ин ноширони «Интиқоди китоб» ният доштанд бо нашри маҷаллаи хеш дар ин амри хайр саҳм бигиранд. Маҷалла дар интишороти «Нил» ба табъ мерасид. Ин интишорот беҳтарин намунаи осори нависандагону адибони дохилу хориҷро чоп мекард. Осори зиёди тарҷумашуда низ ба чоп мерасид. Баъдан ҳар моҳ ҷузвҳои «Интиқоди китоб» дар шакли китобҳои алоҳида порча-порча бо таҳлилу арзёбӣ ба табъ мерасид.

Муҳимтарин кори «Интиқоди китоб» нақди илмиву амиқу густурдаи китобҳои маъруфу муҳим тавассути мунаққидони шинохта буд. «Интиқоди китоб», ки ҳар шумораш ба китобхонаҳои Тоҷикистон фиристода мешуд, дар ҷумҳурии мо ҳам маъруфу машҳур аст.

Ҳамзамон бо «Интиқоди китоб» соли 1955 маҷаллаи дигаре бо номи «Хӯша» шуруъ ба фаъолият намуд, ки ҳайати эҷодиаш шоирони маъруфи замон Нодири Нодирпур, Аҳмади Шомлу, Ҳушанг Соя, Фаридуни Муширӣ, Сиёвуши Касроӣ ва доктор Митро буданд. Гардонандагони маҷалла, ки асосан такявар ба шеъру шоирӣ буданд, изҳор менамуданд, ки шеъри нав дар зоти худ навоварие нест, ки ҳар ҳавасбозеро ба майдони адабиёт биёварад, балки ниёзу эҳтиёҷ, зарурате аст, ки дар ҷомеаи муосир реша давондааст ва идомаи дурусту мантиқии шеъри классикӣ аст. Маҷалла гӯшаи махсусе бо номи «Чанд нукта» дошт, ки дар он афкору андешаҳои муштараки фанниву техникӣ ва назарӣ атрофи шоирӣ, абзорҳои амрӣ дарҷ мегашт.

Аммо мутаассифона, маҷалла пас аз шумораи нуҳум фаъолияташро қатъ намуд. Сабаби асосии баста шудани маҷалла пайдо шудани ихтилоф миёни худи масъулин буд. Аксар диду биниши якдигарро перомуни шеъру ҷараёнҳои тозаи шеърӣ қабул надоштанд. Дар ҳар сурат дар ҳамин шумораҳои чопшуда тарҷумаҳои зиёде аз Суҳроби Сипеҳрӣ ба нашр расид, ки ҳамагӣ қобили диққатанд. Махсусан, тарҷумаи ашъори шоирони ҷопонӣ. Яке аз вижагиҳои

фаъолияти тарҷумонии Суҳроб аз он иборат буд, ки бештар аз вожагони лаҳҷаву шевагӣ кор мегирифт. Дар радифи ашъори шоирон маҷалла матолиби назариро дар бораи шеъру шоирӣ, ҷанбаҳои зебошинохтии шеър ба табъ расонидааст, ки миёни онҳо мақолаи Аҳмади Шомлу бо номи «Фанну эҳсос» қобили зикри хос аст.

Номдортарин нашрия дар нимаи дуюми солҳои 50-уми асри гузашта маҷаллаи «Садаф» буд, ки ҳудуди 12 шумора ба таври муназзам ба нашр расидааст. Аксари ҳайати эҷодӣ ва масъулини маҷалла худ дар ҷомеаи илмиву адабии Эрон шахсиятҳои маъруфу номдор буданду мавқеъ ва ҷойгоҳи хосса доштанд. Масалан, яке аз чеҳраҳои машҳур дар насри муосири Эрон Маҳмуд Эътимодзода Беҳозин, донишманду адабиётшинос Яҳё Ориянпур, шоири муосир Сиёвуши Касроӣ, мунаққид Сирус Парҳом ҳамагӣ дар маҷалла кору фаъолият менамуданд.

Давраи фаъолияти маҷалларо аслан ба ду бахш тақсим менамоянд. Давраи аввал ҷараёни фаъолияти он таҳти роҳбарии Ҳизби тӯдаи Эрон сурат мегирифт, вале дар давраи дуюм маҷалла аз зери таъсири ҳизб озод шуд ва дигар ба ҳеҷ созмону ташкилоте бастагиву побандӣ надошт. Бояд зикр намуд, ки «Садаф» соли 1957 бори аввал аз чоп баромад. Аслан равиши кору фаъолияти аксари нашрияҳо вобаста ба муносибаташон ба ҷараёнҳои шеърӣ муайян карда мешуд.

Бархе аз нашрияҳо комилан ҷонибдори навпардозӣ дар шеър буданд ва нисбат ба суннат беэътино буданд. Гурӯҳи дигар побанди шеъри суннатӣ буданд ва аз навпардозӣ хушашон намеомад. «Садаф» дар қиёс бо ин ду гурӯҳ мавқеи миёнаро ишғол менамуд. На дилбохтаву побанди сарсахти суннат буд ва ба навоварӣ рағбати зиёд дошт. Дар шумораи нахустини маҷалла асосан мақолаҳое ба нашр расида буданд, ки ҷанбаи назарӣ-илмӣ доштанд. Аз ҷумла мақолаи «Забони форсиро дарёбем» аз Муҳаммад Маҳҷуб, «Пайдоиш ва заволи роман» аз Сирус Парҳом ва шеъре аз Сиёвуши Касроӣ.

Дар шумораи нахустин сармақола, ки ба таҳлили сатҳу мизони фарҳангии Эрон дар дарозои таърих бахшида шудааст, ҷалби назар мекунад. Аз ҷумла зикр

гардидааст, ки бахше аз мардуми Эрон мардуми содаву заҳматкаше ҳастанд, ки дар атрофу гӯшаҳои ин сарзамин зиндагии содаву камбағалонае доранд.

Бахши дигарро соҳибназарону донишварон ташкил медиҳанд, ки воқеан пайкари миллатанд, аммо мутаассифона ин гурӯҳ дар давронҳои ҳассосу сарнавиштсоз ба ҷойи он ки ҷилаву корҳои роҳбариро ба даст бигиранд ва ватанро обод созанд, худро канор кашидаву гӯшанишин шудаанд.

Дар сармақола мазмунан баён гардидааст, ки ҷомеа дар вазъияте қарор дорад, ки аҳли эҷод, қаламбадастон, махсусан, насли ҷавоне, ки истеъдоду нубуғи қобили мулоҳизае доранд, дар самти ҳаракати худ ба заъфу сустии мушкилоти зиндагӣ гирифтор мешаванд. Бидуни дарку тасаввур ашъоре меофаринанд, ки дар онҳо навмедиву яъс аз ҳар мисраъаш дида мешавад. Мавзуи марг ва фано бо ҳар шакл дар ашъору осорашон ҷилвагар мегардад. Мавзуи ғаму андуҳ, зиндагии тираву беҳудаву якнавохт пеши назар ҳувайдо мегардад, ки мисоли онро дар бештари осори мансури кунунӣ метавон дид. Ба андешаи ӯ дар осори аксари ин нависандагон аз шодиву нишот, хушиҳои зиндагӣ нишоне мавҷуд нест. Натиҷаи умумӣ аз баррасии осори мансури эҷодгарон ин аст, ки гӯё дар ҷомеаи эронӣ аз эҳсосоти хушоянду зиндагиофари инсонӣ чизе нест, танҳо маргу мирандагӣ, ғам, андуҳ, нокомӣ дар фазои умумии адабиёт соя афкандааст.

Муаллифи мақола дар поёни матлабаш таъкид менамояд, ки нависандагони имрӯз бояд шеваи нигориши худро дигар кунанд, зеро ҷомеа аз онҳо умеди дигаре доранд [119, с. 274].

Тавре аз сарчашмаҳо бармеояд, маҷалла пас аз табадуллоти низомии соли 1957 таъсис гардидааст. Бар асари ин табадуллот ҳаракатҳои озодихоҳӣ шикаст хӯрданд. Маҳзи хотири ин бахши зиёди матолиби маҷалла ба масоили сиёсӣ-иҷтимоӣ ихтисос дошт ва маводди адабӣ, аз ҷумла шеър камтар ба табъ мерасид. Маҷаллаи дигаре, ки бояд зикр шавад «Паёми навин» аст. Мо дар боло қайд намудем, ки соли 1944 маҷаллаи «Паёми нав» таъсис ёфт ва шуҳрату овозаи сазовор касб намуд, аммо баъди ғалабаи Иттиҳоди Шуравӣ дар Ҷанги ҷаҳонии дуюм чун сиёсат нисбат ба Эрон тағйир ёфт, тарзи кори маҷалла низ дигаргун

шуд ва ба як сохтори иттилоотии Иттиҳоди Шуравӣ табдил ёфт ва миёни мардум маҳбубияту маъруфияташро аз даст дод.

Ин маҷалла нимаи дуюми солҳои 50-ум бо номи «Паёми нав» ба фаъолият шуруъ намуд ва дубора шоирони машҳуру саршиносе, ки ҷонибдор ё узви ҳизб буданд мисли С. Касроӣ, Ҳ. Соя, М. Беҳозин ба ҳайати маҷалла пайвастанд. Аммо ин нашрия дигар ба пояи «Паёми навин» нарасид, зеро вазъи замон тағйир ёфта буд ва насли тозае аз ҷавонон вориди майдон шуданд, ки дигар ба ҳизб таваҷҷуҳ надоштанд. Гузашта аз ин худ маҷаллаву нашрияҳои вижаи хешро таъсис дода буданд.

Аҳмади Шомлу, ки фаъолияти адабиву андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-яш мавзуи таҳқиқи мо мебошад, соли 1957 маҷаллаи «Иттилооти моҳона»-ро таъсис дод, ки тобеи муассисаи интишоротии рӯзномаи «Иттилоот» буд. Аҳмади Шомлу сармуҳаррири ин маҷалла буд ва тули солҳои 1957-1958 ҳамагӣ ду шумора чоп гардид. Дар сармақолаи маҷаллаи нахустин зикр шудааст, ки нашрия барои онҳое таъсис шуда, ки хоҳони шукуфоии Эрон, пешрафту инкишофи забони форсӣ ва дӯстдори адабиётанд.

Ба навиштаи донишмандон он чи маҷалларо баёдмонданӣ кард, тарҷумаи шеъри шоирони Ғарб аз ҷониби Аҳмади Шомлу буд.

Дар солҳои панҷоҳум аз ҷониби бархе аз ширкатҳо низ нашрияҳои алоҳида таъсис гардиданд. Яке аз ин нашрияҳо маҷаллаи «Ковиш» буд, ки ба ширкати нафти Эрон мутааллиқ буд. Муассиси маҷалла охирин нахуствазири Муҳаммад Ризошоҳи Паҳлавӣ, Амир Аббос Ҳувайдо буд. Мақолоте, ки дар маҷалла ба чоп мерасиданд, аксар ба риштаи сиёсату иқтисод ва фарҳангу ҷомеашиносӣ иртибот доштанд. Дар радифи ин аҳёнан ашъоре аз шоирони навҷӯ ба табъ мерасонид.

Асосгузори маҷалла, ки худ корманди вазорати хориҷа буд, дар сармақолае ба муҳимтарин ҳадафу қасди таъсиси маҷалла ишора намуда, қайд кардааст, ки нашрия бояд минбари шоистае бошад, ки тавассути он насли ҷавони имрӯз бо фазлу дониши худ ҷаҳонбиниву ҷаҳоншиносии хеш дарҳои бастаро боз кунад, пеши назари мардум саҳнаҳои тозаеро аз зиндагии қавму миллатҳои дигар, махсусан, пешрафту бозёфтҳои онҳо дар заминаи илму дониш ҷилвагар кунад.

Номбурда ҳамчунин дар матлаби хеш изҳори боварӣ намуда буд, ки насли оянда бо қудрату истеъдоди худ исбот хоҳад кард, ки шоистаи мероси гаронарзиши пешиниён аст [120, с. 554].

Дар поёни ин бахш бояд зикр намуд, ки маҷаллаҳое, ки таҳлилу баррасӣ шуданд, чи нақше дар фароҳамсозии фазои мусоиди адабӣ, ташаккули шахсиятҳои адабӣ, рушди ҷараёнҳои тозаи шеърӣ, шинохти адабиёти ҷаҳон, густариши кори тарҷума ва дар маҷмуъ рушди адабиёт гардиданд.

Маҷаллаҳои мазкур ҳар кадоме вобаста ба имконоти айниву зеҳнии хеш ва дараҷаи донишу маърифати масъулинашон дар камолу пешбурди фазои созгори адабӣ саҳм гирифтанд. Ин маҷаллаҳо замоне пайдо шуданд, ки дар Эрон бар асари саъю талоши шоироне мисли Тақӣ Рафъат, Абулқосим Лоҳутӣ, Шамси Касмоӣ ва баъдан Нимо Юшиҷ падидаи «шеъри нав» раванди зуҳуру ташаккули худро мегузаронид.

Нашрияҳо аз як сӯ баҳсҳои назариро дар саҳифаҳои худ барпо мекарданд ва аз ҷониби дигар беҳтарин намунаҳои шеъри навпардозонаро ба табъ мерасониданд. Дар баҳсҳои адабӣ дар радифи донишмандону адабиётшиносон шоирон низ ширкати фаъол доштанд.

Дар шинохту маърифати «шеъри нав» ва махсусан, сабку салиқаи Нимо Юшиҷ мақолаи муфассали Парвиз Нотили Хонларӣ «Пасту баланди шеъри нав» ва нигоштаи Маҳдӣ Ахавони Солис «Навъе вазн дар шеъри форсӣ» мубрам буданд.

Маҷаллаҳои мавриди назар дар марҳилаи ҳассосе аз таърихи Эрон ба чопи шеъри дигар қавму миллатҳо тавассути тарҷума шуруъ намуданд. Тарҷумаи ашъори зиёде аз шоирони англису фаронсавӣ, русӣ ба чоп расиданд. Албатта, тарҷумаи онҳо дар қолаби порчаҳои адабӣ ва гоҳо наздик ба шеъри нимоӣ пешниҳод мешуд. Қолабе, ки баъдҳо Аҳмади Шомлу онро ба камоли матлуб расонид. Чун тарҷуманигорӣ марҳилаи ибтидои худро мегузаронид, ба таври лозим дархури аҳаммият набуданд. Тарҷумаи шеърҳо «чанге ба дил намезад, на шеъри урупоӣ буд, ки тобеи зебоишиносии он хӯрда бошад ва на шеъри эронӣ, ки бо мабнои эстетики ин ҳавза мунтабиқ ояд. Як руҳ буд, ки аз пайкараи зебои

худ хориҷ шуда буд, аммо дар ҷисме ҳулул карда буд, ки ба ҳеҷ унвон ба он созгор намешуд» [80, с. 245].

Дар ҳар сурат тарҷумаи шеъри шоирони хориҷӣ аз ду ҷиҳат аҳаммиятнок буданд. Аввал, тарҷумаҳо сабабгори таҳаввули зеҳнияти ҳунарии шоирон нисбат ба навъи нигоҳи шоирона ба ҳастӣ мешуданд ва аз ҷониби дигар, заминаҳои лозимро барои ҳамаҷониба ҷудо шудани шеър аз шеъри суннатӣ фароҳам меоварданд.

Дар кори тарҷума, махсусан, хидмати маҷаллаҳои «Ҷаҳони нав», «Сухан» бисёр арзишманд буд. Қисмате аз маҷаллаҳо бештар сабабгори барангезии зеҳнияти шоирон гаштанд. Махсусан, маҷаллаи «Хуруси ҷангӣ», ки масъулаш Ҳушанги Эронӣ ва таҳсилкардаи Амрико буд. Ашъоре, ки аз худи Ҳушанг чоп мешуд аз нигоҳи асосҳои ҷамолшиносона (эстетикӣ) устувор набуд, вале ба зеҳнияти шоироне мисли Суҳроби Сипеҳрӣ таъсир гузошт, то аз тақлиди мустақими Нимо канор бираванд. Ҳамин тавр, нақши маҷаллаҳо дар таҳаввули шеъри муосири Эрон, устувор гаштани мактаби Нимо, ошноӣ бар асоси назарии шеъру ҷараёнҳои тозаи шеърӣ, камоли шоирии насли нави адабиёти муосир бисёр назаррас буд.

1.4. Ҷараёнҳои шеърӣ дар солҳои чилуми асри XX

Таҳаввулу тағйир дар шеъри муосири форсӣ аз даҳсолаҳои аввали асри XX оғоз гардида, бештар дар ашъори шоирони давраи Машрута ба чашм мерасанд, ки мутаассифона, ба гунаи лозим таъсиргузор набуданд, аммо пас аз нашри манзумаи «Афсона»-и Нимо навпардозиҳо дар шеъри муосири форсӣ суръати назаррас пайдо намуд.

1.4.1. Ҷараёни шеъри суннатӣ ва нимасуннатӣ

Шеъри суннатӣ, ки қарнҳо дар зеҳни мардум шакл гирифтаву мавқеи хешро аз даст додан намехост. Вале оҳиста-оҳиста рахнаҳое ҳиснашаванда ва гоҳе ҳисшаванда дар пайкараш ба зуҳур мерасиданд. Баррасии маводди марбут

ба солҳои 40-ум нишонгари он аст, ки дар ин давра дар канори шеъри суннатӣ ҷараёнҳои тозаи шеър ба вуҷуд омаданд.

Аксари пажуҳишгарони адабиёти муосир ин даврaро аз дурахшонтарин даврони таърихи муосири Эрон аз лиҳози шеъри нав медонанд, вале чунонки зикр шуд, ин ба он маъно нест, ки шеъри классикӣ якбора саҳнаро холӣ кардаву чизе барои гуфтан надошта бошад. Шоирони зиёде, ки дар деги шеъри суннатӣ обу тоб ёфта буданд ва ҳаргиз наметавонистанд аз сабки қарнҳо шаклгирифтаву решадоршуда дил бикананд. Онҳо шеъри навро ҳамчун воқеияти бархоста аз рӯзгор қабул доштанд, вале муътақид буданд, ки шеъри суннатӣ имконоту зарфиятҳои худро ҳатто дар қолаби арузӣ аз даст надодааст. Ҳамин тариқ яке аз устувортарин ҷараёни шеърӣ дар ин давра, бидуни шак, ҷараёни шеъри суннатӣ ба шумор мерафт, ки намояндагони машҳуру ҷонибдорони зиёде дошт. Ба андешаи мо аз машҳуртарин намояндагонаш дар ин давра Маликушшуаро Баҳор буд, ки даҳаи охирини умрашро аз сар мегузаронид. Маликушшуаро Баҳор бо шеъри суннатӣ ба майдони адабиёт омад ва бо шеъри суннатӣ шоириро ба поён расонид, вале роҳи эҷодии вай хусусиятҳои зиёде дошт.

Мавсуф дар марҳилаи аввали шоирияш бо инқилобчиёни Машрута пайваст ва шеърашро дар хидмати муборизаву озодихоҳӣ гузошт. Баъдан бо пирӯзии инқилоби Машрута ва ба сари қудрат омадани Ризошоҳ ба шоири ислоҳталаб ва мубориз табдил ёфт. Сипас шоириро дар ҳошия қарор дод ва ҷиддан ба корҳои пажуҳишӣ машғул гардид. Осори таҳқиқии Маликушшуаро Баҳор, махсусан, дар заминаи шеъру шоирӣ ва сабкшиносӣ то ҳол соҳиби арзиши баланд мебошад.

Дар солҳои охири умраш беҳтарин таҷрибаҳои хешро дар заминаи шеъри суннатӣ анҷом дод, махсусан, дар офариниши қасида машҳур гардид.

Маликушшуаро Баҳор ҳарчанд то охир ба суннат пойдор монд, вале ҳаргиз зидди навпардозиву таҷаддуд дар шеър изҳори назар нанамуд. Масалан, дар Анҷумани нависандагони Эрон, ки раисияш ба дӯши ӯ буд, зимни суханронии ниҳоӣ чунин изҳор дошта буд: «маъаҳазо мо ҳамон тавр ки намехоҳем шеърро аз пайравии классик манъ кунем, намехоҳем ононро аз пайравии шеъри «сафеди

беқофия» ва бевазн ҳам манъ намоем. Мо бояд гӯяндагонро озод бигузорем то ҳунарнамоӣ кунанд» [26, с. 48].

Ба ибораи дигар Маликушшуаро Баҳор «муассиртарин шоири муосир буд дар давраи гузар аз суннат ба мудернизм, ки ҳеҷ гоҳ гирифтори ифроту тафрит нашуд. Ҷойгоҳи ӯ дар миёни дигар шоирони ҳамасраш ҳамчун кӯҳи Дамованд аст дар канори соири кӯҳҳо» [80, с. 251].

Ҳарчанд шеъри суннатӣ жанрҳои зиёде дорад, вале намояндагони он бештар ғазалсароянд ва машҳуртарини он дар ин давра Муҳаммадҳусайни Шаҳриёр аст, ки шефтаи Ҳофизи Шерозӣ аст. Дар радифи Шаҳриёр шоирони дигар ҳам буданд, ки шеъри суннатиро пурбор намуданд ва Имоди Хуросонӣ яке аз онҳо маҳсуб мешавад.

Ғазалиёти Имоди Хуросонӣ дар чаҳорчӯби маъмулӣ эҷод шудаанд, вале он чи сухани ӯро аз дигарон мутафовит месозад, эҳсоси нав, ҷаҳонбинии нав дар матни ғазал аст. Ин таровату тозагӣ ҳар хонандаро ба худ ҷазб месозад.

Имоди Хуросонӣ дар радифи шоироне қарор дошт, ки ба сатҳи худшиносии шеърӣ расида буд. Ӯ тавоноиҳо, нуқтаҳои неруманди шеъри худро мешинохт. Ҳадду марзи ғазали худро мешинохт ва аз ин рӯ ҳаргиз аз ин марз берун нарафта аст. Ӯро метавон шоири ишқу шаробу риндӣ хонд. Аммо Имоди Хуросонӣ «бо вуҷуди ашъори зебову ҷовидонаи худ, мутаассифона, дар миёни насли ҷадид ва рӯзгори нав чандон шинохташуда нест ва ҳаргиз ҳаққи матлаб дар бораи ӯ ба дурустӣ адо нашудааст» [146].

Барои исботи ин андеша чанд байте аз як ғазали зебои шоирро меорем:

Пайдо шуду пайдо шуд гумгаштаи мо имшаб,
Мечархаму мерақсам бо боди сабо имшаб.
Дар кулбаи мо хуршед меҳмон шуда боз имрӯз,
Дар маҳфили мо маҳтоб афшонда сафо имшаб [153].

Имоди Хуросонӣ дар натиҷаи фаъолияти эҷодӣ, таҷрибаҳои ҳунарӣ ба дарки ин нукта омада, ки дар ҷараёни офариниши шеър шакл ё қолаби хоссе наметавонад нақши калидӣ ё шеърсоз дошта бошад. Муҳим ин аст, ки шеър битавонад дунёи даруни худро бо беҳтарин шева дар қолаби мавҷуд баён созад.

Намояндаи дигари ин ҷараён, ки машҳурияти хос пайдо намуда буд, Парвиз Нотили Хонларӣ мебошад, ӯро ҳамчун назарияпардози шеъри имрӯзи Эрон мешиносанд. Хонларӣ таҳсилкардаи Аврупо буда, назарияи шеър ва шеъру шоириро хуб медонист. Ҳарчанд ӯ ҷонибдори шеъри нав буд, аммо қоидаҳои шеъри суннатиро низ риоя менамуд.

Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ бар ин бовар аст, ки агар донишу фазли номбурдаро дар заминаи навгароӣ таҳлилу баррасӣ намоем, ҳунари шоирияш ба хубӣ эҳсос мешавад. Хонларӣ дар суханаш навгаротар аз шеърҳояш ҳаст ва дар шеърҳояш суннатитар аз донишҳои назариявиаш мебошад. Албатта ин гуфтугӯву баҳсҳои шоирон аст, ки боис мегардад шоиреро мисли Хонларӣ бо ашъораш аз навгароёни сафи аввали муосир бишуморанд. Аз сӯйи дигар зеҳнияти мустаҳками ӯро дар заминаи суннат қабул фармоянд [104, с. 52].

Хонларӣ ҳарчанд дар ҷодаи шеъру шоирӣ пешрафти чашмрасе надошт, вале бо донишҳои назариву шинохти амиқаш дар заминаи адабиёт тавонист мактаберо бунёд гузорад, ки шогирдонаш дар марзҳои бекаронаи шеъри нав роҳу равиши мустақилеро пайдо намуданд.

Дар миёни шоирони суннатгарои ин давра Пажмон Бахтиёрӣ ҳам мақоми хос дошт. Пажмон аз адибони суннатгарои навпардоз мебошад. Ҳарчанд шеъраш савти навҷӯёна дорад, вале ин сифат, то он андоза нест, ки ӯро комилан аз суннатгароӣ ҷудо созад. Шеъраш бештар ба шеъри классикӣ ва мазмунҳои ишқи лирикӣ гироиш дошт. Пажмон Бахтиёрӣ бо шоирону адибони бузурги муосир ҳамчун Маликушшуаро Баҳор, Эраҷ Мирзо, Ҷамолиддин Ҳумоӣ, Нимо Юшиҷ, Раҳии Муайирӣ ва устод Шаҳриёр дӯстии наздик дошт. Ӯ донандаи забонҳои фаронсавӣ ва арабӣ буд ва осори бисёреро ба форсӣ тарҷума кардааст. Пажмон аз шоирони суннатгаро, вале ҳамзамон навпардози адабиёти муосир буд ва бо иродату талош тасҳеҳи девони Ҳофизро анҷом додааст. Тасҳеҳе, ки аз нигоҳи бинишу ҳошиянависиҳои мавҷуд дар девон дорои ширинивву латофат ва аҳамияти хоссе мебошад.

Дар поён ба гунаи мисол ғазали суннатӣ аз шоир оварда мешавад, ки дар матни он руҳи замон ва фазои адабии аср эҳсос мегардад. Вожаву таркибот, ҳатто

образҳо тоза нестанд, вале шеваи корбурд ва рехти калимот дарунмояҳои содаи байтҳо ғазалро инзамонӣ ва мутафовит аз ғазали суннатӣ месозад:

Агар рафтам зи дунёи Шумо девонае камтар,
В-ар ин кошона вайрона гашт, ҳасратхонае камтар.
Агар мастӣ набахшад соғари ҳастӣ барафшонаш,
В-агар мастӣ диҳад эй сархушон паймонае камтар.
Зиёну суди олам чист аз буду набуди мо,
Ба дарё қатрае афзун, зи хирман донае камтар.
Ту шамъи маҳфилафрӯзиву ман парвонае мискин,
Ту равшан бош гар ман сӯхтам, парвонае камтар... [151].

Зимни таҳлилу баррасии зиндагиву эҷоди шоирони суннатгарои ин давра зарур аст ғазалсарои маъруф Раҳии Муайириро арзёбӣ кунем. Назари адабиётшиносон перомуни Раҳӣ ҷолиб мебошад. Ӯро муҳаққиқи номвар С. Зарқонӣ ҳамчун шоири романтику ҳаҷвнигор тавсиф кардааст. Дараҷаву сатҳи корбурди вожагонии шеърашро дурахшонтарин бахши офаринандагиаш меҳисобад. Раҳӣ мисли дигарон дар истифодаву баҳрабардорӣ аз имконоти забонӣ бештар пайрави шоирони пешин аст, вале ҷанбаи таҷрибавӣ ва дарунӣ будани ашъораш таъсири зиёде ба шоирони ҳамасраш гузоштааст. С. Зарқонӣ ҳамчунин таъсири ӯро ба шоири муосир Имоди Хуросонӣ бисёр амиқу арзишманд арзёбӣ мекунад, ки мо низ ба ин назар мувофиқем [80, с. 259].

Чунончи:

Ашкам, вале ба пойи азизон чакидаам,
Хорам, вале ба сояи гул орамидаам.
Бо ёди рангу бӯйи ту, эй навбаҳори ишқ,
Ҳамчун бунафша сар ба гиребон кашидаам.
Чун хок дар ҳавои ту аз по фитодаам,
Чун ашк аз қафои ту бо сар давидаам...
Гар мегурезам аз назари мардумон Раҳӣ,
Айбам макун, ки оҳуи мардумнадидаам [145].

Дар радифи шоирони мазкур аз Муҳаммадалии Афрошта, ки побанди шеъри суннатӣ аст, зикр бояд намуд. Танҳо бо ин тафовут, ки ӯ аз сарсупурдагони Ҳизби тӯдаи Эрон буд ва бештар шеъри иҷтимоӣ мегуфт ва табақаи коргарро васф менамуд. Муҳаммадалии Афрошта ва чанд тани дигар дар Эрони он давра адабиёти коргариро ба вуҷуд оварданд. Дар адабиёти таҳқиқӣ зимни арзёбии сурудаҳои ӯ шеърашро бо ашъори Саидашрафиддини Гелонӣ имтиёздори рӯзномаи «Насими шимол» қиёс намуда, таъкид мекунанд, ки ашъори ӯ идомаи мантиқии «Насими шимол» аст, танҳо бо забоне густохтару инқилобитару шаҳритар. Забоне, ки барои ҳама мухотабон қобили фаҳм буд.

Шоироне, ки зикрашон рафт дар маҷмуъ заминаи корашон шеъри суннатӣ буд ва аксаран ба марзи дигар ҷараёнҳои шеърӣ ворид нашуданд.

Бисёре аз симоҳои машҳури ҷараёни суннатӣ нахуст ашъори суннатӣ суруданд, баъдан ба марзи шеъри нимасуннативу шеъри нав қадам гузоштанду боз ба суннат бозгаштанд. Барои мисол метавон чеҳраҳои номвари ин давра Маҳдии Ҳамидӣ, Фаридуни Таваллулӣ, Сиёвуши Касроӣ ва Ҳушанг Соя ном бурд, ки охиринро бузургтарин ғазалсарои муосири адабиёти форсӣ шинохтанд.

Сарчашмаи аслии ашъорашон ҳамон калимаҳову ибораҳои классикӣ аст, ҳарчанд калимаву таркиботи тозаеро изофа кардаанд, вале эҳсос намешавад. Таркиботу ташбеҳоти сохтаашон низ баргирифта аз гузаштагон аст. Дар қайду банди вазнҳои аруз гирифторанд ва танҳо гуногуннавъӣ дар вазнҳои шеъри Хонларӣ дида мешавад.

Дар сохти истифодаи образҳои шоирона ва тавсифу тасвирҳо низ навоварии назаррас нест, зеро бештар аз образҳои мавҷуд дар адабиёти пешин истифода кардаанд.

Пастиву баландии хоссе дар сатҳи отифии шеърашон ба чашм мерасад. Лиризми шеърашон махсус аст ва маҳз ҳамин хусусият сухани онҳоро аз дигарон фарқ мекунонад.

Аз лиҳози сатҳи андеша низ шеъри онҳо қобили баррасӣ аст. Гуфтан мумкин аст, ки андешаи амиқу дархури таваҷҷуҳ ва густурда дар шеъри онҳо дида намешавад. Фазои умумии шеърашон бештар романтикӣ аст. Масалан,

шеърҳои Муҳаммадалии Афрошта маънии амиқи зиёде надорад, аммо барои мардум писанд буданд. Шеъри ӯ ниёзмандиҳои ононро бароварда месохт.

Нуктаи охирине, ки дар хусуси ҷараёни суннатӣ зикраш зарурӣ мебошад ин доираи мухотабон аст. Дар ин давра дар канори он шеъри дигаре бо номи шеъри нимасуннатӣ ташаккул ёфта буд, ки ҳам барои суннатгароён ва ҳам барои навпардозон қобили пазириш буд ва ин сабаб шуд, ки доираи ҳаводоронаш маҳдудтар гарданд.

Машҳуртарин шеъри нимасуннатии Фаридуни Таваллулӣ қитъаи «Марям» аст, ки бо ин байтҳо оғоз мешавад:

Дар нимаҳои шомгоҳон он замон, ки моҳ,
Зарду шикаста медамад аз тарфи ховарон.
Истода дар сиёҳии шаб Марями сапед,
Орому саргардон,
Ӯ монда то ки аз паси дандонаҳои кӯҳ.
Маҳтоб сар занад, кашад аз чеҳра шаб ниқоб,
Борад бар ӯ фурӯғу бишӯяд тани латиф
Дар нури маҳтоб... [80, с. 270].

Фаридуни Таваллулӣ бо ашъори суннативу нимасуннатии хеш муддати зиёде ба аксари аз шоирони насли хеш ва наслҳои баъдӣ таъсир гузоштааст. Ҳатто шоири бузурге мисли Нодири Нодирпур дар оғоз зери таъсири каломи ӯ қарор доштааст.

Шоири дигаре, ки дар ин давра бо ашъори нимасуннатиаш дурахшид Нодири Нодирпур буд, ки маҷмуаи ашъори нимасуннатиаш «Чашмҳо ва дастҳо» ном дошт ва аксар фарогири шеърҳои нимасуннатии ӯ мебошад. Нодирпур бар хилофи дигар шоирон, ки нахуст шеъри суннатӣ гуфтанд ва сипас ба ашъори нимасуннатӣ рӯй оварданд, якбора бо шеъри нимасуннатӣ вориди майдон шуд. Нодири Нодирпур низ мисли Фаридуни Таваллулӣ перомуни шеъру шоирӣ, шеъри нав ва навпардозӣ дидгоҳҳои назарии хоссе дорад, ки аксар дар сарсухани маҷмуаҳояш қайд шудаанд. Фазои умумии ашъори шоир дар пасзаминаи шабу торикӣ, пешниҳод мегардад. Дар шеъри имрӯзи Эрон ӯро тасвиргари бузург

хондаанд, вале мутаассифона пушти ҳама тасвирҳо андуҳе бузург ниҳон аст. Ба сифати намуна аз шеъри «Аз даруни шаб» порчаеро меорем:

Ту эй чашми сияҳ бо шуълаи хеш,
Шабонгоҳон диламро равшанӣ бахш.
Бисӯзонам дар ин торикии марг,
Зи чанголи гуноҳам эмине бахш.
Худоро, осмоно дар фурӯ банд,
Зи шеванҳои хомӯшам мапарҳез.
Зи чоҳи ахтаронам сарнагун соз,
Зи дори каҳкашонам биёвез.
Худоро, осмоно парда бифкан,
Маро аз чашми ахтарҳо ниҳон кун,
Танам дар кӯраи хуршед бигзор,
Маро покизадил, покизаҷон кун…
Бикӯб эй дасти марг имшаб дарамро,
Ки аз ман кас намегирад суроғе,
Шаби торики ман ториктар шуд,
Ту эй чашми сияҳ баркан чароғе [147].

Дар радифи Нодири Нодирпур ва Фаридуни Таваллулӣ, ки қуллаҳои баланди шеъри ин давра ҳастанд бояд аз Маҳдии Ҳамидӣ низ ёд кард. Маҳдии Ҳамидӣ бо шеъри суннатӣ ба майдони адабиёт омад ва баъдан дар марзи нимасуннатӣ қувваозмоӣ намуд.

Тафовути назарраси Маҳдии Ҳамидӣ аз Нодири Нодирпур ва Фаридуни Таваллулӣ дар он аст, ки ӯ мусаллаҳ бо донишҳои густурдаи адабӣ мебошад. Махсусан, арузро хуб фаро гирифта ва аз имконоти он баҳраҳои шоиста мебарад. Мухолифи сарсахти Нимо аст. Ҳамидӣ як шоири романтик аст ва дар шеъраш отифа бар андеша ғалаба дорад. Ғазали «Марги қу» шоҳкори ӯ маҳсуб мешавад:

Шунидам, ки чун қуйи зебо бимирад,
Фиребанда зоду фиребо бимирад.

Шоир баъд аз байти болоӣ, ки ҷанбаи ривоятии ғазал аст, дар зеҳнияти халлоқи худ ҷараёни адам, фано ё мурдани «қу»-ро, ки дар хотираи мардум, боварҳои мардумӣ, зиндагии махсусу дорои низоми хос аст, ба риштаи тасвир мекашад:

Шаби марг танҳо нишинад ба мавҷе,
Равад гӯшае дуру танҳо бимирад.
Дар он гӯша чандон ғазал хонад он шаб,
Ки худ дар миёни ғазалҳо бимирад
Гурӯҳе бар онанд, к-ин мурғи шайдо,
Куҷо ошиқӣ кард он ҷо бимирад.
Шаби марг аз бим он ҷо шитобад,
Ки аз марг ғофил шавад, то бимирад [149].

Бояд гуфт, ки ғазал танҳо дар абёти поёниаш ҳамчун ҳосили ҳунар, шеър зода мешавад, чун қаҳрамони ғиноӣ дар тимсоли маъшуқаш дарёро мебинад ва мехоҳад, ҳамчун қу дар синаи дарё бимирад:

Ман ин нукта гирам, ки бовар накардам,
Надидам, ки қӯйе ба саҳро бимирад.…
Ту дарёи ман будӣ, оғӯш во кун,
Ки мехоҳад ин қӯйи зебо бимирад.... [149].

Дувумин ҷараёне, ки дар назми муосири Эрон арзи ҳастӣ намуд, сабки баёни «нимасуннатӣ» мебошад. Истилоҳ ё мафҳуми «нимасуннатӣ» дар ним асри охир вориди фазои илмӣ шуда, ба сифати баёнсози як раванд ё ҷараёни адабӣ шинохта шудааст. Ҳарчанд намунаҳои шеъри нимасуннатӣ дар ашъори шоирони қадим ба мушоҳида мерасанд, аммо дар нимаи дуюми солҳои чилум ин ҷараён қувват гирифт. Ба ақидаи Тақӣ Пурномдориён шеърҳои нимасуннатӣ «шеърҳое мебошанд, ки дар онҳо рукни сурат дасткорӣ мешавад ва қолабҳои суннатии машҳуру мутадовилтар, ки бар асоси шеваи истифода аз қофия дар шеъри классик қарнҳо тадовум доштааст, канор гузошта мешавад ва ё дастхуши тағйироти нисбатан ғайриодиву ноошно мегардад» [53, с. 57].

Ба ибораи дигар ашъори нимасуннатӣ шеърҳое шумурда мешаванд, ки аз нигоҳи истифодаи образҳои шеърӣ, аз суннат дур гаштааст, вале ба марзи шеъри озод ё нимоӣ нарасидааст.

Шеъри нимасуннатӣ, инчунин барои аксари шоирон пойгоҳе будааст, ки шоирони суннатӣ муддате онҷо қувваозмоӣ намуда, баъдан ба марзи шеъри озод ё нимоӣ роҳ меёфтанд.

Ба шеъри нимасуннатӣ аслан қолабҳои чаҳорпора ва қолабҳои наздик ба он дохил мешаванд. Чунин қолабҳое вазни арузӣ доранд ва баробарии аркон дар онҳо риоя мешавад. Дарозии мисраъҳо мавҷуд аст, аммо адади мисраъҳо бар асоси низоми дугона танзим нашудааст. Қофия дар он бардошта нашудааст, вале шакли қофиябандӣ нисбат ба шеъри классикӣ озодтар аст.

Шеъри нимасуннатӣ аз нигоҳи тасвирофаринӣ ҷолиб мебошад. Тамоми тасвирҳое, ки дар матни як шеър гирди ҳам меоянд ба шеър истеҳкому ваҳдат мебахшанд, ки ин дар шеъри классикӣ камтар дида мешавад. Тасвирофаринии шоирона, ки шеъри нимасуннатӣ гуфтанд, баъдан ба зеҳнияти шоирони навпардоз дар офаридани тасвирҳо нақши босазо гузоштанд. Нигоҳи шоири нимасуннатӣ аз нигоҳи шоири суннатӣ тафовутҳои зиёде дорад. Аммо шеъри нимасуннатӣ аз нигоҳи шакли берунияш аз шеъри суннатӣ чандон дур нарафтааст. Чизи наве, ки дар шеъри нимасуннатӣ баръало мушоҳида мешавад, навпардозӣ ва мазмунсозию тасвирофарӣ мебошад.

Дар адабиёти Эрон шеъри нимасуннатӣ аз шеъри «Эй шаб» ва манзумаи «Афсона»-и Нимо Юшиҷ оғоз мешавад ва баъдан дар солҳои 40-уми асри гузашта ривоҷу равнақ меёбад. Аксари шоироне, ки ҷонибдори таҷаддуду навпардозӣ дар шеър буданд ва аз ҷониби дигар мехостанд аз чаҳорчӯби суннат комилан хориҷ нагарданд, дар ин давра ба шеъри нимасуннатӣ рӯй оварданд.

Яке аз шоироне, ки дар адабиёти имрӯзи Эрон беҳтарин ашъори нимасуннатӣ офаридааст, Фаридуни Таваллулӣ мебошад. Ӯ дар мавриди шеъру ҷойгоҳи шеър ва раванди такомули он дар ҷомеа дидгоҳҳои хосси назарӣ дорад, ки то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Аз ин рӯ ӯро бояд ҳамчун шоири назарияпардоз, сарояндаи шеъри нимасуннатӣ ва суннатӣ шинохт. Андешаҳои

назарии ӯ, махсусан, дар муқаддимаи маҷмуаи «Раҳо»-и вай гирд омадааст, ки қимати зиёди адабӣ доранд. Дар боби баъдӣ мо ба муҳимтарин дидгоҳҳои ӯ дар пайванд бо шеъри наву талаботи он ишора хоҳем кард.

Фаридуни Таваллулӣ дар маҷмуаи дигари хеш бо номи «Шигарф» афкори назарии ҷолибе баён намудааст. Махсусан, перомуни коркардҳои қофия. Ӯ бар вуҷуди вазну баҳр таъкид мекунад, вале шикастани вазну бозӣ бо аркони шеъриро ҷоиз медонад.

Чеҳраи шинохтаи ин давра дар шеъри муосир Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя мебошад, ки ба нахустин дафтари ғазалаш Маҳдии Ҳамидӣ муқаддима навишта буд. Имрӯз Ҳушанг Ибтиҳоҷ Сояро бузургтарин ғазалсарои муосир медонанд, ки касе дар кушодани уфуқҳои тоза дар ғазал ба сатҳи ӯ нарасидааст. Соя тавре ки зикр шуд, бо ғазали суннатӣ вориди майдони шеър шуд, сипас ашъори зиёди суннатӣ навишт, намунаҳои беназире дар қолабҳои нимоӣ офарид ва баъдан тамоми саъю талоши хешро дар офариниши ғазалҳои ноб сарф намуд. Соя бо Нимо ошноии наздик дошт ва яке аз шогирдони баргузидаи Нимо буд.

Ҳушанг Соя аз зумраи шоиронест, ки бо чопи ҳар маҷмуа аз ашъораш ба марзи хосси камоли шоирӣ расидааст. Сувари хаёл, ё образҳои шоирона, биниши шоирона ва ҷаҳони андешааш комилан аз дигар муосиронаш фарқ мекунад. Ӯ ба ҷаҳону мазоҳири он нигоҳи хос дорад. Масалан, дар шеъри нимасуннатӣ адиб андешаҳояшро чунин ифода мекунад:

Сояҳо андар ғуруби сабз мегирянд
Шохаҳо чашмингизори саргузашти абр,
В-осмон чун ман ғуборолуди дилгире,
Бод бӯйи хоки боронхӯрда меорад.
Сабзаҳо дар раҳгузори шаб парешонанд,
Оҳ акнун аз кадомин дашт меборад.
Боғ ҳасратноки борон аст,
Чун дили ман дар ҳавои гиря серӣ [1, с. 61].

Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя ҳарчанд аз пайравони мактаби Нимо Юшиҷ буду ашъори нимоӣ зиёд гуфтааст, вале он чи дар фазои адабии имрӯз вайро машҳур

намудааст, ашъори нимасуннатӣ ва суннатии ӯ мебошад. Агар зеҳнияти шоиронаи ӯро бо дигар шоирони ҳамзамонаш қиёс кунем маълум мегардад, ки бар хилофи ҳамтоёнаш, ки зеҳнияташон ҷинсбунёд буда, дар ашъори ошиқонаи онҳо ҳузури ҷисми маъшуқ назаррас аст. Дар фазои фарҳехтатару бозтар сайр мекунад, ишқи шоиронааш инсонитар аст ва бо ҷисму равони мо пайванди ногусастанӣ дорад. Шеъре, ки номи шоирро вирди забони хоссу ом намудааст шеъри «Шабгир» аст, ки овардани онро муносиб медонем.

Дигар ин панҷара бикшоӣ,
Ба сутуҳ омадам аз ин шаби танг.
Дер гоҳест, ки дар хонаи ҳамсояи ман хонда хурус,
В-ин шаби талхи абус,
Мефишорад ба дилам пойи диранг.
Дергоҳест, ки ман дар дили ин шоми сиёҳ,
Пушти ин панҷара бедору хамӯш,
Мондаам чашм ба роҳ,
Ҳама чашму ҳама гӯш:
Оре, ин панҷара бикшой, ки субҳ,
Медурахшад паси ин пардаи тор
Мерасад аз дили хунини саҳар бонги хурус,
В-аз рухи ойинаам месутурад ранги фусӯс...
Бӯсаи меҳр, ки дар чашми ман афшонда шарар,
Хандаи рӯз, ки бо ашки ман омехта ранг [1, с. 37-38].

Ҳамчунин Соя аз зумраи он шоиронест, ки дар офаридани ашъори нимасуннатӣ, нимоӣ, суннатӣ ва ашъори мансур ба комёбиҳои чашмрас ноил гардидааст ва дар ғазалнависӣ равиши хосси худро пайдо кардааст. Зеҳни халлоқи ӯ дар ҷараёни офариниш таркиботу вожагони зиёде офаридааст, ки боиси ғанӣ гаштани забони шеъри муосири форсӣ гаштааст.

Дар адабиётшиносии тоҷик солҳои охир маводди арзишманде перомуни шохисҳои ашъори Ҳ.И. Соя нашр шудааст, ки ба сифати намуна метавон аз таҳқиқоти монографии У. Сафар «Шеъри форсӣ дар аҳди ҷадид» ва пешгуфтори

муфассали муҳаққиқ Қосимов Ҷ.С. дар китоби «Гар ишқ бимирад» ёдовар шуд [1; 28].

Аз адибони дигаре, ки дар давраи мавриди таҳқиқии мо бо ашъори нимасуннатияш миёни мардум маҳбубияти шоён касб намуда буд, Гулчини Гелонӣ аст, ки соли 1923 ба Аврупо рафт ва то поёни умр он ҷо монд. Нахустин дафтари шеъри вай соли 1946 дар Лондон ба номи «Нуҳуфта» чоп шуд. Мавзуъҳои меҳварии эҷодиёти вай васфи табиату васфи ишқ мебошад. Ҳарчанд ӯ шеърҳои суннативу нимоӣ ҳам офарида, вале бо шеърҳои нимасуннатияш шуҳратёр гаштааст.

Мавсуф «бо шеъри «Борон», ки дар Лондон соли 1940 эҷод шудааст, шуҳратёр гардид. Баъдан ин шеър ба китобҳои дарсӣ роҳ ёфт ва ба табъи кӯдакону навҷавонон сахт зебову дилангез ҷилва намуд» [148].

Яке аз шеърҳои машҳури ӯ «Барф» аст, ки нимасуннатӣ мебошад:

Пушти шиша боди шабрав ҷор мезад,
Барфи симин шохаҳоро бор мезад.
Пеши оташ,
Ёри маҳваш
Нарм-нармак тор мезад,
Ҷунбиши ангуштҳои нозанинаш
Беди дилкаш,
Беди мавзун
Нақшҳои тору гулгун,
Бар рухи девор мезад.
Мавҷҳои сурх мерафтанд бо по рӯйи парда,
Бачагурба ҷаст мезад сӯйи парда,
Ҷомҳои май тиҳӣ буданд аз базми шабона,
Лек лабрези тарона
Тулаам бо чашмҳои тобнокаш
Ман намедонам чиҳо медид дар рухсори оташ
Абрҳои сурху обӣ

Рӯзҳои офтобӣ.

Чун дили ман

Панҷаи нарми нигори хушгили ман

Баста мешуд, боз мешуд….[144].

Ба андешаи муҳаққиқон ҳарчанд Гулчини Гелонӣ қисмати зиёди зиндагиашро дар сарзаминҳои мағрибзамин сипарӣ намудааст, аммо ҳамеша дар маркази нақду ҳавзаҳои эҷодии шеъри нав буд. Муҳимтарин бартарии тарзи эҷодии Гулчини Гелонӣ аз он иборат буд, ки ҳеҷ гоҳ дунболи абзорҳои техникии шеър ва назарияпардозиҳои батафсил нагашт ва шеърашро ҳеҷ гоҳ қурбони назарияҳои муосири шеърӣ накард. Ҳарчанд шеъраш хусусиятҳои хосси фаннӣ надорад, вале дар матни он набзи замон ва биниши хосси як ҳунарманди асил дида мешавад [80, с. 286].

Бояд зикр намуд, ки шоироне, ки бо сифати намуна шеърҳои нимасуннатиашон оварда шуд аксаран хусусиятҳои муштараку умумӣ доранд. Аз ҷумла майл ба сурудани ашъори ишқӣ-романтикӣ. Гузашта аз ин таваҷҷуҳи хос бо фарҳангу суннати классик доранд. Аммо дар радифи онҳо адибоне низ буданд, ки шеваи корашон дар зоти худ ягона буд. Ба ҳеҷ касе шабеҳу ҳамсон набуданд. Яке аз онҳо Нусрат Раҳмонӣ аст, ки дунёро аз даричаи чашми хеш бо биниши хосси худ дида аст. Раҳмонӣ бештар шефтаи дунёи эҷоди нависандагоне мисли Содиқ Ҳидоят ва Содиқ Чӯбак аст. Аз андешаҳои Хайём ҳам мутаассир аст, шеъри Раҳмонӣ, ки гоҳо рангу бӯйи натуралистӣ гоҳо реалистӣ мегирад:

Кӯча таф карда з-офтоби тунд,

Ҷӯй тан дар лаҷом фурӯ бурда.

Чанд тири чароғ сокиту мот,

Сояшон офтобро хӯрда… [80, с. 259].

Он чи ки шеъри Нусрат Раҳмониро аз ашъори дигар шоирон фарқ мекунонад забони шеър ва образҳои шеърӣ аст. Раҳмонӣ бештар мутаваҷҷеҳи зиндагии шаҳрӣ, мазоҳири зиндагии шаҳриён, ҳаёти кӯчаву хиёбон аст.

Шеваи дигари офариниш дар коргоҳи эҷодии Нусрат Раҳмонӣ баҳра бурдан аз образҳои расмии адабиёти пешин ва ба замона созгор сохтани онҳо

мебошад. Гоҳо мазмунҳои ишқӣ дар девони ӯ беш аз ҳама бо сохтору таркиботи хеш ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд. Ӯ аз саҳнаҳои озодии конуни зиндагӣ фазоҳои аҷибу шигифтангез месозад, ки намунааш қитъаи зерин аст:

Ва об буд, ки мерафт
Кӯча хилват буд.
Садои қалби ту оре,
Садои қалби ту пошид бар дару девор,
Ва атри сӯхтани ашку шарму шитоб,
Миёни банд-банди куҳнаи девори оҷурӣ гум шуд.
Фазои кӯчаи меъод
Таниши хотираи зарбаҳои гоми туро
Ба зеҳни мунҷамиди сангфарш амонат дод.
Ва об буд, ки мерафт.
Сақил меояд. Чаро?
Ки санги кӯчаи беинтизор агар будӣ
Сухан риволи дигар дошт [143].

Нусрат Раҳмонӣ дар радифи офариниши ашъори ноб андешаҳои арзишманде перомуни шеър баён кардааст, ки қимати зиёди адабӣ доранд. Дар муқаддимаи як маҷмууаш чунин баён намудааст: «шеър ё шеър аст, ё нест. Дунёи шеъру шоирӣ чун дунёи варзишӣ нест, ки ба шеър дараҷаи як, дараҷаи се, нишони биринҷ бидиҳанд. Довари шеър як шоири бознишаста шеършиносон наметавонанд бошанд. Довари шеър як миллат аст, насл пушти насл» [154].

Нусрат Раҳмонӣ, махсусан, дар эҷоди шеърҳои кӯтоҳи нимасуннатияш мувофиқ аст. Дар шеъри «Субҳ» чунин менигорад:

Субҳ дар роҳ аст, бовар доштам инро,
Субҳ бар асли сапедаш тунд метозад.
В-ин шаби шаб ранг мебозад,
Субҳ меояд ва ман,
Дар ойина мӯйи сапедамро
Шона хоҳам кард...

Қиссаи бедоди шабро бо сапеди субҳдам
Афсона хоҳам кард [155].

Ҳамон гуна ки дар боло зикр намудем истеъдод ва заковати баланд, маҳорати ҳунарии шоир бештар дар ҳавзаи забон, истифодаи таркиботу вожагон дар сохтани фазоҳои мухталиф, офариниши саҳнаҳои рангини муҳити атрофи ӯ бисёр арзишманд аст. Дар ашъори вай мо ҳузури зиндагии забони кӯча, забони роиҷ миёни мардумро мебинем.

Шоир то замоне, ки мазмуну мавзуеро дар ботин коркард накардаву сурати аввалияшро тафсил накарда бошад, онро ба мухотабон пешниҳод намекунад.

Ба андешаи адабиётшиноси маъруф Ризо Бароҳанӣ Нусрат Раҳмонӣ аз қабили шоироне буд, ки шеъри классикиро хуб омӯхта буд ва аз шеъри нимоӣ низ дарку тасаввури аъло дошт. Пасту баланд кардани мисраъҳоро аз Нимо омӯхта буд. Мунаққид бар ин назар аст, ки дар он замон шеъри муосири форсӣ аз созу абзори мактаби романтизм низ таъсир гирифта буд, ки шоир аз баракати он ба хубӣ дар шеъраш истифода кардааст. Ба ҷуз ӯ шоирони дигаре мисли Нодирпур, Муширӣ сабку услуби романтизмро ба гунаи шоиста дар ашъорашон истифода намудаанд, вале баъдҳо номбурда дар муоширату рафтуомаде, ки бо шоирони навпардозтар барқарор намуда буд, аз равияи мазкур комилан канор рафт [51, с. 243].

Нақш ва ҷойгоҳи ҷараёни шеъри нимасуннатиро метавон чунин хулоса намуд: Бо мақсади равшан гаштани масъала дар бахши болоӣ мо, ашъори машҳуртарин намояндагони шеъри нимасуннатиро таҳлилу баррасӣ кардем. Аз таҳқиқ маълум шуд, ки дар давраи мавриди назари мо шеъри нимасуннатӣ ба андозае рушду тараққӣ намуда буд, ки шеъри суннатиро даст ба домани он намерасид. Ҷолиб ин аст, ки намоёнтарин намояндагони шеъри суннатӣ дар тули фаъолияти эҷодии худ навиштану эҷоди шеърро ба шеваи нимасуннатӣ таҷриба намудаанд. Майдони шеъри нимасуннатӣ гӯё маконе буд, ки шоиронро барои қадами баъдӣ дар марзи шеъри нав омода месохт. Муҳимтарин хусусияти шеъри нимасуннатӣ корбурди гуногунмаънои вожагон дар матни шеър аст. Дар ашъори шоироне мисли Нодири Нодирпур, Фаридуни Таваллулӣ, Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя,

Сиёвуши Касроӣ ва дигарон вожагони инъикосгари табиат ва ҷаҳони ишқу ошиқӣ бо ҳам омезиш пайдо мекунанд ва як таркиби зебо аз табиату ишқ ба зуҳур мерасад.

Дар ашъори Нусрат Раҳмонӣ забони кӯчаву бозор ва забони расмӣ дар шаҳр ҷилваи тоза пайдо менамояд. Ашъори нимасуннатӣ аз нигоҳи истифодаи образҳои шеърӣ, тавсифу тасвир низ ба сарзаминҳои диданӣ мерасад. Дунёи хаёлӣ, муҳити атроф бахусус дар шеъри Нодири Нодирпур ва Ҳушанг Соя ҷойгоҳи хосса дорад, ки ин махсусияти шеъри ин давр мебошад.

1.4.2. Ҷараёни шеъри озод ё шеъри нимоӣ

Шеъри озод дар ин давра раванди тадриҷии камолу пешрафт, дурахшандагии худро аз сар гузаронид ва дар ҷомеаи адабӣ ҷойгоҳи хосси худро пайдо намуд. Мухолифони ин ҷараён дигар қодир набуданд даст ба инкори он бизананд.

Пештози ин ҷараён дар ин давра мисли пешин Нимо Юшиҷ буд, ки бо ин шева ҳам шеър эҷод менамуд ва ҳамзамон мақолоту рисолаҳои назарӣ дар дифоъ ва ҳимоят аз шеваи худ таълиф менамуд. Ин ҳама саъю талоши вай барабас нарафт. Ӯ тавонист як мактаберо ба вуҷуд оварад, ки беҳтарин пайравонаш Ҳушанг Соя, Сиёвуши Касроӣ, Суҳроби Сипеҳрӣ, Нусрат Раҳмонӣ ва Исмоил Шоҳрӯдӣ буданд.

Нимо Юшиҷ чун шоири навпардоз шеъри озодро аз тариқи забони фаронсавӣ ва ошноӣ бо шеъри Аврупо шинохт ва дар забони форсӣ татбиқ кард. Ӯ дар давраи мавриди назар ашъори зиёди озод эҷод кардааст. Муҳимтарин вижагии шеъри озод иборат аз он буд, ки дар сурати он, банд нақши асосӣ мебозид. Барои намуна аз шеъри «Умед» се бандро меорем:

Дар ноҳияи саҳар, хурусон,
Ин гуна ба рағми тирагӣ мехонанд:
«Ой омад! Субҳи равшан аз дар
Бикшода ба ранги хуни худ пар.

Савдогарҳои шаб гурезон,

Бар маркаби тирагӣ нишаста,

Доранд зи роҳи дур меоянд»

Дар банди мазкур гарчанде ки вазн муроот шудааст, вале абёт қофияи муназзам надоранд. Созу абзоре, ки шеърро сарипову устувор нигоҳ медорад, вожаҳои меоянду мехонанд, хурусону гурезон, дару пар мебошанд, ки ду калимаи аввал аз нигоҳи макони ҷойгузин комилан фарқ мекунанд, яке дар мисраи дувум ва дигаре дар мисраи охирин омадааст. Нимо худ бар ин назар буд, ки дар шеър қофия муҳим нест. Қофия занги матлаб аст. Ба ин маънӣ, ки ҳар куҷо матлаб тамом шуд, он ҷо метавон қофия гузошт. Дар банди дувум бошад, вазъият комилан дигар аст.

Ой омад субҳ ханда бар лаб,

Барбоддеҳи ситезаи шаб.

Аз ҳам гусели фасонаи ҳавл,

Пайванднеҳи қатори айём.

То бар сари ин ғубори ҷунбанда

Бунёни дигар кунад.

То дар дили ин ситезаҷӯ тӯфон,

Тӯфони дигар кунад… [131, с. 307].

Банди мазкур байти аввал муқаффо аст ва танҳо байти охирин бо ҳузури калимаи «тӯфон» ба банди болоӣ ҳамқофия мегардад.

Назарияпардозӣ дар майдони адабиёт ба Нимо ин шароитро фароҳам овард, то ба шеъри худ рӯ ба рӯ гардад ва онро таҳқиқ намуда, хусусиятҳои барҷастаи онро ошкор созад. Нимо дар ҷустуҷӯйи як нишонашиносӣ буд, ки имкон диҳад робитаеро бо шеъри суннатӣ фароҳам созад. Метавон гуфт дар шеъри Нимо ҷойгоҳи вожаҳо дар маънои расидани онҳо то ҳадди зиёде ба занҷираи забонии пасу пеши онҳо марбут мешавад, ки мисолаш шеъри болоист.

Пас аз Нимо Суҳроби Сипеҳрӣ намояндаи шеъри нимоӣ мебошад, ки шоири иҷтимоӣ ва дарунгаро буд. Ба навиштаи Рӯзбеҳ Муҳаммадризо «ӯ низ монанди бисёре аз навпардозони ҳамрӯзгори худ бо фурмҳои чаҳорпораву

шибҳнимоӣ, мутаассир аз Таваллуливу Нимо вориди арса шуд. Аммо ошноии амиқи ӯ бо ҳунар, ирфон, адён ва асотири машриқзамин аз як сӯ ва шеъру ҳунари мудерни Ғарб аз дигар сӯ вайро ба қаламрави тозатаре кашонд» [78, с. 225].

Суҳроби Сипеҳрӣ дар шеъру шоирӣ ҷойгоҳи хосса дорад. Тозагӣ, шаффофият ва балоғати зеҳну забон, табиатгароии амиқ ва эҳсосу андешаҳои латифи инсонӣ муҳимтарин барҷастагиҳои шеъри Сипеҳрӣ мебошанд. Ӯ дар корбурди санъатҳои бадеӣ, ороишҳои бадеӣ аз қабили маҷоз, ҳисомезӣ, шахсиятбахшӣ, ҳанҷоршиканӣ ниҳоят мумтоз буд. Маврид ба зикр аст, ки шеъри шоир бо вуҷуди баҳрабардорӣ аз як системаи шаклгирифтаву решадоршудаи фикриву фалсафӣ боз дорои сохту тартиби хосси дохилӣ мебошад. Шеърҳои Суҳроб аксар ташкилшуда аз мисраъҳои парешону парокандае мебошанд, ки баёнгари ҳаракоти зеҳниву отифии ӯ ҳастанд. Илова бар ин шеъри ӯро метавон шеъри тасвириву ҳарфӣ ҳисобид. Шеърҳое, ки аз як ҷониб ба қитъаҳои кӯтоҳ шабоҳат доранд, аз тарафи дигар ба сари худ мустақиланд [78, с. 227].

Дар ашъори Суҳроби Сипеҳрӣ воқеатгароӣ ба зеҳнгароӣ бартарӣ дорад. Суҳроб зимни эҷоди шеър талош меварзад дар тасвиргароӣ асолатро ба дунёи даруну зеҳнӣ кардани тасвирҳо бидиҳад. Маҳз дар ҳамин ҷост, ки шеваи тасвирофаринии ӯ аз Нимо тафовут пайдо мекунад. Ба сифати мисол намунае аз ашъори ӯро меорем:

«Хонаи дӯст куҷост?» Дар фалақ буд, ки пурсид савор,
Осмон максе кард,
Роҳгузар шохаи нуре, ки ба лаб дошт, ба торикии шинҳо бахшид.
Ва ба ангушт нишон дод сапедореву гуфт:
«Нарасида ба дарахт,
кӯчабоғест, ки аз хоби Худо сабзтар аст
Ва дар он ишқ ба андозаи парҳои садоқат обист.
Меравӣ то таҳи он кӯча, ки аз пушти булуғ, сар ба дар меорад,
Пас ба самти гули танҳоӣ мепечӣ,
Ду қадам монда ба гул
Пойи фаввораи ҷовиди асотири замин мемонӣ

Ва туро тарси шаффоф фаро мегирад
Дар самимияти саёли фазо хиш-хише мешунавӣ:
Кӯдаке мебинӣ
Рафта аз коҷи баланде боло, ҷуҷа бардорад аз лонаи нур
Ва аз ӯ мепурсӣ
Хонаи дӯст куҷост? [83, с. 154].

Ноқидону пажуҳандагони шеваи Нимо фаровонанд, аммо ба назари мо таҳқиқоти шоиру муҳаққиқи имрӯз Маҳдӣ Ахавони Солис перомуни фарқиятҳои шеваи эҷоди Нимо ва Суҳроб қобили таваҷҷуҳ мебошад.

Ба андешаи ӯ «як тафовути умдаи шеъри ӯ бо Нимо шеваи баёне аст, ки вай аз ашъори нимоӣ баргузидааст. Дар ҳоле ки Нимо ба самбулизм (рамзгаройӣ – Ш.Ф.) майл дошт ва гиреҳҳои маъниву ибҳоми ҳунариро асоси шеваи баёни худ қарор дода буд, Суҳроб ба баёни сода алоқаманд буд. Ӯ ҳеҷ гоҳ дар шеърҳояш хонандаро гирифтори муодилаҳои думаҷҳулӣ намекунад ва мутаваҷҷеҳ аст, ки хонандаи шеъраш мумкин аст аз табақаи нухбагон набошад. Мунтаҳо содагии шеъраш на дар ҳадде аст, ки авомона шавад ва на он қадар мушкил аст, ки фақат гурӯҳи хоссе онро дарёбанд» [40, с. 302].

Суҳроби Сипеҳрӣ ҳарчанд аз мактаби Нимо шинохти васеъ дошт, вале дар эҷоди шеър сабку шеваи ба худ хосро риоят менамуд. Дар тули фаъолияти эҷодӣ ҳамеша раванди камолу пухтагиро тай намуда аст.

Баъд аз Суҳроби Сипеҳрӣ Исмоил Шоҳрӯдӣ аз ҷумлаи шоиронест, ки дар давраи мавриди омӯзиши мо ба ашъори нимоияш маҳбубияти зиёде касб намуд. Исмоил Шоҳрудӣ аз овони ҷавонӣ ба Ҳизби тӯда пайваст ва бо ашъоре, ки суруд номи «шоири халқ»-ро касб кард. Танҳо пас аз табаддулоти низомии соли 1953 мамнуъқалам шуд ва муддате нагузашта боздошт гардид ва бар асари он вазъи муътадили равониашро аз даст дод. Ҳушанг Соя низ дар ин давра беҳтарин намунаи шеърҳои нимоияшро эҷод кардааст. Ҳарчанд дар ашъори Ҳ.И. Соя мазмунҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ зиёданд, вале бахши асосии девони ӯро мазомини ишқӣ-лирикӣ ташкил мекунанд. Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя ҳатто замоне, ки атрофи

масоили мухталиф файласуфона меандешад, каломаш боз ҳам рангу бӯйи лирикӣ дорад, ки намунааш шеъри «Марг» аст:

Марг дар ҳар ҳолате талх аст,
Аммо ман
Дӯсттар дорам, ки чун аз раҳ дарояд марг.
Дар шабе ором чун шамъе шавам хомӯш
Лек марги дигаре ҳам ҳаст
Дарднок, аммо шигарфу саркашу мағрур
Марги мардон
Марг дар майдон [135, с. 31].

Соя воқеан аз ҷумлаи шоироне ба шумор меравад, ки шеъраш чанд сохт аст. Ба ин маънӣ, ки шеъри ӯро метавон бар асоси зеҳнияти лирикӣ мавриди омӯзиш қарор дод ва ҳам бар пояи дигар шеваҳои маънирасонӣ. Ба дигар сухан, ҳар кас метавонад бар асоси қобилиятҳои шинохту дарки хеш бардошти хоссе аз шеъри вай дошта бошад. Маҳорати тасвирофаринии шоир, махсусан, дар сатҳи отифӣ бисёр шигифтангез аст, ки доирааш шеъри поёнӣ мебошад:

Дар нуҳуфти пардаи шаб
Духтари хуршед
Нарм мебофад,
Домани раққосаи субҳи тиллоиро.
В-аз ниҳонгоҳи сиёҳи хеш,
Месарояд мурғи маргандеш,
«Чеҳрапардози саҳар мурдаст,
Чашмаи хуршед афсурдаст»
Медавонад дар раги шаб
Хуни сарди ин фиреби шум
В-аз нуҳуфти пардаи шаб,
Духтари хуршед
Ҳамчунон оҳиста мебофад
Домани раққосаи субҳи тиллоиро [1, с. 40].

Адабиётшиноси маъруф Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ перомуни ҷойгоҳи Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя дар адабиёти муосир чунин назар дорад: «Шеъри ҳеҷ як аз муосирони зинда наметавонад ба шеъри Соя рақобат кунад» [135, с. 11].

Дар соли 2022 китобе бо номи «Гар ишқ бимирад» (мунтахаби ғазалиёти Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя) ба нашр расид, ки адабиётшинос Ҷ.С. Қосимов ба он пешгуфтори муфассале навишта, ҷанбаҳои хосси ғазалиёти шоирро таъкид намудааст [1, с. 3-20].

Ҳарчанд пайравони шеъри нимоӣ дар ин давра зиёданд, вале мо бо исми шоирони мазкур иктифо мекунем ва чанд нуктаи умумиро перомуни ҷанбаҳои шеъри нимоӣ дар ин давра баён мекунем:

Яке аз нукоти назаррас дар шеъри нимоии ин давра бархӯрд ба масъалаи забон аст, ки корбурди он дар ҳар шоире вижагиҳои худро дорад.

Аксари муҳаққиқон зимни баррасии ин масъала ишора мекунанд, ки забони ашъори Нимо заъфҳои зиёде дорад. Бо вуҷуди он ки дар ин давра ӯ мехоҳад дар забон тағйире ба вуҷуд оварад. Ӯ ба забони рустоӣ ё иқлимии худ рӯй меорад, забонро печида месозад, вале комёбиаш чашмрас нест. Бар хилофи ӯ Суҳроби Сипеҳрӣ, ки зери таъсири вай қарор дорад, ҷонибдори забони содаву қобили дарку фаҳм аст.

Шеъри шоирони нимоӣ дар ин давра аз нигоҳи образҳои бадеӣ низ пешрафтҳои қобили мулоҳиза дошт. Ин масъала, махсусан, дар шеърҳои Нимо бартариҳои назаррас дошт. Хаёл ва хаёлпардозӣ дар ашъори аксари пайравони шеъри нимоӣ ҷойгоҳи намоён пайдо карда буд. Масалан, шеъри Соя ва Гулчини Гелонӣ аз манзараи хеле зебову дилкаш ба ҳастии инсон менигарад. Шеъри шоирони ин гурӯҳ аз нигоҳи отифаи шеърӣ низ гуногун аст. Доираи мухотабону ҳаводорони ин гурӯҳ низ қобили зикр аст, зеро теъдоди нашрияҳову маҷаллаҳо афзуда, шумораи рӯзномаҳо ҳам зиёд шудааст.

1.4.3. Ҷараёни шеъри мансур

Дар радифи ҷараёнҳое, ки дар боло таҳлилу баррасӣ шуданд, дар тули солҳои 40-ум ва 50-ум ҷараёни дигаре дар шеъри муосир зуҳур кард, ки аз он

ҳамчун шеъри мансур ёд мекунанд. Шеъри мансур имрӯз дигар мавзуи тозае нест. Гузашта аз ин дар давоми солҳо дар хусуси он ҷустуҷӯву ковишҳои зиёде анҷом шуда ва маводди фаровоне мунташир шудааст. Бо вуҷуди он ин ҷараён нуқтаҳои нашнохта зиёд дорад. Дар ҳар сурат чун сухан атрофи ин ҷараён аст, номуносиб нест чанд нукта арз гардад. Муҳаққиқи номвар Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ дар китоби нодири «Мусиқии шеър» зимни арзёбии мавзуи шеъри мансур ва шохисҳои фанниву ҳунарии он хотиррасон менамояд, ки «шеъри мансур душвортарин навъи шеър аст. Аз ин ҳама шоирони боистеъдод, ки дар қаламрави шеъри мавзун ғолиби шоҳкорҳоро ба вуҷуд овардаанд, як тан натавонист як қитъа шеъри мансур бисарояд, ки худ пас аз чанд рӯз пушаймон нашуда бошад» [103, с. 112].

Қобили зикр аст, ки шеъри мансур пас аз таҳаввуле, ки бо зуҳури Нимо Юшиҷ дар қолаби шеър падид омад, касоне ба ин фикр афтоданд, ки шеърро ба андозаи васеътаре аз қайду побандӣ озод намоянд. Бо гузашти замон шеърҳое ба зуҳур расиданд, ки вазну қофия надоштанд ва бо номҳои шеъри мансуру шеъри сапед дар нашрияҳо ба табъ мерасониданд. Ҳарчанд қабулу пазириши он якбора муяссар нашудааст, вале имрӯз ин навъи шеър ҳамчун ҷараёни боназму мураттаби шеъри муосир шинохта шудааст. Шеъри мансур аз вазн комилан бебаҳра аст ва ҳеҷ банду қайде дар истифодаи қофия надорад. Зоҳири ин шеър шабеҳи наср аст.

Шоирони ин қолаби шеърӣ талош мекунанд, фарқияти осори худро аз наср ба хонандагон гӯшзад намоянд, вале мутаассифона бисёре аз ин шеърҳо ҷуз ҳамон мисраъҳои зинаӣ, пайвастагие ба шеър надоранд. Тавре ки маълум аст, имрӯз намунаҳои ҷолибе аз шоирони мансур дар адабиёти форсӣ ба вуҷуд омадаанд ва бар пояи арзёбии он мисолҳо ва омӯзиши дидгоҳҳои муҳаққиқон метавон ба бархе аз вижагиҳои шеъри мансур ишорат намуд.

Яке аз хусусиятҳои барҷастаи шеъри мансур аз он иборат аст, ки эҷодкорони ин навъ шеър саъй мекунанд, мисраъҳои шеъриро оҳангдор созанд, то ҷойи холии вазнро то андозае пур созанд. Албатта, дар ин ҷанби адабиёти форсӣ безамина нест. Насри классики мо, махсусан, «Таърихи Байҳақӣ» мисоли

равшане аст, ки муҳаққиқон Ризо Бароҳанӣ ва Шафеии Кадканӣ ба он ишорат фармудаанд [51; 104].

Шеваи дигари шоирони ин ҷараён дар матни шеър ба кор гирифтани таваққуфу фосилаҳо, ҷонишину зарф ва дигар унсурҳои забон мебошад.

Дар шеърҳои мансур ҳамчунин ба ҷанбаҳои мусиқоии шеър ва калимаҳо таваҷҷуҳи хоссе шудааст. Ниҳоят истифода аз имконоту заруриятҳои забонӣ, чунончи:

Ҳама
Ларзиши дасту дилам
Аз он буд
Ки ишқ
Паноҳе гардад
Парвозе на
Гурезгоҳе гардад.
Ой ишқ, ой ишқ
Чеҳраи обият пайдо нест,
Ва хунчакон марҳаме
Бар шуълаи захме
На шӯри шуъла
Бар сармои дарун
Ой ишқ, ой ишқ
Чеҳраи сурхат пайдо нест [66, с. 286].

Яке аз заминаҳои пайдоиши шеъри мансури Эрон тарҷумаи ашъори шоирони Ғарб ба забони форсӣ аст. Маводди тарҷумашуда бештар дар нашрияҳое чоп мешуд, ки дар бахшҳои пешини диссертатсия онҳоро таҳлил намудем. Тарҷумаҳо тадриҷан дар зеҳнияти шоирон ин андешаро барангехт, ки шеърро метавон дар қолабҳои комилан озод аз қофия эҷод намуд.

Аҳмади Шомлу, ки худ мутарҷими ашъори ғарбӣ буд, борҳо таъкид намудааст, ки матни ин тарҷумаҳо дар эҷоди шеъри мансури ӯ бисёр арзишманд аст.

Марҳилаи дуюм, ки дар рушди шеъри мансури Эрон саҳм гузоштаанд, қитъашеърҳое мебошанд, ки бо таҳлилу пайравӣ аз шеъри ғарбиён суруда шудаанд. Чунин ашъореро «қитъаи адабӣ» меноманд. Агар шоиронро номбар карданӣ бошем, зарур аст пеш аз ҳама аз Ҳушанги Эронӣ, Муҳаммад Шайбонӣ ва Парвизи Дориюш ном бибарем, зеро онҳо буданд, ки пештар аз Аҳмади Шомлу дар ин давра шеъри мансур гуфтаанд.

Ҳушанги Эронӣ замоне бо Муҳаммад Шайбонӣ маҷаллаи адабии «Хуруси ҷангӣ»-ро нашр менамуд ва аввалин намунаҳои ашъори худро дар ин нашрия ба чоп мерасонид. Ҳушанги Эронӣ, ки муддати тулонӣ дар Ғарб зиндагӣ кардааст ба шеъри мудерни ғарбиён ошно буд. Перомуни сатҳу дарки вай аз шеъри мансур ва камолоти ҳунарияш Шафеии Кадканӣ дар мақолае қайд намудааст, ки номбурда аз намояндагони номвари шеъри мансури имрӯз ба шумор меояд. Нахустин нуктае, ки дар навиштаҳои ӯ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошад, фаҳмишу дарки дурусташ аз мафҳуми шеъри мансур аст. На ҳар шоире мансурнавис тасаввури комиле аз ин тарзи эҷодгарӣ дорад. Ба қавли Кадканӣ фазову муҳите, ки дар шеъри Ҳушанги Эронӣ дида мешавад, аз таъсирпазириаш аз шеъри мансури шоирони Ғарб гувоҳӣ медиҳад. Яке аз муҳимтарин шеваи офаридаҳои мансури Ҳушанги Эронӣ дар бахши забон, ки моҳият ва ҷавҳари шеъри мансур аст, баҳрагирӣ аз санъати ҳисомезӣ аст. Гузашта аз ин фазои шоиронае, ки ӯ бунёд намудааст, намунаи тасаввури наву ирфонии ғарбӣ аст, ки намунааш дар эҷодиёти шоирони дигар аз ҷумла, Сипеҳрӣ ҳам дида мешавад. Шафеии Кадканӣ таъкид менамояд, ки Ҳушанги Эронӣ дар он замон дар шинохти шеъри мансур пештар аз Аҳмади Шомлу будааст [103, с. 126].

Парвизи Дориюш аз дигар шоироне аст, ки пештар аз Аҳмади Шомлу дар адабиёти муосири форсӣ ҳамчун шоири шеъри мансурнавис шинохта шудааст.

Алии Шерозӣ, ки бо тахаллуси Партав Шин маъруф аст, дар радифи Парвизи Дориюш яке аз чеҳраҳои маъруфи шеъри нав ё шеъри мансур аст, ки замоне Нимо Юшиҷро таҳти таъсири худ қарор дода буд.

Нимо дар номае ба Алии Шерозӣ чунин менависад: «дар ин шева ин қабил шеърҳо на фақат беназм нест, балки назми он дастмузди заҳмату мувозибат ва ҳавсалаи махсусе аст» [129, с. 320].

Рушду такомули ҷараёнҳои шеъриро дар солҳои 40-уми аср XX метавон чунин хулоса намуд. Аввал ин ки давраи мазкур дар пайванд бо рушду такомули ҷараёнҳои шеърӣ яке аз дурахшонтарин даврaҳо маҳсуб мешавад ва сабаби аслиаш мавҷудияти нашрияҳои адабӣ-иҷтимоие мебошанд, ки дар ин давра таъсис гардиданд ва зимоми адабиёт ва махсусан, шеърро ба даст гирифтанд. Тарҷумаи ашъори навгароёнаи шоирону адибони мағрибзамин тавассути ин нашрияҳо равнақи беандоза пайдо намуд. Шеъри суннатӣ ҳарчанд дар ин давра ба рӯйи пояҳои пешин ҷараён дошт, вале шеъри навпардозона ба гунаҳои мухталиф аз худ дарак медод. Дар муаррифиву вусъати шеъри ин давра, чи суннативу нимасуннатӣ ва чи озод нақши шоироне мисли Парвиз Нотили Хонларӣ, Таваллулӣ, Гулчини Гелонӣ ва дигарон назаррас аст. Аксари адибони ин давр дар баробари шоир будан, назарияпардози шеър ҳам буданд, ки мисолаш Парвиз Нотили Хонларӣ мебошад.

Ҷараёни шеъри мансур бошад, дар ин давра бо офаридаҳои Аҳмади Шомлу дар адабиёти муосир маъруфу решадор мегардад, аммо Муҳаммад Тундаркиё, Ҳушанги Эронӣ, Парвизи Дориюш ва Алии Шерозӣ аз зумраи шоироне буданд, ки пеш аз Аҳмади Шомлу осоре бо шевае мансур офаридаанд. Танҳо бо ин фарқ, ки Аҳмади Шомлу бар хилофи онҳо ба ҳама ҷанбаҳои шеър назар дошт ва онро ҷиддӣ гирифт. Тамоми умр кӯшид ба таври рӯзафзун шеърашро бо равишҳои гуногун такмил диҳад. Шоирони пешин бошанд, бо гузашти чанд замоне шеваи офаринишро канор гузоштанд. Ба ҳар сурат корномаи онҳо барои насли баъдӣ, аз ҷумла, Аҳмади Шомлу ибратомӯз буд, зеро мероси боқимондаи онҳо имрӯз аҳаммияти муҳимми адабию бадеиро соҳиб мебошад.

БОБИ II
ЗИНДАГИНОМА ВА МЕРОСИ АДАБИИ АҲМАДИ ШОМЛУ

2.1. Шарҳи ҳоли Аҳмади Шомлу

Аҳмади Шомлуро дар ҷомеаи адабии Эрон на танҳо ҳамчун нависандаву рӯзноманигор, муҳаққиқу назарияпардози адабиёт ва ходими бузурги иҷтимоӣ мешиносанд, ҳамчунин мавсуф аз чеҳраҳои мондагори фарҳангу адаби Эрон ва бунёдгузори воқеии ҷараёни «шеъри сапед» аст. Ӯро инчунин фарҳангнависи номвар эътироф кардаанд, ки муаллифи китоби бузурги «Китоби кӯча» аст. Ин асар бузургтарин сарчашмаи пажуҳишӣ дар бораи фарҳанги мардуми Эрон ба ҳисоб меравад. Омӯзиши зиндагиномаи ӯ аз оғоз нишонгари он аст, ки ҷараёни ҳаёташ, макону низоми доимӣ ва устуворе надоштааст.

Аҳмади Шомлу 12 декабри соли 1925 дар Сафи Алишоҳи Теҳрон, дар хонадони Ҳайдар ба дунё омадааст. Падараш аз рустои Шомлу, ки дар 20 километрии Табрез аст, мебошад. Модараш Кавкабхонум аз муҳоҷирони қафқозӣ буд, ки ҳангоми Инқилоби Октябри Россия ба ҳамроҳи хонаводааш Болоҷаббор ба Эрон кӯчонда шуда буд.

Падари шоир Ҳайдар шуғли афсарӣ дошт ва дар артиши Ризошоҳ хидмат мекард. Даврони кӯдакии Шомлу дар шаҳрҳои мухталифи Эрон, аз қабили Рашту Самара, Исфаҳону Ободон ва Шероз гузаштааст.

Даврони мактабхонии вай дар шаҳрҳои Хош, Зоҳидон, Машҳад, Бирҷанду рустои Шомлу гузаштааст. Шомлу ҳанӯз аз синни 12-13 солагӣ ба ҷамъоварии вожагоне, ки дар фарҳангҳои расмӣ сабт нашуда буданд, шуруъ мекунад. Таҳсилоти миёнаро дар шаҳрҳои Гургон, Теҳрон дар (мадрасаи Фирӯз Баҳроми Теҳрон) гирифта, ба хотири омӯхтани забони олмонӣ муддате дар ҳунаристони санъати Эрону Олмон таҳсил кардааст. Даврони таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи вай бисёр парешону номуназзам буда, таҳсилоти донишгоҳӣ ба ӯ муяссар нагаштааст.

Ӯ бо саъю талоши мустақил забону адабиёти форсӣ ва забони фаронсавиро дар сатҳи олӣ меомӯзад. Муҳаққиқ Сирус Шамисо роҷеъ ба роҳи камолу шукуфоии эҷодии Аҳмади Шомлу чунин қайд менамояд: «қасидае, ки хитоб ба падар дар ташвиқи ӯ ба ҳаводорони халқ суруда, ошноии комили ӯро бо рамузи шеъри хуросонӣ нишон медиҳад. Арабӣ намедонист, аммо унси ӯ бо мутуни назму насри форсӣ ва истеъдоди шигифти худододаш ӯро араби комилтайёр карда буд. Чунончи дар дастури забон ва расмулхати форсӣ ва ойини нигориш ба орои хоссе расида буд. Тарҷумаҳои ӯ низ дилангезу зебост. Ӯ аз маъдуд шоироне аст, ки ҳам дар маъно ва ҳам дар сурати шеър тағйир эҷод кард» [88, с. 607].

Шоир дар ибтидои солҳои чилум бо хонавода ба Гургон мекӯчад, зеро падарашро барои ба тартибдарории жандармерии Гургон, ки аз ҳам пошида буд, ба Гургон ба маъмурият мефиристанд. Он замон Ҷанги дувуми ҷаҳон идома дошт ва иттифоқчиён ба Эрон даромада буданд. Дар айни шиддати ҷанг ӯ ба муборизаҳои сиёсӣ ҷалб шуд ва алайҳи иттифоқчиён мубориза бурд. Вақте ки ба Теҳрон баргаштанд, ӯро дар Теҳрон дастгир намуда, ба зиндони шаҳри Рашт фиристонданд. Пас аз озодӣ аз зиндон бо хонаводааш ба Урумия рафт ва ба таҳсилаш дар мактаби миёна идома дод. Аммо ҳамзамон бо ба қудрат расидани Пешоварӣ ва фирқаи демократии Озарбойҷон бо падараш дубора дастгир шуданд, ки ин дер давом накард. Пас аз озод шудан ба Теҳрон бозгашт ва барои ҳамеша таҳсилро канор гузошта, дар як китобфурӯшӣ ба кор даромад.

Соли 1953 пас аз табаддулоти низомӣ, бо кумаки Амрико алайҳи доктор Мусаддиқ фазои бози сиёсӣ баста шуд.

Маҷмуаи шеъраш бо номи «Оҳанҳо ва эҳсос» аз ҷониби маъмурони политсия дар чопхона сӯзонда шуд. Маъмурони политсия ҳамзамон ба хонаи ӯ ҳуҷум намуда, тарҷумаи «Тилло дар лаҷом», асари Зигмунд ва бахши бузурги китоби «Марде, ки қалбаш аз санг буд», асари Мур Юкой ва миқдори зиёди ҳикояҳои худи вайро бо ёддоштҳои «Китоби кӯча» аз байн бурданд. Аммо бо дастгир шудани Муртазо Кайвон нусхаҳои ягонаи навиштаҳояш, аз ҷумла «Марги занҷира ва се мард», «Аз бандари беофтоб» аз тарафи маъмурон

мусодира ва гумном шуд. Аҳмади Шомлу рӯ ба фирор меорад, вале ба зудӣ дар чопхонаи рӯзномаи «Иттилоот» дастгир шуда, ба унвони зиндонии сиёсӣ ба зиндони муваққат фиристода мешавад. Ӯро дар зиндони машҳури Қаср бандӣ месозанд. Дар зиндон дар радифи шеърнависӣ ба пажуҳиши «Шоҳнома» шуруъ мекунад ва сиёҳнависии «Дастури забони форсӣ»-ро омода месозад. Ҳамзамон қиссаҳои зиёде навишта, аз зиндон ба берун интиқол доданӣ мешавад. Мутассифона навиштаҳояш зимни интиқол аз байн мераванд.

Пас аз табаддулоти низомӣ таъқибу саркӯб намудани онҳое, ки ҷонибдору ширкаткунанда дар ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ё узви Ҳизби тӯдаи Эрон буданд, оғоз мегардад ва гурӯҳи зиёде кушта ва зиндонӣ мегарданд. Шоири тавоно, муборизи роҳи озодӣ Муртазо Кайвон, ки зиндонӣ гардида буд, бо нуҳ нафар аъзои Ҳизби тӯда қатл карда мешавад. Аҳмади Шомлу бошад пас аз як соли дар ҳабс будан озод мегардад.

Дар ин миён китоби «Марде, ки қалбаш аз санг буд» дар чопхонаи «Нашрияи Солис» ба чоп мерасад. Соли 1977 замони ишғоли сафорати Амрико дар Теҳрон Аҳмади Шомлу яке аз ҳомиёни ин амр буд, ки имзои ӯ зери паёми конуни нависандагони Эрон дар донишҷӯёни тасхиркунандаи сафорат омадааст. Ин паём ҳамон солҳо дар рӯзномаи «Иттилоот» ба чоп расидааст.

Шоир дар имтидоди зиндагӣ се маротиба издивоҷ намудааст. Бори аввал бо бону Ашрафулмулук Исломия соли 1946 издивоҷ менамояд, ки ҳосили ин пайванд чаҳор фарзанд бо номҳои Сиёваш, Сирус, Сомон ва Соқӣ мебошад. Мутаассифона ин издивоҷ зиёд тул накашид.

Издивоҷи дуюми мавсуф бо хонум Тӯсии Ҳоирӣ буд. Мавсуф нависанда, мутарҷим ва нахустин гӯяндаи радиои миллии Эрон аз ҳисоби занон буд. Ин пайванд низ пас аз зиндагии муштараки чаҳорсола аз ҳам пошида мешавад.

Аввали моҳи майи 1962 барои Аҳмади Шомлу рӯзи бисёр муборак ба ҳисоб меравад, зеро шоир дар ин рӯз бо Ойдо Саркисян шинос мешавад. Баъди ин шиносоӣ роҳи зиндагии вай комилан тағйир меёбад. То ошноӣ бо Ойдо Аҳмади Шомлу комилан як адиби камкору камҳавсала буд. Ҳеҷ асари ҳунарӣ эҷод наменамуд, вале пас аз издивоҷ бо Ойдо шоир гӯё дубора таваллуд шуд. Зиндагӣ

барояш маънии тоза пайдо намуд. Худи шоир перомуни ин падидаи хушоянд зимни як мусоҳиба бо маҷаллаи «Фирдавсӣ» чунин иброз дошта буд: «Ҳар чи менависам барои ӯст ва ба хотири ӯ. Ман бо Ойдо он инсонеро, ки ҳаргиз дар зиндагии худ пайдо накарда будам, пайдо кардам».

Шоир бо Ойдо соли 1964 издивоҷ намуда, то поёни умри Аҳмади Шомлу бо ҳам зиндагии саршор доштаанд.

Воқеан, Ойдо дар эҷоду офариниши осори ҳунарии шоир нақши назаррасу созанда дошт ва касоне ки корномаи шоирро таҳқиқ кардаанд, ҳатман мусоҳибае бо ӯ дар ин мавзуъ анҷом додаанд.

Воқеияти риштаи ҳунарӣ ин аст, ки ҳар истеъдоде дар раванди зуҳуру камоли хеш аз касе ё шахсияте таъсир мегирад, роҳу равиши ӯро дастури фаъолияти худ қарор медиҳад. Аҳмади Шомлу низ аз ин доира истисно набуд. Ӯ дар ҷавонӣ бори нахуст соли 1946 бо Нимо, ки аллакай дар ҷомеаи адабӣ ҳамчун шоири навпардоз, муаллифи «Афсона» ном бароварда буд, шинос мешавад. То ин дидор шоир акси ӯро бо ашъораш дар рӯзномае дида, шефтаи сурудаҳои ӯ мегардад ва бар асари ҷустуҷӯ нишонии Ниморо пайдо намуда, бо ӯ мулоқот менамояд. Дар аснои мулоқот аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ӯро ба шогирдӣ қабул намояд.

Муҳаққиқи тоҷик Умар Сафар дар ин хусус чунин назар дорад: «Пайравони Нимо онҳое ки воқеан ба моҳияти кори ӯ, тарзи кораш пай бурда буданд, зиёд буданд ва худи Нимо низ роҷеъ ба кори онҳо дар бархе аз мақолоташ андешаҳояшро баён доштааст, вале ӯ ба шогирдонаш комилан бетаваҷҷуҳ набудааст, балки аз миёни ҳама пайравонаш бештар ба Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя, Аҳмади Шомлу ва Сиёвуши Касроӣ меҳру алоқа доштааст. Дар як чаҳорпора худи ӯ чунин ишора мекунад:

Шаб қисса зи меҳр медиҳад бо ман соз,
Субҳ аз дари шева қаҳр дорад бо соз.
Куллисифаташ бубин ба ҳар ҷо, ки равам,
Чун **Соя** ба ҳампоям меояд боз.

Равшан аст, ки дар ин чаҳорпора Субҳ, Куллӣ ва Соя тахаллусанд. Субҳ тахаллуси Аҳмади Шомлу, Куллӣ тахаллуси Сиёвуши Касроӣ ва Соя тахаллуси Ҳушанг Ибтиҳоҷ аст» [25, с. 152].

Дар он айём шоир ба шиддат таҳти таъсири Нимо қарор дошт ва мавсуф низ вайро аз наздиктарин шогирдони худ мешумурд. Ин шефтагиву дилбастагӣ бо шеваи Нимо то замоне идома дошт, ки Фаридун Раҳнамо шоири боқариҳа аз хориҷ ба Эрон баргашт ва шоир бо вай ошно шуд. Фаридун Раҳнамо, ки солҳои тулонӣ дар Ғарб ба сар мебурд, дар радифи шоирӣ рӯзноманигору синамогар низ буд. Бо шеъру шеваи офариниши ғарбиён ошноии амиқу густурда дошт. Дидору ошноӣ бо ӯ сабаб шуд, ки Аҳмади Шомлу бо вазъи шеъри Ғарб ва ҷараёнҳои он ошно гардад.

Аҳмади Шомлу дар тули умр ба бисёре аз кишварҳои хориҷӣ сафар намудааст. Аз ҷумла, соли 1972 ба Фаронса барои дармон меравад. Соли 1975 донишгоҳи Рум аз ӯ даъват мекунад то дар Конгресси ҷаҳонии Низомии Ганҷавӣ ширкат кунад. Ӯ пас аз пазириши ин даъват бо шоири номвар Яъдулло Руъёӣ ба Италия сафар мекунад.

Соли 1976 бошад Анҷумани «Қалам»-и Амрико ва донишгоҳи Принстон Аҳмади Шомлуро барои ширкат ва шеърхонӣ дар ҳамоиши «Адабиёти имрӯзи Ховари Миёна» даъват менамояд. Зимни мусофират ба Иёлоти Муттаҳидаи Амрико шоир дар донишгоҳҳои Ню Йорк ва Принстон суханрониву шеърхонӣ мекунад ва зимнан бо шоири машҳур Ёшор Камол, Одинис Албаётӣ ва Кузминский шинос мешавад.

Пас аз се моҳи мусофират бо ҳамсараш Ойдо ба Эрон бармегардад. Ҳамон сол бо даъвати донишгоҳи Буалӣ Сино сарпарастии пажуҳишгоҳи донишгоҳи мазкурро ба дӯш мегирад. Чанд моҳ баъд бо нишони эътироз ба ҳукумати Паҳлавӣ Эронро тарк намуда, ба Италия ва аз он ҷо ба Амрико меравад. Зимни иқомат дар Амрико дар донишгоҳҳои Ҳарвард ва Беркли суханронӣ мекунад.

Соли 1978 пас аз як соли саъю талоши беҳосил барои таъсису интишори ҳафтанома ба хотири нашру фаъолият бар зидди режими шоҳ ба Британия рафта, дар Лондон ҳафтаномаи «Эроншаҳр»-ро таъсис намуда, 14 шумораи онро

сармуҳаррирӣ мекунад. Аммо чун миёни дастандаркорони ҳафтанома дар амри мубориза бар зидди режими шоҳ ихтилофу нофаҳмӣ ба вуҷуд меояд аз вазифааш даст мекашад.

Аҳмади Шомлу соли 1988 ба Олмони Ғарбӣ сафар мекунад, то ба сифати меҳмон дар Конгресси дувуми байналмилалӣ таҳти унвони «Адабиёт ба унвони ҷаҳони муштараки ҷаҳони мо» ширкат кунад. Дар ин Конгресс адибону нависандагон аз кишварҳои мухталифи ҷаҳон, аз ҷумла Азиз Несин, Дирак Валкут, Жакондо Пелли ширкат доштанд. Ӯ дар мавзуи «Ман дарди муштаракам, маро фарёд кун» суханронӣ мекунад, ки ба таъсири фақру ноогоҳӣ ва ҳуруфот дар надоштани дастрасӣ ва фарҳанги якпорчаву ягонаи омили ҷаҳонӣ бахшида шуда буд. Ин суханронӣ сабаб мешавад, то ӯро барои шеърхонӣ ва суханронӣ ба Австралия даъват намоянд. Баъд аз чанде бо даъвати Анҷумани «Қалам» ба Шведсия меравад. Дар ин миён сурудаҳои ӯ дар ду ҷилд дар Олмони Ғарбӣ ба нашр мерасанд.

Донишгоҳи Беркли соли 1990 Аҳмади Шомлуро барои ширкат дар ҷаласаҳои маркази пажуҳишу таҳлили масоили Эрон даъват менамояд. Мавсуф ба таври умум дар мавзуъҳои: «Мафоҳими ринду риндӣ дар ғазали Ҳофиз» ва «Ҳақиқат ин қадар осебпазир аст» суханронӣ мекунад. Баъдан маҷмуаи суханрониҳои шоир бо номи «Нигориниҳои ман» ба шакли алоҳида ба табъ мерасанд.

Шомлу ҳамзамон муддати ним сол дар донишгоҳи мазкур аз забон ва адабиёти форсӣ барои донишҷӯён дарс мегӯяд ва пас аз якуним соли мусофират ба Эрон бармегардад. Бо бозгашт ба Эрон як даврони сангине барои шоир оғоз гардид. Ӯ дар гӯшанишиниву танҳоӣ зиндагӣ мекунад.

Соли 1951 замоне, ки нахустин дафтари шеъраш бо номи «Қатънома» ба нашр мерасад, Фаридун Раҳнамо дар муқаддимаи он чунин қайд мекунад: «ритми шеъри Субҳро бо ритми ашъори Эспониюли ва ашъори Амрикои лотинии баъд аз Лорка мешавад муқоиса кард. Дунёи пур аз ашколу тасвири нобаробари Нимо Юшиҷ, ки натиҷаи хушке ба даҳонамон мебарад, бо эҳсосоти

азбандрастаи Субҳ ба роҳ афтодаанд ва моро ба нуқоти амиқи дардкашидашуда ҳидоят мекунанд» [142].

Аҳмади Шомлу перомуни ин муқаддима, ки сабабгори сардии муносибат миёни ӯву Нимо мегардад, қайдҳои ҷолибе дорад. Мавсуф хотирнишон кардааст, ки қабл аз чопи китоб вай аз Фаридун Раҳнамо хоҳиш намуда, то он ҷумлаи мансуб ба Ниморо ҳазф кунад, аммо Раҳнамо розӣ намешавад ва исрор мекунад, ки Нимо одами мантиқӣ аст ва аз ин ҷумла намеранҷад. Аммо мутаассифона Нимо сахт меранҷад ва дигар ҳозир намешавад шарҳу баёнеро перомуни ин мавзуъ бишнавад. Аҳмади Шомлу дар ин бора менависад: «хат кашидан ба арузи қадиму ҷадид амалан ҳосили дарси бузурге буд, ки ман аз корҳои худи Нимо ёд гирифтаам, вале ӯ ҳозир ба таҷдиди назар набуд, ки ҳеҷ. Онро мустақиман даҳанкаҷӣ ба худ талаққӣ кард ва бо интишори «Қатънома» ҳам ба куллӣ аз ман канор кашид ва ҳар бор, ки ба хидматаш рафтам бо сардии бештар маро пазируфт ва ҳаргиз ҳозир нашуд тавзеҳоти маро бишнавад. Шояд ҳам ҳақ дошт» [51, с. 324].

Ҳарчанд Аҳмади Шомлу боварӣ дошт, ки дар ҷаҳони шеъру навпардозӣ нақши Фаридун Раҳнамо бар ӯ таъсиргузор буд ва ба биниши шеъриву ҷаҳони андешаи вай тағйиру таҳаввули бузург дар биниши шоиронааш ба зуҳур расиду масири халлоқияташ дигар шуд, вале ҳаргиз аз Нимо даст накашид ва ба роҳу шеваи андешаи вай дар навандешиву навпардозӣ содиқ монд. Ба қавли Исмоил Нурӣ Ало Шомлу «агарчи худро шогирди Нимо Юшиҷ медонад, аммо олудаи таъсири беҷо нест ва ба озмуну ҷустуҷӯ ва мухотира алоқа дорад. Нимо ва Шомлу аз пешравонанд, аммо агар сангиниву печидагии ашъори Нимо боло шудааст, ки насли тоза аз ӯ камтарин саҳмеро бибарад. Шомлу чароғдори роҳи фардои шеъри Эрон хоҳад буд» [130, с. 186].

Дар он замон қисми асосии равшанфикрон, аз ҷумла шоирону нависандагон тарки Эрон менамуданд. Мусаллам аст, ки Аҳмади Шомлу низ чунин имконро дошт, вале ҳаргиз нахост ҷилои ватан кунад. Худи ӯ дар ин мавриd чунин гуфта буд: «росташ бори ғурбат сангинтар аз тавону таҳаммули

ман аст. Чароғам дар ин хона месӯзад, обам дар ин кӯза аёз мехӯрад ва нонам дар ин суфра аст» [126, с. 142].

Ҳамзамон бо ин аз сӯйи дигар мақомоти қудратии кишвар ҳама гуна фаъолиятҳои адабӣ ва ҳунариро барои шоир манъ карда буданд. Аксари осори ҳунарии шоир аз ҷумла китоби маъруфи «Китоби кӯча» дар нашриёт чопаш боздошт шуда буд. Аз ҷониби дигар, ӯ гирифтори бемории қанд шуда буд ва бемориаш рӯз ба рӯз шиддат мегирифт. Соли 1997 бар асари беморӣ пойи росташро буриданд.

Бо вуҷуди ин ҳама сангиниҳо ӯ кори тарҷума ва тадвини «Китоби кӯча»-ро идома медод. Аҳмади Шомлу дар солҳои навадуми асри гузашта бо ширкат дар Шурои бознигарӣ дар шеваи нигориш ва хатти форсӣ ва дар амри ислоҳи он фаъолият намуд ва тамоми осори наваш ва ё таҷдиди чопшудаашро бо ин тарзи нав ба чоп расонид.

Пас аз таваққуфи дуру дароз дар нашри маҷмуаҳои шеъраш маҷмуаи «Таронаҳои кӯчаки ғурбат»-ро чоп кард.

Охирин маҷмуаи ӯ бо номи «Ҳадиси бекарории моҳон» соли 1999 интишор гардид. Аҳмади Шомлу 23 июни соли 2000 дар деҳаи Фардиси Карач дар манзилаш аз дунё гузашт.

2.2. Мероси адабии Аҳмади Шомлу

Аз Аҳмади Шомлу мероси гаронарзише дар заминаи шеъру наср, тарҷума, мақолоти публисистӣ ва осори назарӣ боқӣ мондааст. Нахустин маҷмуаи шеъри вай соли 1947 бо номи «Оҳангҳои фаромӯшшуда» ба табъ расидааст .

Маҷмуаи мазкур аз ҳафт бахши манзуму мансур ва фарогири қиссаву шеър, ёддошту тарҷума буда, ҳар бахше номи хос дорад: Фантазияҳо, нолаҳо ва сукут, нағмаҳои чинӣ, нағмаҳои жопунӣ, нолаҳои зиндон, ману Эрони ман ва тафаккурот. Бояд зикр намуд, ки Аҳмади Шомлу ҳангоми чопи ин дафтар 22 сола буд ва то ин замон се солро бар асари ақидаҳои миллигароёна дар зиндони

муттафиқин гузаронида буд. Зиндон таъсири ҳавлноке дар руҳи ӯ гузошта, ки асарашро дар ашъор метавон эҳсос намуд.

Шоир аз нашри ин китоб ба иллати ин ки дар табъи он шитобзадагӣ сурат гирифтааст, изҳори пушаймонӣ мекунад. Баррасии ашъори китоб гувоҳ бар ин аст, ки сурудаҳо ҳосили зеҳну андешаи як навқаламанд, ки дар ибтидои роҳ аст. Як нуктаи ҷолиб ин ҷо аст, ки чанд нафаре, ки бар ин маҷмуа муқаддима навиштаанд ба ояндаи дурахшони Аҳмади Шомлу ишорат намудаанд. Мураттибони маҷмуаи нахустини шоир дар муқаддимаи он зикр намудаанд, ки Аҳмади Шомлу тавре ки аз матни сурудаҳояш маълум мешавад, дар ояндаи начандон дур шояд аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабиёти муосири мо гардад, зеро дар каломи ӯ мо ба шахсияте рӯ ба рӯ ҳастем, ки дорои руҳи озоду раҳо аз қоидаву бандҳои иҷтимоӣ аст. Ин шоири ҷавон пеш аз он ки бихоҳад шеър эҷод кунад ва бо каломи ҷаззобу кашанда, дилчаспу гӯшнавоз, афкори норасову дур аз воқеияти муҳити перомунро дар либоси шеър ҷо кунад, мехоҳад, матолиберо дар руҳу равонаш ба зуҳур расонад, илова бар ин дигаргуниҳоеро, ки аз дидани як саҳна билофосила дар замираш ҷойгузин мегардад, бо зеботарин тарзи нигориш ба хонандагон пешниҳод кунад. Ин аст, ки ашъори тавсифии ӯ нотакрор аст [119, с. 357].

Носир Наҷмӣ, ки аз мураттибону муаллифони муқаддимаи дигаре, бар маҷмуаи мазкур аст, бар он бовар аст, ки замоне фаро мерасад, шоир ва қаламбадастоне мисли ӯ ҷойгоҳу арзиши воқеии хешро пайдо мекунанд. Ин дар ояндаи наздик маълум мешавад. Шояд андешаи мо дар муайянсозии чигунагии ояндаи шоир костагӣ кунад. Зиндагии ӯ ва роҳи эҷодиаш дурахшонтар аз он бошад, ки дар бораи он мо андеша мекунем [119, с. 357].

Бар хилофи андешаҳое, ки дар муқаддимаҳои пуршумори китоб омадааст, худи Шомлу дар дебочаи китобаш перомуни ашъораш чунин изҳори назар менамояд: «қатаъоте, ки дар ин китоб ҷамъоварӣ шудааст, навиштаҳое аст, ки дар ҳақиқат мебоистӣ сӯзонда шуда бошад. Навиштаҳое аст, ки бояд дур рехта шуда бошад… Миқдоре аз ин қитъаҳо хеле вақт пеш навишта шудааст ва нахустин осори касе аст, ки хоста чизе бинависад. Бинобар ин эй хонанда! Ба ту

ҳаққи ҳеҷ гуна интиқод, ҳаққи ҳеҷ гуна изҳори назар дода намешавад. Бихону бигзору фаромӯш кун ва китоби маро нодида бигир» [119, с. 358].

Соли 1949 маҷмуаи дувуми шоир бо номи «Оҳанҳо ва эҳсос» ба чоп мерасад, ки аз нигоҳи сабку услуб аз маҷмуаи аввалини шоир тафовути зиёде надорад. Ин маҷмуа фарогири се шеъри баланди шоир бо номҳои «Марсия», «Барои хуну мотик» ва «Мурғи дарё» мебошад.

«Қатънома» маҷмуаи дигари шоир аст, ки соли 1951 мунташир гаштааст ва фарогири чаҳор шеъри баланд аст. Ҳар яке аз ин шеърҳо таърихи хосси эҷод доранд. Шеъри «Суруди марде, ки худашро куштааст» ва «Шукуфаҳои сурхи як пероҳан» соли 1950 иншо гардида, шеърҳои «Суруди бузург ба таърихи 16-и тир» ва «Қасида барои инсони моҳи баҳман» соли 1951 офарида шуданд. Фаридун Раҳнамо, ки дар боло зикраш рафта буд, ба маҷмуа муқаддимаи муфассале навишта, зимнан ба вижагиҳои сабку услуби шоир ишорат мекунад. Ӯ аз ҷумла чунин мегӯяд: «Калимоти шеъри асилу самимӣ «ҳамчун борут метаркад» (ба қавли Маяковский).

Чун шеър наметавонад ҳақир бошад ва ғуломиву бардагӣ пеш гирад. «Субҳ» худро дар «чорчӯб»-и хеш маҳбус медонад, вале зиндони ӯ пурҳосилтар аз касҳо ва боғҳои танбалӣ аст. Ҳабси шеъраш деворҳои башарӣ дорад. Зиндоне, ки шояд рӯзе пас аз таваллуди ҳақиқии Субҳ дарҳам бишканад» [119, с. 372].

Бояд зикр намуд, ки аксари ашъори овардашуда дар «Қатънома» шомили интиқод аз худ ва як навъ узрхоҳӣ барои гуноҳони гузашта аст. Аз ҷумла, шоир аз хонандагони хеш барои он ки замоне аз Гитлер ва сиёсати вай ҷонибдорӣ намуда буд, узр мепурсад. Ҳатто қабл аз чопи маҷмуа номи онро «шеъри сапеди ғуфрон» гузоштанӣ буд. Бо вуҷуди он ки худи шоир узр пеш овардаву аз ашъори пешини худ интиқод намуда буд, вале дар матбуоти даврӣ маҷмуаи ӯро нақду интиқодҳои тунд карданд. Аз ҷумла, маҷаллаи маъруфи «Кабутари сулҳ», ки аз нашрияҳои хосси Ҳизби тӯдаи Эрон буд, дар радифи дигар маҷмуаҳо «Қатънома»-и Аҳмади Шомлуро ба зери тозиёнаи танқид гирифта, муаллифро барои дур будан аз дарки дардҳои иҷтимоъ, забони номафҳум айбдор месозад. Ба навиштаи маҷаллаи мазкур ««Қатънома» дорои андешаҳои тозаву мағшуш

аст. Вожагонаш мағшуш аст ва шоир осмону ресмонро бо ҳам бофтааст» [105, с. 6].

Бояд ёдовар шуд, ки худи шоир роҷеъ ба ашъори дафтараш, ки аз чор шеър беш нест, дидгоҳҳои мухталиф дорад. Аз ҷумла қайд мекунад, ки сурудаҳои маҷмуа воқеан ҳосили як давраи надомату пушаймонӣ ва ранҷҳои равонии ӯ ҳастанд, ки саҳван ба чоп расидаанд. Аз навиштаҳои Шомлу чунин бармеояд, ки баъд аз чопи маҷмуа ӯ пушаймон мешаваду эҳсоси хиҷолат мекунад, зеро ба қавли худаш равандҳои адабӣ таҳаввулоте, ки дар арсаи шеъру шоирии ҷаҳон мегузашт, ӯро комилан бедор карда буданд. Амри офариниш аз нигоҳи ӯ ниёзманди бинишу бофти дигаргуна буд [5, с. 82].

Аксари муҳаққиқон бар ин назаранд, ки арзиши «Қатънома» замоне равшану ҳувайдо мешавад, ки масъалаи баррасиву пажуҳиши роҳи эҷодии шоир дар мадди назар бошад. Маҳзи хотири ин шинохти камоли ҳунарии шоир бидуни дар назар гирифтани сурудаҳои «Қатънома» барои як муҳаққиқ душворӣ фароҳам месозад. Дар ҳар сурат ашъори дохилшуда дар «Қатънома» нишонгари он аст, ки шоир дар матни онҳо бештар ба масоили иҷтимоӣ таваҷҷуҳ дорад.

Пас аз «Қатънома» китоби «Ҳавои тоза» чоп мешавад. Пажуҳандагон ва донишмандон бар ин назаранд, ки нашри ин китоб дар зиндагии адабии шоир, шинохти расмии ӯ ҳамчун шахсияти адабӣ бисёр муҳим аст. Дар адабиётшиносии тоҷик низ бархе аз муҳаққиқон аз ҷумла, Акбаров Ю., Абдуманнонов А., Отахонова Х. дар маҷмуаи мақолоту рисолаҳои алоҳидаашон ба таври иҷмолӣ перомуни шеъри Аҳмади Шомлу изҳори назар намудаанд [9; 10; 24;].

Адабиётшинос У. Сафар бошад, дар бораи маҷмуаи «Ҳавои тоза»-и шоир чунин қайд мекунад: «Соли 1958 маҷмуаи тозаи ӯ бо номи «Ҳавои тоза» интишор мегардад, ки ҳосили даҳсола ранҷу заҳмати ӯ дар шеъру адаби форсист. Маҳз бо баракати ҳамин маҷмуа Аҳмади Шомлу ҳамчун як адиби навгӯ ва навовар, пуркору тозагом шинохта мешавад. Дар «Ҳавои тоза» шаклҳои гуногуни шеър, чаҳорпора, маснавӣ, қолаби нимоӣ, ғайринимоӣ ҷойгузин шуда ва ин гувоҳи он аст, ки шоир барои шеър ҳеҷ гуна қайду бандеро қоил нест» [25, с. 133].

Муҳаммад Ҳуқуқӣ муҳаққиқи эронӣ низ ба ин назар аст, ки Аҳмади Шомлу ҳамчун шоир маҳз бо маҷмуаи «Ҳавои тоза» вориди майдони адабиёти муосир гардид. Мавсуф ашъори ин маҷмуаро бо тӯфони саҳмгину сели дамон, бо симои хашмгину ғазабнок ташбеҳ менамояд. Шеърҳое, ки аз домони озмоишу таҷрибаҳо гузашта ва ба камоли пухтагӣ расидааст. Қироати сурудаҳо ба қавли муаллиф шитобу ҳаракатро талаб мекунад.

Кӯчаҳои шеъри шоирро бояд ба тозӣ паймуду гузашт. Ҳуқуқӣ мегӯяд: «Сухан кӯтоҳ чеҳраи воқеии Шомлу ба унвони шоири мустақилу соҳибсабк сирфан дар бархе аз осори «Ҳавои тоза» мушаххас мешавад» [66, с. 49].

Баррасии мухтасари муҳтавои ин маҷмуа нишон дод, ки ҳарчанд калимаву таркибҳои забони ашъор аз нигоҳи рехту ҳамнишинӣ пухтаву расову одӣ нестанд, вале дар матни ашъор тозатарин ва номаълумтарин калимаҳои адабиёти классикӣ ва забони омиёна истифода шудаанд. Ба ибораи дигар, Аҳмади Шомлу дар ин маҷмуа имконоти забони муосири форсиро аз нигоҳи муҳтавои таркиботу ибороти нав вусъат додааст.

Ба андешаи Исмоил Нурӣ Ало «Ашъори «Ҳавои тоза» хабар аз оғози зиндагии бошукуҳи ҳунарии марде дод, ки мебоист бисёре аз роҳҳои нокӯбидаи шеъри имрӯзро ба танҳоӣ бипояд ва агарчи худро шогирди Нимо Юшиҷ медонад, аммо олудаи таассуби бечо нест ва ба ҷустуҷӯ ва озмуну мухотира алоқа дорад» [130, с. 186].

Муҳаққиқи номдор Тақӣ Пурномдориён низ бар ин назар аст, ки маҳз «Ҳавои тоза» буд, ки Аҳмади Шомлуро ҳамчун шоири дорои истеъдоду нубуғ ва шеваи хос ба ҷомеаи адабии Эрон ошно сохт. Мавсуф зимни баррасии шебу фарози ин мазмун, махсусан, ба забон ва тарзи корбурди вожаҳо таваҷҷуҳи муҳаққиқона намудааст. Махсусан, назари ӯ перомуни забони Аҳмади Шомлу ниҳоят дилчаспу судманд мебошад. Аз назари ӯ забони шоир забони наср аст. Насре, ки намунаашро мо дар ҳикояву достонҳо ва романҳои бозорӣ мебинем, дар матни шеъраш вожагону калимаҳое, ки дур аз зеҳн ҳастанд ва ҳамоҳангӣ бо насри маъмулӣ надоранд, мавҷуданд, ки низоми матнро ба ҳам мезананд. Муҳаққиқ ба костиҳои забони ӯ ишора намуда таъкид намудааст, ки доираи

истифодаи ӯ аз шеваи забонии қадимӣ васеътар аст. Барои рафъи ниёзҳои эҷодии хеш аз доштаҳои насри қадими мо, ки мутааллиқ ба асрҳои X-XI аст, истифода мекунад, ки даркаш мушкил мебошад. Ҳамаи ин сабаби он мегардад, ки забони шеъраш аз нигоҳи грамматикӣ норасоиву беназмӣ дорад [52, с. 75-77].

Бисёре аз ноқидони шеъри ӯ баъдҳо низ ба таҳқиқи забони ашъори шоир пардохтаву таъсирпазирии вайро аз насри классикӣ, махсусан, «Таърихи Байҳақӣ» қайд намудаанд. Мо низ ба ин андешаҳо мувофиқем, ки камолоти шоир тадричӣ ва қадам ба қадам буд. Муҳаққиқи арҷманд Сирус Шамисо дар бораи зуҳуру камоли тадричӣ ва шахсияти адабии шоир назари арзишманде дорад. Ӯ бар ин бовар аст, ки шинохти шахсияти адабии як ҳунарманд аз нигоҳи илмӣ бисёр муҳим аст ва мисолашро зиндагии адабии шоир собит мекунад. Номбурда таъкид мекунад, ки худи ӯ шоҳид будааст, ки чи гуна ҳунарманде зина ба зина шоири бузург мешавад. Аз диди ӯ ин Шомлу буд, ки бо убур аз кӯчаву хиёбонҳо, бо зиндагӣ дар хонаҳои иҷора хештанро ба ҷовидонагиву абадият пайванд додааст. Дар ин масир шояд бархе аз кирдору гуфтаҳояш ба завқу саликаи дигарон хушоянд набошад, вале ҳеҷ чизе дигар наметавонад садде дар роҳи абадияту ҷовидонагии ӯ гардад [88, с. 610].

Пас аз «Ҳавои тоза» Аҳмади Шомлу китоби «Боғи ойина»-ро дар соли 1961 ба нашр расонид, ки шомили 44 шеъри баргузида буда дар панҷ манзума гирд омадаанд. Заминаи аслии ашъори ин маҷмуаро ҳолатҳое ташкил медиҳанд, ки сарчашмаи онҳо таассуроти иҷтимоӣ аст. Ба қавли Пурномдориён шеъри Аҳмади Шомлу сарзаминест, ки дар марзҳои он мо бо меҳру муҳаббат ва кинаву адоват, умеду ноумедӣ, ишқу нафрат, ғаму шодӣ, ранҷу азобу дареғу афсус дучор меоем. Аз сӯйи дигар меҳвари аслии ҳамаи ин дарки эҳсос, иҷтимоъ ва ҷомеаи эронӣ мебошанд. Мо кам шеъреро аз шоир мебинем, ки шаклу манзараи аз ранҷҳову дардҳои мардум дар онҳо набошад. Худи шоир дар дили ин ҷомеа ҳузур дорад, ба ин сабаб аст, ки сурудаҳои ӯ як ҷо бо набзи ҷомеа метапад ва шеъри ӯро шабеҳ ба садову фарёди густурдаи низоъу даргириҳо ва падидаҳои иҷтимоӣ мубаддал месозад [52, с. 83].

Чунонки аз таҳқиқи шеърҳои маҷмуаи «Боғи ойина» маълум гардид, шоир он чиро, ки эҳсос мекунад ва дар зеҳни ӯ таъсир мегузорад, ба сурати шеър пешкаш менамояд. Аслан заминаву сарчашмаи отифии сурудаҳои Аҳмади Шомлуро ёду хотираҳо, ҳодисаҳои зиндагӣ фароҳам овардаанд. Нигариши муҳаққиқонаи шеъри ӯ нишон медиҳад, ки шеъри ӯ ҳосили қасду нияту мақсади хоссе нест. Дар шеърҳои ӯ он чи ки воқеан шеър аст, ҷилваҳое аз самимияти қалбии ӯст.

Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки яке аз муҳимтарин бахшҳои шеъри Шомлу манзумаҳое аст, ки таҳти таъсири адабиёти омиёна суруда шудаанд. Аз ҷанбаҳои чашмраси шеъри шоир дар ин манзумаҳо гашту гузори ҳунармандона дар марзи забону фарҳанги омма ва коргирӣ аз имконоти дохилии забон аст. Қисмати дигари арзиши ҳунарии манзумаҳо баёну орзу, дарду нуқсонҳои иҷтимоист, ки шеъри ӯро ба фарҳанги қавмии як сарзамин пайванд медиҳад.

Аз миёни манзумаҳои шоир, ки шуҳрати зиёд пайдо кард, шеъри баланди «Париё» мебошад. Манзумаи мазкур низ намунаи комилу дурахшони як шеъри иҷтимоӣ-сиёсӣ аст.

Муҳаққиқони шеъри Шомлу аз ҷумла, Сирус Шамисо, Тақӣ Пурномдориён ва Парвин Салоҷиқа ин манзумаро аз ҷанбаи зебоишиносӣ низ бисёр арзишманд арзёбӣ намудаанд. Муаллифи охирӣ бар ин назар аст, ки манзумаи мазкурро бо дарназардошти талаботу унсурҳои назарияи зебоишиносӣ метавон таҳлил намуд. Аз ҷумла, равиши ҳаракат дар матни як шеър, ки побанду лаҳну ритми шеър аст ва бо вазни он ҳамоҳангии хоссе дорад. Дар манзума вазни аруз бо шумори низому қоидаҳои шеъри гуфторӣ ва фазои омиёна ҳаракату суръати хоссе пайдо мекунад. Таркиботу калимоти махсусе мисли «Париё қади рашидам бубин» ба гунае аҷибе ба матни шеър ворид мегарданд ва лаҳни онро комилан дилчаспу гӯшнишину ҷаззоб мекунад. Муҳаққиқ ба чанде аз каламоти лаҳҷавӣ ва вожаҳое, ки бо тақозои қоидаҳои гуфторӣ талаффуз мешаванд, ишора намуда, ба нақши онҳо дар эҷоди манзума ва нуқтаҳои муҳимми он дар хусуси зеҳннишинӣ ва қабул шудани он ишора мекунад [81, с. 282].

Манзумаи «Духтарои нана дарё», ки дар ҳамин маҷмуаи «Боғи ойина» оварда шудааст, такявар ба фарҳанги омиёна аст ва шеваи қиссапардозиҳои рамзӣ аст.

Ин манзума, ки шаш сол баъд аз манзумаи «Париё» эҷод шудааст, пеш аз ҳама ҳикоят сарзамини рамзие мебошад, ки ишқ дар он мурда аст. Ба андешаи донишмандон манзумаи мазкур қолаби ривоятӣ дошта, дар он тамоми зарфияту имконоти шахсиятпардозии достонӣ риоя шудааст. Ба таври умум ба сифати тамсиле бо мақсади нишон додани вазъи ҷомеа дар ҳангоми таълифу тадвину нашри он дар ҳавзаи ҷомеътару густурдатари ҷаҳони муосир шоистаи тафсиру ташреҳ аст [81, с. 205].

Китоби «Боғи ойина» маҷмуае аст, ки Шомлу дар ниҳояти забардастӣ аз назари шинохт бар масолеҳи шеърӣ сурудааст. Аҳмади Шомлу пас аз дафтари «Боғи ойина» маҷмуаи «Ойдо дар ойина»-ро ба чоп расонид. Маҷмуа соли 1963 дар Теҳрон аз тарафи интишороти «Нигоҳ» ба табъ расид. Шоир дар маҷмуа, то ҳадди зиёде аз достонҳои устуравӣ ва матнҳои куҳан барои эҷоди ашъори худ истифода кардааст ва ин мафҳумҳо ҳам дар забон ва ҳам дар мавзуоти шеърҳои ин китоб намуди вижае дорад.

Аҳмади Шомлу нахуст унсур ва шахсиятҳои мавриди назари худро меофарад ва сипас дар нақши як роҳнамо барои онҳо дар матни шеъраш зоҳир месозад. Ба андешаи муҳаққиқон Шомлу маҳз дар ҳамин китоб ба марзи камолу пухтагӣ мерасад. Зеро нишон медиҳад, ки вай бо сабку услуби вижаи хеш даст ёфтааст. Шоир дар китоби «Ойдо дар ойина» монанди дигар асарҳояш ишқро сармояи офариниши ҳунарӣ қарор додааст.

Адабиётшиноси номвар Ҳуқуқӣ бар ин назар аст, ки «Ойдо дар ойина» инъикосгари ҳунару истеъдоди пайдарпайи шоир ба вожагону ибороту таркибот ва дигар созу абзори мухталифи шеъру шоирӣ аст. Бо боварӣ гуфтан мумкин аст, ки қисмати зиёди сусттарин ва заъифтарин сурудаҳои маҷмуаи мазкур аз нерумандтарин ашъори «Боғи ойина» аз нигоҳи шигифтиҳои забони форсӣ-тавонотару қавитар ба назар мерасад. Забоне, ки бо забони ягон сурудаҳои бевазни дигар шоирони сапедагӯ қобили муқоиса нест. Ҳатто гоҳо бо зеботарин

ва комилтарин ибораву таркибҳои матнҳои куҳани форсӣ баробарӣ мекунад [66, с. 129].

Парвин Шикебо муҳаққиқи эронӣ қайд намудааст, ки шоир дар ин маҷмуа талош намуда, нишон диҳад, ки аз ишқ ба мардум хаставу малул гашта ва аз онҳо дилсард шудааст. Ин матлабро ба маъшуқаи хеш дар миён мегузорад:

Биравам эй ёр, эй ягонаи ман,
Сухани ман на аз дарди эшон буд.
Худ аз дарде буд, ки эшонанд
Эшон дарданду буди худро
Ниёзманди ҷароҳат ба чурк андар нишастаанд
Ва чунин аст,
Ки чун бо раҳму фасоду сиёҳӣ ба ҷанг бархезӣ
Камар ба ҷангат устувор мебандад [87, с. 418].

Баъд аз нашри «Ойдо дар ойина» шоир соли 1965 маҷмуаи дигари худро таҳти унвони «Ойдо, дарахт, ханҷару хотира» мунташир намуд. Аксари шеърҳо дар ин маҷмуа шакли достонӣ доранд ва қиссаеро ривоят мекунанд ва гоҳе ҳам дар шакли гуфтугӯ пеш мераванд. Дар сурудаҳои ин маҷмуа шоир кӯшидааст эҳсосоти гуногун ва гоҳо зиддро инъикос намояд: «гоҳе фарёди исён сар медиҳад, гоҳе сукут пеша мекунад, гоҳе дар вартаи ноумедӣ фурӯ меравад, гоҳе хотироти қадимиро аз назар мегузаронад ва гоҳе низ эҳсосро канор мегузорад ва бо чашми ақл ба дунёи перомун менигарад. Аммо ишқ ҳамчунон нақши калидӣ дар ашъори китоби «Ойдо, дарахт, ханҷару хотира» дорад ва дар ниҳоят ин ишқ аст, ки каломи Шомлуро оғоз мекунад ва ба он поён мебахшад» [150].

Аз таҳлили китоби мазкур маълум гардид, ки дар маҷмуъ фарогири ҷанбаҳои фикрии китобҳои пешини шоир аст. Интихоби номи китоб низ ба давраҳои зиндагии шоир алоқаманд аст. Ашъор бештар ҷанбаи хитобӣ доранд. Шоир аксар ба хонандагон ва мухотабони худ ҳушдор медиҳад, ки дар шинохти воқеияти замон бегонаву бетафовут набошанд. Донишманди фозил Тақӣ Пурномдориён перомуни ин маҷмуа менависад: «паноҳ ҷустани Шомлу дар маъмани ишқ бо навъе талхиву изтироб ҳамроҳ аст ва лаҷбозии маъсумонае дар

он ба чашм мехӯрад, нисбат ба мардуме, ки инсониятро аз каф ниҳодаанд ва зиндагиву шодмониро дар таҷаммулу шукуҳ ҷустаанд, аз ҳар роҳе ва ба ҳар тариқе» [52, с. 102].

Воқеан рӯ овардани Аҳмади Шомлу ба мавзуи ишқ, ишқе, ки дар сахттарин авзои тираву зулмонии иҷтимоӣ ҷараён дорад, ки шеърҳои ошиқонаро ба вуҷуд овардааст, заминаву пояи хосси вазъи истисноӣ доранд. Қобили зикр аст, ки забони шоир ва таҳаввули чашмраси он ҳамеша зеҳну ҳуши мунаққидони шеърашро ба худ ҷалб намудааст ва ҳар яке ба ҳадди тавону диди муҳаққиқонаи худ онро баррасӣ кардаанд, ки дар боло ба баъзеяшон ишора шуд. Агар нигоштаҳои онҳоро дақиқ назар кунем маълум мегардад, ки иддае аз онҳо сарчашмаю бунёди барҷастагиҳои забони Шомлуро дар шинохту маърифаташ аз адабиёти классикӣ ва осори пешин ҳисобидаанд. Муҳаққиқ Рӯзбеҳ Муҳаммадризо, ки забони ашъори ӯро баррасӣ кардааст, мазмунан таъкид намудааст, ки забони шоир оҳиста-оҳиста аз қолаби насргунаи худ берун шуда, шакли хоссеро соҳиб мегардад. Дар шеъри ӯ мо бо забоне дидор мекунем, ки бар асоси сабку салиқаи китобҳое мисли «Байҳақӣ», «Марзбоннома», тарҷумаи «Таврот»-у кутуби аҳди атиқ нигошта шудааст ва ҳамзамон обхӯрдагии онро аз осори тарҷумашудаи адабии шоирони мағрибзамин эҳсос мекунем [78, с. 205].

«Қақнус дар борон» маҷмуаи баъдии шеърии Аҳмади Шомлу аст, ки соли 1967 ба табъ расидааст ва он фарогири 21 шеъри мунтахаб мебошад.

Муҳаммад Ҳуқуқӣ перомуни ин маҷмуа хотирнишон намудааст, ки ҳарчанд сурудаҳои дарҷшуда дар ин китоб ҳар яке дар мадори хосси худ давоми шеърҳои маҷмуаҳои пешини шоиранд, вале дигар «на исёну таҳарруки шоирро дар онҳо метавон дид ва на устувории такягоҳи «ӯ» ва на он тасаннуъи забониро. Китобе, ки дар саҳифоти он ишқу марг по ба пойи ҳам ба пеш мераванд» [66, с. 201].

Муҳаққиқи мазкур роҳи эҷодии шоир ва ҳунару истеъдоди шоирии вайро даврабандӣ намуда, барои ҳар давра вижагии хоссе зикр намудааст. Ба андешаи ӯ дар давраи эҷодиёти шоир бисёре аз мафҳумҳои ашъораш ба заминаҳои иҷтимоӣ гиреҳ мехӯранд, танҳо дар давраи дуюм бошад, ҷаҳонбинӣ ба андешааш

шакли хос пайдо мекунад. Даври сеюми эҷодиёташ низ аз нигоҳи муҳаққиқ қобили тавақҷуҳ аст, чун дар домани он рукни аслӣ ишқу дилбастагӣ неруманд мегардад ва ниҳоят дар давраи чаҳорум ёдвораҳои он ҳама исёнҳову қудратнамоӣ дар ибороту таркиботи шеъраш ҷилвагар мешаванд [66, с. 200].

Бархе аз ноқидони шеъри Шомлу ба эътибори неруманди шоир таъкид варзидаанд. Аз нигоҳи эшон аз миёни шоирони навпардоз касе ба мисли Аҳмади Шомлу чунин эътибори қавиву мустаҳкам надорад. Бунёди шеъри Шомлуро фарҳанги классикии Эрони Бостон, фарҳанги масеҳӣ, фарҳанги эронӣ ва то ҳудуде фарҳанги Шарқи Дур ташкил медиҳанд.

Нуктаи дигаре, ки муҳаққиқ ба он тавақҷуҳ намудааст, ҷанбаи тасвиргарии он мебошад. Зарқонӣ бар ин назар аст, ки тавсифу тасвирҳое мавҷуда дар шеъри Шомлу бештар ба санъатҳои бадеӣ аз ҷумла истиораҳо ва ташбеҳҳо такя мекунад. Ӯ дуруст қайд мекунад, ки нигоҳи шоир ба матн нигоҳи дидорӣ, ё дурусттараш синамоӣ аст, одатан тавсифу тасвирҳои шеъриро аз муҳиту фазои шаҳрӣ устураҳои ғарбӣ, аз ҷузъиёти рӯзгори асрҳои миёнаи мағрибзаминон ва аз созу абзори зиндагии қадимиву суннатии шарқиён интихоб мекунад [80, с. 529].

«Шукуфтан дар меҳ» унвони дафтари дигаре аз ашъори шоир маҳсуб мешавад, ки соли 1970 ба нашр расидааст. Маҷмуаи мазкур фарогири 8 шеър аст, ки дар давраҳои гуногуни зиндагии шоир эҷод шудаанд. Он чи аз нақдҳои мавҷуд дар атрофи ин маҷмуа хулоса мешавад, ин аст, ки ашъори Шомлу гоҳе талху газанда мебошанд ва дар бисёре аз маворид дар қалби хонанда умеду орзу эҷод мекунанд. Илова бар ин ашъори ошиқонааш гоҳе саршор аз сӯзу гудози тоқатнопазиранд ва баъзе вақтҳо оғушта ба эҳсосоте ҳастанд, ки аз нуҳуфти ҷонаш берун омадаанд. Ин ашъор инъикосгари эҳсосоти отифонаи адибанд ва равшан аст, ки дар авҷи латофати табъ гоҳо пушти рангҳои тираву тор қарор мегиранд, вале дар маҷмуъ матни ашъор дар зеҳни хонанда чунин андешаеро талқин мекунад, ки рӯзгори инсонӣ ҳанӯз лаҳзаҳои ҷаззобу хуш барои зистан дорад. Аз пушти навиштаҳо эҳсос мешавад, ки шоире дар хилват нишаставу дунёи атрофро назораву мушоҳида мекунад [141].

Бояд зикр намуд, ки ба таври умум муҳтавои ашъори дар ин китоб овардашуда бо моҳияту мазмуни китобҳои пешини шоир шабоҳати зиёд доранд.

«Марсияҳои хок» унвони маҷмуаи дигари Аҳмади Шомлу аст, ки соли 1983 мунташир шудааст. Ин китоб якҷо бо китоби қаблӣ «Шукуфтан дар меҳ» ба табъ расида, фарогири 25 қитъаи шеърӣ аст. Сурудаҳои ин дафтар мутааллиқ ба солҳои 1969-1979-и асри гузашта мебошанд. Аз миёни ашъори ин дафтар мо шоиреро мебинем, ки ҷаҳони ғамангезу парешонеро инъикос менамояд. Аҳмади Шомлу дар маҳорати биловасфе дар инъикоси ҷаҳони ботин ва созгор сохтани он бо ҷаҳони атроф аст. Ашъори вай саршор аз маъниҳои тоза аст. Ба қавли дигар ҷаҳони шеъри Шомлу марз надорад. Ӯ фориғу бехаёл аз тамоми боядҳову набоядҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ шеър мегӯяд ва перомуни мушкилот, ғаму дарди инсонҳои дирӯзу имрӯз ривоят мекунад: «ӯ бо ҳамон ҷасорату шуҷоати ҳамешагии худ ин ашъорро суруда ва андешаҳои фалсафиву иҷтимоии худро дар қолаби ин калимот баён кардааст» [150].

Дар маҷмуъ ситоиши ишқ, инсон, озодиву адолат дар китоби мазкур моҳияти аслии ашъорро ташкил медиҳанд.

Пас аз китоби «Марсияҳои хок» аз маҷмуаи дигари шоир бо номи «Иброҳим дар оташ» ёд намудан ба маврид аст, ки аз шоҳкорҳои шоир мебошад. Назари ноқидони шоир ба ин маҷмуа ҷолиб аст. Масалан, Муҳаммад Ҳуқуқӣ перомуни ин маҷмуаи ашъор мазмунан баён медорад, ки шоир дар тамоми рӯзгори шоирии хеш ҳамеша аз раванду падидаҳои кишвари хеш озурдаву ранҷидахотир будааст, аммо саҳнаҳои ин таъсиру таассурро хонанда дар маҷмуаи мазкур бештар эҳсос мекунад. Матну унвони шеърҳо ба хонанда чунин имконро медиҳад, ки тахмин бизанад, ки сабаби эҷоди шеърҳо чи будааст. Аммо забони пухтаву иморати устувори ашъор шоирро ба ҳадди камолу ҷовидонагӣ мебарад [66, с. 255].

Китоби «Иброҳим дар оташ» соли 2000 мунташир гардидааст. Ҳарчанд дар маҷмуа шеърҳо мухталифанд, мо чанд нуктаеро атрофи шеъри «Иброҳим дар оташ», ки ҳамчун номи китоб аст, қайд менамоем. Унвони шеър талмеҳе ба қиссаи Ҳазрати Иброҳим ва ба оташ афкандани ӯ бо фармони Намруд мебошад.

Шеър ду ровӣ дорад. Яке донои кулл, ки ровии аслӣ аст ва дигаре шахсияти ягона, ки тавсифгари ақидаҳои худ аст. Шоир дар шеър шахсияти ягонаеро тасвир кардааст, ки ба сурати рамзӣ монанди ҳазрати Иброҳим туғёнгар ва сохторшикан мебошад.

Ин мард боварӣ дошт, ки барои қалбу ҳастии инсон шоиста аст дар сахттарин шароити ишқ дар хун биншинад ва дар хуни худ биғалтад ва ин шоистаи инсон аст, ки зеботарин номҳо ба забон ҷорӣ шавад.

Дар матни шеър таркиботу ибораҳои офаридаи шоир ҷалби назар мекунанд. Маврид ба зикр аст, ки шеъри мазкур соли 1973 мелодӣ ба муносибати кушта шудани Маҳдӣ Ризоӣ дар майдони Тири Читгар эҷод шудааст.

Аз дидгоҳи бархе аз муҳаққиқон оҳангу лаҳни марсияи шоир бисёр бошукӯҳу ҳамосӣ аст ва баҳрагирӣ аз сарчашмаҳои устуравӣ барои эҷоду парвариши як қаҳрамони устуравӣ дар заминаи адабиёти ҳамосии миллӣ бисёр арзишманд аст.

Агарчи сабки баёни марсия дорои ибҳоми ҳунармандона аст, вале дар аксар маврид метавон миёни шоиру ривоятгари марсия ва шеваи баёни иҷтимоиву сиёсии ӯ фарқ гузошт. Марсия аз нигоҳи мусиқӣ низ бартариҳое дорад, ки ба қоидаҳои шеъри сапед шабоҳат дорад [81, с. 504].

Маҷмуаи дигари шоир «Дашна дар дис» унвон дошта, бори аввал соли 1975 ва баъдан соли 2002 ба табъ расидааст. Шоир қисмате аз ашъори ин дафтарро дар Эрон ва бархеро дар мусофират эҷод кардааст.

Дар ашъори ин дафтар навъе аз ғанову такомули фикриро дар ҳавзаи шеъри иҷтимоӣ ба рух мекашад ва ба ҷойи тамаркуз бар шахсиятҳо ва унсурҳои маҳдуд фазои куллӣ ва ҷомеаи таъсиргузор барои шахсиятҳо ва аносирро дар маркази диққати худ қарор медиҳад.

Дар охирин дафтарҳои шеъри шоир ҳузури фаъоли вай дар ҷараёни воқеаҳову ҳодисаҳои ҷомеа эҳсос намешавад, аммо ҳассосияти худро нисбат ба ҳар ҳаракату ҷунбиши озодихоҳона ва ҳамзамон ҷонибдориашро дар муқобили ҳукуматдорон эҳсос мекунем.

2.3. Нақд ва баррасии ашъори Аҳмади Шомлу

Шуҳрату шинохти як адиб дар баробари аз ҳунару истеъдод ва расоии калому ҳадафаш ба нақду баррасии муҳаққиқон пайванд мегирад. Нақд аст, ки ҳусну қубҳи эҷоди як суханварро арзёбӣ намуда, мизони ҳунару осори сухан, ҷойгоҳашро дар ҷомеаи адабӣ муайян мекунад. Бо ин восита таваҷҷуҳи хонандагонро ба шеъри вай ҷалб месозад.

Таваҷҷуҳи ноқидон ҳар қадар ки пештар сурат бигирад, таъсиру натиҷааш бештар аст, зеро ба андешаи як ноқид аст, ки ҳунарманд, як шоир ба камбуду норасоиҳои шеваи эҷоду дастовардҳои ҳунариаш ошно шуда, сари мавзуи пешрафту камоли хеш андеша менамояд, Аҳмади Шомлу ин бахтро дошт, ки бо нашри нахустин маҷмуааш «Оҳангҳои фаромӯшшуда» мавриди таваҷҷуҳи ноқидону шоирони ҳамасраш қарор гирифт. Маврид ба зикр аст, ки нахустин ноқидони шеъри Аҳмади Шомлу шоирон буданд. Маҷмуаи нахустин ба ҷуз муқаддимаи муаллиф фарогири чанд муқаддимаи дигар буд. Аз ҷумла, муқаддимаи Иброҳим Дайламқониён, Фарзона ва Носир Наҷмӣ. Онҳо ба таври умумӣ бо зикри паҳлуҳои шеъри шоир ба ояндаи дурахшони офаринандагии Аҳмади Шомлу таъкид кардаанд.

Муртазо Кайвон шояд аз нахустин нафароне бошад, ки ба маҷмуаи шоир нақд навишта, ба нуқоти неруманду заъфи Аҳмади Шомлу ишорат кардааст. Аз ҷумла, ӯ зикр менамояд, ки шоир натавонистааст хешро аз чанги аждаҳои романтизм раҳо намояд. Ҳамзамон, мавсуф қайд мекунад, ки шоир ҳарчанд дар қолабҳои озод шеър мегӯяд, вале шеърҳои бевазну қофияаш беҳтаранд [62, с. 34].

Муртазо Кайвон ояндаи Аҳмади Шомлуро дар шеърҳои бевазнаш мебинад. Бар хилофи номбурда Маҳдӣ Ахавони Солис шеърҳои бевазни Шомлуро нуқтаи заъфи вай мешуморад. Ба қавли ӯ «он шеърҳои сапеди бевазну қофияаш, ки ба назараш дар онҳо шикаст хӯрдааст ва ҷуз дар яке ду маврид дар боқӣ ба куллӣ хонандаро аз ин гуна шеър мунзаҷир мекунад ва хосса касе, ки ба шеърҳои дигари ӯ ошно бошад» [43, с. 40].

Аз ховаршиносони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ В.Б. Кляшторина бори аввал дар эроншиносии Иттиҳоди Шуравӣ перомуни зиндагӣ ва эҷодиёти Аҳмади Шомлу очерки муфассали бадеӣ навишта, дар асари алоҳидааш ба табъ расонидааст. Мавсуф аз Аҳмади Шомлу ҳамчун пайрави мактаби Нимо ва сарсупурдаи навгониву навпардозӣ дар адабиёти муосир ёд намудааст [18].

Муҳаққиқи озарбойҷонӣ Р. Алиев, ки пажуҳишҳои судманде перомуни «шеъри нав»-и Эрон анҷом дода, мақолаи ҷудогонае атрофи вижагиҳои эҷодиёти шоир ба табъ расонидааст [11].

Муҳаққиқи рус Шойтов А.М. низ перомуни шоир ва паҳлуҳои зиндагиву эҷоди вай маълумоти кӯтоҳе пешниҳод намудааст [38].

Соли 1975 муҳаққиқи озарбойҷонӣ У.М. Дадашева дар мавзуи «Назми шоири муосири Эрон Аҳмади Шомлу» рисолаи номзадӣ таълиф намудааст, ки дар эроншиносии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аввалин пажуҳиши густурда перомуни эҷоду фаъолияти шоир ба шумор мерафт [16].

Муҳаққиқи саршинос Даниил Семёнович Комиссаров низ зимни арзёбии адабиёти муосир ва тамоюлҳои навини он ба Шомлу ҳамчун бунёдгузори шеъри сапеди Эрон ишораҳои кӯтоҳ намудааст [19].

Александр Иванович Полишук аз муҳаққиқони дигари рус мебошад, ки дар мақолаи муфассали худ оид ба намояндагони номвари шеъри нави Эрон, аз ҷумла, Аҳмади Шомлу изҳори назар намудааст. Мавсуф дар матлаби хеш бештар ба моҳияти ашъори шоир дахл намуда, таъкид менамояд, ки Аҳмади Шомлу «шоири фоҷеа аст. Марг яке аз мавзуоти аслии девони ӯ маҳсуб мешавад. Марг шояд рухдоди эҳтимолӣ, ойинӣ ё фоҷеавӣ бошад, ё ки марги як нафаре бошад, ё ин ки таҷрибаи ботинии худи шоир аст» [37, с. 255].

Шарқшиноси маъруф Вера Борисовна Кляшторина дар китоби дигари худ «шеъри нав»-и Эрон бахшеро ба Аҳмади Шомлу ихтисос дода, ба муҳимтарин вижагиҳои шеваи шоирии ӯ, аз ҷумла баҳраҷӯии ӯ аз насри мусаҷҷаъ, шеъри мансур, мусиқии дохиливу канории вожагон сухан дар миён гузоштааст [18].

Шарқшиноси тоҷик Умар Сафар перомуни пайванди Аҳмади Шомлу ба мактаби Нимо чунин изҳори ақида менамояд: «Пайравони Нимо, онҳое, ки

воқеан ба моҳияти кори ӯ, тарзи кораш пай бурда буданд, зиёд буданд ва худи Нимо низ роҷеъ ба кори онҳо дар бархе мақолоташ андешаҳояшро баён доштааст, ба шогирдонаш бетаваҷҷуҳ набудааст, балки аз миёни ҳама пайравонаш бештар ба Ҳ.И. Соя, Аҳмади Шомлу ва С. Касроӣ меҳру алоқа доштааст» [25, с. 130].

Дар адабиётшиносии муосири Эрон зимни арзёбии роҳи эҷодии шоир яке аз масъалаҳои баҳсбарангез ин таъсирпазирии Аҳмади Шомлу аз дигар шоирон ва заминаву сарчашмаҳои илҳому сабкии шоирии вай мебошад. Аҳмади Шомлу ба шеъру адабиёти Ғарб ошно буд ва ашъори зиёдеро аз дигар забонҳо ба форсӣ тарҷума намуда буд. Мусаллам аст, ки амри тарҷума дар камолу пешрафти ҳунарии вай бетаъсир набуд.

Ба назари гурӯҳе аз муҳаққиқон Аҳмади Шомлу ба ҷуз мактаби Нимо аз ҳамон оғози шоирӣ аз шоироне мисли В.В. Маяковский, Ф.Г. Лорка ва П.Элют таъсирпазир будааст. Дар бархе аз пажуҳишҳо ба таъсирпазирии шоир аз шоирону адабиёти мағрибзамин ва Шуравӣ ишора шудааст. Аз ҷумла, дар ташаккули шахсияти адабии ӯ нақши адибони дӯстдоштааш шоири испанӣ Федерико Гарсия Лорка, шоири рус В.В. Маяковскийро бисёр арзишманд медонанд. Ҳамзамон худи шоир чун ба адабиёти пешин дилбастагиву алоқаи хос дошт, ҳамеша талош менамуд, барои бозтоби фардияти офаринандагии худ усулу шеваҳои нави баёнро ба даст биёрад [142].

Қобили зикр аст, ки ба ин масъала беш аз ҳама мунаққиди номдори Эрон Ризо Бароҳанӣ ибрози назар намудааст. Дар шарҳи ин масъала номбурда ба чанд нукта ишорат мекунад. Ба андешаи ӯ ошноӣ ва умқи ошноии шоир аз адабиёти Ғарб ба андозае набуд, ки имкон дошта бошад шоиреро сармашқи кори худ қарор диҳад. Нуктаи дигари роҳи дарку тасаввури вай ин аст, ки шеъри сапеди ғарбиён пешинаи дуру дароз дошта, бар асоси низому қоидаи хосе устувор аст ва ҳеҷ умумияте бо шеъри сапеди Эрон надорад.

Матлаби дигаре, ки шоир ба он такявар аст, ин аст, ки Аҳмади Шомлу дар тули фаъолияти эҷодии хеш ҳамвора талош намудааст, худро аз қайду банди арузи классикӣ озод намояд ва аз қолабҳое истифода кунад, ки аз шеваи дигар

шоирон фарқ дошта бошад. Аз ҷониби дигар, қолабҳое, ки Аҳмади Шомлу аз онҳо кор гирифтааст номи хоссе надоранд, зеро тибқи маъмул дар шеъри озод қолабҳо аз пеш таъин намешавад, балки пас аз баён қолабро ба вуҷуд меорад.

Нуктаи дигаре, ки Ризо Бароҳанӣ ба он диққат додааст, оҳанги хосси шеъри Шомлу аст, ки дар он ҳеҷ таъсиру бардоште аз шеъри ғарбиён дида намешавад.

Баррасии фарогири шеваву равишҳои шоирии Шомлу мавсуфро ба ин натиҷа мерасонад, ки «Шомлу фикри озод кардани яксараи шеър аз қайду банду вазнро аз Ғарб гирифтааст, вале манбаи лутфу зебоии каломи ғайриманзум, вале оҳангинаш «Насри шеъргуна»-и қарни чаҳоруму панҷум (X-XI) аст ва оҳангҳои маҳками қисматҳое аз тарҷумаи форсии «Таврот» ва «Инҷил», ки тарҷумаи бисёр поку шуста рафтаву пуроҳангу боуслубе аст ва кайфияти пайғамбарона сухан гуфтани Шомлу аз ҳамин китобҳои муқаддас сарчашма мегирад» [51, с. 351].

Аз назари мунаққиди ёдшуда сарчашмаву заминаи қолабҳои шеърии шоир таъсири мустақими Таврот аст: «Усулан Шомлу гоҳе дар «Сафари хуруҷ», «Сафари пайдоиш» аст, гоҳе дар «Мазомир»-у замоне дар «Китоби ҷомеа» шеърҳое ҳастанд, ки гарчи дар рӯйи замин сафҳа ба сурати пароканда навишта шуданд, аммо бароҳатӣ метавон онҳоро ба сурати ояҳои Таврот навишт» [51, с. 360].

Муҳаққиқони зиндагӣ ва фаъолияти эҷодии Аҳмади Шомлу ба ҷанбаҳои гуногуни нигоштаҳои вай таваҷҷуҳ намудаанд. Донишманди фозил Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ аз ҷумла, ба корбурди абзорҳои шеърсоз дар ашъори шоир ва заминаҳои мусиқоии сурудаҳои вай таваҷҷуҳ кардааст.

Чуноне зикр гардид, ҷараёни фаъолияти офаринандагии шоир чунин будааст, ки вай қабл аз адабиёти классикӣ ба адабиёти Ғарб дилбастагии зиёд дошта, вале баъдҳо ба осори Мавлоно ва Ҳофиз рӯ овардааст. Дунёи андешаи ин ду бузургмарди адабиёти форсӣ роҳи эҷодии вайро дигаргун сохтааст. Махсусан, дар коргирӣ аз абзорҳову аносири шеърсоз, ки фароҳамсози оҳангу лаҳни махсус мегарданд.

Дидгоҳҳои адабиётшиноси маъруф М.Ш. Кадканӣ дар робита ба баҳрагирӣ аз қофияву унсурҳои мусиқии шеъри Шомлу ҷолиби таваҷҷуҳ ҳастанд. Мавсуф

таъкид менамояд, ки тазодҳо ва ташбеҳоте, ки дар доираи ҳавзаи овоии забон мусиқии савтҳоро ба вуҷуд меоранд, ҳамзамон дар ҳавзаи умури маъниофаринӣ ва зеҳнӣ мусиқии маънавиро ба зуҳур мерасонанд. Бо шумори ин барҷастагӣ пайвандҳои хилватнишинии унсурҳои як байт бо як мисраъ ва аз ҷониби дигар ҳамаи унсурҳои маънавии як воҳиди ҳунарӣ ҷузъҳои мусиқии маънавии як асарро ташкил медиҳанд [103, с. 393].

Адабиётшиноси тоҷик Умар Сафар ба қолаби калимот дар сурудаҳои шоир сохтору пайвастагии онҳо диққат намуда, ба ин натиҷа меояд, ки «дар ашъори Аҳмади Шомлу метавон ба вуҷуди калимоте пай бурд, ки тамоми пайкараи шеър, сохтмону иртиботи мазмунӣ, ҳадафрасонӣ, саҳнаофаринӣ мадюну вобастаи онҳо аст. Чунин калимот гоҳо дар оғози банд чун дом партофта мешаванд ва тамоми ришташову пайвандҳои мазмунсоз аз дохили он раҳо мегарданд, вале ин раҳоӣ абадӣ нест. Тамоми аҷзову калимот ба гунае побанди ҳамон дом аст. Чунин калимоти калидӣ, ки гоҳо бар маснади қофия нишаставу метавонанд дар як шеър чанд маротиб такрор шаванд» [25, с. 143].

Бар хилофи дигар пажуҳандагон Муртазо Кохӣ бештар равиши таъсири Аҳмади Шомлуро дар осори пайравону муқаллидонаш арзёбӣ кардааст.

Равшан аст, ки сурудаҳои Аҳмади Шомлу намунаи олии шеъри сапед ё мансур аст. Шоир дар роҳи интихобкардаи худ танҳо буд ва ин роҳро сарбаландона ба поён расонид. Албатта, тақлидгарони бешуморе дошт, ки ҳеҷ як дар ин росто муваффақу комёб набудаанд. Ба андешаи Муртазо Кохӣ «онҳо, ки то кунун дар ин роҳ рафтаанд, ё ба гумроҳӣ кашида шудаанд, ё дар волотарин сурати худ, ширкнависӣ аз ашъори мутависити Аҳмади Шомлуро ба даст овардаанд, ё аз нимароҳ ба иллати заъфи бунияи мизоҷӣ аз шеър маофияти доим гирифтаанд» [77, с. 37].

Масъалае дигаре, ки диққати мунаққидони шеъри Шомлуро ба худ ҷалб намудааст, ин мусиқӣ ва лаҳну оҳанг дар шеъри шоир аст. Албатта, шеъри суннатӣ ҳам мусиқии вижа дорад, ки дар фароҳамсозии он аносири зиёде аз қабили қофия, радиф, ҳуруфи мушобеҳ корсозанд. Бар хилофи он дар шеъри сапед ҷанбаҳое мавҷуд аст, ки аз дигар абзори шеърсоз пураҳаммияттар аст ва

он сирати оҳангдори он аст. Ин ҷанбаи шеъри Аҳмади Шомлуро муҳаққиқи нуктасанҷи эронӣ М. Фалакӣ таҳқиқ намуда, ба натиҷаҳои хушоянд расидааст. Ба андешаи ӯ дар матни офаридаи Аҳмади Шомлу ҳар вожа, ҳама аҷзо ҷойгоҳи ба худ хоссе дорад. Аслан дар оғози пайдоиши шеър пеши мардуми ҷаҳон шаклу сурати табиӣ дошт, яъне аз ҷанбаи оҳангини вожагон ибтидо меёфт. Вале бо гузашти замон шоирон барои бозтоби эҳсосу авотифи хеш унсури занҷиргунае офаридаанд, ки шеърро комилан даступобаста намуд. Аммо «имрӯз башари огоҳу хоҳони озодӣ озодиро дар ҳама паҳноҳо меҷӯяд ва ин раванд, маншури шеъру яке аз вуҷуҳи он яъне оҳангро низ дарбар мегирад то шеър ба оҳанги табиии худ наздик шавад ва аз бори мусиқии таҳлилӣ озод шавад» [100, с. 97].

Маҳмуд Фалакӣ таъкид менамояд, ки шеъри сапед гуфтан душвортар аз халқи шеъри суннатӣ аст. Зимни офариниши чунин шеъре тартиби калимаҳо, ҳамнишинии вожагон, мантиқи калом бисёр муҳим аст. Муҳаққиқ аз таҳқиқи шеъри Аҳмади Шомлу ба ин натиҷа мерасад, ки дар каломи вай як навъе «назми пӯшида» ё «оҳанги ҳиссӣ» мавҷуд аст. Натиҷаи дигаре, ки аз таҳқиқ М. Фалакӣ ба даст овардааст, ҳамнишинии вожагон аст, ки бар асари он забон ба рақс меояд, аммо «ҳамон гуна ки наметавон «ҳаракат»-и рақс ё «мавзуният»-и рақсро комилан тавзеҳ дод ва бештар амри диданӣ аст, дар шеъри Шомлу низ бояд, ки рақс ё ҳамовоиро ҳис кард» [100, с. 92].

Муҳаққиқи номвар зимни арзёбии зиндагӣ ва эҷоди шоир ба ваҳдату ягонагии сохтори шеъри шоир дахолат намуда, чунин менависад: «шеъри ӯ аз ваҳдати органик ва ҳамоҳангии байни муҳтавову сурат бархӯрдор аст ва сохтмони шеър чунон ташаккул ёфта, ки дарунмоя ва низ қолабу андому оҳанги сухану тасвирҳо ва таъбирҳо ҳама бо якдигар ҳамгому ҳамсадоянд» [100, с. 722].

Марҳум Фуруғ Фаррухзод низ дар хусуси шеъри адиб андешаҳои ҷолибе баён намудааст. Нигоҳи Фурӯғ ба шеъри Шомлу ҳам интиқодӣ аст ва ҳам ситоишӣ. Ба андешаи Фурӯғ «Шомлу одамест, ки дар бештар маворид шефтаи мафоҳими зебо мешавад. Ситоише, ки дар баъзе шеърҳои ӯ ҳаст, ба назари ман натиҷаи таҷрибаҳои ӯ ва махлут шуданҳои ӯ бо ин мафоҳими зебо нест. Ҳосили шефтагиҳои ӯст» [77, с. 630].

«Амирзодаи кошиҳо» (Аҳмади Шомлу) таълифи муҳаққиқ Парвин Салоҷика пажуҳиши арзишмандест дар самти шомлушиносӣ. Асари мазкур фарогири даҳ фасл буда, дар ҳар фасле бахше аз ашъори шоир таҳлилу арзёбӣ шудааст. Муаллиф дар фасли нахуст ба таври густурда перомуни хусусиятҳои сабки шеъри Шомлу сухан мекунад.

Мавсуф пеш аз пардохтан ба мушахассоти сабки Аҳмади Шомлу роҳи эҷодии вайро аз маҷмуаи аввал то охиринашро баррасӣ намуда, мӯшикофона камолу пешрафти шигифтангези шоирро нишон медиҳад. Номбурда таъкид менамояд, ки барои аксари шунавандагони адиб ин масъала тааҷубангез аст, ки чи гуна як хирадманд дар як муддати кӯтоҳ тамоми камбудиҳои худро канор зада, аз дурахшиши истеъдоду заковати худ дарак медиҳад. Манзури муҳаққиқ зуҳури Аҳмади Шомлу бо нашри маҷмуаи «Ҳавои тоза» аст, ки аз маҷмуаи пешини вай комилан фарқ дорад.

Пас аз он тарҳи ин масъала вижагиҳои сабкии матни ашъор аз ҷумла масъалаи ҳинҷоргурезӣ, ҳинҷоргурезии замонӣ, корбурди ҳуруфи изофа, корбурди вожагони куҳан, ҳинҷоргурезии наҳвиву савтӣ, таҳлилу арзёбӣ гашта, бо мисолҳои равшан нишон дода мешавад. Масъалаи дигаре, ки дар китоби мазкур таҳқиқу баррасӣ шудааст, шеваи тасвирсозии Аҳмади Шомлу аст. Аз нигоҳи Парвин Салоҷика «тасвирсозӣ дар шеъри Шомлу дар қадами аввал аз се унсур «воқеъгароии адабӣ» ва «тахаюли мубтанӣ бар ҳаммонандпиндорӣ» ва «тавсиф» сарчашма мегирад ва тасвири сохташуда ба василаи ин ду унсур бо баҳрагирӣ аз «маҷоз» дар меҳвари ҷойгузинии калом ба далолатҳои зимнӣ роҳ меёбад» [81, с. 62].

Аз тарафи дигар муҳаққиқи ёдшуда образ ва образсозиро яке аз барҷастагиҳои шеъри шоир мешуморад. Дар пажуҳиши Парвин Салоҷика тамоми ҷанбаҳои шеъри Аҳмади Шомлу таҳлилу арзёбӣ мегарданд.

Дар миёни пажуҳишҳое, ки дар чанд даҳсолаи охир оид ба роҳи эҷодии шоир анҷом ёфтааст, ба андешаи мо китоби муҳаққиқи барҷастаи эронӣ Тақӣ Пурномдориён бо номи «Сафар дар меҳ» ҷойгоҳи хосса дорад. Асар бар асоси охирин шеваҳои таҳқиқи осори адабӣ, махсусан, назм иншо шудааст.

Мавсуф натиҷаи ҷустуҷӯҳои худро дар қаламрави шеъри шоир аз маҷмуаи «Ҳавои тоза» оғоз мекунад. Донишманди фозил бо дарназардошти ин ки дар матни як асари ҳунарӣ (шеър) эҳсосу тахаюл рукнҳои калидианд. Сараввал ин ду унсурро дар каломи шоир мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Яке аз вижагиҳои арзишманди таҳқиқи Пурномдориён ин аст, ки матолиби тарҳшуда ҳамрадиф бо камоли тадриҷии шоир дар майдони адабиёт, пайвандаш бо ҷомеаву мушкилоти он, назаргоҳҳои адиб сурат мегирад. Барои ҳар андешае аз осори шоир намунае оварда мешавад. Ба қавли номбурда: «Шомлу он чиро ки эҳсос мекунад ва дар зеҳни ӯ асар мегузорад ба сурати шеър ироа медиҳад. Дарвоқеъ ангезаҳои ношӣ аз ёдҳо ва ҳаводиси зиндагӣ аст, ки заминаи отифии шеъри вайро падид меоварад ва боис мешавад шеър дар зеҳни ӯ зоида шавад» [52, с. 86].

Дар бахши дигари китоб сувари хаёл ва аносири созандаи он ниҳоят мӯшикофона таҳлил гардидаанд. Тақӣ Пурномдориён дар ин бахш талош намудааст, дар таҳлилу арзёбии шеъри Шомлу аз охирин дастовардҳои илми адабиётшиносӣ дар таҳқиқи шеър истифода намояд. Бо дарназардошти ин ки унсурҳои забон дар ашъори Шомлу корбурди гуногуне дорад, дар бахше аз пажуҳиш тамоми ҷузъи каломи шоир аз нигоҳи забон санҷида шудааст. Ба қавли Тақӣ Пурномдориён «тасаллути гӯянда дар забон ва шинохти истеъдодҳову зарфиятҳои гуногуни забон гӯяндаро ба таҳаққуқи ҳамоҳангӣ ва ҳамсозии забон ба ҳоли мухотаб ёрӣ медиҳад» [52, с. 252].

Дар бахши поёнии пажуҳиш муҳимтарин рукни шеъри сафеди Аҳмади Шомлу, ки мусиқӣ аст таҳлилу баррасии амиқ шудааст.

Чунончи маълум аст, машҳуртарин навъи мусиқӣ дар шеъри форсӣ вазни арузӣ ва вазни нимоӣ аст. Дар навъи якум баробарии мисраъҳо, вазн муносиб мешавад. Дар навъи дуюм вазн нигоҳ дошта мешавад, вале баробарӣ риоя намешавад. Бар хилофи ин дар шеъри сапед, мусиқӣ на тавассути ин унсур, балки тавассути лаҳну оҳанги хос ба вуҷуд меояд.

Дар қиёс бо дигар пажуҳандагон адабиётшинос Рӯзбеҳ зимни баррасии роҳи эҷодии Шомлу ба барҷастатарин механизмҳои сохтори шеъри мансури шоир, аз ҷумла навъҳои мусиқӣ аз қабили мусиқии дарунӣ, мусиқии канорӣ,

мусиқии маънавӣ ва баҳрагирии ӯ аз забони хосси муъҷаз ишорат менамояд. Пажуҳишҳо дар атрофи Аҳмади Шомлу зиёд аст, ки зикри ҳамаи онҳо ҳатто аз имкон берун аст. Илова бар ин таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба фаъолияти эҷодии шоир бо гузашти замон рӯ ба афзоиш дорад.

Дар интиҳои матлаб лозим медонем ба китоби М. Ҳуқуқӣ «Шеъри замони мо», ки ба Аҳмади Шомлу ихтисос дорад, ишора намоем.

Китоб фарогири муқаддимаи муфассале аст, ки атрофи хусусиятҳои гуногуни осори Аҳмади Шомлу, махсусан, масъалаи гуногуннавъӣ дар шеъри Аҳмади Шомлу ва зина ба зина камоли шоирии ӯ бо такя ба нашри маҷмуаҳо таҳлилу баррасӣ шудааст. Аслан кори муаллиф интихоби шеърҳои алоҳида аз ҳар маҷмуа аст, вале дар муқаддима ба забони шоир шеваи таркибсозиву истифодаи калимоти куҳан ва махсусан, мусиқии шеъри ӯ таъкид шудааст. Пажуҳишҳо перомуни шеъри шоир фаровонанд, вале мо ба муҳимтарини онҳо ишора намудем.

БОБИ III

ТАҲЛИЛИ АНДАРЗҲОИ АДАБӢ-ЭТЕТИКИИ АҲМАДИ ШОМЛУ

Боби сеюми диссертатсия ба таҳқиқи андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу бахшида шудааст. Қабл аз баррасии мавзуи мазкур хостем доир ба истифодаи жанрҳои шеърӣ дар девони шоир таваҷҷуҳ кунем. Сабаб дар он аст, ки корномаи аслии шоир офариниши шеър аст ва шеър дар навбати худ фарогири навъҳои мухталиф аст, ки ашъори ҳар шоире наметавонад, ҳама навъҳояш ҳузури баробар дошта бошанд. Омили дигар ин аст, ки дилбастагӣ ё рағбати шоирон ба анвои шеърӣ мутафовит аст. Гурӯҳе шефтаи жанрҳои суннатианд, идае ба шеъри навпардозона моиланд ва гурӯҳе дар раванди эҷодгарии худ талош намудаанд, шеъри сапед ё шеъри мансур бисароянд. Омили сеюми муҳимме, ки моро ба ҷудо кардани зербоби анвои шеърӣ дар боби сеюми диссертатсия водор месозад, пайванди андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир бо жанрҳои шеърӣ аст. Дар маҷмуи андарзҳои адабӣ-эстетикии адиб намунаҳое пайдо гардид, ки ба мафҳуми шеър, шеъри нав, шеъри суннатӣ, нимасуннатӣ ва ғайра гиреҳ мехӯранд. Аз ин рӯ, дар аввал масъалаи истифодаи жанрҳои шеърӣ дар эҷодиёти Аҳмади Шомлу мавриди баррасӣ қарор дода шавад.

3.1. Анвои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу

Ҳунару истеъдоди Аҳмади Шомлу аз корбурди жанрҳои суннатӣ оғоз мегардад. Он ду ангеза дорад. Ангезаи аввал собит сохтани ин, ки шоир дар офариниши шеъри суннатӣ маҳорату истеъдод ва шинохти комили назарӣ дорад ва тамоюли ӯ ба ҷараёни навгароёна ҳаргиз аз рӯйи заъфу нотавонӣ нест. Ангезаи дигар танҳо ҷозибаву кашиши таҷаддуду навгаройӣ доштани нигоҳу биниши тоза аст.

Аҳмади Шомлу бо шеърҳои суннатӣ вориди майдони адабиёт гардид. Тибқи пажуҳишҳое, ки дар ин замина анҷом шудаанд, суннати шеъри форсӣ, ки дар

тули асрҳо шакл гирифтааст, бар се рукни аслӣ устувор аст: «сурату қолаб ё шакли суварии шеър, яъне мавзуну муқаффо (қофиядор – Ш.Ф.) будан дар ҳамон маҳдудаи назаргоҳи қудамо, ки ҳам мешавад онро дар сурати шунидорӣ ва ҳам дар сурати дидорӣ ҳис кард: забони адабӣ яъне, забони хоссе, ки шеърро аз назари забону баён ҳам аз забони рӯзмарра ва ҳам аз забони илмӣ фарқ месозад. Маънидор будан яъне, ки шеър ба ҳар ҳол ҳовии маънӣ ва паёми қобили дарёфт бошад, хоҳ ин маънӣ ба осонӣ барои хонанда идрок гардад, хоҳ пас аз ҳалли душвориҳо ва печидагиҳои матнӣ» [53, с. 31].

Масъалаи тағйиру дигаргунӣ дар сурати ин аркони сегона метавонад тағйире дар раванди эҷоди шеър ба вуҷуд орад. Вале дар тули замон он чи ки бештар собиту устувор мондааст ин қолаби берунии шеър аст. Суннатшиканӣ дар шеър вақте ки қолаб тағйир накунад ба таври зарурӣ эҳсос намешавад. Тағйиру дигаргунӣ метавонад дар заминаи ду рукни дигар рух диҳад ва дарк нашавад, вале ҷузъитарин тағйир дар қолаб боиси мухолифату вокунишҳои шадид мегардад. Адабиёти классикии мо дар ин замина намунаҳои зиёде дорад, ки дар робита бо мавзуи мавриди назар мо ба онҳо такя хоҳем намуд.

Ашъори Аҳмади Шомлуро вобаста бо аркони сегонаи шеъри суннатӣ метавон ба се гурӯҳ ҷудо намуд:

1. Шеърҳои суннатӣ. Аҳмади Шомлу дар ашъори суннатии хеш ба шеваву қоидаҳои суннатӣ бар асоси рукнҳои сегона пайравӣ мекунад. Равшан аст, ки барои шеъри суннатӣ қолабҳои маъмулу машҳур ғазал, маснавӣ, рубоӣ, дубайтӣ, қасида, таркиббанду мухаммасу мусаддас аст, вале наметавон гуфт, ки шоир дар ҳамаи ин қолабҳо шеър гуфтааст. Ҳарчанд шоир бо шеъри суннатӣ фаъолияти хешро оғоз намудааст, вале комилан аз ин шева канор нарафта аст. Яке аз қолабҳое, ки Шомлу ба он шефтагии хос дорад, ғазал ва чорпора аст. Шумораи шеърҳои суннатии Аҳмади Шомлу зиёд нестанд. Барои мисол намунае аз чорпораҳои ӯ нақл мешавад:

Мисли ин аст дар ин хонаи тор
Ҳар чӣ бо ман сари кин асту анод.
Аз калоғе, ки бихонад бар бом

То чароғе, ки биларзонад бод.

Дар чаҳорпораи болоӣ аввал бозтобе зеҳнан аз хостгоҳи матлабе, ки бояд риоя шавад, сурат мегирад. Хонанда ба вазъи равонии қаҳрамони ғиноӣ ошно мегардад. Созу абзори макони ривоят барои қаҳрамон хушоянд нест. Ин норизояту вазъи андуҳовар дар матни чорпораи дуюм шиддат меёбад:

Мисли ин аст, дар ӯ бо ҳар дам,
Ба гурез аст нишоте аз ман.
Мисли ин аст, ки пӯшида дар ӯст
Ҳар чӣ аз буд, зи ғам пероҳан.

Пеши назари хонанда фазое ҷилвагар мешавад, ки зояндаи ғаму ҳасрат аст ва шодиву хурсандиро аз бошандагонаш гирифтааст. Танҳо дар чорпораи сеюм аст, ки шеър зода мешавад. Қаҳрамони лирикӣ аз он макони будубош ҳамчун хона ёдовар мешавад ва натиҷа мегирад, ки масоҳати он саршор аз ранҷу азобу кулфат аст. Хона метавонад рамзе аз ҷомеае бошад, ки қаҳрамон дар он зиндагӣ мекунад:

Хона вайрон, ки дар ӯ ҳасрати марг
Ашк мерезад бар ҳайкали зист.
Хона вайрон, ки дар ӯ ҳар чӣ ки ҳаст
Ранҷи дирӯзу ғами фардоест [12, с. 128].

Аҳмади Шомлу қитъаи зебое дорад, бо номи «Барф». Дар қитъаи мазкур он чи, ки ба чашм мерасад, муқаффо будани аксари абёт, ки гӯё рехту низоми онҳо шеърро ба сарҳади камол мерасонад. Резиши барф ҳамчун падидаи табиӣ муҷассам мегардад ва дар қисмате аз шеър тобиши иҷтимоӣ мегирад. Ба таври ноаён шабоҳате бо поксозе ҷилвагар мешавад, ки бояд ҷомеаи олуда ба тирагиҳоро поку муназзаҳ созад:

Барфи нав, барфи нав салом, салом,
Бинишин, хуш нишастаӣ бар бом.
Покӣ овардӣ эй уммеди сапед,
Ҳама олудагист ин айём.
Роҳи шумест мезанад мутриб,

Талхворест мечакад дар ҷом [12, с. 129].

Шоир дар ашъораш аз ҷумла, дар ғазалҳо комилан суннат ва асолатҳои онро риоя мекунад. Қисме аз ғазалҳо радиф ва тахаллус доранд. Теъдоди дигаре бошад орӣ аз ин ду унсур буда, танҳо бархе аз ғазалиёт аз нигоҳи фасоҳати забони адабӣ ва асли маънӣ таваҷҷуҳро ҷалб мекунанд. Ҷанбаи дигари ғазалиёт истифодаи корбурди вожагони забони гуфторист, ки хеле хуб истифода шудаанд, зеро ин шевае аст, ки шоирони насли пешин низ гоҳ-гоҳе дар пайкари ғазал анҷом додаанд.

2. Шеърҳои нимасуннатӣ. Дар эҷодиёти Аҳмади Шомлу баъд аз ашъори суннатӣ шеърҳои нимасуннатӣ ҷойгоҳи хос доранд. Ашъори нимасуннатӣ аслан шеърҳое мебошанд, ки дар шаклгирии онҳо аз аркони сегонаи фавқулзикр рукни сурат дучори тағйиру дигаргунӣ шудааст. Яъне, шоир қолабҳои маъмулу машҳури мавҷуди шеъри классикиро канор гузошта, андешаҳои хешро дар қолаби ғайримаъмулӣ ё ноошнотаре баён мекунад.

Дигаргунӣ ва таҳаввуле, ки дар сурати ашъор бо зуҳур мерасад, чандон назаррасу доманадор нест ва ҳаргиз сабаби вайроншавии вазн ва баробарии дарозии мисраъҳо ҳам нашуда аст. Навпардозиҳое, ки ба чашм мерасад бештар дар баҳрагирӣ ва истифода аз қофия аст. Дар ин гуна шеърҳо таъсири Нимо Юшиҷ зиёд эҳсос мешавад.

Барои равшан инъикос шудани масъала мисолеро меорем: «Меҳ» яке аз шеърҳои ҷолиби маҷмуаи «Ҳавои тоза» аст, ки дар мунтахаби ашъори шоир солҳои гуногун ба табъ расидааст:

Биёбонро саросар меҳ гирифтаст.
Чароғи қаря пинҳон аст,
Мавҷе гарм дар хуни биёбон аст.
Биёбон хаста,
лаб баста
нафас бишкаста,
Дар ҳазёни гарми меҳ арақ мерезадаш оҳиста
аз ҳар банд

«Биёбонро саросар меҳ гирифтааст [мегӯяд ба худ обир]
Сагони қаря хомӯшанд»
«Дар шулои меҳ пинҳон, ба хона мерасам. Гулку намедонад.
Маро ногоҳ дар даргоҳ мебинад, ба чашмаш қатра
ашке, бар лабаш лабханд, хоҳад гуфт:
«Биёбонро саросар меҳ гирифтааст… Бо худ фикр
мекардам, ки меҳ гар
Ҳамчунон то субҳ мепоид мардони ҷасур аз
хуфтагоҳи худ ба дидори азизон боз мегаштанд»
Биёбонро
саросар
меҳ гирифтааст
Чароғи қаря пинҳон аст, мавҷе гарм дар хуни биёбон аст.
Биёбон хаста, лаб баста, нафас бишкаста дар ҳазёни
гарми меҳ арақ мерезадаш оҳиста аз ҳар банд [66, 51-52]

Дар ин шеър муҳите тасвир шудааст. Шоир таъкид бар он дорад, ки касе дар симои роҳгузар, обир худ ба худ гуфтугӯ дорад ва он ровӣ шахси саввум аст, ки бо Гулку иртибот барқарор мекунад ва баъдан вазъияти Гулку тавсиф мешавад.

Чунонки маълум аст, яке аз шаклҳои мавзуъпардозӣ дар шеър истифода аз унсурҳои ривоятӣ мебошад, ки дар адабиёти классикии мо зиёд дида мешавад. Нимо Юшиҷ ин шаклро яке аз комилтарин шаклҳо меҳисобид. Шомлу низ дар шеърҳои кӯтоҳу дарози худ аз «унсури ривоятӣ» фаровон истифода намудааст ва намунааш шеъри болоист, ки ҷанбаи қавии ривоятӣ дорад. Нуктаи дигаре, ки зикраш бамаврид аст, ҷанбаи мусиқии ин шеър мебошад, ки тавассути қофияҳо дар охири мисраъҳо ва дохили мисраъҳо ифода ёфтааст: пинҳон, биёбон, хаста, баста, бишкаста ва ғайра.

Равшан аст, ки асли қофиясозӣ ин такрор аст. Такроре, ки тартиби хоссе дорад ва ин назм офарандаи сурат ё қолабҳои вижа аст. Дар ашъори нимасуннатӣ

ҳам қофия чун такя ба такрор дорад, ҳарчанд сурати ноошнову тозатареро ба вуҷуд овардааст, вале ба ҳадди лозим назаррасу муҳим нест.

Қолаби дар шеъри муосири форсӣ ва тоҷикӣ маъруф чаҳорпора аст, ки аз чаҳор мисраъ иборат буда, дар он мисраи дувуму чаҳорум ҳамқофия мебошанд. Дар ин чаҳорпораҳо гоҳо мисрае ё байте илова мешавад, ки бо чаҳорпора қофиядор аст ё ин ки қофияи мустақил дорад. Вале иддае аз муҳаққиқон бар онанд, ки чунин қолаб дар шеъри муосири форсӣ бештар бо таъсири шеъри Ғарб ба вуҷуд омадааст.

3. Шеъри сапед ё мансур ба ҷанбаҳои гуногуни ашъори Шомлу муносибат дорад. Ӯ зимни офариниш аз табиитарин ва муносибтарин сохтору вазн барои шеъраш истифода намудааст ва заминаи шеъри мансур аст, ки шоир маҷоли ҳунарнамоии бештаре барои хеш дарёфт намудааст. Шеъри ӯ аз мусиқии хоссу оҳанги вижае бархӯрдор аст, вале дар ин мусиқӣ арузи суннатӣ нест, гузашта аз ин бо намунаҳои ашъори Нимо низ яксон нест. Ин мусиқӣ яке аз муҳимтарин шеваи кори Шомлу маҳсуб мешавад ва онро метавон дур аз вазни шеър номид.

Ӯ тавонист шеъру забони форсиро бо ин вазн пайванд диҳад. Ба навиштаи Фурӯғи Ҷалилӣ хонандаи шеъри ӯ вазни ашъорашро ба осонӣ эҳсос менамояд. Гузашта аз ин бо андаке андешаву барангехтани зеҳну ҳуши худ дар ҷараёни матни шеър онро дарку эҳсос менамояд, вале дар маҷмуъ матни сурудаҳояш нубуғу қариҳа ва малакаҳои зиёдеро дар худ доранд, ки хонанда бо тааммулу андеша онҳоро ба осонӣ ба даст меорад, ба умқи шеъри ӯ мерасад, онро дарку дарёфт мекунад, амри маҷбуриву таҳмилӣ нест, балки дарки ҳамоҳангиву ҳаракатест, ки миёни унсурҳову забони шеър устувор аст [97, с. 53].

Муҳаққиқон Муҳаммад Ҳуқуқӣ, Парвин Салоҷиқа ва Маҳмуд Фалакӣ дар таҳқиқоти худ ишора намудаанд, ки баъдҳо Аҳмади Шомлу шеъри суннатиро канор гузошта, ба шеъри мансур ё сафед рӯ меорад [66; 81; 99].

Имрӯз ӯро ҳамчун бунёдгузори шеъри сафеди форсӣ мешиносанд. Бархе аз вижагиҳои шеъри мансури ӯро ишора кардан ба маврид аст. То чанд соли охир пажуҳишҳои қобили мулоҳиза дар адабиётшиносии тоҷик перомуни шеъри сафед мавҷуд набуд, танҳо соли 2016 китобе аз шоири арҷманд Доро Наҷот бо

номи «Гулҷӯшаҳо» ба табъ расид, ки фарогири мақолоте перомуни шеъри сафед, он ҳам шеъри сафеди Доро Наҷот аст. Аксари муҳаққиқон мисли Н.Нурзод, М. Тоҷиддинӣ, Ю. Акбарзода, М. Аҷамӣ, Б. Раҳматзод асосан, атрофи вижагиҳои шеъри сафеди Доро сухан гуфтаанд, танҳо мақолае мабсут аз М. Мирзоюнус бо номи «Ҷараёнҳои шеъри муосири тоҷикӣ ва масоили рушди шеъри сафед дар Тоҷикистон» дар умум атрофи бурдубохти шеъри сафед дар Тоҷикистон пешкаш гардида буд [23[a]].

Шеъри сапед дар адабиёти аксари ақвому миллатҳои дунё ҳузуру пешинаи қобили таваҷҷуҳ дорад. Марбут ба вижагиҳои маконiву замонӣ шохисҳои миллӣ, фарҳангу андеша, муҳити адабӣ, шеъри сапеди ҳар миллате рангу бӯйи ба худ хос, шеваи мушаххас дорад, ки шеъри форсӣ низ аз он мустасно нест. Вале мусаллам аст, ки шеъри сапеди ҳар қавму миллате дар ҷараёни зуҳуру камоли хеш аз шеъри дигарон таъсирпазир будааст. Омӯзиши ин мавзуъ аз ҳавсалаи ин рисола берун аст. Аз ин рӯ мо танҳо шеъри сапеди Эронро баррасӣ мекунем, зеро бидуни шак ягона омиле, ки дар таквину камоли шеъри муосири тоҷик дар тули чанд даҳаи охир муассир будааст, шеъри муосири Эрон мебошад.

Барои шеъри сапед дар адабиётшиносии Эрон ду истилоҳро истифода мекунанд: а) шеъри сапед; б) шеъри мансур. Иддае аз муҳаққиқин бар ин назаранд, ки ватан ва баромади шеъри мансурро набояд дар Эрон, балки дар Ғарб ҷустуҷӯ намуд, аммо дар навбати аввал бояд бидонем, ки «шеъри мансур пайвастор миёни шеъру наср, бо гироиш ба самти шеър қарор мегирад. Насри шоирона низ рӯйи ҳамон пайвастор қарор дорад. Бо ин тафовут, ки насри шоирона гироиш ба самти наср дорад. Тафовути умдаи сохтории шеъри мансур бо насри шоирона он аст, ки дар шеъри мансур тамоми мухтасоти шеърӣ мавҷуд аст, аммо бо сурати наср навишта мешавад. Дар ҳоле ки насри шоирона танҳо метавонад насри оҳангин бошад» [98, с. 898].

Бар асоси иттилооти мавҷуд шеъри мансур дар хилоли қарни XIX милодӣ дар Фаронса равнақу ривоҷ пайдо кард ва дар саросари Аврупо ҳамчун як ҷараёни тозаи шеърӣ мақбулият пайдо намуд.

Вуҷуди шеъри сапед ё мансурро ба Эрон пажуҳандагон бар асари тарҷума медоданд. Дар Эрон шеъри мансур тавассути тарҷумаи ашъори аврупоӣ шинохта шудааст. Тарҷумаи ин ашъор боис гардид, ки мутарҷимон ба хотири ҳифзи мазмун ва хусусиятҳои назарраси сохти забонии асар аз риояи қоидаҳои анъанавии назм даст кашанд ва тарҷумаи худро ба шакли манзум не, балки ба шакли мансур пешниҳод намоянд. Таҷрибаи тарҷумаи ашъори аврупоӣ имконият фароҳам овард, то шоирони эронӣ пас аз таҷрибаи сабки нимойӣ ҳатто битавонанд вазни арузиву дигар қоидаҳои анъанавии назм аз ҷумла «қофия» ва «радиф»-ро як сӯ гузошта ва барои истифода аз назм эҷоди шеърро маҳдуд насозанд [98, с. 898].

Вақте сухан аз таъсири шеъри Ғарб ба адабиёти Эрон дар миён аст, набояд онро танҳо ба шеъри мансур муртабит донист. Шеъри Ғарб ба тамоми соҳоти шеъри форсӣ, махсусан, дар солҳои оғозини аср таъсири густурдае дошта. Устод Зарринкӯб роҷеъ ба ин таъсир чунин қайд мекунад: «таҳаввулоти иҷтимоии қарни охири мо як ранги тоза ба шеъру адаб додааст. Ранги ғарбӣ. Гӯйӣ адаби шарқӣ бо иқтибос аз шеъри ғарбӣ он чиро дар гузашта аз аҳди ренесонс то румонизм ба Урупо бахшидааст, бозпас мегирад. Дар ҳар ҳол аз тамоми ҳадяҳое, ки нуфузи адаби урупойӣ ба фарҳанги ҷадиди мо додааст, ҳеҷ чиз ҷолибтар аз он чизе нест, ки имрӯз шеъри нав мехонанд. Шеър, ки тақрибан Нимо Юшиҷро бояд мубтакири он донист» [79, с. 235].

Таъсирпазирии шеъри мудерни Эронро аз шеъри Ғарб метавон дар заминаҳои мухталиф мавриди пажуҳиш қарор дод. Яке аз заминаҳои ҷолиб шаклу қолабҳои шеъри ғарбӣ мебошад, ки радди пойи он дар шеъри нимойӣ ва нави Эрон ҳувайдост. Шеъри ғарбӣ ҳамчунин бо маънову муҳтавои худ ба шеъри имрӯзи Эрон таъсиргузор буда, ки ҳеҷ касе қодир нест мункири он бошад. Ошноӣ бо адабиёти Ғарб дар ибтидои қарни ХХ махсусан замони Инқилоби Машрута доманаи васеъ пайдо намуда буд.

Замоне, ки шеъри ҷадиди форсӣ шакл мегирифту сабки вижа ба худ касб менамуд, аксари шоирони аср бо забони форонсавӣ ошноӣ доштанд ва бозори тарҷума низ аз забони форонсавӣ ба форсӣ гарм буд. Бештари шоирон шеъри

хешро таҳти таъсири шеъри фаронсавӣ менавиштанд. Перомуни шоирони тағаддудхоҳ мисли Тақӣ Рафъат, Ҷаъфар Хоманейӣ, Шамси Касмойӣ, ки сайъ доштанд, ашъорашон дар маъниву мазмун тозагӣ дошта бошад, пажуҳандагон Яҳё Ориянпур ва Шамси Лангрудӣ иттилооти густурдае додаанд [138; 119].

Бархилофи онҳо гурӯҳи дигар таҳти таъсири адабиёти рус қарор доштанд. Ба навиштаи муҳаққиқ Абосалӣ Вафойӣ шоироне мисли Лоҳутиву Саидашрафиддини Гелонӣ муассиси «Насими шимол» дар ин давра таҳти таъсири Собир шоири машҳури Қафқоз ва дигар адибони озодихоҳи Туркия қарор доштанд. Мирзода Ишқӣ забони фаронсавиро медонист ва осори навпардозонаи хешро чун манзумаҳои «Идиол», «Растохез» ва «Наврӯзнома» дар Истамбул ё пас аз сафар ба онҷо таълиф намуда буд. Номбурда барои аввалин бор кӯшиш намуд то қофияҳоро ба шакли нав, бар асоси оҳанги он тартиб диҳад ва боварӣ дошт, ки дар услуби сароиши шеъри форсӣ метавонад, дигаргуние эҷод намояд [134, с. 182].

Албатта шоироне, ки шеъри мансур гуфтаанд ба гунае таҳти таъсири дигарон будаанд. Аз ҷумла, Аҳмади Шомлу, ки худ аз осори ғарбиён ашъори зиёде тарҷума кардааст, таҳти таъсири Лорка ва Нозим Ҳикмат будааст. Нозим Ҳикмат аз шоироне маҳсуб мешавад, ки таъсири бечуну чаро бар шеъри Аҳмади Шомлу доштааст ва Шомлу низ ба аҳаммияти шеъри Нозим ва таъсиргузории ӯ дар эҷодиёташ ишора карда, таъкид менамояд, ки ҳарчанд ноқидону адабиётшиносон ба таъсирпазирии ман аз Нозим Ҳикмат ишора накардаанд, вале шеъри номбурда воқеан ҳам дар пешрафту дигаргунии ашъорам корсоз буд [134, с. 183].

Дар адабиётшиносии Ғарб манзур аз шеъри мансур қитъаи кӯтоҳе мебошад, ки ба шакли наср таълиф мешавад ва аз ҳеҷ назму тартиби хоссе пайравӣ намекунад, аммо дорои унсурҳои шеърӣ аст.

Шоироне, ки дар қаламрави адабиёти ҷаҳон шеъри мансур гуфтанд зиёданд, вале бидуни шак пешгомони ин навъи шеър шоирони фаронсавӣ Шарл Будлер ва Молорме буданд, ки бо осори хеш шеъри мансурро дар адабиёт ҳуввият бахшиданд. Дар адабиёти муосири форсӣ шоирони зиёде аз қабили

Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя, Нодири Нодирпур, Маҳдӣ Аҳавони Солис, Исмоил Шоҳрудӣ, Парвизи Дориюш, Ҳушанги Эронӣ ва дигарон шеъри мансур эҷод намудаанд, аммо ба навиштаи Шафеии Кадканӣ дар ин миён «пуштикори Шомлу ва истеъдоди барҷастаи вай сабаб шуд, ки ӯ танҳо шоире бошад, ки шеъри мансурро дар ҳадде бисарояд, ки ба ҳангоми хондани баъзе аз шеърҳои ӯ инсон ҳеҷ гуна эҳсоси камбудӣ накунад ва онро дар баробари муваффақтарин намунаҳои шеъри мавзун дар адабиёти муосири Эрон қарор диҳад» [104, с. 61].

Воқеан аз донишмандони имрӯзи Эрон устод М.Ш. Кадканӣ дар таъйину бозшиносии шеъри мансур ва шохисҳои он осори арзишманде таълиф намудаанд. Аз ҷумла дар китоби «Мусиқии шеър» боби алоҳидаеро ба шеъри мансур бахшидааст. Дар ин фасл устод мӯшикофона перомуни шебу фарози ин ҷараёни шеърӣ дар адаби ҷаҳонӣ ва Эрон сухан дар миён мегузорад ва зимни арзёбии корномаи Шомлу андешаҳои ҷолиберо баён мекунад. Номбурда бар ин назар аст, ки аввалин омили пешрафти шоир дар ин шева ба ғайр аз ҳунару истеъдоди барҷастае, ки дар олами шеър дорад, дар диққате аст, ки ба ҷанбаҳои забон ва эҷоди вусъатҳои нав дар занҷираи гуфтору марзи калимаву вожагон дорад. Шоир ба ин ҳақиқат расидааст, ки ҳар калима дар сохтори сухан метавонад навъҳои вазъияту ҳолатро дар хонанда ба вуҷуд орад, ки вожагон дар қатори одӣ ва табииашон ё дар ҷараёни мантиқии забон қарор доранд, ки аз домани шеър берун аст, ё дар марзи шоиронаи қадимӣ, ки паймудаи адабиёти наву куҳна аст. Шомлу ба хотири пайдо намудани маъноҳои нави вожаҳо қоидаву низоми забонро мешиканад. Ин шикастан дар ду тараф сурат мегирад. Яке интихоби калимаҳои бешумор аст, ки ниёзу эҳтиёҷоти каломро бароварда месозад ва дувум дар канори ҳам қарор додани унсурҳое мебошад, ки дар низоми одии забон ҳеҷ касе онҳоро дар канори ҳам қарор намедиҳад ва аз ин рӯ тасвирҳое, ки ба вуҷуд меоянд дар меъёрҳои одии шеър, ҳатто шеъри нав дар нигоҳи аввал аксаран аҷибу ғариб ба назар мерасанд [103, с. 262].

Ба андешаи М. Ш. Кадканӣ шоир бояд дар эҷоди шеъри мансур бо низоми хоссе дастрасӣ дошта бошад, ин низом замоне зуҳур меёбад, ки мувозинате миёни се унсур: отифа, хаёл ва қудрати эҳзори калима мавҷуд бошад. Аз сӯйи

дигар дастёбӣ ба низом дар асоси шикастани қоидаҳои забон ҳосил мешавад. Дар натиҷаи ин шикаст маънои нав ба вуҷуд меояд. Аммо ин кори содае нест ва наметавонад дар зарфи як ду рӯз анҷом пазирад.

Аҳмади Шомлу низ барои расидан ба ин марҳила беш аз сӣ соли умри хешро сарф намудааст. Масъалаи дигаре, ки ба он таваҷҷуҳ шудааст, маънои мобаъдии (охири – Ш.Ф.) шеър аст. Бад-ин маънӣ, ки: «дар шеъри ҷадид маънӣ амрест мобаъдӣ дар сурате, ки дар шеъри қадим маъно амрест «моқаблӣ». Шоири қадим ҳамеша аз матолибе, ки Шумо аз пеш медонистед, таркибе ба вуҷуд меовард, ки он таркиб ба Шумо лаззат медод, ҳар қадар ҳам, ки ташбеҳу истиорааш нав буд. Дар сурате, ки дар шеъри ҷадид гӯянда баъд аз он, ки шеърро суруд, тоза маъно ба вуҷуд меояд, маъное, ки аз қабл ба ҳеҷ рӯй собиқа надоштааст» [103, с. 263].

Агар аз зовияи эстетикии шеъри муосир ба шеъри қадим нигоҳ кунем, равшан мегардад, ки бунёди зебоӣ ва ҷаззобияти шеъри қадим ҳузури таносубҳо ва ҳамоҳангиҳои он аст, дар ҳоле ки зебоии шеъри ҷадидро ҳамнишинӣ ва пайванди тазодҳо ташкил медиҳад. Яъне, амалҳое, ки аз категорияҳои ба ҳам наздик нестанд.

Ниҳоят масъалаи дигари дархури таваҷҷуҳ дар асари устод М. Ш. Кадканӣ пайванди шеъру забон аст. Равшан аст, ки шеър худ як падидаи иҷтимоист ва майдони ҷилваву бозтобаш забон аст. Забоне, ки ниҳоят печидаву муғлақ аст, вале дорои зарфиятҳо ва имконоти беҳудуд аст. Ба андешаи мавсуф яке аз имконҳои забон ҳамин вазъияти расонандагии рӯзмарраи он аст, ки ҳама кас бо он сару кор дорад, вале ҳазорон имкони дастноёфта дар забон ҳаст, ки баъзе вақтҳо тасодуфан ошкор мешаванд ва гоҳо дар натиҷаи назорагариву таҷрибаи шоир кашф мегарданд [103, с. 265].

Бар хилофи шеърҳои суннатӣ ва нимасуннатӣ ашъори мансур вазн надорад, вале шеъри мансур дорои оҳанги хосси табиии забон аст. Оҳанге, ки ҳангоми қироати шеър ба гӯши мо менишинад ва зеҳни моро машғул медорад. Набояд фаромӯш намуд, ки ин оҳанг таҳти таъсири низоми аруз аст. Яке аз роҳҳои

оҳангдор сохтани шеъри мансур баҳрагирӣ аз насри қадим аст, махсусан, осори мансуре, ки аз низоми хосси оҳанг бархӯрдор аст.

Тарзи дигари оҳангофаринӣ баҳраҷӯйӣ аз таваққуфҳо, фосилаҳову сукунҳо ва тақтеи ҷумлаҳо мебошад. Инчунин барои тавлиди мусиқии калом метавон аз такрори калимоту иборот, вожаҳои ҳамвазн ва ҳуруфи мушобеҳ истифода кард.

Дар пажуҳишҳое, ки атрофи шеъри мансур анҷом шудаанд, аз ҷумла, таълифоти Т. Пурномдориён, С. Шамисо. К. Обидӣ ва М.Ш. Кадканӣ ба забони шеър диққати махсус дода шудааст, чунки забони форсӣ фарогири имконоти таркибии шигифтангезе аст, ки истифода аз он аз хусусиятҳои шеваи шоирони шеъри мансур аст. Албатта, тамоми заминаҳои мусиқии шеъри мансурро наметавон шинохту бозгӯй намуд. Агар чунин коре анҷом мешуд, ҷанбаи ҳунарии он мустаҳкам наемонд: «зеҳни шоир бояд дар амри муморисат ва мутолиаи фаровон чунон кайфияти музиколӣ пайдо карда бошад, ки бидуни андеша дар бораи мусиқии шеър каломаш мавзун бар забонаш ҷорӣ шавад. Бо ин ҳол аракрезони шоир баъд аз итмоми кори сурудаи тоза шуруъ шавад» [93, с. 320].

Дар шеъри муосири форсӣ шоирони зиёде кам ё беш шеъри мансур гуфтаанд ва ҳар яке дар бахши отифаву хаёл, сатҳи андеша ва забон ҷиҳатҳои вижа доранд, вале барои шинохти дақиқи ҷиҳатҳои аслӣ ва хусусиёти шеъри мансур мо бештар ба осори Аҳмади Шомлу такя мекунем. Ба андешаи М. Ш. Кадканӣ шеъри мансур ё сапед «факат дар Шомлу ва корҳои ӯ қобили мутолиа аст» [103, с. 131].

Шеърест, ки «мекӯшад мусиқии берунии шеърро як сӯй ниҳад ва чандон аз мусиқии маънавӣ ва гоҳ мусиқии канорӣ кумак бигирад, ки заъфи худро аз лиҳози надоштани мусиқии берунӣ ҷуброн кунад» [104, с. 131].

Муҳаммад Ҷаъфар Ёҳақӣ аз донишмандони номвари муосир аст, ки назари худро оид ба усули эҷоди Аҳмади Шомлу мазмунан дар пажуҳишҳо ва китобҳои дарсиаш баён кардааст. Аз нигоҳи ӯ шеъри шоир аз ҷиҳати сохту жанр бештар аз ҳамаи шогирдони Нимо ба наср наздикӣ дорад. Озод будани аксари ашъори Аҳмади Шомлу аз ҳар гуна қайду побандӣ, вазну қофия ба сабкҳои суннатӣ

хусусияти асосиест, ки дар шеъри имрӯзи Эрон кам дида мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки лаҳни каломи ӯ гоҳо шабоҳату ҳамсонии зиёде бо осори насрии асри X-XI милодӣ ва тарҷумаҳои «Таврот» ва «Инҷил» дорад [136, с. 106].

Бархе аз мунаққидони шеъри мансур ва бахусус, шеъри Аҳмади Шомлу шинохту муаррифии шеваи кори ӯро бар пояи ихтилофҳои замонаш ё ба дигар сухан бар пояи зиддияте, ки бо иҷтимои хеш дошта, баррасӣ мекунанд. Такяи онҳо дар он аст, ки қисме аз зиндагии ӯ ба даврони ҳукумати Ризошоҳ рост меояд ва шоҳиди бисёре аз душвориву зиддиятҳои замон будааст. Баъдҳо тавонистааст, ҳодисаҳои дидаашро бо зеҳнияти халлоқи хеш дар шеър инъикос кунад.

Шоире, ки ин ихтилофоту зиддиятҳоро дарк мекунад ва ҳамзамон дар қиёми онҳо замони танаффус барои бознигарии андешаҳову ҷаҳоннигариҳо дорад, оқибат гӯяндаву ривоятгари тазоде аст, ки дар вуҷуди инсону конуни ҳастӣ ҷараён дорад. Истеъдоду нубуғи ӯ шоирро ба пинҳонтарин нукоти руҳу равони инсонӣ кашонида бо ҷамъи тазоду носозгориҳои вуҷуд ҳамдидораш сохтааст [66, с. 531].

Ҳамин тариқ, дар девони ашъори Аҳмади Шомлу бештар сурудаҳое мавҷуданд, ки дар қолаби шеърҳои сафед ё мансур эҷод шудаанд. Чун мавзуи таҳқиқи мо баррасии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и шоир аст, таҳлили муфассали шеърҳои сафеди шоирро анҷом намедиҳем.

3.2. Нигоҳе ба мафҳум ва маънии истилоҳии андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)

Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) ҳосили таҷриба ва назорату мушоҳидаҳои амиқи як шоир, ё як ҳунарманданд, ки дар дарозии замон ба таври хулоса ва муъҷаз дар зеҳни эҷодкор шакл мегиранд ва нигошта мешаванд. Дар адабиёти илмӣ ба шарҳу баёни истилоҳии ин вожа, ки сохтаи донишмандони даҳаҳои охир аст, камтар диққат шудааст. Дар адабиёти пешин мо ба намунаи андарзҳои адабӣ-эстетикии зиёде бармехӯрем, танҳо бо ин тафовут, ки онҳо бо мафҳуми дигаре зикр мешаванд.

Навиштани андарзҳои адабӣ-эстетикӣ дар миёни шоирони муосири тоҷик ривоҷи зиёде надорад, вале дар адабиёти ҷаҳон кори маълуму маъруф аст. Бояд таъкид намуд, ки дар забони тоҷикии имрӯз мо муодиле барои истилоҳи «гузингӯя» надорем. Аммо намунае аз «гузингӯя»-ҳо дар таълифоти муҳаққиқони варзидаву гурӯҳе аз адибони мо мавҷуданд, ки мутаассифона ҳаргиз дар доираи талабу дархости ин истилоҳ таҳқиқ нашудааст.

Дар адабиёти пешин ва махсусан, луғатномаҳо гузингӯяҳо (андарзҳои адабӣ-эстетикӣ)-ро калимоти қисор меноманд. Масалан, дар яке аз луғатномаҳои адабӣ оварда шудааст, ки калимоти қисор суханону ҷумлаҳои кӯтоҳу фишурдаи пурмаънӣ мебошанд, ки ба монанди зарбулмасал дар панду таълим ё барои баёни андешаи фалсафӣ пешкаш шудаанд. Азбаски «калимоти қисор» бояд мафҳуми бузургро баён кунанд ва дар айни ҳол бо камтарин калимаву баёдмондатарин ибораҳо баён шаванд, ногузир ба риояти кӯтоҳбаёнӣ ниёзманданд. Дар ҳамин луғатнома қайд гардидааст, ки таваҷҷуҳ ба калимаҳои қисор аслан дар Юнони бостон оғоз шудааст, баъдан дар дигар кишварҳо густариш ёфтааст. Дар адабиёти форсӣ ашъори кӯтоҳу таркибу ибороте аст, ки онҳоро метавон ҳамчун калимоти қисор пазируфт. Масалан: поёни шаби сияҳ сапед аст [98, с. 1160].

Илиё Диёнӯш яке аз донишмандони эронӣ дар хусуси маъниву вазифаи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) чунин қайд кардааст: «Гузингӯя (андарзҳои адабӣ-эстетикӣ – Ш.Ф.) фарохнок аст. Ин фарохнокӣ ҳам танҳо аз шоир бармеояд. Шоири ҷасуре, ки дар парвозҳои зеҳнаш ба қаламравҳои бегона саркашӣ мекунад ва фориғ аз тааҳҳуд, сиёсат, ҳунар, ишқ, иҷтимоъ ва…гузингӯя мегӯяд. Гузингӯяҳо ҳамонҳоянд, ки шоир бегонагӣ дар қаламрави онҳоро ҳис накарда аст. Ба қавли Гадамер «шоир қаламравҳои бегонаро мавриди тохту тоз қарор дода, чаро ки хуб медонад, ки дар ҳар қаламраве мо ба таври пинҳон дар хонаи хешем». Мо ба гузинагӯяҳо фосилаеро мепаймоем, ки ҳеҷ вақт аз ҷаҳони шоир суроғ нагирифта будем. Гузингӯяҳо лузуман барои рамзгушоӣ аз шоиру шеър нест, балки барои сохти як фарҳангу макони амн барои адабиёти имрӯз аст» [2, с. 15].

Аслан дар адабиётшиносӣ манзур аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя) калимоти кӯтоҳшудае мебошад, ки дар забони англисӣ бо истилоҳи «aphorism» (аффоризм) қайд мешавад. Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) калимаест, ки дар забони юнонӣ ба маънои «таъриф» меояд. Яъне, таърифи як чиз, сурату сирати як мафҳум бо баёни кӯтоҳу муъҷаз ва бо истифода аз калимаҳои кам ва муъҷаз. Дар пажуҳишҳо аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) гоҳо ҳамчун «адабиёти хирад» ҳам ном мебаранд ва дар анъанаҳои адабии ҷомеаҳои қадим ҷойгоҳи назаррасе доранд [152].

Дар забони юнонӣ феъли «маҳдуд кардан» ё «ҷудо кардан» бо вожаи «аффоризм» ёд мешавад. Аз сӯйи дигар, мафҳуми аффоризм нахустин бор аз ҷониби Гиппократ дар асри IV–и пеш аз милод истифода шудааст. Мавсуф рисолаи худро, ки ба мавзуи бемориҳо ва шеваҳои табобати онҳо ихтисос дошт «Аффоризм» номгузорӣ кардааст. Дар муқаддимаи он муаллиф навишта буд, ки: «зиндагӣ кӯтоҳ аст, ҳунар ҷовидонист». Истилоҳи аффоризм муддати тулонӣ ҳамчун истилоҳи тиббӣ ҳисобида мешуд ва танҳо дар асри XVI маънии «аҳкоми пандомез»-ро гирифт. Дар сарчашмаҳои русӣ вожаи «аффоризм» бори нахуст дар китоби «Фарҳанги Академияи Россия» (Словарь Академии Российской) (соли 1789) истифода шудааст. Дар ин китоб таъкид шудааст, ки аффоризмҳо қоидаҳои муъҷазу кӯтоҳе мебошанд, ки ҳақиқаташон дар таҷрибаву амалии инсонӣ нуҳуфтааст ва дар каламоти муъҷаз маонии зиёдеро фаро гирифтаанд. Аффоризмҳо аз давраҳои қадим мавҷуданд ва дар зеҳнияти муосирин ҳамчун андешаҳои пандомӯз ва мавзуъҳои ҷовидонӣ ба зуҳур мерасанд. Аффоризмҳо дар зиндагии инсонӣ нақши корсозе доранд. Ағлаб бозкунандаи розҳои сарбамуҳранд ё атрофи масоили мухталифе равшанандозӣ мекунанд ва ба инсон барои баёни дурусти андешаву назар роҳро ҳамвор месозанд [152].

Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-ро дар забони русӣ бо истилоҳи «ситати (цитаты)» ифода мекунанд. Яъне, калимаҳои кӯтоҳе, ки маънии мукаммал ва кӯтоҳ доранд, хеле зуд ба зеҳн менишинанд ва аз ҷониби дигар инсонҳо дар гуфтор ва навиштор истифода мешаванд.

Дар забони русӣ ҳамчунин ифодагари «андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)» мафҳуми «изречение» мебошад, ки манзур аз он «андешаи амиқу маънидор, баёни кӯтоҳу муассир, аффоризм» мебошад [32].

Донишманди эронӣ Диёнӯш ёдрас шудааст, ки «агар аз талхису тафсир фосила бигирем ва бо матн роҳат бошем, худро дар баробари ҷумалоти саркаше меёбем, ки аз матн забона мекашанд. Ба таъбири дигар ба тикаҳо ё гузингӯяҳое даст меёбем, ки филвоқеъ бахше аз матн ё ба қавли Дридо «шатранҷи беинтиҳои маънист». Гузингӯяҳо пардаҳои аслии намоишии матн ҳастанд, ки боқии матн миёни онҳо нақши «миёнпардаҳоро ифо мекунад»» [2, с. 12-13].

Шумори зиёди андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир, ки дар фаслҳои баъдии рисола таҳлили мавзуии онҳо сурат хоҳад гирифт, талаб мекунад, ки аҳаммияту арзиши онҳо қаблан таъкид шавад. Мавзуи андарзҳои адабӣ-эстетикӣ танҳо ба фарҳангу адабиёт ва истилоҳоти адабӣ хулоса намешавад, балки зеҳни халлоқи шоир атрофи бисёре аз масоили улуми инсонӣ, аз ҷумла, иқтисоду фалсафа, сиёсату иҷтимоъ ва равоншиносӣ андарзҳои адабӣ-эстетикӣ офаридааст. Андарзҳои адабӣ-эстетикие, ки қимату арзишашон аз осори шоир камтар нест. Дар рисола мо такя ба он андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-е намудем, ки ба адабиёту масоили мухталифи он ва ҷойгоҳи он дар ҷомеа бахшида шудаанд, чунки нақши онҳо дар муаррифӣ ва шарҳу тавзеҳи бисёре аз истилоҳоти адабӣ, ки пайванде ба ҷараёни навандешиву навпардозӣ доранд, пураҳаммият аст. Баррасии андарзҳои адабӣ-эстетикии шоирро лозим аст, ба таври мавзуӣ анҷом диҳем, то матлаб ва ҳадафу моҳияти ин жанр дақиқ муайян карда шавад.

3.3. Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу перомуни зиндагӣ

Дар ин зербахши диссертатсия андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу аз ҷанбаҳои мухталиф ва сатҳҳои гуногун, ҳам сатҳи ҷаҳон, иҷтимоъ ва ҳам сатҳи фардӣ таҳлилу арзёбӣ мешавад.

Мафҳуми мазкур дар имтидоди умр ҳар фардеро ба худ ҷазб месозад, то атрофи розу асрори зиндагӣ андеша намояд, вале ошноии нахустини инсонҳо ба

зиндагонӣ аввал аз роҳи донистаҳо, гуфтаҳо ва таҷрибаи дигарон сурат мегирад. Танҳо дар марҳилаҳои хоссе дид ё назари фардӣ аз зиндагӣ барои инсон шакл мегирад. Нахустин андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-и Аҳмади Шомлу атрофи ҳамин масъала аст. Ӯ бар ин бовар аст, ки дидгоҳҳои дигаронро роҷеъ ба зиндагӣ набояд ба сифати воқеияти комил пазируфт. Аксар пазириши носанҷидашуда инсонро ба марзи надомату пушаймонӣ мекашонад. Ӯ менависад: «зиндагиро аз нахуст барои ман бад тарҷума кардаанд. Зиндагиро яке марги тадриҷӣ ном ниҳод, яке бадбахтии мутлақ маънӣ кард, яке дарди дармоннопазириш хонд ва саранҷом яке расиду гуфт: «зиндагӣ ба танҳоӣ ноқис аст, то ишқ набошад, тағйир намешавад». Ҳамин шуд, бовар кардаму табоҳ шудам» [7, с. 55].

Аҳмади Шомлу ба зиндагӣ аз дидгоҳҳои гуногун назар мекунад. Аз ҷумла, пайванди таҷрибаву зиндагӣ таваҷҷуҳи ӯро ба худ ҷалб месозад. Албатта, вуҷуди ин пайванд воқеияти санҷидашудаву собити ҳастӣ аст. Танҳо шоир бар ин аст, ки таҷрибаҳои рӯзгорро бояд ба дигарон интиқол дод, то аз он сабақ бигиранд. Ҳарчанд таҷрибаҳо гоҳо талху нохушоянданд, вале поёни хушоянд доранд: «зиндагӣ саросар дарсу таҷруба аст ва бояд таҷрубаро ба дигарон интиқол дод ва ҳамин худаш хеле хуб аст. Ҳар таҷрубаи талхе натиҷааш мусбат аст» [114, с. 3].

Аксари андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир баёнгари он ҳастанд, ки диди ӯ ба зиндагӣ на ба мафҳуми ом, балки ба гунаи фардӣ, хусусӣ шакл гирифтаву зеҳну андешаашро ба худ ҷалб намудааст. Ӯ пас аз кӯшиши тағйири роҳи зиндагӣ, таҳлили зистаҳо, ба ин натиҷаи аҷиб мерасад: «ман камтар зиндагӣ кардам. Таърифи ман аз зиндагӣ бузургтар аз зиндагии ман аст; бузургтар аз воқеияти он. Ва ба ростӣ бигӯям, ки зиндагӣ кардан бо ин таъриф мушкилтар аз зиндагӣ кардан бо худи зиндагӣ аст» [114, с. 15].

Нигоҳи Аҳмади Шомлу ба зиндагӣ бисёр густурда аст. Ӯ гоҳо аз зиндагии ормонӣ сухан дар миён меорад ва гоҳо аз зиндагии иҷтимоӣ нақл мекунад. Замоне зиндагиро дар муқобили ранҷу азоб мегузорад ва гоҳо зиндагиву маргро бо ҳам рӯ ба рӯ мекунад. Махсусан, ҳамин масъалаи маргу зиндагӣ аст, ки дар ҷаҳони андешаи вай тасвиру тавсифҳои мухтасар дорад ва ин бесабаб нест, зеро

падидаи марг, шеваи бархӯрди инсон бо воқеияти ногузири он яке аз мавзуъҳои ҷовидонии адабиёту фарҳанги ҷаҳон буду ҳаст. Масъалае, ки дар адабиёти ҳар қавму миллате ҳузури васеъ ва доманадор дорад. Бешубҳа, ҳеҷ адибу ҳунармандеро наметавон пайдо намуд, ки дар тули зиндагии эҷодии хеш дар хусуси ин падидаи нохушоянди мавҷудият наандешида бошад. Муҳаққиқи тоҷик Умар Сафар дар иртибот ба ин мавзуъ хотирнишон намудааст, ки «масъала ин аст, ки чӣ гуна зистану чӣ гуна падруд гуфтани зиндагӣ аз гузораҳои муҳимми иҷтимои инсонист. Марг як воқеияти пурпечу гиреҳхӯрдааст ва аз сӯйи дигар ниёзу иқтизои (талаби – Ш.Ф.) пешрафту такомул аст.

Бо вуҷуди он ки дар перомуни он таҳқиқу пажуҳиш, тааммулу андеша зиёд сурат гирифта, вале боз ҳам розест сар ба муҳр» [29, с. 52].

Таҳлилу баррасии андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу перомуни зиндагӣ ин натиҷаро ба бор меорад, ки адиб азм дорад, ба пурсишҳои ҳамешагии зеҳни башарӣ дар атрофи мавзуи маргу зиндагӣ гоҳо файласуфона ва гоҳо шоирона посух гӯяд.

Дар ҷое, шоир ин воқеияти ногузири конуни ҳастӣ, маргро таъкид мекунад ва изҳор медорад, ки зуҳури инсон дар синаи замин ин рухдоди тасодуфист, бар хилофи он марги инсон ҳатмӣ аст. Аз нигоҳи Аҳмади Шомлу ҳамин ногузир будан аст, ки боиси маъно доштани зиндагӣ мегардад. Аз сӯйи дигар, зиндагӣ иборат аз лаҳзаҳои ҳол аст ва ҳар лаҳзае гом бардоштан ба сӯйи марг аст. Ин худ собит мекунад, то мо шоиста зиндагӣ кунем, аз ин фурсатҳои тиллоӣ истифода кунем, то зиндагӣ маънодор шавад. Раванди зиндагӣ рукни аслияш инсону пайдоиши ӯ ва марг аст, ки инсонро ба сандуқи нобудӣ партоб мекунад ва он чи ки боқӣ мемонад хотира, ёд аст, ки Шомлу исрор дорад неку хушоянд бошад. Аз диди Аҳмади Шомлу бебақоӣ, муваққат будани зиндагӣ гувоҳи аҳаммияту қимати зиндагӣ аст. Касе ки дар ин миён мехоҳад ба марзи ҷовидонагӣ бирасад, бояд ба сарзамини инсоният қадам ниҳад: «Аҳаммият ва арҷи зиндагӣ дар ҳамин аст, ки муваққат аст, ки ту бояд ҷовидонагии худатро дар ҷойи дигаре нишон бидиҳӣ ва онҷо «инсоният аст»» [115, с. 17].

Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу дар атрофи зиндагӣ ёдовари мазомину дарунмояҳои рубоиёти ҷовидонии Умари Хайёманд. Он ҷо, ки сухан аз кӯтоҳиву лаҳзаӣ будани ҳаёт, баҳрагирӣ аз фурсатҳои имрӯзӣ, шинохти замон ва ғанимат шумурдани вақт дар миён аст.

Адиб зимнан изҳор медорад, ки ин масъала набояд мояи афсусу дареғ бошад, зеро маъниву моҳияти зиндагӣ маҳз дар ҳамин кӯтоҳ будани он хулоса мешавад. Аз сӯйи дигар, чун марг ногузир аст, лозим нест, ки атрофи тангиву кӯтоҳии ҳаёт вақтро барбод дод: «Фурсат ҳам надорем. Фурсат бисёр кам аст. Хеле кам. Ба тарзи бешармонае зиндагӣ кӯтоҳ аст, вале ҳар чи ҳам кӯтоҳ бошад, аҳаммияташ дар ҳамон аст, дар ҳамон кӯтоҳияш» [115, с. 17].

Дар бархе аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ ҳарчанд мафҳуми зиндагӣ ба ҳаёти фардии шоир алоқаманд аст, вале ҷанбаи судманду омӯзанда дорад. Шомлу ин андешаро талқин месозад, ки зистан дар синаи дунё содаву осон нест, марзи зиндагӣ кӯҳу пастхамӣ, душвориву печидагиҳо, ранҷу машаққати зиёд дорад, ки инсонро гоҳо бар сарҳади ноумедӣ мерасонад, вале набояд, пеши душвориҳо ба зону заду таслим шуд. Бояд эътимод ба ояндаро, умедро аз даст надод. Ӯ тарзи зиндагии хешро, роҳи тай намудаашро дар шарҳи зер баён намудааст: «Зиндагӣ! Зиндагӣ! Ман аз марг гурезонам. Руҳи ман солҳост, ки мурда аст. Аммо ҷисми ман аст, ки чашм аз дунё намепӯшад. Дидагони ман мунтазири зиндагӣ ҳастанд. Ҳанӯз дар дили хеш оташи нимахомӯше ниҳон дорам. Ман солҳост, ки ба интизори зиндагӣ ба марг дасту панҷа нарм кардаам. Солҳо бо сахтиҳо муқовимат кардаам ва бо бадбахтиҳо масофа додаам. Ман умедворам, умедвор» [122, с. 3].

Мавзуи дигаре, ки шоир ҳангоми баррасии масъалаи зиндагӣ ба он диққат додааст, робитаи шеър ба зиндагӣ аст. Дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ шоир изҳор медорад, ки зуҳури як қитъаи шеър ҳосили таъсире аст, ки аз матни зиндагӣ бархостааст. Ба ибораи дигар шеър фароянди зиндагӣ ва забони он аст: «ҳеҷ вақт тасаввур наметавонам бикунам, ки шеър асари мустақими зиндагӣ набошад, ё чизе бошад ҷудо аз зарбаҳои зиндагӣ. Ман фикр мекунам ин аслан садои он зарбаҳо аст. Дар ин ҳеҷ шаке нест» [64, с. 31].

Муҳаққиқи тоҷик У. Сафар зимни арзёбии робитаи шеъру зиндагӣ дар пайванд бо андешаҳои Аҳмади Шомлу ба бархе аз назаргоҳҳои пешини шоир дар иртибот ба шеър таъкид намудааст. Қайд кардааст, ки шоир дар солҳои аввалини эҷодиёташ ба шеъри қадим бо нигоҳи танқидӣ назар намуда, осори шоирони классикро дур аз зиндагӣ хондааст. Онҳо буданд, ки васфи гулу булбул, маю маъшуқа мекарданд. «Шаробу ёр» ҳамнафасу ҳамсуҳбати онҳо буд:

Мавзуи шеъри пешин
Аз зиндагӣ набуд.
Дар осмони хушки хаёлаш ӯ
Ҷуз бо шаробу ёр намекард гуфтугӯ.

Аммо ба ақидаи Аҳмади Шомлу шеъри муосири айни ҳол вазифаи дигаре дорад. Ба ин маънӣ, ки шеъри имрӯз набарду пайкори мардум аст, зеро шоирон худ фарзандони мардуманд ва қаламбадастони имрӯз бо ранҷу мушкилоти мардум ошноянд. Шоиронанд, ки ғаму андуҳ ва умеду орзуи мардумро ба ҳам пайванд медиҳанд ва ба онҳо зиндагӣ мебахшад.

Ба ақидаи Аҳмади Шомлу ҳадафи шоир аз эҷоди шеър умед бахшидан ба қалбҳои ноумед ва бедор намудани ғафлатзадагон аст. Шеъри ноб, шеъре, ки бозтоби конуни ҳастӣ бошад, бояд тавони онро дошта бошад, ки мардум дар сангинтарин ҳолатҳои зиндагӣ бо хондани он аз сатру вожагонаш қуввату умед бигирад:

Гар шеър зиндагист,
Мо дар таки сиёҳтарин сояҳои он
Гармои офтобии ишқу умедро
Эҳсос мекунем [26, с. 28-29].

Зиндагӣ падидаи беҳаракат нест. Вижагии хосси он тағйиру таҳаввуле аст, ки рӯй медиҳад ва мегузарад. Дар дигаргунӣ ё таҳаввули зиндагӣ муҳити инсон ва муҳити атроф, табиат ва ҳама омилҳояш саҳм доранд, аммо рукни асосӣ дар раванди тағйиру такомул худи инсон аст. Махсусан, равшанфикрон, ки қишри пешрафтаву бозаковат ва огоҳи ҷомеа ҳастанд, дар зебосозии зиндагӣ ва пурранг шудани он нақши созанда доранд.

Бо дарназардошти ин хусусият Аҳмади Шомлу дар масири рӯзгори хеш ҳамеша муроқибу таҳлилгари корнома, рисолат ва рӯзгори равшанфикрон будааст, ки инро андарзҳои адабӣ-эстетикии эҷодкардаи ӯ аз рӯзгори худашу ҳамасронаш гувоҳӣ медиҳанд.

3.4. Мавзуи равшанфикрон ва нақши онҳо дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу

Миёни илмҳои гуманитарӣ яке аз мавзуъҳое, ки дар матни аслии ҳар риштае аз улуми мавриди назар қарор дорад, равшанфикрону ҷойгоҳи онҳо дар идора ва пешрафту тараққии ҷомеаи инсонӣ аст. Албатта ҳар риштае аз илм чи сиёсатшиносиву чи фалсафа ва чи равоншиносиву адабиёт консепсияҳои мушаххасе барои равшанфикриву равшанфикрон доранд. Бо шумори ин хусусиятҳо метавон ба назари шоир дар матни андарзҳои адабӣ-эстетикӣ перомуни равшанфикрон ошно гардид. Аввалан бояд арз намуд, ки ба қавли Аҳмади Шомлу равшанфикрон дар ҳар гӯшаву канори дунё вижагиҳои хос доранд, ки ба конуни зиндагӣ ва сатҳи донишу огоҳии онҳо вобаста аст. Дар яке аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ адиб зикр кардааст, ки равшанфикрон бояд бо назардошти шеваи иҷрои амали хеш ба гурӯҳҳо ҷудо шаванд: «Агар лозим бошад миёни равшанфикрон хатти тафкик (ҷудоӣ – Ш.Ф.) кашида шавад, ки бисёр ҳам лозим ба назар мерасад, хаттест, ки равшанфикрон мардумро дар ин сӯ қарор медиҳад ва равшанфикрони худфурӯхта ё кирояеро дар он сӯ» [116, с. 20].

Мисоли болоӣ бо равшаниву сароҳат мушкили аслиро дар марзи равшанфикриву равшанфикрон, ки таърихи тулонӣ дорад, нишон медиҳад.

Аҳмади Шомлу дар яке аз мақолоташ дидгоҳашро перомуни моҳияту сиришт ва бори маъноие, ки «равшанфикр» мекашад, иброз доштааст. Ба андешаи мавсуф дар форсӣ калимаи равшангарро ба маънои «интеллектуал» мефаҳманд, ки калимаи дуруст нест. Ӯ муътақид аст, ки вожаи «интеллектуал» он бори маънои сиёсиву эътирозомезро, ки калимаи «равшангар» дар кишварҳои истеъморзада ва гирифтори фишору фақр гирифтааст, надорад. Манзури мо дар

Эрон аз калимаи равшангар касе аст, ки руҳи мухолифу норизо аз низоми мавҷуд дорад, дар ҳоле ки «интеллектуал» дар кишварҳои ғарбӣ ин бори маъноиро надорад.

Дар ҷойи дигар перомуни «равшангар» ва пайвандаш бо иҷтимои инсонӣ, шеваи бархӯрдаш бо низоми мавҷуд, мақсаду маромаш сухан дар миён меорад. Аз назари ӯ аслан равшанфикрон намояндаи тӯдаҳои мардуманд ва ҳадафи аслиашон дар зиндагӣ беҳбуду беҳрӯзӣ бахшидан ба тӯдаҳои мардум аст. Аммо равшанфикр ба шарте равшанфикр мемонад, ки дар низоме, ки ба муқобилаш мубориза мекунад, ё низоме, ки нақшаашро худи ӯ пешниҳод кардаасту дуруст баромадааст, қарор нагирад: «Ман муътақидам равшанфикр касе аст, ки иштибоҳот ё каҷравиҳои низоми ҳокимро ба суди тӯдаҳои мардум, ки табъан худ низ фарзанди он аст ифшо мекунад. Бинобар ин фаъолияти ӯ дар роҳи беҳрӯзии инсону тӯдаҳои мардум аст. Бар ин асос равшанфикр то замоне шоистаи ин унвон аст, ки худ дар низоми ҳоким ва ҳатто дар низоме, ки ба василаи худи ӯ пешниҳоду сипас мустақар шудааст, нақше бар уҳда нагирад, зеро дар он сурат ногузир ба даруни он мехазад ва ба мудофеи низом табдил мешавад, аз дарёфти иштибоҳот ва инҳирофот боз мемонад ва таърифи худро аз даст медиҳад. Ҳамчунин аз сафи тӯдаҳо берун меояд ва дар баробари он қарор мегирад» [117, с. 3].

Аҳмади Шомлу дар андарзҳои адабӣ-эстетикии хеш баъзан назари инфиродиашро дар хусуси мақому рисолати равшанфикр ва шохисҳои касбии ӯ баён мекунад. Аз дидгоҳи ӯ муҳимтарин хусусияти равшанфикр бояд ин бошад, ки руҳи эътирозу норизоят дошта бошад, ҳаргиз аз чизе дифоъ накунад. Бояд мухолифи зоҳирпарастӣ бошад. Баръакс, агар равшанфикр аз чизе ҳимоят кунад, дигар маънии равшанфикр буданро аз даст медиҳад ва ба як вакили мудофеъ табдил мегардад, зеро бо ин амалаш худ вориди низоми офаридаи ҳокимият мегардад.

Шоир дар ҷойи дигар таъкид мекунад, ки равшанфикр нафаре мебошад, ки як шакле, як намунае барои амалу кор пешниҳод кунад. Шакле, ки дар оянда бояд пазируфта шавад.

Равшан аст, ки дар ҷомеаҳои табақотӣ ҳар ҳокимияте таъинӣ мебошад ва ҳар давлате намояндае аққалияти ҳоким аст. Ин ҳокимият гӯё аз манфиатҳои мардуми одӣ ҳимоят мекунад. Ба ақидаи шоир вақте миёни мардуми одӣ ва ҳокимият фосила мегузорем, онҳоро аз ҳам ҷудо месозем: «равшанфикр, ки вазифааш огоҳӣ додан аст, ки бар курсии ҳукумат нишастан, балки тоза ба майдони амал по гузорад» [125, с. 36].

Аҳмади Шомлу дар суҳбате зимни ибрози моҳияту рисолати равшанфикр аз эшон ҳамчун «содиқтарин пайғамбарон» ёд мекунад. Онҳоро афроде меномад, ки такявар ба ҳеҷ касе нестанд. Эҳтиёҷ ба касе надоранд. Ҳарчанд дар аксар маврид ба умқи ин воқеият расидаанд, ки ба фарёди онҳо ҳеҷ касе гӯш фаро намедиҳад, вале ба ин ҳеҷ таваҷҷуҳе надоранд. Ягона барҷастагии шахсияти онҳо садоқати онҳо аст: «чеҳраҳои дурахшоне тулуъ мекунанд ва инҳо содиқтарин пайғамбаронанд, чаро ки умеде ба халқ надоранд, бениёз аз ному нон, сар дар кори худ. Медонанд, халқ агар порасанге бар сари эшон накӯбад, боре рӯйи хуш ба эшон наменамоянд. Дар хилват фарёд мекашанд, ки медонанд гӯши диле ба фарёди эшон нест, лоҷарам самимона «аз барои хеш» меноланд. Ҳарчианд ва ҳаркианд, содиқанд ва он чи муғтанам (ғанимат – Ш.Ф.) аст, ҳамин аст» [125, с. 36].

Масъалаи дигаре, ки миёни андешаҳои шоир дар пайванд бо мавзуи равшанфикрон ҷолиби таваҷҷуҳ аст, мансуб донистани он ба соҳаҳои гуногун мебошад. Ба ибораи дигар ҷудосозӣ ё гурӯҳбандии он аст. Дар гуфтумонҳои сиёсӣ-иҷтимоӣ мо бо ибороте мисли «равшанфикри давлат» дучор меоем.

Аҳмади Шомлу муқобил бар чунин тақсимбандиву унвонгузорӣ мебошад. Аз нигоҳи ӯ чизе бо номи «равшанфикри давлатӣ» вуҷуд надорад. Агар як нафар равшанфикр замоне мақому мавқеияти худро аз миёни мардуми ҳокимиятхоҳу хоҳони табдили низом тарк намуда, ба қатори ҳукуматкунандагон мепайвандад, маъниву моҳияти хешро аз даст медиҳад.

Ҳар ҳокимияту давлате воситаву абзори таблиғотӣ дорад, ки тавассути шахсони алоҳида анҷом мешаванд ва маъмулан ин гардонандагони таблиғотро «равшанфикри давлатӣ» мегӯянд. Аммо назари Аҳмади Шомлу дар ин маврид

дигар аст: «ман истифода аз васоили иртиботии давлатиро усулан дар ҳеҷ шароите барои равшанфикрон тағвиз намекунам (раво намедорам – Ш.Ф.). Васоили иртиботи ҷамъии давлатӣ муфтчанги равшанфикрони давлатӣ. Ҳеҷ давлате он қадар озод нест, ки сухани мунтақидони худро таҳаммул кунад. Пас агар кард, ҳатман калаке даркор аст» [115, с. 63].

Аҳмади Шомлу ҳамзамон дар иртиботу пайванди равшанфикр бо мафҳуми озодӣ изҳори назару андеша мекунад. Шоир изҳор медорад, ки аслан равшанфикрон ба ягонагиву якпорчагӣ, ҷудоинопазир будани озодӣ бовар доранд. Дарки онҳо аз мафҳуми озодӣ ва сатҳи корбурдии он комилан фарқкунанда аст. Барои онҳо масъалаи озодии ақида, озодии баён, озодии мазҳаб, забону ҳар озодии дигаре фақат дар як мафҳуми истиснопазир шакл мегиранд, ки вобастаи ҳеҷ чуну чарое нест. Ӯ вазъу ҳолати равшанфикронро дар бархе аз ҷомеаҳо ба шароити асрҳои миёна қиёс мекунад, ки барои равшан шудани матлаб порае аз онро меорем: «фоҷеаи дардноки андешамандоне, ки дар шароити иҷтимоии қуруни вустоӣ зиндагӣ мекунанд, танҳо ба баҳои ночизи зинда мондан ночоранд тазоҳур кунанд, ки ба боварҳои омиёнаи муҳити фиребхӯрдаи худ гардан мениҳанд ва аз парвоз бозмонда ба қафасе тан диҳанд, ки дигарон дар он шоду хушанд ва сипосгузор ва агар тавонистанд ҷуз ин барои онон роҳе боқӣ намемонад, ки дар ҷустуҷӯйи тариқи таҳаммулпазиртар кардани фазои тангу пасти қафас саре ба санге бикӯбанд» [84, с. 4].

Тавре ки маълум аст такя ё шунавандаи аслии равшанфикр тӯдаи мардум аст. Амалу фаъолияти як равшанфикр дар марзи зисти буду боши тӯдаҳо сурат мегирад. Бо шумори ин аст, ки дар андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир муносиботу пайванди миёни равшанфикру тӯда ба таври густурда таҳлилу баррасӣ шудааст.

Ба қавли шоир равшанфикрон вазифаи душвору сангинеро пешорӯ доранд. Онҳо бояд роҳро барои ҳукумати хираду мантиқ ҳамвор кунанд. Ҳамзамон онҳо бояд аз қабл донанд, ки поёни муборизаи онҳо имкон дорад паёмади нохушоянде дошта бошад. Албатта, чӣ гуна сурат гирифтани раванди амалу фаъолияти эшон ба сатҳи донишу омодагии ҷомеае мебошад, ки онҳо дар домани он зиндагӣ

мекунанд. Ҳар қадар, ки ҷомеа дар ҷаҳлу таассуб фурӯ рафта бошад, вазъи равшанфикрон ҳамон қадар ногувор мешавад.

Мардуми мутаасибу нодон беш аз ҳама дар симои як равшанфикр душману бадхоҳи худро мебинад. Манфиатдорон бошанд, аз ин хусумат истифода намуда, тӯдаро бар зидди равшанфикрон мешӯронанд. Аҳмади Шомлу ҳушдор медиҳад, ки «тӯдаи ноогоҳе, ки манофеи худро ташхис намедиҳад ва ногузир аз пойгоҳи таассуб қазоват мекунад, маъмулан бо ҳамон чизҳое душманӣ меварзад, ки наҷотдиҳандаи ӯст ва лоҷарам пояҳои қудрату нуфузи ҳаромзодаҳоеро истеҳком мебахшад, ки душмани савгандхӯрдаи ӯ ҳастанд» [115, с. 17].

Шоир тӯдаҳоро ба кӯдаконе монанд мекунад, ки аз афту андоми пизишку корди ҷарроҳ метарсанд ва агар ба ихтиёри онҳо бошанд, маргро ба дӯш мегиранду ёрии наҷотбахши табибро қабул намекунанд. Аммо бемории тӯдаҳо дар муқоиса бо ҷомеаи бемор ҳеҷ аст, зеро «иҷтимойи бемор ғӯли қудратманди пурнеруест, ки бо чумоқаш фикр мекунад ва гирифтори микруби ваҳшатноке аст, ки сафрои таассубашро ба ҳаракат дармеоварад ва ӯро гирифтори чунин хомандешӣ мекунад, ки ҳеҷ мантиқеро намепазирад» [115, с. 17].

Шоир ба ин назар аст, ки дар чунин вазъияте агар як равшанфикр бихоҳад вазифаи виҷдонии худро иҷро кунад, бояд барои ҳар гуна азхудгузаштагӣ ва шаҳодати нобаҳангом омода бошад.

Масъалаи дигаре, ки оид ба он дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) изҳори назар шудааст, муносибати равшанфикр бо мансабу мақом аст. Ба андешаи Аҳмади Шомлу равшанфикр ҳақ надорад орзуи ҷоҳу мақом дошта бошад. Дар чунин ҳолате вай аҳаммияту арзишро аз даст медиҳад ва ба як маддоҳ табдил мешавад.

Нуктаи муҳимме, ки Аҳмади Шомлу ба он таъкид мекунад, собит сохтани ин ақида аст, ки равшанфикрӣ касб нест, балки як ормони инсонӣ аст. Барои равшанфикр марзу сарҳади ҷуғрофиёӣ мавҷуд нест. Равшанфикрон дар саросари ҷаҳон қавму хеши ҳамдигаранд. Ғамхори табори инсонанд. Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки мавзуи равшанфикру равшанфикрӣ яке аз масъалаҳои хосси андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу мебошад, ки теъдодашон аз 20–то

бештар аст. Бо назардошти пайвандашон бо шеъру адабиёт мо ба чанде аз онҳо ишора намудем. Илова бар ин таҳқиқи андарзҳои адабӣ-эстетикии мазкур дар шинохти шахсият ва ҷойгоҳи адабии шоир хеле арзишманд аст, зеро аз андешаи шоир ва таҷрибаи зиндагии ӯ ба вуҷуд омадаанд.

3.5. Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу дар бораи шеър ва анвои он

Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу доир ба шеър бештар дар заминаи навовариҳо ва тозагиҳое эҷод шудаанд, ки дар тули замон дар шеъри муосири форсӣ ба вуҷуд омадаанд. Маълум аст, ки навҷӯйӣ, навандешӣ, нигоҳи тоза ба зиндагӣ ва масоили хурду бузурги он зарурату эҳтиёҷи ҳамешагии конуни ҳастӣ ба шумор меравад. Дар ин миён набояд фаромӯш кард, ки шеваву тарзи ин роҳ ва андозаву миқёси он дар ҳама давру замонҳо дар як поя нест. Танҳо собит шудааст, ки ҷунбиши навхоҳиву навоварӣ дар адабиёти муосири Эрон аз нахустин даҳаи қарни ХХ ба баъд ривоҷу равнақи назаррас доштааст.

Махсусан, пас аз ба вуқуъ омадани инқилоби Машрута ва таъсири амиқи он ба тамоми риштаҳои ҷомеа, дигаргуниҳои қобили мулоҳизае дар адабиёти форсӣ, махсусан, дар шеър сурат гирифтааст.

Шоирон кӯшидаанд, қолабу мавзуи шеъри форсиро дигаргун карда, онро ба мазмуну мундариҷа ва андешаву эҳсосоти рӯзгори хеш мувофиқу созгор намоянд.

Албатта, дигаргуние дар шеъри форсӣ дар ин давра сурат гирифт, заминаҳои пуршуморе дошт, ки шинохти онҳо баррасии раванди вуқуи Инқилоби Машрута ва таъсири онро талаб менамояд.

Баррасии осори таҳқиқӣ дар заминаи адабиёт гувоҳ бар он аст, ки: «таҳаввулоти паёпай ва омилҳои сиёсиву иҷтимоиёти даврони Машрута оҳиста-оҳиста сабаби нуфузи маданияту фарҳанги кишварҳои мағрибзамин дар Эрон гардида, ки омилҳои асосиаш, вуруди хориҷиён ба Эрон, мусофирати эрониён ба кишварҳои урупоӣ ва ошноии гурӯҳе аз бузургону аҳли адаб ба забонҳои хориҷӣ,

пешрафти фанни тарҷума ва огоҳии мардум аз дигар анвои адабии кишварҳо ва андешаву афкори тозаи эшон, бунёди дорулфунун, ривоҷу рушди санъат ва пешрафти абзору олоти саноатӣ, кӯтоҳ шудани роҳҳо ба воситаи василаҳои ҳаракативу мухобиротӣ, интишори китобҳову маҷаллаҳову матбуот ва ривоҷи санъати чопу нашр буд» [28, с. 7].

Замони мазкурро Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ таҳлилу баррасӣ намуда, ба хулоса омадааст, ки вақте арзишҳои зиндагӣ тағйир пазируфт шаклҳои бардошт аз зиндагӣ низ дигаргун шуд. Манзури ӯ шеъри замони машрутият аст, ки бо заминаву пешинаи босуръати отифии худ ба зуҳур расиду шакл гирифт ва ба ҳадди шукуфоӣ расид, ки бозтоби масъалаҳои отифии он дар сухани Эраҷ, Деҳхудо, Ишқӣ, Ориф, Лоҳутӣ ва Фаррухиву дигарон баръало дида мешавад [104, с. 184].

Аз пажуҳишҳои мавҷуда дар ин самт маълум гардид, ки дар ибтидо шоирону адибон саъй намудаанд, роҳи таҳаввулу дигаргуниро дар қолабҳои маъмултарин осонтар, мустазодгуна, дар дубайтиҳои сарбаста анҷом диҳанд. Бояд арз дошт, ки аз ин қолабҳо бештар шоироне кор мегирифтанд, ки омода набуданд якбора аз марзи суннат хориҷ шаванд. Дар ҳар сурат шеъри форсӣ бо ин дигаргунии ҷузъӣ басанда накард. Бо гузашти замон дигаргуниҳои махсус дар қаламрави мазмуну мундариҷа, муҳтавои шеър падид омад, ки қадами муассиртаре ба ҳисоб мерафт. Ин дигаргунӣ, ки руҳи замону иҷтимоъ буд, дар қаламрави мазмуну муҳтаво маҳдуд намонд ва аксари шоирон пас аз Машрутият дар ҷустуҷӯйи қолабҳои навтаре, ки ҷудо аз қолабҳои классик буд, баромаданд.

Дар ин миён шоироне мисли Ҷаъфар Хоманаӣ, Тақӣ Рифъат, Шамси Касмоӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ чаҳорпораҳое эҷод карданд, ки аз нигоҳи забон, рехти калимот, диду биниши шоирона аз сабку услуби пешиниён мутафовит буданд. Дар адабиёти таҳқиқӣ шоирони мазкурро пешгомони шеъри нави форсӣ шинохтаанд [120, с. 49].

Вале ҳеҷ яке аз онҳо натавонистанд поягузори шеъри ҷадиди форсӣ бошанд, чун дигаргунӣ наметавонад дар чаҳорчӯби чанд намунае аз шеър хулоса шавад. Бархе аз ин пешоҳангон, аз ҷумла, Тақӣ Рифъат ва Шамси Касмоӣ

мутаассир аз ҷараёни инқилоби адабии Аврупо ва Туркия буданд ва ният доштанд, чунин инқилоберо дар ҷомеаи эронӣ низ ба вуҷуд оранд. Иқдоми шоистаи эшон, махсусан, Тақӣ Рифъат ин буд, ки атрофи масоили таҷаддуду навандешӣ баҳсу ҷидолҳои зиёде баргузор менамуданд ва афкору андешаҳои хешро дар рӯзномаи «Озодистон» ва маҷаллаи «Раъд» ба нашр мерасониданд. Мутаассифона, бо сабабҳои мухталиф, аз ҷумла худкушии Тақӣ Рафъат онҳо натавонистанд таҳкурсии маҳкаму устуворе барои шеъри ҷадиди форсӣ бино созанд.

Ёдовар шудан аз тозакориҳои ҷузъӣ ба ин мақсад аст, ки роҳи тайнамудаи Аҳмади Шомлу дар заминаи навовариву навпардозӣ осону ҳамвор набуд, то ин ки мавсуф дар ин замина неруманду решадор шавад, шоирони зиёде ба таҷаддуду навандешӣ даст заданд. Роҳ ба қаламрави навоварӣ баъдтар бо ёрии Нимо Юшиҷ боз гардид ва беҳуда нест, ки ӯро дар адабиётшиносии Эрон бунёдгузор ё падари шеъри нави форсӣ медонанд. Ба қавли Тақӣ Пурномдориён Нимо дар заминаи омӯзишу мутолиоти фаровон аз назарияи шеъру тааммул дар адабиёте, ки дар кишварҳои ҳамсоя ба вуҷуд омада буд, тавонист роҳи тозаеро пайдо кунад. Роҳеро, ки бо созу абзори он суннати дерпойро бишканад ва таҳаввули адабиро бар маснади адабиёт бишиносад. Роҳи тайкардаи шоир осон набуд, душвориҳои фаровонеро пешорӯ дошт, ки Нимо мардона бо рафъи онҳо ва мағлуб сохтани мухолифонаш онро тай намуд ва ҳадафи бузургашро таҳаққуқ бахшид [53, с. 19].

Нимо Юшиҷ бар ин бовар буд, ки шеър бояд ба ҳоли табиии баён наздик шавад ва талош менамуд, назму насрро бо ҳам наздик кунад. Перомуни ин ҷанбаи кори Нимо муҳаққиқони зиёде таъкид кардаанд [51; 26; 37; 111].

Қисмати зиёди андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир маҳз ба шеъри сафеду унсурҳои созандаи он иртибот доранд. Аҳмади Шомлу дар муқобили мухолифони шеър қарор гирифта буд ва дар мақолоту матолиби зиёде аз ин падидаи тоза ҳимоят менамуд. Адиб дар хусуси шеъри нави ҷаҳон, ҳам шеъри шоирони мағрибзамин ва ҳам шеъри рус иттилои зиёд дошт, ба сабку услуби шоири шаҳири рус В.В. Маяковский таваҷҷуҳи хос дошт ва намунаи ашъорашро ба забони форсӣ тарҷума намуда буд [3].

Ӯ дар хусуси шеъри сапед чунин назар дорад: «Шеъри сапед аз вазну қофия, аз ороишу пироиш-эҳсоси бениёзӣ шояд накунад, аз он маҳрум аст ва шояд битавон аз он маҳрум намонад, лекин тазоҳур ба бениёзӣ мекунад. Шеъри сапед шояд рақсе аст, ки ба мусиқӣ эҳсоси ниёз намекунад. Дар ҳақиқат шеъри сапед шеъре аст, ки намехоҳад ба сурати шеър дарояд, шеъре, ки барои шудан ва аз қувва ба феъл даромадан қолаби баранги худро-шакли зеҳнӣ ва муҷаррадро дархост мекунад, бо ҳар чизи изофӣ, ба ҳар қофия дугонагиву беҳавсалагӣ нишон медиҳад» [134, с. 37].

Албатта андешаи болоии шоир баҳсангез аст. Ӯ барои шарҳи чистии шеъри сафед мехоҳад созу абзори шеъри классикиро аз пайкари шеъри сафед берун кунад, то мухотабон дарки солиме аз шеъри сафед дошта бошанд. Дар тасаввури ӯ шакле, ки шеъри сафед дорад, аз шеъри суннатӣ, ки дар қолаби муайян ва бо истифода аз унсурҳои шеърсоз ба вуҷуд меояд, комилан фарқ мекунад.

Дар мавриди шеъри озод андешаву дидгоҳҳои фарқкунанда мавҷуданд. Бархе онро муодили шеъри сапед медонанд. Назари Аҳмади Шомлу бошад ин гуна аст: «Нияти ман аз шеъри озод навъе шеър аст, ҳамчунин ки рубоӣ ё ғазал навъе аз шеър аст. Шеъри озод шеъре аст, ки вазни он аз вазни шеъри куҳан комилтар шуда аст. Ба ин шакл, ки аз як баҳри арузӣ на ҳамон маҷмуаи афоил, балки танҳо як воҳиди он ба кор гирифта шавад. Дар шеъри озод андеша дар ҷомаи мавзуну муносиб ба андомҳои хеш ба озодӣ мехиромад ва гирифтори ин боистанӣ нест, ки агар ҷомае орият танг даромад аз ҳайкали худ битарошад ва бар хилофи он шолу дасторе бар худ печад, то ҷомаи кушод бар қомати ӯ фурӯ наафтад» [112, с. 47].

Масъалаи дигаре, ки дар миёни андешаҳои шоир доир ба шеъри озод ҷолиб аст, қофия дар шеъри озод мебошад. Ба қавли шоир дар шеъри озод қофия ба таври маҷбурӣ ё бо хоҳиши шоир оварда намешавад, балки сиришти шеър гоҳо зояндаи қофия аст: «дар шеъри озод ровии қофия низ чун вазн ё сухан ё наҳви андеша аст. Асбоби бузург ва василаи ороиши зоҳир нест, аз рӯйи ҳисоб дар кор менишинад ва лоҷарам зебост, чаро ки муқайяд аст. Шеъри озод шеъри Нимост

ва «Мурғи омин»-и Нимо намунаи комилу дурахшон ва намунаи беназири шеъри озод аст» [52, с. 202].

Чунонки дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ шоир талош дорад, бо зикри коргартарин мисолу шавоҳид мафҳуми шеъри сафед–шеъри озодро ба мухотабон шарҳ диҳад. Ӯ бар ин назар аст, ки дар шеъри озод аз тамоми афоилҳое, ки дар эҷоди як шеър лозиманд, танҳо бахше мавриди истифода қарор мегирад. Калимоту таркибот, ки фароҳамоварандаи шеъранд, бояд дар қолаби шеърҳои озод ҷойгузин гарданд. Шоир дар офариниши ашъори озод нақши қофияро бисёр муассир меҳисобад. Барои таъйиди андешааш аз манзумаи «Мурғи омин»-и Нимо Юшиҷ ёдовар мешавад. Манзумае, ки шеъри нумодин ё рамзиаш хондаанд ва нишонгари дарду фарёду умеду орзуҳои мардуми заҷрдидаву ранҷкашида аст. Манзур аз «Мурғи омин» дар адабиёти Нимо мавҷуди хаёливу дардкашида аст, ки бар боми касоне ки ба умеди раҳоиву адл нишастаанд, парвоз мекунад ва омингӯйи орзуҳои неки мардум аст. Дар ин манзума қофия тавре ки шоир баён кардааст, нақши калидӣ дорад. Барои тасдиқи андеша як порчае аз шеъри мазкурро меорем:

Мурғи омин дардолудест
К-овора бимонда
Рафта то он сӯйи ин бедодхона.
Бозгашта рағбаташ дигар зи ранҷурӣ на сӯйи обу дона
Навбати рӯзи гушоишро
Дар пайи чора бимонда [156].

Яке аз масъалаҳои баҳсбарангез дар адабиётшиносии имрӯзи Эрон сабабу иллатҳои зуҳуру инкишофи шеъри сафед аст. Шоир дар шарҳу баёни ин масъалаи печида дидгоҳҳои дилчаспу муҳимме дорад, ки дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-яш баён шудаанд.

Аҳмади Шомлу дар ҷойи дигар нуктаи ҷолиберо перомуни меъёрҳои санҷиши шеъри сапед иброз медорад. Ба ақидаи мавсуф шеъри сапед, замоне, ки ба зуҳур мерасад ҳамзамон малакаву меъёрҳои санҷиширо ҳам барои арзёбии

хеш фароҳам меоварад. Меъёрҳое, ки шеъри ба зуҳуррасидаро ҳамчун шеъри хуб ё қабул мекунанд ё ҳамчун намунаи шеъри бад маҳкумаш месозанд [112, с. 47].

Мавзуи дигари қобили таваҷҷуҳ дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу назари хосси ӯ ба шеъри куҳан ва шеъри фардӣ аст. Мавсуф дар мавридҳои гуногун атрофи чистии шеър, заминаҳои пайдоиши он, лаҳзаҳои офариниш, иртиботаш ба мазоҳири зиндагӣ ва нақши он дар конуни ҳастӣ андешаҳои ҷолиб баён намудааст.

Қабл аз он, ки перомуни назари ӯ роҷеъ ба шеъру сабки хосси мазкур изҳори назар намоем, зарур медонем ба як андешаи ӯ дар пайванд ба шеъри куҳан таваҷҷуҳ намоем.

Аҳмади Шомлу дар матлабҳои алоҳида ва дар бархе аз мусоҳибаҳояш ба масъалаи шоирони қадим, бархӯрду интизорашон аз шеър ва мавзуоту дарунмояҳои шеър дахл менамояд. Шоир муътақид аст, ки шеър барои шоирони қадим категорияи хоссе набудааст. Аз диди эшон ҳар асаре, ки бар вазни арузӣ устувор будаву мавзуяш панду ахлоқ, мадҳу ситоиш, ҳаҷву масхарагӣ, ҳарзагиву ҳикояту моддаи таърих бошад, шеър будааст.

Ба қавли Аҳмади Шомлу дар аксари маворид дар шеъри қадим аз мавзуъҳое мисли «эҳсоси шоирона», «мантиқи шеърӣ» асаре наметавон пайдо намуд.

Албатта, ба ин ҷанбаи назаргоҳи шоир метавон то андозае мувофиқат намуд, вале миёни мероси манзуми ниёкони мо осоре, ки шомили ду унсури ёдшуда аст, зиёд аст. Аз сӯйи дигар, заминаи аслии шеъри муосир, бархӯрдориаш аз эҳсосу биниши неруманди шоирона, бастагӣ ба шеъри қадим дорад.

Аҳмади Шомлу бештар зери унвони «шеъри ман» диду пазириш ва бардошташро аз дунёи розолуди шеър тасвир менамояд. Шеър барои ӯ ҳама чиз аст. Василае, ки бо ӯ метавон гӯшае нишасту роз гуфт. Вақти ба вуҷуд омадани мушкилот аз неруи беинтиҳои ӯ кор гирифт. Масъалаи дигари ҷолиб миёни гуфтаҳои ӯ ба замони офариниш ва пайванди он бо муҳити атроф мебошад.

Шеър барои шоир чизе нест, ки махсус ба хотири он гӯшае нишасту дар борааш фикр намуд. Ӯ менависад, ки «ман усулан машғалаи шеърӣ надорам ҳеҷ

вақт, ҳеҷ вақт. Шеър ҳамеша барои ман як зиндагии ониву фаврӣ аст. Медонед, гоҳе барои ман шеър воқеан як чизи қобили ламс аст. Дуруст мисли марде аст, ки эҳтиёҷ ба зане пайдо мекунад. Маро ниёз мекашад ба тарафи шеър ва вақте навишта мешавад, маълум мешавад, ки ҳиссе аст. Як ин далели ҳис, ки ҳамеша шеър бар ман тасаллут дошта, дар аксари шеърҳо» [2, с. 184].

Шоир дар андарзи адабӣ-эстетикии дигаре таъкид менамояд, ки он чи барои шеър заруру муҳтарам аст, неруи ангезаҳои он мебошад. Шеър набояд баёни субъективӣ бошад. Шоир набояд ҳикоятгӯйи азаматҳову сардиҳо, ваҳшатҳо бошад, балки шахси шоирро нубуғу ҳунаре лозим аст, ки ин сифатро ба гунае дар матни шеър ҷойгузин намояд, ки зимни хондан ба хонанда ангеза бидиҳад, азим будан, сардиро, ваҳшатро дар вуҷуди хеш эҳсос намояд.

Муҳаққиқони эҷодиёти Аҳмади Шомлу Т. Пурномдориён ва З. Туробӣ, бар ин назаранд, ки дигаргунии амиқ дар фаъолияти ҳунарии шоир танҳо пас аз чопи маҷмуаи «Ҳавои тоза» дар соли 1958 сурат гирифтааст. Ба назар чунин мерасад, ки шоир ба қавле, ки ба мардуми меҳанаш дода буд, вафо мекунад. Ба навиштаи Т. Пурномдориён, заминаи аслии ашъори вайро эҳсосоту авотифи бархоста аз таассуроти иҷтимоӣ ташкил менамоянд. Сурудаҳои вай як навъ саргузашти меҳру кин, яъсу умед, ишқу нафрат, ғаму шодӣ, дарду дареғ ва ҳамлаву гурез аст, вале меҳвари аслии тамоми ин меҳрубонӣ ва мардумаш мебошад: «Камтар шеъре аз вай мехонем, ки асаре аз дардҳои мардуму фазои мусаллат (ҳоким – Ш.Ф.) бар ҷомеаро набинем. Шомлу дар қалби маъракаи зиндагӣ ҳузур дорад… набзи шеърҳои ӯ бо набзи иҷтимоъ мезанад ва шеъри ӯ садои зарбаҳои як зиндагии иҷтимоӣ ва як даргирии васеъ бо рӯйдодҳост» [52, с. 202].

Дар атрофи пайванди шеъраш худи ӯ дар яке аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ чунин гуфтааст: «Ҳеҷ вақт тасаввур наметавонам бикунам, ки шеър асари мустақими зиндагӣ набошад. Ё чизе бошад ҷудо аз зарбаҳои зиндагӣ. Ман фикр мекунам, ин аслан садои он зарбаҳост. Дар ин ҳеҷ шаке нест. Мунтаҳо ман наметавонам чунин кӯшише бикунам, ки ин зарбаҳо ба як наҳве ба сурати шеърӣ дарбиёяд ва навишта бишавад. Худ ба худ ин кор мешавад» [52, с. 3].

Дар аксари таълифоташ Аҳмади Шомлу саъй менамояд, ҳадаф, рисолат ва хостаҳои як шоирро аз шеър гуфтан иброз дорад. Дар як мақолааш Аҳмади Шомлу конуни зиндагиву шебу фарози онро чунин шарҳ додааст: «Дар боби он чи «заминаи куллӣ» ва натиҷаи «заминаи аслӣ»-и шеъри маро месозад, метавонам ба содагӣ гуфта бошам, ки аз дер боз саросари зиндагии ман дар нигарониву дилҳура хулоса мешавад. Мушоҳидаи тангдастиву беадолатӣ дар ҳама умр, бахтаки руъёҳое будаанд, ки дар бедорӣ бар ман гузаштааст. Беадолатӣ дағдағаи ҳамешагии ман будааст ва шояд аз ҳамин рӯст, ки беадолатӣ ҳамеша дастандаркор аст, то ба навъе аз ман интиқом биситонад.

Ин ҳайвони хавфангез, ки даври ман роҳ рафтааст ва дар қадамҳояш тилисме ба гирдогирди ман кашида, то ҳеҷ гоҳ ҳузурашро аз ёд набарам ва дуртар ҳангоме, ки истоданро навъе беадолатӣ биёбад нисбат ба дигарон... ва дар заминаи инҳо ҳама хушраксиҳои тангдастӣ-ин беадолатии бузургу мардафкани иҷтимоӣ, ки тан додан ба ҳамаи шиканҷаҳоро бо калимаи харрангкуни «вазифа» тавзеҳ мекунад» [52, с. 84].

Исботи ин гуфтаҳоро метавон дар мисоли зер шоҳид буд:

Бар дари ин рӯзи по дар ҷой
Умеде дурахшид, ки дигар нест.
Умеди саодате, ки побарҷо менамуд,
Лекин дар бистари хеш ба ҷуз хоби гузар набуд [3, с. 43].

Шоир дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ ба масъалаи шеъри сафед ва мансур бисёр таваҷҷуҳ намудааст ва маълум мешавад, ки аслан сабаби аслии шуҳрату маҳбубияти ӯ ашъорест, ки бо номи шеърҳои мансур ё сафед сурудааст. Пӯшида нест, ки дар радифи Шомлу шоирони зиёде дар заминаи эҷоди шеърҳои мансур гомҳое бардоштаанд, вале ҳеҷ кадоме аз онҳо ба пояи Аҳмади Шомлу нарасидаанд. Дар ин замина ӯ шоири муваффақ аст ва шеъри асили сафеди муосири форсӣ, бешубҳа, бо номи вай сабт шудааст. Ба андешаи муҳаққиқон А. Абдуманнонов, У. Сафар, устод М. Қаноат Д. Наҷот Аҳмади Шомлу беҳтарин намунаҳои шеъри мансурро дорад [8; 23[a]; 28].

Илова бар ин адабиёти муосир назарияпардозу соҳибназареро дар шинохти шеъри нав мисли Аҳмади Шомлу надорад. Номбурда перомуни шеъри асил, шеъри ноб биниши наву дигаргуна дорад. Бинише, ки дар зеҳну афкори дигар шоирон ва муҳаққиқони шеъри сафед нест. Аз дидгоҳи Аҳмади Шомлу, шеър ҳосили ёфтаҳо, кашфҳо ва дидаҳову тавлидкардаи ногаҳонии амалу зеҳни шоир аст, ки зимни падид омадани он ҳеҷ қайду банде набояд садди он бошад. Маҳзи хотири ин абзореро, мисли вазну қофия дар чунин ашъоре муҳим намедонад. Ҳама чиз бояд ба таври табиӣ сурат бигирад. Агар зимни зоишҳои ногаҳонии зеҳни обистани илҳом шоир пушти вазну қофия бигардад, ин ҷараёни табиӣ дучори олудагиҳо хоҳад шуд, олудагиҳое, ки аз ҳусну зебоии табиии шеър коста мегардонад ва метавонад масири зеҳнро дигаргун кунад [25, с. 13].

Дар ҷойи дигар Аҳмади Шомлу аз пайванди шеър бо забон сухан мекунад. Агар як шеър дар марзи замону макон падид омад, шаклпазириаш тавассути забон сурат мегирад, пас барои шоири асил будан қабл аз ҳама шинохту маърифати имконоту заруриятҳои забон бисёр арзишманд аст.

Ҳарчанд асосгузори шеъри сафед будани Шомлу собит шудааст, вале шинохту маърифати шоистаи он дар заминаи шеъри нави Эрон ба таври комил таҳқиқ нагардидааст. Мавзуъҳои зиёди зидду носозгор дар робита ба ҷанбаи навпардозонаи шеъри ӯ дар адабиётшиносии имрӯз мавҷуд аст, ки ба бисёре аз онҳо метавон дарандарзҳои адабӣ-эстетикии шоир посух пайдо кард.

Чунонки зикр гардид, миёни андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу мавзуи шеър ва чистии он аз мавзуъҳои баҳсбарангез аст. Шомлу дар яке аз суҳбатҳояш хотирнишон кардааст, ки умуман шеърро таъриф додан, барои он қоидаи муайяне пешниҳод намудан душвор аст, аслан шеър таърифпазир нест. Танҳо бо такя ба бархе таҷрибаҳо, донистаҳо ва қиёси падидаҳо метавон дарку бардоште аз шеър ба даст овард.

Мавсуф ҳамзамон ёдовар мегардад, ки муҳаққиқону ноқидони қадим дар таълифоту тазкираҳои хеш таърифҳое аз шеър додаанд, вале бозтобдиҳандаи табиати шеър нестанд, норасоӣ ва нуқсҳои зиёде доранд. Гузашта аз ин замони муосир ниёзу ҳадафаш аз шеър чизи дигар аст.

Аҳмади Шомлу зимни баёну арзёбии мавзуи шеър ба чанд нуктаи қобили таваҷҷуҳ ишорат менамояд. Аз ҷумла, таъкид менамояд, ки шеър шабеҳи дигар падидаҳои ҷаҳони атроф дорои ду унсур даруниву руҳӣ ва берунӣ аст. Ӯ қиёси аҷибе менамояд. Шеърро бо инсон муқоиса намуда, зикр менамояд, ки агар барои як инсон либос унсури хориҷӣ ё берунӣ бошад, барои шеър вазну қофия рукни берунӣ шумурда мешавад.

Инсонҳо талош меварзанд зоҳиру ботини хушоянд дошта бошанд. Танҳо дар марзи шеъру офариниши он воқеият дигаргуна аст. Хушоянду созгор афтодани унсури берунӣ дар шеър бастагӣ ба ҳунару шеваи кори ҳунарманд аст. Гоҳо мешавад, ки бархеҳо, ки матлаби гуфтанӣ доранд, вале дар амри эҷод дасти расо надоранд. Мавзуъро ба гунае инъикос менамоянд, ки тамоми аҳаммияту арзишашро аз даст медиҳад, баръакс ҳунарманд мардум гоҳо як матлаби беарзишро ба гунае баён месозанд, ки агар дар қазовату арзёбӣ хуб аҳаммият надиҳӣ онро асари олӣ мешуморӣ.

Аҳмади Шомлу дар эҷоди шеър барои шоир шинохти техникаи офаринишро муҳим мешуморад ва ёдовар мешавад, ки қадамҳои нахустини ӯ ва ҳамтоёнаш дар роҳи офариниши шеърҳои бевазну беқофия барои онҳое, ки гӯшашон ба шеъри қадим одат карда буд, қобили қабул набуд ва маъмулан офаридаҳои онҳоро ҷиддӣ намегирифтанд ва ба сурудаҳои онон бо тамасхур менигаристанд. Мушкили онҳо аз нигоҳи шоир ин буд, ки эшон шеърро аз адабиёт фарқ карда наметавонистанд. Барои онҳо танҳо вуҷуди вазну қофия исботкунандаи шеър буд. Бо гузашти замон, бар асари саъю талоши шоирони навпардоз бахши умдае аз мардум тавонистанд ба моҳияти масъала пай баранд ва шеърро аз адабиёт фарқ кунанд, бе он ки дониши комили адабӣ дошта бошанд.

Ба қавли дигар «мардум агар таърифи дақиқе аз шеър дар даст надоранд ба тачруба дарёфтаанд, ки таърифи Шамс Қайси Розӣ аз шеър таърифи умумӣ аст ва ба рағми ӯ калом мумкин аст мавзуну мутасовӣ набошад ва ҳуруфи охирини он ҳам бо якдигар намонад ва бо ин ҳама шеър бошад. Имрӯз хонандаи шеър медонад, ки вачҳи имтиёзи шеър аз адабиёт танҳо ва танҳо мантиқи шоирона аст, на вазну қофия ва санъатҳои каломӣ» [77, с. 240].

Равшан аст, ки аз оғоз дар шеъри форсӣ вазнро яке аз унсурҳои аслии шеърсоз шинохтанд. Дар тули асрҳо ин андеша дар зеҳнамон нишастааст, ки шеър бидуни вазн шеър нест. Аҳмади Шомлу дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) зимни ибрози назар атрофи ин мавзуъ нуктаи ҷолиберо баён мекунад.

Ӯ мегӯяд, ки хонандаи имрӯз ба умқи ин воқеият расидааст, ки шеърро метавон дар шакли наср ҳам офарид. Ҳатто хубтару зеботар аз ашъори шомили вазну қофия.

Аҳмади Шомлу ба вазн ҳамчун як унсури зотиву рукни аслии шеър муътақид нест. Аз диди ӯ вуҷуди вазн зеҳни созандаи шоирро аз роҳи аслии офариниш гумроҳ мекунанд, зеро вазн танҳо теъдоди муайяне аз калимаҳоро дар қаламрави худ роҳ медиҳад ва иддаи дигари вожагонро иҷозаи вуруд ба ин қаламрав нест. Ин дар ҳоле аст, ки ҷо дорад он вожагон беш аз дигар калимаҳо мазмунофарину маънисоз бошанд. Шоир барои тасдиқи андешааш мисоли ҷолибе меорад: «бигзор шеъри хому афсорнахурдаро ба селобе ташбеҳ кунам, яъне ба он миқдор обе, ки бар асари ба ҳам пайвастани ин қатраҳое, ки якдигарро тадоӣ карда, берун кашидаанд, бар шеби замонае, ки зеҳни шоир аст, фурӯ меғалтанд. Вақте ки мо вазне барои шеър дар назар бигирем мисли он аст, ки барои ин селоб, ки бояд ташкили рӯде бидиҳад, пешопеш бистаре ҳафр кунем, то об ҳатман ва ногузир аз он бигзарад ва ба фалон нуктаи хос ҳидоят шавад. Дар ин сурат вазн чизе ҷуз «селгир» нест. Ин дарвоқеъ мунҳариф кардани ҷараёни селоб ва ҷилавгирӣ аз ҳаракати халлоқи он аст» [77, с. 430].

Аҳмади Шомлу дар идомаи матлаби хеш боз ҳам таъкид мекунад: «шеър бояд аз ҳар банду қайде озод бошад, зеро ба ҳукми «фаровони оташфишоне аст, ки аз аъмоқи торики уқёнус берун меояд» ва бояд ҷазоири зебоеро аз фарҳанги инсонӣ бисозад. Маҳзи хотири ин вазн ҳамеша сабаби дур шудани зеҳни шоир аз масири табиии шеър мегардад» [52, с. 430].

Аз омӯзишу таҳқиқи мукаммали андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу мо ба натиҷа омадем, ки шоир ҳамеша посдору назорагари шеър аст. Ба он аз паҳлуҳои мухталиф нигоҳ мекунад, афкору унсури созандаашро таъйин

месозад, барои ҳар яке нақшу арзише қоил мешавад. Муддате атрофи чистии он андеша мекунад, то сабаби ҷаззобияту кашандагии онро дарёбад. Гоҳо ба шеър аз гӯшаи андӯхтаҳо ё мафҳумҳои фалсафӣ назар меафканад ва шеърро падида, иттифоқ ё ҳодисае медонад, ки замону макон рукни созандаи онанд. Шеър дар марзи забон ва созу барги он шакл мегирад ва ба зуҳур мерасад. Ин роҳ дар навбати худ талаб мекунад, ки дар офариниши он аз ҳама имконоти забонӣ истифода шавад. Дар ин нукта аст, ки назари ӯ ба унсури аслии шеър калима ва ё вожа мерасад. Аз нигоҳи шоир маҳз калимот мебошанд, ки мазоҳири дунёи перомунро дар бистари шеър ҷойгузин месозанд. Бо кумаки вожагон мо дунёи воқеиро бо ақл мешиносем.

Дар андарзи адабӣ-эстетикие, Шомлу оид ба ин масъалаҳо чунин изҳор медорад: «калимаҳо дар шеър мазоҳири ашё нестанд, балки худи ашёянд, ки аз тариқи калимот дар он ҳузур пайдо мекунанд. Бо рангу таъмашон, бо садову ҳаҷму дурустиву нармиашон, бо илқоиёте, ки метавонанд бикунанд, бо тадоиҳое, ки дар имконашон ҳаст, бо тамоми боре, ки метавонанд дошта бошанд, бо тамоми фарҳанге, ки пушти ҳар кадомашон хобида. Бо тамоми таърихе, ки доранд. Пас тамоми инҳо бояд барои шоир шинохташуда, таҷрубашуда бошад. Шоир бояд кулли ҷаҳонро аз тариқи шеър таҷруба кунад» [77, с. 242].

Шоир Аҳмади Шомлу дар офариниши шеър таҷриба, ошноиву шинохти дақиқу амиқро бисёр заруриву арзишманд медонад. Ба қавли ӯ инъикосу бозтоби матлабе мисли заҳр, бидуни чашидан, озмудани он имкон надорад. Ё шоире, ки мехоҳад аз маргу ҷаҳони розолуди он сухан дар миён гузорад бояд дар муқобили марг сина сипар созад.

Аҳмади Шомлу муътақид аст, ки шеър мисли дигар риштаҳои ҳунар омӯхтанӣ аст. Набояд ин амрро сатҳӣ пиндошт, бояд дар марзи он даст ба мутолиаву омӯзиши амиқ буд.

Масъалаи дигаре, ки дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ дар иртибот бо мавзуи шеър барҷастагӣ пайдо намудааст, шеърияти шеър аст, шеър тамаддунсоз, инсонсоз бошад. Ба ин маънӣ чунин қайд мекунад, ки «Шеър бояд аввал шеър бошад, баъд мултазам. Ҳаргиз беш аз ҳар шоири дигар аз замону ҷомеаи худ

сухан гуфтааст, аммо аз онҷо, ки шеъраш фарҳангсоз буда, то ба имрӯз бар қуллаи ифтихори шеъри мо зиндаву пӯё монда. Пас бояд тафовут миёни шеъру шиор ба дурустӣ ташхис шавад. Мақсадам аз мултазам дақиқаи ҳамон аст, ки Маяковский онро суфориши иҷтимоӣ мехонд ва мегуфт «шоир бояд барои навиштани шеър аз иҷтимоъ суфориш қабул кунад...»» [77, с. 243].

Перомуни матлаби мазкур аксари муҳаққиқон изҳори назар намуда, ба нақши калимаҳо дар матни як шеър арзиши босазо қоил шудаанд. Дар китоби «Фалсафаи дӯст доштан» қайд шудааст, ки «ҳар шеъре дар ниҳоят иборат аз маҷмуи вожагону калимоте аст, ки дар чаҳорчӯби муайян канори ҳам омадаву пайванду иттиҳод эҷод намудаанд, то паёмеро ба мухотабон бирасонанд ё мисли бозигарони театр саҳнаеро аз зиндагии инсонӣ ба намоиш бигузоранд. Дар ин миён муҳим шеваи расонандагӣ ва сабки бозигарист, ки ба ҳунару истеъдод доман мезанад. Шеър бозӣ бо вожагон аст ва ин бозӣ бояд ба гунае сурат бигирад, ки эҷоди шигифтӣ, дилчаспӣ, ҷаззобият намояд, таъсирбарангез бошад» [29, с. 53].

Бо назари таҳқиқ нигаристан ба андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) ҳар муҳаққиқеро ба ин натиҷа мерасонад, ки андарзҳои адабӣ-эстетикӣ калимаҳои кӯтоҳшудае нестанд, балки нишонгари назари хосси шоиранд. Неруи таъсири ин андарзҳои адабӣ-эстетикӣ ба андозае аст, ки гоҳо хонандаро ба ҷое мерасонад, ки онро кори худ, моли худ медонад. Яъне, хонанда ба ҷойи дигарогоҳӣ ба худогоҳӣ мерасад, зеро андарзи адабӣ-эстетикӣ сухани мутафаккирона нест, балки андеша ва тафаккур ба садои баланд аст.

Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу ҳарчанд мавзуӣ ҳастанд, вале ҳар яке унвоне дорад, ки матнаш бо он мувофиқати комил дорад. Масалан, яке аз онҳо «Таквини шеър» аст, манзур аз он камоли тадриҷии шеър аст. Дар матни чунин андарзҳои адабӣ-эстетикӣ он чи ҷалби таваҷҷуҳ менамояд, шеваи муътақид сохтани хонандагон аст. Аҳмади Шомлу перомуни мавзуе, ки худ ба он бовармand аст, назарашро ба таври қотеъ зикр намуда, баъдан ҷиҳати равшанӣ андохтан атрофи он қиёсҳои аҷибе мекунад. Шоир шеърро ба як зиндагии фаврӣ, онӣ ташбеҳ намуда, баъдан шабеҳи афтодани себ аз дарахт медонад «бояд

тағйиру таҳаввули бисёр дар он анҷом шавад. Аввал шукуфа аст ва баъд мерасад ва баъд ҷудо мешавад, мунтаҳо мо он мароҳили аслашро намебинем» [108, с. 5].

Ҳамон гуна ки таъкид гардид, мавзуи чистиву моҳияти зотии шеър дар тули умри эҷодии шоир густариши камоли хостаашро пайдо намудааст. Гоҳо андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир хеле кӯтоҳанд ва танҳо ба яке аз ҷанбаҳо ё вижагиҳои шеър ишора мекунанд. Аз диди мавсуф шеър иттиҳоду таҷаммуъ мебошад, ки аз мантиқу таҷрибаву қиёси инсонӣ мегузарад ва замоне, ки аз ин суханон инсон ёрӣ мегирад, эҳсосоту авотифаш барангехта мегардад ва дарку тасаввури қобили мулоҳиза дар ӯ пайдо мешавад.

Шоир дар ҷойи дигар иброз медорад, ки шеър бояд шайпур бошад, на лолоӣ ё аллагӯй. Ба дигар сухан бедоргар бошад, на хобовар. Хосиятҳо ва барҷастагиҳову сифатҳое, ки шоир барои шеър қоил аст, зиёданд. Вай муътақид аст, ки шеър бояд шуру ҳаяҷон дошта бошад. Дар ниҳоди шоир биҷӯшад. Набудани ин хосият шеърро беруҳу бечон месозад ва касе онро ба расмият намешиносад. Аҳмади Шомлу гоҳо шеърро руъёе медонад, ки дар бедорӣ мегузарад. Эҳсосе аст, ки дар марзи зеҳнияти шоир даргурез аст ва нобаҳангом дастгир мегардад.

Барои бовар кунонидани тарафи дигари суҳбат ва равшан сохтани мавзуи тарҳшуда қиёсҳои одӣ, вале нишонрас менамояд. Масалан, дар мусоҳибае чунин иброз доштааст: «мисли ин ки шеър чизе аст, ки ба ношиносе, ки кунҷковии одамро бармеангезад ва ночор одам тасвире аз он чизи гунг туи зеҳнаш мебандад, бикашад, барои он ки он ҳолатро беҳтар бишносад. Онро бишкофад, битавонад бубинад, сар дарбиёрад аз ин, тақрибан ба ҳамчунин ҳолати ҳис» [63, с. 147].

Аҳмади Шомлу зимни ибрози назар ба шеър перомуни навъҳои шеър низ андарзҳои адабӣ-эстетикии ҷолиб дорад. Аз нигоҳи ӯ миёни ашъори шоирони имрӯз мо ба навъе аз шеър дучор мешавем, ки онҳоро метавон шеъри абзорӣ номид. Хосияти ин шеърҳо аз он иборат аст, ки эҷодгари онҳо нияти дорад, назари мардумро ҷалб созад. Ин тоифа шоирон ё сиёсатпешаанд ё гадое, ки бо каломи худ мехоҳанд суди молӣ ба даст биёранд.

Ба навъе аз ашъор Аҳмади Шомлу унвони шеъри иктисобӣ медиҳад. Ӯ бар ин назар аст, ки шеър бояд дар даруни шоир биҷӯшад, то баъдан раҳо гардад. Замоне, ки як шоир ин сарватро дар ботин надорад, чӣ гуна метавонад онро аз берун бигирад, зеро бархеҳо дарунхолиянд ва маҷбуранд онро дар берун ҷустуҷӯ ва касб кунанд. Коре, ки иҷрояш имконпазир нест.

Шеъри тасаннуӣ навъи дигаре аз шеър аст, ки дар шарҳу баёни воқеӣ ва мухтасари он Шомлу зиёд саъю талош намудааст. Диди ҷомеъ ва умумии шоир аз шеъри тасаннуӣ, самимӣ, ҷиддӣ набудани шеър аст. Сатҳӣ, сохтакорона сохтани шеър маҳсуб мешавад. Шоир бар ин бовар аст, ки бо овардани ду се тасвиру чанд ташбеҳ дар калом наметавон ба марзи шеъри воқеӣ расид.

Аҳмади Шомлу дар ҷойи дигар мегӯяд, ки шеър бояд тарҳу нақшаи аз пеш таъиншуда надошта бошад, лозим аст, ки ғайриинтизор, нобаҳангом ба зуҳур расад. Дар акси ҳол шеъри тасаннуӣ аст.

Дар идомаи мавзуъ зикр мегардад, ки аслан, эҷодгари шеър касоне мебошанд, ки мехоҳанд бо шеър худро дар ҷомеа муаррифӣ кунанд.

Эҷоди ашъори сохта ё сунъӣ барои Шомлу то андозае нохушоянду нопазируфтанӣ аст, ки пешниҳод мекунад соҳибони чунин ашъоре бояд муҷозот шаванд, зеро ин ҳам як навъ, ҷурм, фиребкорӣ, гумроҳкорӣ мебошад. Ӯ менависад: «Оби покеро рӯйи дастатон бирезем. Шеъре, ки тарҷумааш ба сурати мақолае дарояд, ҳуққабозӣ аст, на шеър. Гандумнамоӣ ва ҷавфурӯшӣ аст. Чунин шоиреро қонунан метавон ба унвони кулоҳбардор таҳти таъқиб қарор дод» [109, с. 20].

Дар андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир мо ба мафҳуми дигаре бо номи «шеъри исто» вомехӯрем. Маҷмуан, манзур аз «шеъри исто» шеъре мебошад, ки аз нигоҳи мазмуну мундариҷа, дарунмояҳои шеърӣ аз доираи муайяне берун намеравад. Мавзуъҳои шабеҳу такрорӣ дорад. Мақсади шоир аз ин гуна шеър шеъри шоирони классикӣ аст. Ба ақидаи Аҳмади Шомлу мазмунҳои шеърии форсӣ аз чанд чиз марзшиканӣ намекунад. Васфу ситоиши маъшуқ яке аз дарунмояҳои калидии шеъри классикӣ ба шумор меравад. Мавзуи дуюм, ки мавриди назари шоирони пешин аст, интизории маъшуқ ва бевафоии вай

мебошад. Васлу пайванд мавзуи сеюми адабиёт ба ҳисоб меравад. Ниҳоят, танҳоӣ, тангдастӣ ва шиква аз фалаки каҷрафтор мавзуъҳое мебошанд, ки дар шеъри классикӣ такрор мешаванд.

Аҳмади Шомлу дар радифи «шеъри исто» аз «шеъри ҷовидона» ном мебарад, ки дар шинохти ӯ сиришту вижагии хос дорад. Шоир бар ин бовар аст, ки «шеърро бояд барои ҷовидонагӣ сарчашмаи тағзия хуни шоир бошад. Идомати зисти чунин шеъре вобастаи он аст, ки то чи андозае метавонад дар як чашм ба ҳам задан дар зеҳну авотифи инсонҳо русух намояд, ба дигар сухан зарбаи муассиру мондагор ворид созад» [111, с. 6].

Дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу дар ду маврид аз мафҳуми «шеъри ҳақиқӣ» зикр шудааст. Албатта, инро наметавон навъи хоссе аз шеър ба ҳисоб оварда. Дар матни ин мафҳум ёфтаҳо ё дидаҳои шоир баён шудаанд, ки баёнгари сурат ё моҳияти ҳақиқат ё аслияти шеъранд. Аз таҳлили матни «шеъри ҳақиқӣ» дар мавриди аввал метавон чунин натиҷа гирифт, ки зуҳури як шеъри ҳақиқӣ ба зиндагии хусусӣ ва падидаҳое, ки офарандаи шеър озмуда, сахт бастагӣ дорад. Гоҳо ранҷу машаққати сангин заминаи эҷоди шеъри воқеӣ мегардад. Ба ин маънӣ Аҳмади Шомлу менависад: «Ҳангоме ки дардҳои Ҷанги дувум қалбҳои равшанфикрро фушурд ва ҳангоме ки Роберт Деснос дар боздоштгоҳҳои нозӣ (натсистҳои олмонӣ) ба хоки ҳалок афтод... дар миёни ин дудҳо буд, ки шеъри ҳақиқӣ ҷӯшид ва аз миёни зулмат чун офтобе толеъ шуд» [71, с. 133].

Шоир дар мавриди дуюм баён намудааст, ки шеъри ҳақиқӣ ҳамон вақте тавлид мешавад, ки пайвандашро бо адабиёт мувофиқ созад, мантиқаш дар радифи мантиқи мусиқӣ, рақс ва наққошӣ қарор бигирад.

Аҳмади Шомлу гоҳо дар андарзҳои адабӣ-эстетикиаш таҳти унвони як мафҳум, ки дар асл як мавзуи алоҳида аст, бардоштҳояшро аз вижагиҳои шеър, моҳияту сиришти он изҳор мекунад. Масалан, зери унвони «шеъри имрӯз» муҳимтарин хусусиятҳои шеъри муосирро бозгӯй менамояд: «Шеъри имрӯзи мо шеъре огоҳу баланд, шеъре дилпазиру тапанда аст, ки дерест то аз марзи таъсирпазирӣ гузашта, ба давраи асарпазирӣ по ниҳодааст» [85, с. 5].

Шоир дар идомаи матлаб изҳор менамояд, ки шеъри имрӯзи форсӣ то андозаи қобили мулоҳизае мадюни шоирони бузурги дигар қавму миллатҳост. Бедорӣ, огоҳӣ, ҳамқадами замону посухгӯйи ниёзҳои замон буданро мо аз устодони бузурги шеъри ҷаҳон омӯхтаем. Аксари андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и марбут ба шеър унвонҳои шигифтангезу ҷаззоб доранд ва дар матни онҳо ба фикрҳои тааммулбарангези шоир рӯ ба рӯ мегардем. Дар яке аз андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу аз «шеъри хомӯш» ҳам сухан дар миён омадааст. Ба андешаи ӯ ҳар шеъре, ки зойидаи зеҳни шоирона аст, пас аз ба зуҳур расидану рух боз кардан гӯё ба марзи хомӯшӣ мерасад. Дар чунин вазъе замони пардозишу ҷило додани он оғоз мешавад.

Аҳмади Шомлу перомуни унвони «шеъри дурахшон» низ назари арзишманд дорад. Аз нигоҳи вай дурахшиш, ҷилову дурахш ёфтани шеър ба вуҷуди диди фарохи шоирона бастагӣ дорад. Агар шоире аз чунин дида бархӯрдор аст, ҳама чизро шоирона мебинад ва эҷод мекунад.

Дар боло таъкид намудем, ки шеър дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу аз дидгоҳҳои мухталиф мавриди баррасӣ, таҳлилу арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар бахше аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-яш шоир шеърро дар пайванд бо дигар ҷанбаҳои зиндагии маънавии инсон, эҳсосу авотифи инсонӣ баррасӣ менамояд. Масалан, дар пайванди шеъру адабиёт изҳор медорад, ки мантиқу маъно дар шеър бад-он гуна, ки дар адабиёт аст, мавҷуд нест. Дар ҷойи дигар замоне, ки «шеъру иқтизо (ниёз)»-ро канори ҳам мегузорад, вобастагии онҳоро мӯшикофона баён мекунад: «шеър фарзанди иқтизо (ниёз – Ш.Ф.) аст. Чи маълум аст ҳамин фардо «иқтизое» тағйиротеро дар забону шакли шеъри ман ё ҳар каси дигар эҷоб накунад. Иқтизои тааҳҳуду ворастагӣ, на иқтизои вобастагӣ» [112, с. 48].

Аҳмади Шомлу дар шарҳи мавзуи «шеъру умед» иброз медорад, ки умеду ноумедӣ ҳолате аз зиндагии инсонанд, ки бо вуҷуди доштани фазоҳои печидаву торик ба кас неруи раҳобахшу ворастагӣ мебахшанд. Дидгоҳи Аҳмади Шомлу дар атрофи мавзуи «шеъру андеша» низ бисёр ҷолибу шигифтангез аст. Дар ин маврид ӯ нахуст қайд менамояд, ки барои як шоир доштани пойгоҳи мушаххаси

фикрӣ бисёр арзишманд аст. Набудани чунин пойгоҳе шоирро бедасту по месозад. Дар роҳи эҷоду офариниш муваффақ нахоҳад шуд.

Зери мафҳуми «шеъру барангезиш» шоир ба ҷанбаи ниҳоят муҳимму пураҳаммияти ангезиш ё ангеза додан, ҳаракат кардан таъкид мекунад. Ба қавли Аҳмади Шомлу шеър иборат аз баёни субъективӣ нест. Шеър нашояд бигӯяд ин хуршед аст, ин чиз бузург аст ё чизи дигаре. Бояд эҳсоси хуршед буданро, азаматро дар эҳсосу авотифи хонанда барангезад.

Дар андарзи адабӣ-эстетикии «шеъру тамаддун» қайд мекунад, ки шеър бо тамаддун дар мухолифату низоъ нест, балки бо иттиҳоду такя бо ҳам такомул меёбанд: «агар шуморе аз васоили тамаддун, мошин, чоп ва радио, синамову телевизион ва амсоли инҳост. Магар ҷуз ин аст, ки ангезаи аслии пайдоиши ин васоил, тасҳили басту нашр ва эҷоди васоили фарогиртаре барои тавсияи ҳунару фарҳанг будааст. Инро кӣ мункир наметавон шуд?» [116, с. 20].

Аҳмади Шомлу мавзуи шеъру шоирро канори ҳам мегузорад то вобастагӣ ё ниёзи ин ду мафҳумро аз ҳам дарёбад ва ҳосили ёфтаҳояшро ироа кунад. Дар яке аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ гуфтааст, ки шеър чизе аст, ки шоирро маҷбур месозад, то ӯро сурати айнӣ диҳад. Дар ҷойи дигар шеърро гӯётарин санаде мехонад, ки бар асоси он метавон ба алоқаи иҷтимоии ҳар шоире пай бурд.

Мавзуи дигари баёншуда дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу ташхиси шеър аз шиор ва ҳусну қубҳи онҳо мебошад. Дар матни андарзи адабӣ-эстетикие омадааст, ки шиори сиёсӣ ё ақидаӣ наметавонад даъвои шеър будан намояд, вале шеър метавонад шомили ҳар паёме бошад.

Шоир дар ҷойи дигар таъкид менамояд, ки аз ҳеҷ шиоре наметавон шеър сохт, вале як шеър замоне ба сарҳади нозу ишвагарии худ расид, ба шиор табдил мегардад.

Равшан аст, ки илм яке аз риштаҳои муҳимми ҳаёти фарҳангӣ-маънавии инсон аст ва бо шеър пайванду иртиботҳои зиёд дорад. Аҳмади Шомлу дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-яш ба ин мавзуъ низ дахл намудааст. Аз ҷумла, хотирнишон намудааст, ки «ҳамеша дар ҳамин пошна чархида: истиқрои олимона ҳамеша дар нуқтае ба ишроқи шоирона расида. Дар ғайри ин сурат шеър

ҷойгоҳу пойгоҳе намедошт. Ҳадди аксар бозии кӯдаконаи бесамаре буд бо алфоз» [115, с. 19].

Аҳмади Шомлу ҳамзамон изҳор медорад, ки донишу биниш ҷаҳоннигарии шоирро густариш медиҳад, аммо ба таври мустақим ба зоти шеър, ки мантиқе комилан ғайриреёзӣ дорад, роҳе намеёбад. Назари Аҳмади Шомлу дар мавриди алоқаи шеъру фалсафа низ қобили таваҷҷуҳ аст. Мавсуф дар як андарзҳои адабӣ-эстетикиаш зикр намудааст, ки дар як шеъре, ки бо тамоми талаботи шеърият посухгӯ аст, биниши мантиқиаш бар як китоби фалсафӣ созгорӣ дошта бошад. Аммо ин амри собитшуда аст, ки бисёре аз файласуфон модаи хоми фикри худашонро аз шеър гирифтаанд.

Мулоҳиза дар атрофи шеър баъзан шоирро ба домани ҷойгоҳи он дар Эрон мекашонад. Мардум ба падидае бо номи шеър чи гуна муносибату бархӯрд доранд. Мурури сарнавишти шеър ӯро ба натиҷае меорад, ки дар ин қаламрав инсонҳо ба шоирон ба чашми паямбар нигаристаанд. Ба онҳо эҳтирому муҳаббати хосса доштаанд ва мусаллам аст, ки бар ивази он аз эшон сухани волову муъҷизаосо умедвор будаанд. Ин натиҷа ӯро ҳушдор медиҳад, ки шоирӣ дар сарзамине мисли Эрон кори ниҳоят душвору сангин аст. Вақте як нафар ҳамчун шоир пазируфта мешавад, бояд ин масъулияту рисолати муқаддасро эҳсос кунад ва барои ҳарфу суханаш посухгӯ бошад. Дар яке аз андарзҳои адабӣ-эстетикиаш таъкид менамояд, ки дар Эрон шоир иҷозат надорад, сарсариву лоқайдона ба шеър назар кунад. Вақте сухан аз шеър дар миён меояд, симои мардум ҷиддӣ мешавад ва садоҳо хомӯш мегарданд. Ин нишони арҷу аҳаммият ва ҷойгоҳи як буъди ҳунарӣ дар ҷомеа аст [2, с. 182].

Аз таҳлили андарзҳои адабӣ-эстетикӣ бармеояд, ки шоир ҳамеша дар хусуси шеъру масоили марбут ба он ва махсусан, пайванди шеъру шоир меандешидааст. Ӯ дар ҷойе рӯйи ибораи «шеър дар шоир» такя мекунад ва изҳор медорад, ки касе ки воқеан шоир аст, ҳаргиз наметавонад, аз шеър гуфтан шона холӣ кунад, зеро шеърро дар вуҷуди як адиб метавон ба чашмаи ҳамеша дар ҳоли фаворонӣ монанд ҳисобид. Чашмае, ки даруни хок аст ва наметавонад, наҷӯшад [2, с. 183].

Масъалаи дигаре, ки ба он ангушт мениҳад, забони «шеъри рӯзгори мост». Манзури шоир ин аст, ки дар ҷомеаи инсонӣ ҳар рӯз бар пайкари одамӣ зарбаҳои сангине фуруд меояд. Ин зарбаҳо бояд аксуламале дошта бошанд ва садое бароранд. Ба қавли шоир чунин садову фарёде танҳо дар ниҳоди вожагони як шеър метавонад нуҳуфта бошад [2, с. 183].

Аҳмади Шомлу ба масъалаи шеър аз зовияҳои гуногун назар мекунад. Ҷустуҷӯ ва ковишҳои зеҳнӣ ӯро ба марзҳои тозаи аз воқеияти шеър ва пайванди он бо ришташаҳои мухталифи ҷаҳони маънавии инсон мебарад. Замоне ки мафҳуми шеър ва ҳақиқатро аз нигоҳи таъсиру пайванд арзёбӣ мекунад, ба хулоса меояд, ки шеърро наметавон як воқеияти холис ҳисоб кард. Аммо аз сӯйи дигар, шеър метавонад, хидматгузори ҳақиқат бошад. Ба ин маънӣ, ки инсону ҳуқуқҳои поймолшудаи ӯро ситоиш кунад. Пеши моҳияти вуҷуди одамӣ, рисолати ӯ дар ҷомеа сари таъзим фуруд орад [2, с. 190].

Дар адабиёти таҳқиқӣ вақте ки мавзуи шеъру заминаҳои ангезабахшу таҳрикомези он ба миён меояд, аз ангеза ҳамчун неруи корсози шеър тавсиф мешавад. Шоир дар андарзҳои адабӣ-эстетикии худ ба ин мавзуъ мепардозад ва изҳор медорад, ки аслан шеър гуфтан амали субъективӣ нест, агар ҳадафи як шоир гуфтани ин аст, ки фалон чиз бузургу азим аст, ё гарму сӯзанда ё сард аст, ин ҳадафро бояд ба сурати дигар иҷро кунад. Яъне, эҳсосу авотифи азамату бузургиро гармову сӯзандагӣ ва сардиро дар ниҳоди мухотабон бедор созад [2, с. 192].

Чунонки маълум аст, шеър бо бисёре аз ришташаҳои илм, махсусан, бо фалсафа пайванду робитаи дерина дорад. Бе чунин робитае наметавон шеърро тасаввур кард. Ин мавзуъ аз диди Аҳмади Шомлу пинҳон намондааст. Дар ҷойе ишора намудааст, ки дар як қитъае, ки саршор аз созу абзори шеърӣ аст, шояд бинишу диди мантиқии шоир бо омӯзаҳои фалсафӣ гиреҳ бихӯрад. Дар ин амр ҷойи тааҷҷуб ҳам нест, чун аксари файласуфон маводди хом ё аввалияи худро аз шеър гирифтаанд [2, с. 192].

Ҳар шеъре таҷассумгари як эҳсоси инсонӣ аст, воқеан зиндагиро дар конуни ҳастӣ бе вуҷуди эҳсосу авотифе мисли шодиву нишот ғаму андуҳ ва ғайра

наметавон тасаввур кард. Ин эҳсосот танҳо тавассути осори ҳунарӣ ба хусус, шеър метавонанд ба зуҳур расанд. Беҳуда нест, ки адиб дар андарзҳои адабӣ-эстетикии худ ба пайванди шеъру ин эҳсосот ишора менамояд. Аз ҷумла, дар бораи шеъру шодӣ фикри ҷолиберо баён кардааст. Ӯ бо афсус таъкид мекунад, ки шодӣ барояш як неъматест, ки мутаассифона дар рӯзгор кам ба домани он расидааст. Вале ҳамеша саъю талош намудааст, то бар сарманзили шодӣ бирасад. Аз нигоҳи шоир ин амр гувоҳи он аст, ки шеърро наметавон аз зиндагӣ ҷудо намуд [2, с. 191].

Яке аз баҳсҳое, ки ҳамеша дар адабиётшиносӣ шиддату таъсири зиёд доштааст, масъалаи шинохти шеъри асил аз навиштаҳое, ки бо нойи шеър арза шудаанд, вале шеър нестанд. Аҳмади Шомлу низ дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ дар чанд маврид ба ин мавзуъ таъкид кардааст. Андешаҳои ӯ зери мафҳуми «шеъру нашеър» баён гардидаанд.

Аз дидгоҳи Аҳмади Шомлу агар мо шеърро хоҳ ба назм дарбиёрем хоҳ наорем, шеър боқӣ мемонад, шеърияташро раҳо намесозад. Алорағми ин нашеърро ба ҳар шевае, ки пешниҳод намоӣ, мумкин аст бозтобдиҳандаи ҳама чиз бошад, ба ҷуз шеър.

Дар ҷойи дигар қайд менамояд, ки шеърро ба шеъри оливу миёна, хубу бад набояд ҷудо намуд. Шеър ё олӣ мешавад, ё аслан шеър нест [2, с. 192].

Дар миёни андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу беш аз 10 андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя) мавҷуд аст, ки зери унвони «шеъри ман» омадааст. Инҳо бо назардошти ин ки фарогири шарҳу тавзеҳҳо, дидгоҳҳои завқии номбурда перомуни шеъри хусусии вай мебошад. Қимати зиёди адабӣ доранд.

Аҳмади Шомлу аз шеъри хеш, ҷузъиёту барҷастагиҳои он сухан дар миён меорад ва ҳамзамон ба ҷанбаҳои дигари шеър дар умум ишорат мекунад.

Дар нахустин андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя) зери унвони «шеъри ман» ҳушдор медиҳад, ки шеъри ӯ дашноми ӯст. Ҳарчанд ин идао каме дағалу густохона аст, вале дар матни он маънои ҷомеъу васеъ нуҳуфта аст. Манзури шоир аз ин «маънӣ» маънии шеъри муосир аст. Шомлу бар ин бовар аст, зиндагӣ дар ҷаҳони муосир ниёз дорад, ки ба вожагони шеър маънои муосир дода шавад.

Ҳар калима, ҳар вожа маънои имрӯзӣ дошта бошад. Ба қавли ӯ «калимаҳо бо таърих ҳаракат мекунанд, роҳ мераванд, суръат мегиранд, шитоб мекунанд, авҷ мегиранд ва гоҳ меъроҷ мекунанд» [112, с. 22].

Андеша дар атрофи фонемаи шеър Шомлуро ба натиҷагириҳои аҷиб меорад. Шоир бар ин назар аст, ки вай барои шеъраш холиқ нест, балки нависандаи он аст. Шеъраш ӯро даъват мекунад, то онро бинависад. Гӯйӣ дар ботинаш як неруе зиндонист, ки раҳоӣ мехоҳад. Дар либоси вожаҳо, калимаҳо бадар ояд. Ба қавли шоир ин мавқеъ шаклгирии сохту мазмуни шеър аз иродаи ӯ хориҷ мешавад.

Шомлу дар як мусоҳибаи дигараш иброз доштааст, ки ӯ ҳаргиз барои шеър гуфтану шеър сохтан саъю талош нанамудааст. Шеър ҳамеша барояш як зиндагии онӣ, лаҳзавӣ буда, барояш як чизи қобили ламс будааст.

Гузашта аз ин шеър ҳамеша бар ӯ ҳокимият доштааст. Аз нигоҳи вай «шеър навиштан дарвоқеъ покнавис кардани худи зиндагӣ аст» [63, с. 147].

Тавре ки худи Аҳмади Шомлу мегӯяд, ба маъниву сохтори аксари ашъораш танҳо баъд аз эҷоди онҳо ва гузашти замоне чанд пай мебарад, ба дигар сухан шеърҳо гӯё дар набудани ҳузури вай офарида мешаванд. Ин шеър аст, ки ба суроғи ӯ меояд ва шоир онҳоро ба гунае покнавис мекунад.

Аҳмади Шомлу даъво дорад, ки ӯ замоне даст ба офариниш мезанад, ҳаргиз перомуни хонанда, мухотабон намеандешад. Барои ӯ муҳим нест, ки шеърашро чи гуна истиқбол мекунанд, роҷеъ ба вай чи фикр мекунанд. Ҳадафи ӯ аз шеър барандоз намудани дунёи даруни худаш, дарки ҷаҳоннигарияш аст: «аслан ман рӯям ба хонанда нест. Рӯйи ман ба худам аст. Инро аз ман қабул кунед. Шеъреро, ки ман менависам барои ин аст, ки бидонам худам чи фикр мекунам, на барои он ки бубинам хонанда чи тасмиме дар бораи ман мегирад? Ман шеърро барои ин менависам, ки ҳаргиз намедонам чи хоҳам навишт ва ба чи сурате дар хоҳад омад» [112, с. 21].

Аҳмади Шомлу мавзуи шеъри манро дар дигар андарзи адабӣ-эстетикӣ дунбол мекунад. Ин матлабро тарҳ месозад, ки шеъри ӯ баргирифта аз конуни зиндагии инсонист. Дар матни он метавон нишоне аз рӯзгори як коргар, як

токсист, як барзгар суроғ гирифт. Вале дар маҷмуъ шеър моли ҳалоли шоир аст, зеро бо эҷоди он шоир ба зиндагияш сомон, низом мебахшад, онро маънидор мекунад.

Як қисмат андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) ба истилоҳоту мафҳумҳои марбут ба шеър бахшида шудаанд. Аз ҷумла, шеъри нав, шеъри мавҷӣ ва шеъри куҳан. Он гуна ки маълум аст, замони вуруди шоир ба майдони адабиёт баҳсу ҷидолҳо оид ба шеъри наву шохаҳои мухталифи он, шеъри куҳан миёни навпардозону тачаддудхоҳон зиёд буд.

Худи шоир низ яке аз намоёнтарин шоири навпардоз маҳсуб мешуд, аммо андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и ӯ на моли баҳсу ҷидолҳо, балки андешаҳо дар танҳоӣ ва посух ба пурсишҳое мебошад, ки зимни мулоқоту суҳбатҳо баён гардидааст.

Истилоҳи дигаре, ки анқариб як аср атрофаш баҳсу мунозира гарм аст, шеъри нав мебошад, ки адабиётшиносону муҳаққиқони дохилу хориҷ атрофаш таҳқиқотҳои зиёде анҷом додаанд. Аҳмади Шомлу дар андарзҳои адабӣ-эстетикии хеш ба таври мухтасар ба муҳимтарин нишонаҳои он ишорат мекунад. Мавсуф нахуст изҳор медорад, ки на ҳама ашъоре, ки қабл аз мо офарида шуда куҳна аст ва на ҳама сурудаҳое, ки қолаби нимоӣ доранд, шеъри нав маҳсуб мешавад. Бояд нишони куҳнаву навиро на дар зоҳири шеър, балки дар ҷавҳари он ҷустуҷӯ намуд, зеро «навӣ пеш аз он ки дар рахту либоси шеър намуд кунад, дар «диди шеърӣ» ва «эҳсоси шоирона» ҷилвагар аст» [116, с. 20].

Шоир дар ҷойи дигар таъкид менамояд, ки шеъри нав идомаи мантиқии шеъри куҳани форсӣ аст, зеро имрӯз аксари шоирони муосир «ҷузъи классикҳои шеъри форсӣ» маҳсуб мешаванд [116, с. 20].

Миёни андарзҳои адабӣ-эстетикие, ки ба истилоҳоту мафҳумҳои марбут ба шеъри наванд, мо ба истилоҳи «шеъри мавҷӣ» бармехӯрем, ки Аҳмади Шомлу перомунаш дар чанд андарзи адабӣ-эстетикӣ изҳори назар кардааст. Шеъри нави Эрон дар раванди зуҳуру камоли тадриҷӣ дучори мушкилоти фаровоне гардид, ки иллати аслияш ноогоҳӣ, камдонишӣ ва беҳунарии идае аз шоирмаъобон буд, ки мехостанд, бо ироаи гироишу ҷараёне дигаргуна дар адабиёти муосири

ҷойгоҳе барои худ боз намоянд, ки мисолаш ҷараёни шеъри мавҷӣ буд бо мафҳумҳои мавҷи наву мавҷи якуму дуюм вориди саҳна мешуд, то собит созад, ки шеваи офариниши он комилан тозаву мутафовит аз дигарон аст. Ин кӯшишҳо мутаассифона ба ҷуз бадномӣ суде ба бор наовард.

Аҳмади Шомлу бештар ба ҳамин ҷанбаи нохушоянду дарки нодурусти пайравони шеъри мавҷӣ аз шеър ишора мекунад. Ба қавли мавсуф он чиро, ки мавҷи наву мавҷи аввалу чандум ном додаанд: «Мавҷ нест, ғарқоб аст. Табиӣ аст, ки шоири фардо аз бистсолагони имрӯз бошад. Фақат шарташ он аст, ки ба кори худ бичаспад ва гирифтори ин гуна бозиҳо нашавад» [49, с. 3].

Аз диди Аҳмади Шомлу, аз нигоҳи мазмуну мундариҷа ашъори мавҷӣ матлаби қобили мулоҳизае надорад «аксари онҳо чизе ҷуз як мушт алфоз нест, ки бо ҳеҷ мантиқ ва аз ҳеҷ зовияе наметавон мафҳуме барояшон битарошӣ. Дар натиҷа бо худ мегӯй:- агар инҳо шеър аст, пас ман ҳам шоирам. Аммо ҳақиқат ин аст, ки инҳо шеър нест, бозори ошуфтае пайдо шуда, ки халқе ба ҳавои ном дар он бигиру бигир ба роҳ андохтаанд» [49, с. 3].

Албатта, теъдоди андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) перомуни шеъру ҷойгоҳи шеър, ҷараёнҳои шеърӣ, шеваҳои офариниши шеър зиёданд, ки мо ба таври интихобӣ иддае аз онҳоро таҳлил кардем. Мусаллам аст, ки ин андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) дар шинохти шеър ва рисолати он, ошноӣ бо дидгоҳҳои завқӣ, инфиродии шоир бисёр судманданд, зеро фарогири тачрибаву бардошти шоир мебошанд.

3.6. Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу перомуни шоир, ҳунар ва мафҳумҳои марбут ба онҳо

Шоир аз ҷумлаи мафҳумҳое аст, ки чи дар адабиёти таҳқиқӣ ва чи дар фарҳангу луғатҳо дар шарҳу тавзеҳаш зиёд изҳори назар шудааст. Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу низ назаргоҳҳои мутофовитеро дар баёни маънои калима баён мекунад. Дар ин миён он чи шигифтангез аст, ин шарҳу баёни бидуни гуногуну анҷомнопазири ин калима аст. Хосу ом як тасаввуру

дарки умумӣ аз шоир доранд, вале муҳити адабӣ, раванди ҷомеаи адабӣ шоҳиди он аст, ки дар ҷамъомаду нишастҳои фарҳангиву ҳунарӣ, махсусан, зимни мулоқоту дидор бо адибон, як суоли ҳамешагӣ «шоир аз нигоҳи шумо» ё «шоир кист?» мебошад. Мусаллам аст, ки ҷавобҳо гуногун ва такмилсози шарҳу баёни мавҷудбуда атрофи ин вожа аст. Аҳмади Шомлу низ аз ин доира истисно нест. Мавсуф борҳо ба ин саволи маъмулӣ посух гуфтааст ва гоҳо дидгоҳҳои муъҷазу ҷаззобе баён доштааст. Омӯзиши ин мавзуъ нишонгари он аст, ки Аҳмади Шомлу ба шоир нигоҳи ҳамаҷониба меафканад. Вобаста ба мавқеияташ, ҷаҳонбиниаш, рисолаташ, ҷойгоҳаш, сатҳи коройиву кифояташ ба шоир арзиш қоил мешавад.

Дар ҷойи дигар аз наққошу мусиқидон зикри ном мекунад, шабоҳатҳои зиёде миёни ин гурӯҳ мебинад ва таъкид менамояд, ки табиати намояндагони ин касбу пеша чунин аст, ки ба ҷуз хубиву меҳрубонӣ чизи дигареро балад нестанд.

Аҳмади Шомлу бар ин бовар аст, ки наққошу мусиқидон низ дар зоти худ шоиранд. Ман мегӯяд Шомлу «мехоҳам ҳамаи инҳоро дар калимаи шоир хулоса кунам» [2, с. 178].

Масъалаи дигаре, ки зеҳни шоирро ҳамеша ба худ кашидааст, мавзуи шоир будан ё набудан аст. Дар эҷоди шеър муҳимтарин нукта сатҳи шоистагӣ, пухтагӣ ва камоли ҳирфаӣ, яъне номбардори пешаи шоирӣ аст, зеро шоистагиву омодагӣ дар шоирӣ шахси шоирро шуҳрату маҳбубият мебахшад. Шоир будан эҷодкорро «во медорад биравад ба аъмоқи забон ва роҳҳои ба кор гирифтани абзори мавриди ниёзашро биёмӯзад. Ин кор вақту ҳавсала ва кушойи хастагинопазир металабад» [116, с. 21].

Дар идомаи матлаб Шомлу ба ҷанбаи дигари амри шоирӣ, асбобу абзори баёни шоир ишора намуда, изҳор менамояд, ки ин абзор бояд ҳосили заҳмат ва саъю талоши ҳамешагӣ бошад, ба ибораи дигар шабеҳи зиндагии худи шоир бошад: «ҳамчунон ки зиндагии шоир мебояд аз диду ранҷи худ ё дигарон сухан бигӯяд, то эҳсоси зарифу сайқалхӯрдае ба даст орад, васоили баёнии ӯ низ мебояд бо заҳмату бо талош ба даст ояд» [75, с. 12].

Мавсуф дар як андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и дигар қайд менамояд, ки ҳар шоире зотан анархист аст. Танҳо ба маънои воқеии ин калима,

на ба маънои ҳуққабозу девонаи ҳарҷу марҷталаб. Ба қавли Аҳмади Шомлу анархизм инсонитарин идея ё ормоне мебошад, ки ҳанӯз ду ҳазору панҷсад сол пеш барои осоиши инсонҳо ва расидани одамӣ ба камоли матлуб пешниҳод гардидааст. Маҳзи хотири ин ҳар шоире дар ниҳояти кор як анархист аст [2, с. 176].

Андеша дар атрофи касби шоирӣ Аҳмади Шомлуро ба марзи натиҷагириҳои марғубу ҷаззоб мекашад. Гоҳо ба вижагиҳо, барҷастагиҳои ин пеша ишора менамояд, онро бо шайъу мавҷудоти дигар қиёс менамояд, ҳамсониву шабоҳатҳое миёни онҳо пайдо мекунад. Аз ҷумла, перомуни шоиру асарпазирии шахси шоир аз муҳити перомун ибрози ақида менамояд. Аз диди ӯ аслан асарпазирӣ дар ниҳод, тору пуди шоир аст: «Шеър зоидаи ҳассосияти мутлақ аст. Пас асарпазирӣ дар ниҳоди шоир аст» [75, с. 12].

Аҳмади Шомлу тавре ки аз таҳлили андарзҳои адабӣ-эстетикиаш бармеояд, ба мавзуи забону пайванди он бо шахси шоир зиёд таваҷҷуҳ намуда, андешаҳои судманде баён кардааст.

Ӯ бар ин бовар аст, ки шоир бояд ба забон ва зарфиятҳои он муносиботи кӯшишмандона дошта бошад, зеро вазифа ё уҳдадории ӯ дар баробари забони модарияш ва дар баробари адабиёт яке аз вазифаҳои иҷтимоии шоир ба ҳисоб меравад. Ӯ шоиреро, ки забонашро намедонад ва ба адабиёташ ошно нест, шоир намедонад. Ӯ забонро дарди бузург медонад ва таъкид менамояд, ки «бояд ин дардро ҳис кард, дарди забонро» [108, с. 5].

Аз ҷониби дигар мавсуф бовар дорад, ки шеър як ҳаяҷоне аст, дар забони шоир шаклу сурат мегирад, равандагиву коргарӣ касб менамояд. агар чунин ҳаяҷону такопӯе дар матни шеър мавҷуд набошад, тамоми талошҳои холиқи шеър беҳуда аст, зеро шеър бояд дар рагу пайванди як шоир мисли чашма ҷӯш занад [2, с. 178].

Мавзуи шоир дар андарзҳои адабии Аҳмади Шомлу дар қиёс бо мақолаҳои гуногуни адабӣ ва мафҳумҳои мутааллиқ ба адабиётшиносиву шеършиносӣ мавриди нигаришу арзёбӣ қарор гирифтаанд. Дар андарзе мавсуф миёни як шоиру як нозим фарқ мегузорад. Аз назари ӯ шахси шоир офаридгори як ҷаҳони

комилан наву шигифтангез аст. Нозим бошад, шахсест, ки аз ҷаҳоне ҳикоят мекунад, ки аллакай мавҷуд аст. Дар ҷойи дигар аз пайванди забону нависандаву шоир изҳори ақида мекунад. Таъкид менамояд, ки ин дуро дар адабиётшиносии ҷаҳон ҳамчун меъморони руҳу равони инсонӣ шинохтаанд, вале қабл аз ҳама эшон ҳофизону посдорони забони хешанд [2, с. 188].

Аҳмади Шомлу дар хусуси мафҳуми шоирӣ низ назари хос дорад. Шоирӣ аз дидгоҳи ӯ амале нест, ки бишавад онро омӯхту шоир шуд. Шоирӣ бозтобе аз лаҳазоти зиндагӣ аст.

Мавзуи дигаре, ки Аҳмади Шомлу ба нақши корсози он дар роҳи офариниш арзиши босазо қоил мешавад, масъалаи зеҳнияти шоирона аст. Мавсуф бовар дорад, ки шоир созандаву бавуҷудоварандаи шеър нест, танҳо зеҳният, диди шоирона аст, ки шоирро месозад. Яъне василаи баёни як шоир шеър аст. Дар идомаи матлаб мегӯяд: «фикр мекунам бештар наҳваи зиндагиву наҳваи тафаккур аст, ки шеърро ба вуҷуд меоварад, ҳоло исмашро гузоштаанд зеҳнияти шоирона» [114, с. 16].

Адиб дар радифи шарҳу баёни мафҳуми шеъру шоир ва шоирӣ ба мафҳуми ҳунар, ки шеър бахше аз он аст, таваҷҷуҳу дилбастагии зиёде доштааст. Андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир ба паҳлуҳои гуногуни мафҳуми ҳунар бахшида шудаанд.

Шоир тибқи маъмул нахуст донистаҳову шинохтаҳояшонро перомуни таърифи ҳунар баён медорад. Ӯ бовар дорад, ба ҳунар мисли шеър наметавон таърифу қоидаи хоссе қоил шуд, зеро ҳунар таърифпазир нест. Ҳар таърифе муваққатӣ нокомил аст, танҳо гӯшае аз онро бозтоб менамояд.

Мавзуи дигаре, ки дар иртибот бо мафҳуми ҳунар доиман мавриди таваҷҷуҳи Аҳмади Шомлу будааст, амри омӯзиши ҳунар аст. Шоир дар мавриде хотирнишон месозад, ки ҳунар ҷузъи зотии инсон нест. Бисёр нукоте аст, ки онро инсон бояд кашф кунад, аз ҷумла мафҳуми зебоиро. Ин аст, ки ҳунар талаб мекунад, ки омӯхта шавад, фаро гирифта шавад. Аҳмади Шомлу дар ҷойи дигар таъкид менамояд, ки намояндагони ҳар ришатае чи нависандаву шоир, наққошу

балерина бояд ҳамеша дар пайи омӯхтан бошанд ва «ганҷинаи зеҳни худро аз осори гузаштагону муосир пурбор кунанд» [127, с.12].

Шоир баён мекунад, ки дар ҷомеаи инсонӣ ҳар ҳунареро ҳадафи вижае дар пеш аст. Инсонҳо дар ҳар гӯшае аз ҷаҳон побанду асири мушкилоти муҳити хеш ҳастанд. Танҳо шеър аст, ки ҳамчун навъе аз ҳунар талош менамояд инсонро аз ин асорату побандӣ раҳо созад. Ҳадафи аслии ҳунар ё дақиқтараш шеър кашандагӣ, маҷзуб сохтан аст. Ин кор бояд танҳо тавассути ҳунар сурат бигирад [2, с. 285].

Ба қавли вай як силсила мавзуъҳое мавҷуданд, ки моро бояд дар мадраса ёд бидиҳанд. «Фикр намекунам, ки зиндагӣ маҷол бидиҳад одам худаш шахсан ин масоилро таҷриба кунад ва бифаҳмад чист. Ман назарияпардози таълиму тарбият нестам ва намедонам инҳоро чи тавр бояд дар мадорис ба бачаҳо ёд дод, вале чизҳое ҳаст, ки бояд гуфта шавад. Чаро банда дар ин синну сол бояд бифаҳмам чи робитае байни шеъри эронӣ, ғазали эронӣ ва мусиқии эронӣ ҳаст? Чаро ин чизе аст, ки моли ман аст, ин мусиқии эронӣ аст, шеъри ман аст, адабиёти ман аст» [108, с. 5].

Аҳмади Шомлу ин мавзуъро дар андарзҳои адабӣ-эстетикии сершумораш пайгирӣ намуда, ба ҷанбаҳои мухталифи он диққат медиҳад. Дар андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-е изҳори нигаронӣ аз он менамояд, ки шеъру синаморо дар мактабҳои миёна таълим намедиҳанд, дар ҳоле ки ин кор сармоягузории фарҳангӣ нест. Навҷавонон дар мадраса бояд ёд бигиранд, ки адаби мард болотар аз сарвату бойгарии вай маҳсуб мешавад.

Аҳмади Шомлу перомуни мақсаду ҳадаф аз ҳунар низ фикрҳои ҷолибе дорад. Мавсуф дар як суҳбаташ изҳор доштааст, ки яке аз ҳадафҳои бисёр муҳимми ҳунар ин посухгӯйӣ аст. Посухгӯйӣ ба пурсишҳое, ки матни конуни ҳастӣ, аз ҷомеаи инсонӣ бармехезад. Аз сӯйи дигар, муҳим ин аст, ки ин посухгӯйӣ ба воситаи худи ҳунар сурат бигирад. Масалан, агар қарор бошад шеър ба пурсишҳои мавҷуд бо фалсафа ҷавоб бигӯяд, дигар мо аз ҷодаи аслӣ дур мешавем ва на бо шеър, ки бо назм сарукор хоҳем дошт.

Шоир гоҳо атрофи чистиву умқи ҳунар меандешад ва бо ҷумлаҳои ниҳоят муъҷазу кӯтоҳ саъй менамояд таърифе барои мафҳуми ҳунар қоил шавад. Аз ҷумла зикр менамояд, ки «ҳунар табиат ба изофаи инсон аст», ё ки «ҳунар кобус нест, мухаддир нест, мафҳуми инсоният аст» [110, с. 35].

Аҳмади Шомлу бовармand аст, ки ҳар касе дар ҳар гӯшае аз ҷаҳон гирифтори мушкилоти муҳити худ аст ва маҳз ҳамин муҳит аст, ки барои як эҷодкор ҳадафу мақсадеро пешорӯ мегузорад. Ҳадафе, ки ба муҳиту мазоҳири он пайванди ногусастанӣ дорад.

Шоир ҳамзамон ҳунарро дар чанд асос таҳлилу таҷзия мекунад. Масалан, дар адабиёти илмӣ мо бо бисёр таркибу мафҳумҳое мисли ҳунари иҷтимоӣ, ақидаҳои иҷтимоӣ, андешаҳои иҷтимоӣ ва ғайра кор мегирем. Ӯ бар ин назар аст, ки гоҳо аз ин мафҳумҳо истифодаҳои носавобу нобаҷо мешавад.

Мазкур аз ҷумла мегӯяд, ки гурӯҳе чунин меандешанд, шеъри иҷтимоӣ ё ҳунари иҷтимоӣ бозтобу гувоҳи зиндагии мардуми пойintар аст, дар ҳоле ки воқеият комилан чизи дигар аст, ҳунар бидуни шаку шубҳа иҷтимоӣ аст.

Дар хусуси ҳунари имрӯз низ мавсуф дидгоҳи қобили мулоҳиза дорад. Ба қавли вай наққошиву шеъру театр ва боқӣ қолабҳои ҳунарии имрӯз дигар фақат воситаву абзоре барои саргармиву тараннум нест: «Ин бачаи бозигӯши кӯдакистонии дирӯз акнун инсони пухтаи комилест, фаҳиму пуртаҷриба ва ҳунарманд, ки метавонад ҷомеаро ба дарки худу фарҳангу мафҳуми амиқи озодӣ ва андешаву раҳоӣ аз қайду бандҳои хурофот мадад бирасонад ва бешак сарфи «тавонистам» эҷоди масъулият мекунад» [112, с. 48].

Аҳмади Шомлу гоҳо аз пайванди танготанги анвои ҳунар мисли рақсу мусиқӣ, шеъру наққошӣ сухан дар миён меорад. Ӯ андарзи адабӣ-эстетикие дорад бо номи «Достони ҳунар», ки дар матни он раванди офариниши ин анвои ҳунарро ва дар маҷмуъ зуҳури ҳунарро баён медорад. Ба қавли шоир сарчашмаи ҳама ҳунарҳо эҳсосоти инсонӣ мебошад. Замоне, ки инсонҳо қодир набуданд эҳсосу авотифи худро ба забон ифода кунанд, аз рақс кор гирифтаанд. Баъдҳо рақсро бо мусиқӣ пайванд дода ва ба гунае дар либоси мусиқӣ авотифи худро иброз доштааст.

Танҳо дар марҳилаи сеюм аст, ки мусиқиву рақсро бо вожагон, бо калимот омезиш дода ва аз ин се барои бозтоби авотифу эҳсосоти дарунии хеш баҳра гирифтааст. Дар марҳилаи чаҳорум бошад «рақсу мусиқиву шеърро дар қолаби тарҳу ранг мерезад ва ба ибораи дигар ин ҳамаро наққошӣ мекунад» [82, с. 16].

Чунонки маълум гардид, мавсуф ин ҷараёнро шеваи зуҳури ҳунар мешуморад.

Аҳмади Шомлу гоҳо ҳангоми арзёбии аносири ҳунар ё дақиқтар бигӯем анвои ҳунар ба шеър ҳамчун яке аз навъҳои ҳунар ҷойгоҳи хоссе қоил мешавад. Дар андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-е ошкоро шеърро бархоста аз хонаводаи ҳунар мешуморад ва таъкид мекунад, ки шеър фарзанди охирини ҳунар аст, ки ба подшоҳӣ расидааст. Ба ин ҳам қаноат накарда онро, яъне шеърро «инсонитарин ҳунарҳо, подшоҳи ҳунарҳо» мехонад [112, с. 48].

Дар идомаи матлаб шоир ба васли ҳунар диққат медиҳад ва ҳушдор медиҳад, ки аслан васли ҳунар бастагӣ ба он дорад, ки ҳунарманд бо чи шевае айни як эҳсосро аз бутаи озмоишу қудрати худ ҳамроҳи ҳамон тирагие, ки барои худи вай дошта аст, берун бирезад.

Аҳмади Шомлу ҳамон гуна ки аз дидгоҳҳояш маълум мешавад, ҳамеша алоқаманд ва шоҳиди осори ҳунарӣ, таъсири ҳунар бар ҷомеа ва бархӯрд, эътимоди мардум ба ҳунару ҳунармандон аст. Ӯ ҳунарро руҳи миллӣ мехонад ва таъкид меварзад, ки бо он бояд хеле зарифу ҷиддӣ рафтор шавад, то эътиқоду боварӣ ба он осеб нарасад.

Масъалаи дигаре, ки дар иртибот ба мавзуи ҳунар мавриди таваҷҷуҳу нигаронии шоир аст, мавзуи тақлид аз ҳунар аст. Аҳмади Шомлу бар ин бовар аст, ки тақлид агарчӣ ба наҳви аҳсан иҷро шавад, боз ҳам асл нест, тақлид аст, ки муқаллидро номвар намесозад.

Агар ин амр ба расмият шинохта шавад, пас ҳар ҳуруфчини матбаа метавонад даъво кунад, ки ӯ ҳам нависанда аст. Аммо дар ҷомеа «илова бар ҳунармандон, ки рисолат доранд то барои ҷамоати башарӣ бар асоси андешаҳову афкори худ осоре ба вуҷуд ованд, як идда ҳам рисолати дасти дувум доранд,

то он чиро ҳунармандони дигар сохтаву пардохтаанд, бозсозиву бозпардозӣ кунанд» [112, с. 48].

Мутаасифона, дар сарзамини Эрон таъкид мекунад шоир бозори муқаллидон гармтар аз фаъолияти нависандагону ҳунармандони асил аст.

Адиб зимни таҳлилу арзёбии мафҳуми ҳунару унсурҳои он ба мавзуи ҳунарманд ва рисолати он, вижагиҳои фардиву иҷтимоии он бо назари таҳқиқ менигарад. Ба андешаи шоир шахси ҳунарманд вазифадор аст, ба ҳама унсурҳои ҳастӣ ҳангоми баррасиву таҳқиқи масоили тарҳшуда бо шакку шубҳа нигоҳ кунад, то ғалате ба миён наояд. Ӯ мисоле меорад, ки ҳастанд касоне, ки ҳамчун ҳунарманд амал мекунанд, ҳарчанд аз ин марз фарсахҳо дуранд, вале барои тарҳу баррасӣ мавзуъҳои хубе ҳам доранд. Аммо чун тарзу техникаи пешниҳод надоранд, амалашон зишту нозебо ба назар мерасад. Аммо ҳунарманд мардум ҳам идея барои пешниҳод дорад, болои он ҳадафашро дар ниҳояти зебоиву камол арза медорад [2, с. 292].

Дар андарзҳои адабӣ-эстетикии дигар Аҳмади Шомлу масъалаи ҳунару ҳунарманд шуданро пайгирӣ мекунад ва андешаҳои тааммулбарангезе баён мекунад. Ӯ бовар дорад, ки ҳунарманд шудан масирест, ки аз нуктае оғоз мегардад ва як масири такомулиро тай мекунад. Ба қавли ӯ як нафар, ки ниёзу эҳтиёҷи шеърнависро дар вуҷудаш эҳсос мекунад, бидуни шак шоир аст, вале ин оғози ҳаракат аст ва набояд дар марзи он қаноату ризоият зуҳур кунад. Қадами баъдӣ даст ёфтан ба шеваву шигардҳои шеърофаринӣ, омӯзаҳои мавҷуди фанниву техникӣ аст, то ба воситаи онҳо битавонад, ҷаҳонро бо чанд вожаву калимае тавсиф кунад. Ҳунарманд қадам ба қадам мазоҳири ҷаҳонро бо тамоми ҷузъиёташ муҷассам созад, на ин ки онро сода кунад. Ин роҳест, ки ҳунармандро камол мебахшад, ҳунарманд месозад. Аз тарафи дигар ба қавли номбурда масъалаи ҳунарманд шудан вобастаи таълиму тарбия нест, балки ӯ бояд омодагии қаблӣ дошта бошад [2, с. 296].

Таҳқиқи андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир нишонгари он аст, ки миёни ҳунарманди имрӯз ва оянда фарқияти хос мегузорад. Ба андешаи ӯ касе ки мехоҳад, ҳунарманди замони худ бошад, вазифадор аст бидонад, ки қабл аз ӯ

ҳунармандони дигар чиҳо кардаанд, чи осори ҳунарие аз худ ба ёдгор гузоштаанд.

Мавзуи дигари андарзҳои адабии шоир «ҳунарманд ва оянда» аст. Аҳмади Шомлу бар ин назар аст, ки як ҳунарманди халлоқу эҷодкор бояд бидонад, ки бе дарназар гирифтани оянда наметавонад, имрӯзро дошта бошад, чун ҳунарманди халлоқ созандаву офаринандаи оянда аст [2, с. 297].

Бетаваҷҷуҳӣ ба ҳунару ҳунарманди асил аз нигоҳи шоир як ҳунармандро ба кунҷи танҳоӣ мекашонад. Ин аст, ки дар андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-и «танҳоии ҳунарманд» ба ин масъала бо диди интиқодӣ менигарад. Аҳмади Шомлу шеърро фарёде мехонад, ки аз умқи танҳоӣ бадар меояд. Зеро «Ҷаҳони шоир ҷаҳоне чунон фардӣ аст, ки ҳатто бешумории хайли ситояндагонаш ҳам бар хилофи тасаввур фақат ба шинохти ҳарчи бештари талхиву умқи дардноки он замон мезанад. Вусъати теъдоди ҳамдилону пазирандагонаш амалан густариши доманаи масъулияту тааҳҳуди ӯро муҷиб мешавад ва ногуфта пайдост ба рӯзи касе, ки ҳаққи хато кардану ҳаққи хомӯшӣ гузидан ва ҳатто ҳаққи навмед шудан аз ӯ салб шавад, чи меояд. Гладиатори урёне, ки бе ҳеҷ силоҳе дар майдони беутуфати муборизаи бераҳмона ба худ раҳо шудааст ва ҷуз теъдоди ситояндаи ғолибан пуртаваққуъ, ҳатто барои дифоъ дар баробари буҳтонҳои ошкоро бешармона василаи дифоӣ дар ихтиёр надорад» [75, с. 12].

Мавзуи дигаре, ки дар афкору назариёти шоир қобили таваҷҷуҳ аст, вобаста будан ба пайванди ҳунар бо ҷомеа аст. Албатта, мункир шудан аз таъсири ҳунар бар ҷомеа ба касе муяссар нест, аммо ҷиддияту муҳим будани ин амрро мо дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу мебинем. Шомлу нахуст изҳор медорад, ки агар як бача рақс накунад, машғули бозӣ нагардад, яқин бемор аст. Ӯ шеърро бо ҳамин мисол қиёс намуда, чунин менигорад: «ҷомеае, ки шеъраш-миёни рақсу бозӣ барои кӯдак ҷиддиву нишонаи саломат набошад, ҳатман бояд пизишкашро иваз кард» [75, с. 12].

Аҳмади Шомлу дар андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-и «нутфаи асари ҳунарӣ» ба масъалаи нақши ноқидон дар пешрафту камоли асари ҳунарӣ фикри аҷибе иброз доштааст. Мавсуф нахуст тухми шеърро як чизи ношинохта

меномад ва онро бо дақиқае шабеҳ месозад, ки нишонияшро намедонем. Нутфаи раҳо худаш пеши Шумо меояд, то аз худи вай адресашро пайдо намояд. «Агар ман битавонам адреси он рафиқамро пайдо кунам, ки дигар мунтазири омадани ӯ нанишинам. Шояд як миқдор масоил ҳам бишавад. Шояд ман битавонам туйи роҳи саҳеҳе бияфтам. Аммо то ноқиде, ки ин корро бикунад, надорем» [64, с. 31].

Ин матлаб ҳамеша мавриди назари шоир қарор доштааст ва паҳлуҳои гуногуни онро омӯзишу таҳлил кардааст. Дар ҷойе изҳор медорад, ки дар ниҳоди ҳар шоире як ҷариқа, як оташаке мавҷуд аст ва дур нест, ки вуҷуди онро худи шоир беш аз дигарон дарку тасаввур менамояд. Аммо барои шоир муҳим аст, ки бо эҳсосу дарки он қонеъ нагардад, балки он шуъларо, то сарҳади оташи пурнур бирасонад.

Адиб дар ҷойи дигар мавзуи «нутфаи асири ҳунарӣ»-ро давом дода, хитоб ба аҳли ҳунар изҳор медорад, ки «ҳунарманде, ки кораш зойидаи истеъдоду тааҳҳудаш бошад масъалаеро, ки матраҳ мекунад дар камоли самимият бо гушту пусту устухонаш дарёбад бо пайгирии таҷрубаҳои сӯзанда ба он ҷарақаи Прометей даст пайдо кунад ва аз он ҷарақа ба рушноии машъалҳо бирасад» [64, с. 31].

Яке аз мавзуъҳои муҳимму қобили таваҷҷуҳ ва алоқаманд бо мафҳуми ҳунарманд пайванду иртиботи ҳунарманд бо замонаш ва посухгӯ будан ба хостаҳои замонаш мебошад. Андеша атрофи ин матлаб Аҳмади Шомлуро ба ин натиҷа мерасонад, ки ҳар ҳунарманде бояд бидонад, ки бо суруди ӯ ба дунёи ҳунар дигарон чиҳо кардаву чиҳо гуфтаанд. Адами ошноӣ дар ин амр имкон намедиҳад, ки вай ҳамқадами замон бошад. Муосир ва ҳамқадами замон будан ҳунармандро ба паҳлуи дигари мавзуъ, ба оянда равона месозад, зеро замон беҳаракату ноҷунбон нест, тағйир мекунад, пас ҳунарманд ҳақ надорад танҳо дар доираи замони муосир маҳдуд бимонад. Ба қавли мавсуф барои як ҳунарманд огоҳӣ танҳо маърифат бар ду давраи аслии зиндагӣ, гузаштаву ҳозир нест, балки замони гузаштаву ҳозир дар назари ӯ асосҳое ҳастанд, ки метавонад рисолати худро бар онҳо устувор намояд. Масъулияту посухи як ҳунарманди эҷодкор огоҳӣ доштан бар ин рисолат ва эҳсоси масъулият доштан дар баробари он аст.

Аз нигоҳи шоир «ҳунарманд тасвири ояндаи инсону ҷомеаро бар асоси маърифате, ки бар гузаштаву ҳол дорад, боз мешиносад. Кашфу шуҳуд ҷуз ин нест ва масиреро, ки фарду ҷомеа мебояд, барои вусул бад-он бипаймояд, ҳамвор мекунад» [113, с. 35].

Шоир ба пайвастагии зиндагии эҷодии ҳунарманд ба оянда ба андозае муътақид аст, ки зиндагии имрӯза ӯро бидуни дарназар гирифтани ояндааш номумкин медонад. Дар асл ба қавли вай ҳунарманди халлоқ созандаи оянда аст. Масъулияташ бошад иборат аз он аст, ки вазифаву рисолаташро бишносад.

Бахше аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу ба садоқат ва масъулияти ҳунарманд бахшида шудаанд. Нахуст таъкид менамояд, ки уҳдадориву ҳунарманд ду сатҳи як сиккаанд. Замоне, ки сухан аз масъулият ё садоқати ҳунарманд дар миён меафтад, манзур ҳунарманде аст, ки ҳунараш ба камоли матлуб расидааст. Аз сӯйи дигар, садоқати ҳунарманд бояд инсонӣ бошад. Ба ҳеҷ кас ё созмоне, вобаста набошад. Фориғ аз найрангбозиву сиёсатбозиҳо бошаду ҳадафи аслиаш камолу пешрафти насли инсон бошад. Дар ҳар сурат ҳар асари ҳунарӣ, пеш аз он ки бори садоқату илтизомро ба душ бигирад бояд моҳият, ҳувияти ҳунарии хешро собит намояд [2, с. 298].

Дар ҷойи дигар Аҳмади Шомлу чунин менигорад, ки «ҳунарманд ҳаргиз ба қасди баёни хоссе даст ба халқи асаре намезанад. Ин паём бояд аз аъмоқи ҷони ӯ биҷӯшад. Тааҳҳуд, садоқат агар дар зоти ҳунарманд буд, дар ҳар асаре, ки аз ӯ битаровад чеҳра боз хоҳад кард. Гул агар бӯйе дошт, наметавон пинҳонаш кунад. Ҳамчун шишае, ки ранг дар хамираи он аст. Агар сабз бошад, ҷаҳонро аз пушти он ҷуз дар таркиботи гуногуне аз ранги сабз намебинем» [2, с. 298].

Ҳамзамон бо ин Аҳмади Шомлу қайд мекунад, ки мутаассифона, иддае аз ҳунармандон ҳастанд, ки ба ҷуз ҳамон марзҳои барои худи онҳо қобили пазириш по фаротар нагузоранд, то молашон бехаридор намонад. Булбулвор сухан мегӯянд, вале аз масъалаҳое, ки шояд барояшон хатарнок бошад, сарфи назар месозанд.

Мавсуф дар мавқеияти дигар масъулияту уҳдадорӣ ва садоқатро канори ҳам мегузораду хотирнишон месозад, ки ин ду танҳо ба ҳунарманд марбут

намешаванд. Ҳама ашхос дар ҷомеа бояд масъулу уҳдадор бошанд. Аммо аз ин, ки ҳунармандон дар маркази таваҷҷуҳи ҷомеа қарор доранд, масъулияташон бештар мебошад.

Аз назари Аҳмади Шомлу замоне, ки ҷомеа худашро, эҳсосу дарди хешро дар асари ҳунарманде мушоҳида менамояд, бо ҳунарманд эҳсоси зиёди наздикӣ мекунад. Дар қиёс бо ӯ ҳунарманди ноуҳдабаро ҳаргиз наметавонад мавриди писанду қабули мардум бошад.

Аҳмади Шомлу ҳамзамон ба уҳдадорӣ ва садоқат ё ҳамроҳии сунъӣ ишора мекунад. Аз нигоҳи ӯ камбуд ва мушкили кори нависандагону наққошон ё шоироне, ки саъю талош мекунанд ба таносуби шароиту вазъ чизе биофаранд ва муваффақ намешаванд, дар ҳамин аст. Онҳо «худҷӯш нестанд, колоро боби бозор тавлид мекунад. Тааҳҳуди иҷтимоии ҳунарманд агар дар хунаш набошад, асари ҳунарии ӯ фақат ба таври иттифоқӣ мумкин аст, чизи самимӣ ва ғайритасануъӣ аз об дарояд» [2, с. 300].

Шоир миёни ҳақиқату ҳунарманд пайванди ногусастаниро қабул дорад. Маҳзи хотири ин бояд ҳунарманд ба ҷуз тасвиру бозтоби ҳақиқат андешаи дигаре набояд дар зеҳнаш бипарваронад. Аз сӯйи дигар, барои як ҳунарманд лозим аст, ки аз донишу таҷрибаҳои замони худ баҳравар бошад.

Қисмате аз андарзҳои адабӣ-эстетикии марбут ба ҳунар ба пайванди он ба мавзуъҳои дигаре мисли ҳунару тӯда, ҳунару сиёсат, ҳунару фарҳанг бахшида шудаанд, ки дар навбати худ онҳоро аз ҷиҳатҳои гуногун баррасӣ менамояд. Аҳмади Шомлу дар чунин мавридҳо кӯшидааст, арзишу ҷойгоҳи ҳунарро дар миёни дигар ҷиҳатҳои фаъолияти инсонӣ таъин созад ва ба он арзиши бештар қоил шавад.

Шоир замоне, ки аз пайванди ҳунару тӯдаи мардум сухан дар миён мегузорад, таъкид менамояд, ки ҳунар ҳамеша бо мардум аст ва вазифаи аслиаш таблиғи ҳақиқат аст. Як шеъри хуб бо фикри миллат, андешаи раҳоии ӯ аз мушкилоти рӯзгор камолу пешрафт пайдо менамояд.

Ҳунар ба ҳар нияту ҳадафе, ки ба зуҳур бирасад, мухотабаш тӯдаҳои мардумӣ аст, вале дар ин миён набояд фаромӯш кард, ки мардум аз мояҳо ё

қабатҳои гуногуне иборат аст. Яъне, байни мардум бесаводони хушзавқ ва донишмандони безавқ зиёданд.

Дар тули замон андеша дар атрофи ҷаҳони пуршебу фарози ҳунар Аҳмади Шомлуро ба ин натиҷа мерасонад, ки «шеър наметавонад маҳсули мустақим ва содиқонаи ранҷ ё шодии зиндагиям набошад» [86, с. 22].

Бархӯрдҳои лаҳзавиву гоҳ-гоҳии сиёсату ҳунар низ аз чашми заррабини Аҳмади Шомлу пинҳон намондааст. Нахустин андешаи ҷаззобу воқеии шоир атрофи амали онҳоест, ки бар мақоми қудрат нишаставу даст ба анвои ҳунар мезананд. Натиҷаи ҳосил аз баррасии таҳлили ин саҳна барои шоир нохушоянд, вале воқеият аст. Ба қавли вай қудратталабе, ки шеър мегӯяд, ё наққошӣ мекунад, ё чанг менавозад ҳунарро ба масхара, ришханд мегирад.

Дар андарзи адабӣ-эстетикии дигар шоир миёни ҳунару сиёсати рӯз, фосила, тафовути густурда қоил мешавад. Аз дидгоҳи ӯ сиёсатҳои рӯз равандҳои маълуме ҳастанд, ки худ аҳли сиёсат ба моҳияти онҳо арзиш қоил нестанд дар сурате, ки як ҳунарманди равшанфикр аз ҷону хунаш мол мегузорад. Ин аст, ки «ҳунар марзу системи ҳукуматӣ намешиносад» [112, с. 47].

Шоир дар ҳар андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-и марбут ба сиёсат талош меварзад ба нуқтаҳои ношинохтаву пинҳони муносибати миёни онҳо, тафовуту мухолифаташон таъкид кунад. Аз ҷумла, дар мусоҳибае зикр менамояд, ки ҳам ҳунарманд ва ҳам давлатмадорон аз сиёсат истифода мекунанд. Фарқият дар ин аст, ки сиёсатмадорон талош меварзанд дар амали худ, ниятеро пинҳон нигаҳ доранд. Ҳунармандон саъй мекунанд он ниятро ошкору амалӣ созанд.

Гоҳо лаҳни баёни шоир дар шарҳу тавсифи моҳияту сиришти сиёсат бисёр хашину таҳқиромез мегардад. Ӯ сиёсатро амали касифтарин мехонад, ки агар гардаш ба домани шеър бияфтад, онро гардолуд месозад. Аз ин рӯ, шеър наметавонад сиёсӣ бошад: «шеър иҷтимоӣ аст ва дар ситоиши инсон. Чун сиёсат дар зоташ ҷуз разолату падарсӯхтагӣ ва фиребу дурӯғу таблиғот ва ин ҳарфҳо чизе нест» [54, с. 14].

Дар ҳошияи ин, шоир ёдовар месозад, ки ҳунару ҳунарманд комилан ба қудрат бегона аст. Ин ду қутби мутафовитанд.

Равшан аст, ки рушду такомул, пешрафту густариши фарҳанги як миллат ба сатҳи маҳорат ва қобилияти ҳунармандон, фозилон, шоирону нависандагони он миллат вобаста аст. Аз сӯйи дигар, ҳунар набояд сатҳиву хасакӣ, шиорӣ бошад, агар чунин аст, рисолати зотии худро адо карда наметавонад. Аҳмади Шомлу дар андарзи адабӣ-эстетикие ба ин ҷиҳати масъала диққати хос дода, дуруст таъкид менамояд, ки ҳеҷ касе таблиғгари содагароӣ, сатҳинигарӣ, худфиребӣ ва тарафдори шиорҳои обакӣ нест, аммо дар асл вазифаи ҳунар баланд бардоштани сатҳи фарҳанг аст. Ин аст, ки «биниши ҳунарманд мабнои устувор аз мантиқу огоҳии амиқи густурда металабад, то битавонад ҷавобгӯи илали вуҷудии хеш дар арсаи замон бошад, чизе, ки номи дигараш мушоракат дар ҳамовардӣ дар саҳнаи ҷаҳонии фарҳанги башарӣ аст» [54, с. 14].

Мавзуи дигаре, ки зеҳну ҳуши шоирро ҳангоми баррасиву омӯзиши мафҳуми ҳунар ба худ кашидааст, масъалаи вобастагии ҳунар бо қоидаву қонунҳо мебошад.

Дар марзи ҳунару ҳунарофаринӣ, албатта, низому қоидаҳое мавҷуданд, ки бояд аз ҷониби ҳунарманд риоя шаванд, вале на ба он андоза, ки ҳунарманд дар офариниши зебоӣ ҳунарро фидои онҳо кунад. Ба андешаи Аҳмади Шомлу ин қоидаҳо ба он андоза қудсият надоранд, ки дар чаҳорчӯби онҳо ҳунарманд асаре биёфаринад. Аз нигоҳи Аҳмади Шомлу қонунҳои ҳунар шабеҳи рекордҳое ҳастанд, ки паҳлавонон дар риштаҳои мухталифи варзишӣ аз худ ба ҷой мегузоранд: «ин қавонин аз мазмун осори худоёни ҳар ҳунар истихроҷ мешаванд, аммо ҳамеша то ҳангоме муқаддасанд, ки ба қавли Бетховени бузург ба хотири зебоии бештаре шикаста нашаванд. Ин сухан набояд бад-ин маънӣ таъбир шавад, ки ҳар кӣ ба ҳар қонуну қоидае по ниҳод, «қонунгузори» тозаест. Ин майдон паҳлавон мехоҳад» [54, с. 14].

Андешаву назари Аҳмади Шомлу дар хусуси ҳунару ҳунарманд зиёд аст ва зикри тамомии онҳо дар ин зербоб имкон надорад. Омӯзиши амиқу густурдаи ин мавзуъ дар навбати худ барои шинохти роҳи эҷод ва вусъати назари шоир бисёр арзишманд мебошад.

3.7. Мавзуи нақду мунаққид дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу

Дар адабиётшиносӣ яке аз масъалаҳои муҳимму меҳварӣ нақди адабӣ мебошад. Албатта, судмандӣ ва ҷойгоҳи нақд дар густариши фарҳангу адаб ба шарҳу тафсири бештар ниёз надорад. Назари як ноқид дар шинохти ҳусну қубҳи як асар, шахсияти адибу камоли эҷодии вай бисёр арзишманд аст. Гоҳо ёфтаҳои як мунаққид дар матни як асар имкон медиҳад, то эҷодкор аз унсурҳое огоҳ шавад, ки аз вуҷуди онҳо дар нигоштаи хеш хабар надоштааст. Назари мунаққиди огоҳ ҳамчунин нависанда ё ҳунармандро ба роҳи рост ҳидоят мекунад.

Нақд ҳарчанд дар даврaҳои пешинаи адабиёт низ вуҷуд дошт, аммо рушду такомули баъдии он дар асри ХХ сурат гирифтааст. Дар мавриди маънои луғавии нақд дар луғату фарҳангҳои адабӣ шарҳҳои фаровоне оварда шудааст, вале мо ба ин шарҳи ҷомеъ, ки аз маҷмуи шарҳҳо мебарояд қаноат мекунем. Анқариб дар ҳама луғатҳо зикр шудааст, ки нақд ба маънии ҷудо кардани динор ё дирҳами сара аз носара ва шинохти хуб аз бад аст, вале ҳамчун истилоҳ дар адабиёт риштаест, ки ба тавсиф, таҷдид ва таҳлили асарҳои адабӣ, ҳунарӣ ва баррасии ҷанбаҳои сифативу миқдории онҳо мепардозад.

Нақд дар ҳамаи соҳаҳои илмиву бадеӣ истифода мешавад ва нақди адабӣ низ рисолаташ арзёбии осори адабӣ аст. Мунаққидон илова ба таҳлилу арзёбӣ ва дарёфти камбуду костагиҳои як асари бадеӣ ба кашфу шарҳу баёни гӯшаҳои ноошнои осори адабӣ мепардозанд бо шумори ин нақди адабӣ метавонад омили таъсирбахше дар тарбияву камоли завқу саликаи адиб ё хонанда бошад.

Аҳмади Шомлу дар тули умри худ ба нақду корномаи ноқидӣ аз зовияҳои гуногун назар кардааст. Аз ҷумла, андешаҳоеро дар хусуси матнҳои адабӣ ва нақши мунаққидон дар шарҳу тавзеҳи онҳо баён намудааст. Ба ақидаи ӯ як матни адабӣ, ки мавриди нақду баррасӣ қарор мегирад, метавонад хусусиятҳои хос дошта бошад, ки аз ҷониби мунаққид лозим аст, ошкор ва арзёбӣ гарданд. Пеш

аз ҳама матни мавриди назар пурраву такмилёфта бошад, дорои навъу тарзҳо, зерматнҳо ва пайванду иртибот бо матнҳои дигар бошад.

Дар асл вазифаи нақди адабӣ баррасиву арзёбии ҳамаи осори бадеӣ, дарёфти ҳусну қубҳи асар, ситоиш ё танқиди муаллиф мебошад. Вижагии аслии нақд дар он хулоса мешавад, ки хусусиятҳои адабиёти бадеӣ ва адабиётшиносиро бо худ гирех мезанад. Ҳамчунин таҳқиқ, омӯзиш ва иншои нақду баррасиҳои адабӣ чунин шароитеро фароҳам меовард, то дидгоҳи мустақили интиқодӣ дар бораи адабиёт дар зеҳнияти мухотабон шакл бигирад.

Огоҳии сареи Аҳмади Шомлу аз мавзуи нақду нақши он дар пешрафту рушди адабиёт ӯро ба чунин натиҷа овардааст, ки нависандагону шоирон бояд ба назаргоҳи ноқидону адабиётшиносон бо ҷиддият муносибат кунанд, то пешниҳоди эшон судманду коргар шавад [2, с. 271-272].

Дар адабиётшиносӣ ду гурӯҳанд, ки дар тули замон даст ба мунаққидӣ заданд. Гурӯҳи нахуст ноқидони касбӣ ё ҳирфаӣ мебошанд. Гурӯҳи дувум худи адибонанд, ки осори ҳамдигарро арзёбӣ намудаанд. Мунаққидон нақди гурӯҳи дувумро нақди завқӣ унвон кардаанд. Дар ҳар сурат гоҳо ин нақдҳои завқӣ аз нигоҳи умқу мизони таҳлил аз таълифоти мунтақидон камӣ надоранд. Аҳмади Шомлу дар зиндагиаш ҳам нақд навиштааст ва ҳам дидгоҳҳояшро атрофи аҳаммияту ҷойгоҳи нақд, шеваҳои нақду арзёбии осори адабӣ дар шакли андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) баён намудааст, ки аз нигоҳи мо дар баррасиву омӯзиши адабиёт, ҷиҳати андешаи худи шоир бисёр арзишманданд.

Баъзе аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ ба масъалаи нақди шоир аз ҷониби худи ӯ ихтисос дорад, ки бисёр ҷолиб мебошанд. Дар ин хусус миёни донишмандон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Гурӯҳе бар ин бовараанд, ки як адиб наметавонад осори худро нақд кунад, ба ҷуз мавридҳои ҷудогона.

Аҳмади Шомлу дар як маврид хотирнишон месозад, ки шоирони хуб ҳамеша ноқиди шеъри худ ва дигарон будаанд. Дар идомаи матлаб меафзояд, ки ӯ ҳамеша ба сурудаҳои хеш ба диди интиқодӣ назар намудааст ва ин сабаб шудааст, ки кайфияти бисёре аз навиштаҳо беҳ шавад.

Ҳамзамон ба ин Аҳмади Шомлу изҳор медорад, ки ҳеҷ шоире аз нигоҳи фаннӣ қодир нест шеъри худро ба таври фарогир нақду баррасӣ намояд: «баррасии лабораторияи шоир шеъри ӯро дар хатари синтетик шудан қарор медиҳад» [109, с. 20].

Мавсуф дар андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-и «нақд аз назари ман» талқин мекунад, ки як мунаққид зимни арзёбии асари бадеӣ набояд ба мақому манзалат ва кистии эҷодгари асар такявар бошад. Таваҷҷуҳи хешро ба навишта, гуфтаи муаллиф мутамарказ созад. Дар чунин маврид аз рӯйи зарбулмасали «мангар, ки кӣ мегӯяд, бингар, ки чӣ мегӯяд амал намуд» ба манфиати кор аст.

Аҳмади Шомлу барои собит сохтани андешаи хеш дар хусуси зарурати нақди худӣ намунае аз зиндагии эҷодии хеш меорад. Чунончи, дар бобҳои пешин зикр шуда буд, вақте ки нахустин маҷмуаи шоир ба номи «Оҳангҳои фаромӯшшуда» ба чоп расид, шоир хеле зуд аз нашри он пушаймон шуд ва дар нақде, ки навишт ба беҳудагӣ будани он маҷмуа таъкид варзид. Дар андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-е менависад: «Оҳангҳои фаромӯшшуда (нахустин маҷмуаи шеъри ман) мебоист самимона, ҳамчун хатои бузург эътироф ва маҳкум шавад ва ба он адами тааҳҳуду бехабарӣ» [112, с. 49].

Аҳмади Шомлу дар ҷойи дигар ба меъёрҳои кори як мунаққид ва нақши корсози он дар беҳбуди асар ва камолоти нависанда таъкид мекунад. Аз ҷумла, зикр мекунад, ки як мунаққид қарор аст он чиро, ки дар вуҷуди як нависанда ба сифати ноогоҳона ҷараён дорад, ба вуҷуд биёрад: «ноқиди огоҳ метавонад ин ҷараёнро дар ман кашф кунад, пеши ман бигузорад ва манро туи роҳи саҳеҳ бияндозад. Ман ба ин муътақид ҳастам. Мумкин аст чизҳое ба ман ёд бидиҳад, ки мутафаккираш набудам. Чаро? Ман мехоҳам василае пайдо кунам, ки як робитаи бештаре бо шеър пайдо кунам. Шояд як ноқид битавонад инро ба ман биёмӯзад» [112, с. 49].

Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки гоҳо андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-е, ки ба масъалаи нақд бахшида шудаанд, аз талаботе, ки барои нақднависӣ пешниҳод шудааст, фаротар мераванд. Масалан, дар матни яке аз онҳо шоир таъкид мекунад, ки нависанда бояд сахтгиртарин ноқиди кори хеш бошад, то битавонад

параҳое аз навиштаи худро дур афканад, ихтисор намояд. Маълум аст, ки чунин талабе аз нақд дида ба таҳрир шабоҳат дорад.

Аҳмади Шомлу ҳамзамон бо ин ба чанд навъ аз нақд ишора менамояд, аз ҷумла ба нақди созанда. Ӯ бар ин бовар аст, ки як шоир ҳамеша дар миёни чуқурӣ қарор дорад. Бояд ҳамеша як нафаре бошад, ки ба ин чуқурӣ нигоҳ, назорат кунад. Шоир ё нависанда бидуни чунин назаре наметавонад дурустӣ ё нодурустии корашро бисанҷад. Дар идомаи матлаб перомуни нақди созанда шоир чунин изҳори назар менамояд: «Ҳадди ақал кумаки як мунтақид дар баррасии мӯшикофонаи ӯ ин аст, ки метавонад чизеро дар шеър кашф кунад ва онро дар маърази огоҳиву дар ҳавзаи шинохти хонанда қарор бидиҳад. Ин кор лузуман боиси пурбории зеҳну боло рафтани таваққуи (хоҳиши – Ш.Ф.) шеърдӯстон мешавад.

Мунаққиди хуб хонандаи мутаваққуъ тарбият мекунад ва хонандаи мутаваққуъ тавлидкунандагони тақаллубӣ ё дасти дуюмро ноком мегузоранд» [112, с. 49].

Шоир дар ҷойи дигар бо зарурати вуҷуди як ноқид дар ҷомеаи адабӣ сахт ҳушдор медиҳад ва иброз медорад, ки ноқид бояд бошад, то нуқотеро, ки холиқи асар намебинад, онро ошкор созад ва парвариш намояд.

Дар радифи нақди созанда Аҳмади Шомлу аз нақди муғризона сухан дар миён гузошта, қайд мекунад, ки мутаассифона, дар Эрон қисмати зиёде аз мунаққидон амалан душманони хунини адиби муосиранд. Дар симои як адиб, ҳунарманд дузди кисабурро мебинанд.

Гузашта аз ин, нуқтаи диду биниши гурӯҳе аз мунтақидон равшан нест ва ин кӯтоҳӣ боиси он мегардад, ки иштибоҳу бардоштҳои нодурусте аз осори ҳунарӣ ба миён биёяд.

Аҳмади Шомлу ба шеваи дигаре ба нақди ҳунарӣ ишорат мекунад. Ӯ бовармand аст, ки дар ҳар ришта ноқидон ба таърихи он риштаи ҳунарӣ ошноии комил доранд. Як мунаққиди огоҳу донишманд на танҳо ҳунари замони худро дар маҷрои саҳеҳу мантиқии худ меандозад, балки бори ҳунармандонро аз нигоҳи мутолиаи осори гузаштагон сабук мекунад. Шоир дар як андарзи адабӣ-

эстетикӣ (гузингӯя) таҳти унвони «Нақди ватанӣ» андешаи ҷолиберо перомуни нақд дар фазои адабии Эрон иброз медорад. Ба қавли ӯ дар ибрози андеша перомуни ҳусну қубҳи осори ҳунарӣ озод аст, вале мутаассифона, «вақте нақди ватаниро мулоҳиза мекунед ё дӯстона аст, ё душманона, ё чунончи пиндорӣ амрест содира аз ситоди фармондеҳии кулл» [114, с. 15].

Мавсуф дар радифи ин изҳор медорад, ки дар Эрон аслан ба нақду наққод бархӯрди дигаре доранд, ба матни як нақди созанда бо василаи мухталиф, ки қобили пазириш нестанд, посух мегӯянд. Аҳмади Шомлу аз ҳаёти эҷодии хеш мисол меорад ва иқрор мешавад, ки бепарда сухан гуфтан, фош ибрози назар намудан, рӯйи хотир накардан ҳамеша барояш оқибатҳои нохушоянд доштааст.

Дар гуфтугӯйи дигаре бо номи «Нақди вайронгар» таъкид намудааст, ки «ҳосили ин нақднависӣ омӯзондан нест, сӯзондан аст» [63, с. 147].

Аз таҳқиқи ин масъала метавон чунин натиҷа гирифт, ки дар миёни андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу мавзуи нақду нақднависӣ ва нақши он дар камоли эҷодии ҳунармандон ҷойгоҳи хос дорад.

3.8. Мавзуи «калима» ҳамчун унсури шеър дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу

Дар дарозои таърих муҳаққиқони адабиёт, донишмандон ва худи адибону нависандагон ба калима ва ҷойгоҳи он дар як матни адабӣ аҳаммияти хосса додаанд ва андешаҳои пуразрише баён кардаанд. Ҳар шеъре дар ниҳоят иборат аз маҷмуи вожагону калимоте аст, ки дар чаҳорчӯби муайян канори ҳам омадаву пайванду иттиҳод эҷод намудаанд, то паёмеро ба мухотабон бирасонанд ё мисли бозингарони театр саҳнаеро аз зиндагии инсонӣ ба намоиш бигузоранд. Ин бесабаб нест. Ба навиштаи У. Сафар «барои як шоир унсури бунёдӣ андеша аст, ки баёнаш созу барги муносиб, абзори шоиста мехоҳад. Ин андеша ниёз ба иттиҳоди вожагон дорад, то бозтоб гардад. Маҳз дар чунин лаҳазоте андешаи баландро мисли хиштрезӣ, калимарезӣ ё ҳамнишиниву ҳамдӯшии калимот лозим меояд, ки вобастаи ҳунар аст. Ба дигар сухан, ҳунарманди асил ё шахси шоир

зимни баёни паёми хеш ҳамзамон нақши як васил, як пайвандгарро мебозад. Ӯ вожагонеро бо ҳам хонадор месозад, ки дар имтидоди ҳастии хеш шояд ҳаргиз канори ҳам набудаанд. Ҳамин тозаошноӣ эҷоди ғаробату аҷобат мекунад, андешасоз мегардад. Гузашта аз ин, ин гуна ҳамҷаворӣ боиси зуҳури калимоту таркиботи тоза дар забон мегардад» [29, с. 54].

Асосан ҷанбаи зебоишиносӣ, зеҳннишинӣ, таъсир, ҷовидонагӣ, ҷаззобият, кашандагии ҳар шеъре пайвастагӣ ба калимаҳо дорад. Калимаҳо то расидан ба марзи матни адабӣ масири пурпечеро, ки ҳамроҳ бо ҳунар, офарандагиву халлоқият аст, тай менамояд. Дар матни шеър онҳо дигар нишона нестанд, балки ашёе мебошанд, ки шахсият пайдо кардаанд нишонгари симои холиқи шеър, расонандаи паёму ҳадафи хоссе ҳастанд. Иттиҳоду пайванде, ки дар қаламрави матн бо якдигар пайдо мекунанд, гувоҳи неруи бепоёни онҳо мебошад.

Дар адабиётшиносӣ атрофи калимаву нақши он дар шеър пажуҳишҳо зиёданд. Ҳар муҳаққиқе ин мавзуъро бар мабнои диду бардошти хеш таҳлил намудааст ва ба натиҷаҳои қобили мулоҳизаи назарӣ расидааст. Бояд иқрор шуд, ки аксар натиҷаҳо ва ёфтаҳои назариро наметавон дар амал тадбиқ кард. Шоир ё адиберо ба нудрат метавон пайдо кард, ки пеш аз эҷоди шеъре ба дидгоҳҳои назарӣ бияндешад, ё аз онҳо истифода намояд, вале таҳқиқҳои бунёдӣ, аз таҷриба озмудашударо метавон зимни таҳқиқи осори адабӣ, аз ҷумла шеър истифода намуд.

Ҳамнишинии калимаҳо, ҳамҷавории онҳо сабабгори зуҳури таркиботу ибороти нав ва маъноҳои нав мегардад. Калимаҳо дар поёни масири ҳаракати хеш, ки дар як матни шеърӣ ба ниҳояти худ мерасад, чеҳраи шоир ё сабки хосси ӯро муайян мекунанд. Ҳамнишинии калимаҳо дар навбати худ ниёзманди созгорӣ ва мувофиқат миёни онҳост. Созгорие, ки исботи биниш, ҷаҳонбинӣ, донишу умқи андешаи холиқи асар аст.

Мафҳуми калима дар шеър ва андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу ба таври дилчасп бо фарогирии ҷанбаҳои мухталифи он таҳлилу баррасӣ шудааст.

Дидгоҳҳои Аҳмади Шомлу низ нисбат ба калимоти шеър ҷолибу қобили таваҷҷуҳ мебошанд. Ӯ калимотро аз хонаводае медонад, на вуҷуди зеҳнӣ, балки вуҷуди айнӣ дорад. Онҳоро метавон ламс кард, чашид ва овозашонро шунид. Ба андешаи Аҳмади Шомлу шоир бояд атрофро ба воситаи калимаҳо ва забон таҷриба кунад. Дар ин раванд муҳим он аст, ки сарнавишти вожаҳо ва таърихи онҳо бояд шинохта шавад. Бе шинохти комили калимот, истифодаи онҳо дар шеър, тавоққуъ ба аҳдофи мавриди назарро ба таври бояду шояд муҷассам нахоҳад кард. Мавсуф қайд мекунад: «Калимот дар шеър мазоҳири ашё нестанд, балки худи ашёанд, ки аз тариқи калимот дар он зуҳур пайдо мекунанд ё рангу таъмашон ба садову ҳаҷму дурустӣ ва нармишон, бо илқиёте, ки метавонад бикунанд, бо тадоие, ки дар амокинашон ҳаст, бо тамоми боре, ки метавонанд дошта бошанд, бо тамоми фарҳанге, ки пушти сари ҳар кадомашон хобида, бо тамоми тайфе, ки метавонанд ба вуҷуд оранд ва тамоми таърихе, ки доранд» [77, с. 233].

Таҳлилу омӯзиши андешаҳои шоир дар хусуси калима, муҳаққиқро ба ин натиҷа расонидааст, ки шоир дар тули фаъолияти эҷодӣ доим мавзуи мавриди назарро баррасӣ карда, перомунаш фикру андеша намудааст ва ёфтаҳояшро дар ин маврид дар қолаби андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) ба гунаҳои мухталиф ҷойгузин кардааст.

Дар матни як андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя) калимаро мадина, шаҳреро мехонад, ки низоми таърих дар он намоён аст. Мавсуф хотиррасон месозад, ки вазифаи ӯ дар ин шаҳр зиндагӣ намудан аст. Ба ин маром меҳру алоқаи фаровон дорад. Чун аз чаҳордевори он имкони тамошо, муроқибати ҷаҳон бо шеваҳои мутафовит аст. «Аз нуҳуфти ин шаҳр ҳамчунон имкони тамошои ҷаҳон бо тамоми мазоҳираш, инсонҳояш мавҷуд аст. Аз ин шаҳр, мегӯяд шоир, метавонам «тулуъ ва ғуруби «инсон»-ро нигарон бошам» [111, с. 6].

Ҷамъи калимаҳо дар матни шеър падидаи шигифтангезест, ки Аҳмади Шомлу онро дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-яш «муъҷизаи ҳаёт» мехонад. Шоир барои тасдиқи андешаҳояш мисолҳои ҷолибе меорад. Масалан, мегӯяд «вақте ман қанорӣ мегӯям (номи паранда – Ш.Ф.), бояд Шумо қанориро

бубинед. Бояд ҳузури онро дарёфта, онро бо тамоми вуҷудатон ҳис намоед: қанорӣ, ки ман мегӯям қофу нуну чанд то ҳарфу ҳаракат нест, як муъҷизаи ҳаёт аст» [111, с. 6].

Дар ҷойи дигар баён мекунад, ки вожагон дар шеър шакле аз таърих маҳсуб мешаванд, зеро ҳар калима ишорате, киноя ба инсон ва ҷаҳон дорад. Аслан дар адабиёти пажуҳишӣ ба ҷанбаи барангезанда, таконбахш ва таъсирдори шеър таъкид варзидаанд. Махсусан, ба неруи пайвандгару нерубахши калимаҳо. Неруи ин пайванд ба андозаест сабки фардии ҳунарманду адибро фароҳам меоварад, ба каломи ӯ сурату ташаххус мебахшад.

Дар як матни адабӣ чи насру чи назм ҳар як вожа, вазифаву рисолати махсус дорад, ки агар он ба камоли матлуб нарасад, дарунмоя комил намешавад.

Ин аст, ки Аҳмади Шомлу дар мавқеияти дигар перомуни вожагон дар матни адабӣ менависад: калима «ҳам дар наср ва ҳам дар назм иброз аст. Аммо дар назм иброз иртибот аст. Дар шеър ибрози интиқол, яъне дар гуфтор ва ҳатто дар наср мухотаб вуҷуд дорад. Яъне, ӯро касб мекунанд ва бо ӯ сухан мегӯянд, то иртибот барқарор кунанд. Ағлаб интизори посух ё як навъи посух доранд. Дар ҳолате, ки дар шеър мухотаб мақсуд нест. Шоир танҳо восита аст, то чизеро аз «нокуҷо» то «куҷо» интиқол диҳад. Дар ин ҷо калима худ тасмим мегирад ва изҳори вуҷуд мекунад ва дигар дар ихтиёри шоир нест» [77, с. 334].

Агар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлуро дар хусуси калима ҷамъбандӣ кунем, метавон чунин хулоса гирифт, ки калима дар матни адабӣ танҳо дар чаҳорчӯби ибора ё матни комил метавонад судманду дархӯр бошад, зеро лаҳну оҳангу фасоҳати он дар танҳоӣ нуҳуфта аст ва дар чаҳордевори ибора ҷони тоза мегирад ва зуҳур мекунад.

Масъалаи дигаре, ки дар иртибот бо мавзуи калима дар шеър дар баррасии андешаҳои шоир қобили таваҷҷуҳ, пайванди калимаву тасвир дар осори ҳунарӣ аст. Маълум аст, ки тасвир дар назму наср ё наққошӣ нақши муассир дорад ва ба воситаи калимаҳо инъикос меёбад.

Аҳмади Шомлу маҳз дар ҳамин нукта назари хос дорад. Номбурда таъкид менамояд, ки аҳли ҳунар маъмулан бо калимаҳо андеша мекунанд. Агар қарор

бошад бо тасвир фикр кард, ҳатто одаме, ки ҳеҷ савод надорад, баробари як ҳунарманд дар зеҳну ҳунараш тасвир хоҳад дошт. Аммо ҳунарманд бо калима фикр мекунад ва ҳамин ҷанба ба вай имкон медиҳад, ки ҳарфҳое гӯяд, ки одам аз даркаш оҷиз мемонад: «касе, ки бо калимот меандешад мисли ин аст, ки як силсила алоиме дошта бошад ва беҳтар битавонад фикрҳо ё тарҳҳоро сабт кунад, мисли тунднависии (стенограмм) тайлистҳо (мошиннависҳо), ки бо ҳамон суръате, ки суҳбат мекунӣ метавонад тойп кунад, ки банда масалан наметавонам» [106, с. 18].

3.9. Навиштан ва нависанда аз диди шоир бар асоси андарзҳои адабӣ-эстетикӣ

Андарзҳои адабӣ-эстетикие, ки ба мавзуи навиштану нависанда бахшида шудаанд зиёд нестанд, вале хулосаи ҷомеи андешаи Аҳмади Шомлуро бозтоб медиҳанд.

Дидгоҳҳои мазкур дар ин замина бештар ҷанбаи завқӣ-тавсифӣ доранд. Гӯё пас аз андешаву хаёли тулонӣ шоир фишурдаи дидгоҳашро ба мухотабон ироа дорад. Баёнаш кӯтоҳ, мухтасар, вале густурдаву амиқ аст. Дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и «навиштан» зикр шудааст, ки «ва навиштан, навиштан моҷароҷӯйи ҳайратангез, ҳамосаи азим. Ин офариниши дубора» [61, с. 56].

Дар ҷойи дигар боз ҳам зеботару бадеътар ба тасвири навиштан мепардозад: «оташе маро сӯзонда ва инҳо хокистари ман аст, ки аз сӯрохи қалам рӯйи қоғаз нақш бастааст, вагарна ман бо навиштани ин ҷумлаҳо машқи нависандагӣ намекардам» [61, с. 56].

Дар андарзи адабӣ-эстетикӣ (гузингӯя)-и «навиштан барои навиштан» таъкид менамояд, ки агар амри навиштан фақат ба хотири навиштан бошад, суде надорад. Бояд як эҷодкор бидонад, ки манзураш чи гуфтан аст, яъне, паёме дошта бошад ва онро битавонад миёни мардум таблиғу густариш диҳад.

Мавзуи дигари мавриди тавақҷуҳи Аҳмади Шомлу дар пайванд бо ин робитаи нависандаву тӯдаҳо мебошад. Аз назари шоир паҳнову густураи ибораи

«навиштан барои тӯдаҳо» вақте аз ҷониби шоир дарк мегардад, ки бидонад, вазифаи ӯ интиқоли дарку шууараш ба шуури омма аст. Дар он ҳолат ӯ эҳсос мекунад, ки чи вазифаи сангине ба дӯши ӯ гузошта шудааст. Ҳамзамон Аҳмади Шомлу ин андешаро таъкид мекунад, ки як нависанда ҳаргиз ҳақ надорад, ҳатто барои лаҳзае масъулияти бузурги нависандагии худро фаромӯш кунад. Маълум аст, ки мухотабони бевоситаи ҳар нависанда пеш аз ҳама оммаи мардум аст, маҳзи хотири ин шинохти шебу фарози мавзуъ бисёр арзишманд аст. Аз нигоҳи Аҳмади Шомлу «як нависанда заминаи сатҳу умқи масъулияти нависандагияшро эҳсос менамояд, ки дарк кунад, ки рисолати вай интиқоли ҷаҳони андеша ва огоҳияш аз олами перомун аст» [61, с. 56].

Адиб дар андарзи адабие миёни ду мавзуъ «Барои худ навиштан» ва «Барои мардум навиштан» тафовутро муайян мекунад. Аз назари ӯ ин мавзуъҳо наметавонанд, аз ҳам дур шаванд, зеро агар халлоқияту офариниш ҳамчун амали фардии як ҳунарманд оғоз гардад, натиҷааш халқи асарест, ки мутааллиқ ба оммаи мардум аст [2, с. 260].

Дар андарзҳои адабии дигаре хитоб ба нависандагони ҷавон таъкид мекунад, ки шеъри онҳо бояд таҷассумгари дунёи фардии онҳо набошад, балки бозтобдиҳандаи дарду ранҷ, саҳнаҳои рангоранги конуни инсонӣ дар он ҷилвагар гардад: «Дар шеъри худ танҳо намонед. Агар аз худ ҳарф мезанед, худи шумо замири муштараки дигарон бошед. Мани шоиронаи худатонро чунон густариш бидиҳад, ки ҳамаи инсонҳоро дарбар гирад» [2, с. 260].

3.10. Мавзуи ҳиҷрат дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу

Чуноне дар оғоз кор зикр гардид, андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и Аҳмади Шомлу фарогири мавзуъҳои гуногунанд ва онҳоро гурӯҳбандӣ кунем, ба риштаҳои гуногуни илм мансуб мешаванд, аз қабили андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и сиёсӣ, фалсафӣ, таърихӣ, ҷомеашинохтӣ, ҷуғрофӣ ва ғайра. Шинохту омӯзиши ҳар гурӯҳе дар ҷой ва мавқеияти худ арзишманданд, аммо чун такяи мо ба андарзҳои адабӣ-эстетикии маълум ба адабиёт тааллуқ

дорад, аз баррасии боқимонда худдорӣ менамоем, ба ҷуз мавзуи ғурбат, ки ба андешаи мо ба адабиёт, зиндагии фардии шоирону нависандагон робитаи зич дорад. Мо аз таърихи адабиёт мисолҳои зиёде дорем, ки чи гуна аҳли адаб бар асари омилҳои иҷтимоӣ ба муҳоҷират рафтаанд. Ҷилваҳои нохушоянди онро мо дар осори шоирону нависандагон бисёр дидаем.

Аслан ҳиҷрат тарки зоду бум барои ҳамеша ё шояд ба умеди бозгашт дар оянда яке аз печидатарин масоили иҷтимоии инсонӣ аст. Тавре ки аз пажуҳишҳои мавҷуд маълум аст, муҳоҷират заминаву сабабҳои мухталиф дорад, ки бар пояи онҳо масъалаи ғурбат ё ҳиҷрат бар навъҳо ҷудо мешавад. Миёни ҳама анвои муҳоҷират шояд сангинтарин навъаш муҳоҷирати иҷборӣ бошад. Вақте инсон бар асари даргириҳои дохилӣ, инқилобу таҳаввулоти иҷтимоӣ зиндагии хешро дар марзи хатар мебинад, ба ҷуз ҳиҷрату тарки ватан барояшон чораи дигаре боқӣ наmemонад.

Ин рухдод, махсусан, барои шоирону ҳунармандон, ки ҳассостарин қишри ҷомеа мебошанд, бисёр сахту дарднок ва гарон аст. Халлоқият, неруи офаринандагии як шоир бо ҳазор ришта ба муҳити зиндагӣ, расму суннат, фарҳангу адаб, пешинаи таърихию фарҳангии зодгоҳаш гиреҳ хӯрдааст. Аз ин рӯ, бо ҳиҷрат аз зоду бум даврони дигаре дар сарзамини бегона барои шоир ё ҳунарманд оғоз мешавад.

Дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу мо ба шаклҳои гуногуни ғурбат бармехӯрем. Танҳо тарҳу пазируфтани ин мавзуъ дар коргоҳи эҷодии мавсуф густурдатар аст. Ба ин маънӣ, ки дар нигоҳи ӯ ғурбат танҳо дурӣ аз ватан нест. Инсон метавонад дар зодгоҳ, дар сарзамини хеш ғариб бошад. Вақте ҳаққи озодиро аз ӯ мегиранд, ӯ ғариб мешавад. Симои воқеии ғурбатро Аҳмади Шомлу дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ бозтоби шоирона медиҳад.

Таҳлилу арзёбии равандҳои сиёсии ҷаҳон, вазъи воқеии ҷаҳон Аҳмади Шомлуро ба ин натиҷа меорад, ки мардуми дунё ба таври умум дар сарзаминҳои худ ғарибанд.

Марг аз нигоҳи шоир воқеияти ногузир аст: «аммо ғурбат ҳаққи инсон нест. Мо дар дунёе зиндагӣ мекунем, ки ғаробат як ҳаққи мусаллам ва маҳтум

шудааст. Ин дуруст нест, ки бигӯем ҷаҳон чанд миллиёрд ҷамъият дорад. Дурусттараш ин аст, ки бигӯем чанд миллиард «ғариб» дорад» [112, с. 50].

Аҳмади Шомлу дар ҷойи дигар таъкид мекунад, ки «ман бо ҳамаи қабилаи хеш, шаҳри хеш, рӯзҳои кӯдакии хеш, шеърҳои хеш, ҳамсояи хеш, дар кӯча – паскӯчаҳои ғариб дар ба дарам. Ман танҳо нестам, ғами як сарзамин дӯшодӯши ман аст. Ғаме, ки дар ишқ реша дорад» [112, с. 50].

Чунонки дида мешавад, манзур аз ғурбат дар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо)-и мазкур ҳичрат, ҷилои ватан кардан нест, зеро инсон дар зоду буми хеш низ метавонад ғарибу мусофир бошад, вақте инсон ҳаққи гуфтани сухани озод ва фаъолиятро надорад. Тамоми равзанаҳои назораро, бар рӯйи вай бастаанд, ҳавои танаффусро аз ӯ гирифтаанд. Аҳмади Шомлу ин ҳолатро дар хуну пӯсти хеш таҷриба намудааст, он ҷо ки мегӯяд: «Ман садое будам, ки танин надошт, садое, ки садое набуд. Садое, ки аз даруни ман фаввора мезад, аммо дар ҳамон ғурбат сарнагун мешуд ва наметавонист худро ба ҳаво партоб кунад» [112, с. 50].

Ғурбат аз дигоҳи Аҳмади Шомлу падидае аст, ки таъсираш то умқи руҳу равони мардуми ғариб мерасад ва нишони онро ба гӯётарин сурат, ҳатто дар ожангҳои рӯй метавон дид.

Дар аксари андарзҳои адабӣ-эстетикии мансуб ба ғурбат мо ба унсурҳои дақиқу шохиси воқеӣ дучор намеоем. Шомлу бештар моил аст, чеҳраи воқеии ғурбатро бо созу баргаш, фазои равонии мутааллиқ бо он, ҳарими нохушояндаш тасвир намояд.

Дар матни яке аз андарзҳои адабӣ-эстетикӣ ба ашъораш, ки зери унвони «шабонаҳо» ва «ғарибона» эҷод шудааст, ишора мекунад ва изҳор медорад, ки ӯ замони тулонӣ ғурбатро бо тамоми паҳнояш, ранҷи дурии зоду бум, тамошои муҷассамаҳои қадимӣ, ёди хониши мурғон ва ғайраро таҷриба карда, ба гунае дар ашъори мазкур инъикос намудааст. Дар мавқеи дигар таъкид бар он дорад, ки хонаи умед, паноҳгоҳи аслӣ барои як инсон танҳо ватан аст. Инсони беватан шабеҳи як ҳубоб аст. Ин маъниро шоир дар ниҳояти таъсиру чирадастӣ чунин тасвир намудааст: «магар хонаи ман куҷо буд? Як чордеворе дар табақаи дуюми

сохтмоне, ки фосилааш то хуршед ҳазорон сол нурест, вале фосилааш бо ҳамсояе, ки бо музоҳиматҳо ва тиқзаданҳояш дар ҷустуҷӯйи чизе аст, ки худ намедонад чист, чанд пила бештар. Бо ин ҳама аз хонаи худ ҷудо афтода будам. Муроди ман ҷое ҷуз ватани ман набуд ва ватани ман. Ҳузури мани бе ӯ: чизе ҷуз ҳубоб набудам» [107, с. 3].

Яке аз мушкилоту ноҷурии зиндагии ғарибона ҳолати интизорӣ аст. Интизори номае, хабаре, паёме аз ватан, аз хонавода ва пайвандон. Аҳмади Шомлу зикр намудааст, ки дар ҳангоми иқомат дар ғурбат ҳуши ман ҳамеша ба постхона (почта) банд буд. Ҳарчанд маълум буд, ки масъули постхона соати ёздаҳ меояд, вале ман аз соати нуҳ мунтазир мемондам.

Дар андарзҳои адабӣ-эстетикии марбут ба «ғурбатгурезӣ» Аҳмади Шомлу ба мавзуъ мушаххастар назар мекунад, гӯё тамоми шинохташро ҷамъбаст месозад, то вуҷуди ғурбатро таҳаммулпазир эълом дорад ва қотеъона бигӯяд, ки ин сарзамин мутааллиқ ба ӯст. Танҳо дар синаи он метавонад, нафас гирад ва озод аз ҳама гуна қайду банд бошад, зеро, дар ин ҷо ӯ реша дорад, решаҳои амиқ, ки ҳатто табар наметавонад онро қатъ кунад. Агар ӯро рӯйишу сабзише аст, барояш дар ин хок муяссар аст: «Бори ғурбат сангинтар аз тавону таҳаммули ман аст. Ҳамаи решаҳои ман дар боғча аст. Ва ин решаҳо он қадар амиқ дар хок фурӯ рафта, ки ҷуз ба зарби табар наметавонам аз он ҷудо бишавам ва худ нагуфта пайдост, ки пас аз қатъи реша чи умеде ба бору бар боқӣ хоҳад монд. Шукуфтан дар ин боғча муяссар аст ва қақнус танҳо дар ин уҷоқ чуҷа меоварад» [112, с. 50].

Сабаби таваҷҷуҳи зиёди Аҳмади Шомлу ба ин мавзуи ҷовидонии адабиёт дар он аст, ки дар ним асри охир раванди ҳичрат дар сарзамини Эрон ҳолати фавқулоддае доштааст, ки бар асари он беҳтарин ҳунармандону аҳли адаб ва мутахассисон ватанро тарк карда, дар сарзаминҳои дигар иқомат ихтиёр кардаанд. Мусаллам аст, ки хоставу нохоста бо ранҷу азоби ғурбат, ҳолатҳои нохушоянди он ошно ҳастанд. Манзури шоир ин аст, ҳамватанон бояд бидонанд, ки ин мушкили фардӣ нест. Ғурбат мардумро бо нобудии забони модарӣ ва ҳувияти миллӣ дастбагиребон мекунад. Зиндагӣ дар ғурбат талаб дорад то, урфу одат, фарҳангу адаб ва расму ойинро ҳифз намоӣ.

Дар интиҳо бояд таъкид намуд, ки истилоҳи гузингӯя бо он паҳнову вусъате, ки дар адабиётшиносии муосири Эрон фаҳмида мешавад, дар забони тоҷикӣ феълан муодил надорад, вале андарзҳои адабӣ-эстетикӣ шумурдани онҳо ба мақсад мувофиқ аст. Албатта намунаи гузингӯяро дар фарҳангу адабиёти имрӯзи тоҷик мо бисёр дорем, вале истилоҳ ё мафҳуми ягона надоранд, балки бо мафҳуми «иқтибос аз», «ба гуфтаи», «ба андешаи» ва ғайра истеъмол мешаванд, аммо дар хусуси гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу, ки дар ин рисола намунаҳое аз онҳо таҳлилу арзёбӣ карда шуданд, ҳаминро бояд гуфт, ки аҳаммияти онҳо аз чанд нигоҳ қобили таъкид аст. Нахуст дар шинохти шахсияти адабӣ-ҳунарии Аҳмади Шомлу, омӯзиши равандҳои адабӣ, сатҳи андешаҳои ҷомеа ва ҷаҳони андешаи худи шоир. Омӯзишу таҳлил ва таҳқиқи гузингӯяҳо заминаи муносиберо барои вуруд ба олами эҷоди Аҳмади Шомлу фароҳам меорад, зеро онҳо аз таҷриба ва дидаҳои адиб ба вуҷуд омадаанд.

ХУЛОСА

Аҳмади Шомлу дар адабиёти муосири Эрон аз зумраи шоироне аст, ки бо корномаи адабии худ дар рушду такомули адабиёт ва густариши ҷараёнҳои тозаи шеърӣ, пешниҳоди дидгоҳҳову ақидаҳои судманди завқиву назарӣ нақши намоён гузоштааст ва аз ин рӯ дар адабиётшиносии имрӯзи Эрон ӯро ҳамчун бунёдгузори шеъри сапеди форсӣ мешиносанду эътироф мекунанд.

Диссертатсияи мо ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба дидгоҳҳои завқӣ-назарӣ ва андарзҳои адабӣ-эстетикии шоири номвари муосири Эрон Аҳмади Шомлу бахшида шудааст ва аз баррасии масъалаҳои мазкур мо ба чунин хулоса омадем:

1. Ба майдони адабиёт ворид шудани Аҳмади Шомлу ба давраи ҳассостарини таърихи Эрон рост меояд. Муҳимтарин рӯйдоди ин давра шикасти диктатураи Ризошоҳ ва ба сари қудрат омадани Муҳаммадризошоҳ буд ва иқдоми қобили мулоҳизаи шоҳи ҷавон дар ҷомеа фароҳамсозии озодиҳои нисбӣ буд, ки ба раванди адабиёт, дар маҷмуъ бетаъсир намонд [1-М; 6-М].

2. Ин даврaро бар асоси таҳлили пажуҳишҳои мавҷуд метавон давраи рушду камоли шеъри нав ва равияҳои навпардозона дар адабиёт номид. Яке аз шохисҳои барҷастаи ин давра зуҳури маҳфилҳои адабӣ ва нашрияҳои даврӣ мебошад, ки махсусан дар солҳои 40-ум ба баъд инкишофи чашмрас пайдо намуданд [1-М; 6-М].

3. Таъсири Ҳизби тӯдаи Эрон дар таъсиси рӯзномаву маҷаллаҳо ва маҳорату маҳфилҳои адабӣ, ба худ ҷалб намудану тағйири афкору андешаи шоирони номдори замон қобили зикр аст. Ҳизб бо идеалу ормонҳое, ки дар маромномааш дарҷ намуда буд, дар миёни мардум маҳбубияти зиёд дошт. Машҳуртарин шоирони мактаби Нимо, мисли Сиёвуши Касроӣ, Аҳмади Шомлу, Ҳушанг Ибтиҳоҷ Соя ва дигарон ҳаводорони ин ҳизб буданд ва афкору назарашон тағйир дорад [6-М].

4. Аксари нашрияҳои даврӣ аз қабили: «Сухан», «Паёми навин», «Дунё», «Паёми нав», «Хӯша» ва «Интиқоди китоб» мутааллиқ ба Ҳизби тӯда буданд ва табиист, ки идеологияи ҳизбро пуштибонӣ ва таблиғ мекарданд [6-М].

5. Аҳмади Шомлу маҳз дар ҳамин давра ба майдони адабиёт ворид гардид ва таъсири муҳити адабии давр ва нашрияҳои адабӣ-иҷтимоии замон дар ташаккули шоирӣ ва шахсияти адабии вай бисёр муҳим аст [6-М; 7-М].

6. Аҳмади Шомлу бо шеъри суннатӣ ба майдони адабиёт омад ва дере нагузашта ошноии мустақим бо Нимо Юшиҷ – бунёдгузори шеъри нави Эрон, роҳу шеваи шоирии ӯро дигар намуд [1-М; 7-М].

7. Шинохти масири эҷодии Аҳмади Шомлу гувоҳи он аст, ки баъдан бар асари ошноӣ бо шеъри нави Ғарб ва навпардозиҳои шеъри Эрон аз шеъри нимоӣ канор рафт ва «шеъри сапед»-ро бунёд гузошт [1-М; 5-М].

8. Саҳми нақди адабӣ дар пешрафту инкишофи ҳунару шоирии Аҳмади Шомлу бисёр назаррас аст, ки инро маҷмуаи шеърии вай, ки мавриди таваҷҷуҳи бисёре аз ноқидони адабиёт, ҳамчунин, шоирони ҳамзамонаш қарор гирифтаанд, гувоҳ аст. Бо мурури замон пажуҳишҳои арзишманде дар атрофи ҷанбаҳои мухталифи эҷодиёташ, сабку услуби офаринандагияш, заминаҳои фикрӣ ва ҳунари эҷодиаш ба нашр расидаанд [3-М; 4-М].

9. Аз миёни ҳама таълифоти анҷомшуда пажуҳишҳои адабиётшиносону мунтақидони маъруф Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ, Тақӣ Пурномдориён, Абдулалӣ Дастғайб, Парвин Салоҷиқа, Вера Борисовна Кляшторина, Маҳдӣ Ахавони Солис, Муҳаммад Ҳуқуқӣ арзиши хос дорад. Бо вуҷуди ин дар девони шоир нуктаҳои баррасинашуда зиёданд [4-М].

10. Мавзуи камшинохташуда, тавре ки аз баррасии роҳи эҷодии шоир бармеояд, андешаҳои завқӣ, назарӣ ва андарзҳои адабӣ-эстетикии адиб ба ҳисоб меравад, ки дар замони тулонӣ таълиф ва ҷамъоварӣ шудаанд [2-М].

11. Ҳар ҳунарманде перомуни масоили гуногунранги конуни зиндагӣ, саҳнаҳои ҳаёт назари хос, диди хос ва шеваи баёни вижа дорад. Ба ибораи дигар, ҳадафи худро ба гунаҳои мухталиф дар либоси ҳунарӣ нишон медиҳад.

Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ ҳам як навъи изҳори назар аст, ки дар қолаби ҷумлаҳои кӯтоҳ пешниҳод мегардад [2-М; 5-М].

12. Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ баёни маъмулӣ, одии мавзуи назар набуда, натиҷаи мушоҳидаву таҷрибаҳои як эҷодкор ва ҳунарманд мебошанд, ки дар ҷараёни замон дар зеҳну ҳуши вай ба зуҳур расида, шакл мегиранд ва дар муъҷазтарин сурат, офарида мешаванд. Ба ибораи дигар андарзҳои адабӣ-эстетикӣ нишонгари ҷаҳони андеша ва биниши вижаи як адиб перомуни масъалаҳои муҳиту замонаш мебошад [2-М].

13. Аз таҳқиқ маълум гардид, ки андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу фарогири мавзуъҳои мухталифанд, ки ҳар мавзуе аҳаммияту арзиши хос дорад. Муҳимтарин андарзҳои адабӣ-эстетикии шоир ба масоили адабӣ, махсусан, шеър, шоир, шоирӣ, шеър ва ҷомеа, ҳунар ва ҳунарманд, нақши ҳунарманд дар рушду камоли ҷомеа ва рисолати шеъру шоир, равшанфикру равшанфикрӣ ва зиндагӣ бахшида шудаанд [2-М; 3-М].

14. Андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлуро метавон аз зовияҳои гуногун баррасӣ намуд, зеро онҳо нишонгари мизони донишу сатҳи ҷаҳоннигарии шоир ҳамчун шахсияти адабӣ мебошанд.

Аз сӯйи дигар, андарзҳои адабӣ-эстетикӣ нишондиҳандаи камоли тадриҷии адиб дар майдони адабиёт низ мебошанд. Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ (гузингӯяҳо) инъикосгари муҳити адабие мебошад, ки шеър дар он ҳамчун эҷодкор зиндагӣ ва фаъолият намудааст [2-М; 5-М].

15. Дар матни андарзҳои адабӣ-эстетикӣ бештар ба таври мухтасар андешаҳои завқӣ-назарии шоир атрофи муҳимтарин масъалаҳои адабиётшиносӣ аз қабили нақду нақднависӣ, анвои нақд, нақдпазирӣ ва аҳаммияти нақд дар адабиёт ифода шудаанд [2-М].

16. Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ бозтоби ҷомеияти фикру андешаи шоир мебошанд, ки дар шинохти фаъолияти шоир бисёр арзишманданд [2-М].

ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

– Ҷанбаҳои назарии натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқ дар омӯзишу ҳалли бисёре аз масъалаҳои мубрами адабиётшиносии муосири Эрон ва Тоҷикистон ҳамчун замина ва сарчашмаи муътамад метавонад истифода шавад.
– Зимни пажуҳиши мавзуъҳои марбут ба шеъри нави тоҷик, ҷараёнҳои тозаи шеърӣ ва суннату навоварӣ дар адабиёт метавон аз маводди диссертатсия истифода намуд.
– Дар андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу қисмати бузургеро мавзуи шеър, офариниши шеър, ҳунари шоирӣ, фазоҳои фароҳамсози шеър, рисолати шоир ва пайванди шеъру ҷомеа ташкил медиҳанд. Маводди мазкурро метавон дар таълифи дастуру воситаҳои таълимӣ оид ба адабиёти муосири тоҷику форс истифода кард.
– Зимни таълими мавзуи шеъри наву шеъри сапед, равандҳои рушду такомули он метавон аз андарзҳои адабӣ-эстетикии Аҳмади Шомлу истифода намуд.
– Андарзҳои адабӣ-эстетикӣ дар диссертатсия таҳлилу арзёбӣ гардида, ҳангоми шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти марбут ба масоили навпардозӣ дар шеър маводди арзишманд мебошад.
– Ба таври умум, омӯзиши андарзҳои адабӣ-эстетикӣ, дидгоҳҳои завқӣ-назарии Аҳмади Шомлу дар шинохту маърифати масири эҷодӣ, рушду камоли ҳунарӣ, шахсияти адабӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири форсӣ хеле арзишманду муҳим мебошад.

РЎЙХАТИ АДАБИЁТ

А) РЎЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

I. Сарчашмаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва форсӣ:

1. Ҳушанг, И.С. Гар ишқ бимирад… (баргузидаи ашъор) [Матн]/ Ҳушанг Ибтиҳоҷи Соя. – Душанбе: Матбааи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2022. – 244 с.

2. دیانوش ایلیا. لالای با شیپور. چاپ دوم. – تهران. مروارید 1388. – 390 ص.

(Диёнӯш, И. Лолоӣ бо шайпур. Чопи дувум [Матн] / И. Диёнӯш. – Теҳрон. Марворид, 1388. – 390 с.).

3. شاملواحمد. در آستانه. تهران، نشر «ثالث»، 1365. – 540 ص.

(Шомлу, А. Дар остона [Матн] / Аҳмади Шомлу. – Теҳрон: нашри «Солис», 1365. – 540 с.)

4. شاملواحمد. از هوا و آینه ها. . تهران، نگاه، 1377. – 320 ص.

(Шомлу, А. Аз ҳаво ва ойинаҳо [Матн] / Аҳмади Шомлу. – Теҳрон: Нигоҳ, 1377. – 320 с.)

5. شاملواحمد. قتع نامه. تهران، مروارید، 1360. – 120 ص .

Шомлу, А. Қатънома [Матн] / Аҳмади Шомлу. – Теҳрон: Марворид, 1360. – 120 с.

6. شاملو، احمد. آیدا، درخت و خنجر و خاطره. – تهران: مروارید، 1344. – 154 ص .

(Шомлу, Аҳмад. Ойдо, дарахт, ханҷару хотира [Матн] / Аҳмади Шомлу. – Теҳрон: Марворид, 1344. – 154 с.).

7. شاملو احمد. از مهتابی به کوچه (مجموعه مقالات). – تهران. توس 1357. – 205 ص.

(Шомлу, Аҳмад. Аз маҳтобӣ ба кӯча (Маҷмуаи мақолот) [Матн] / Аҳмади Шомлу. – Тӯс, 1357. – 205 с.).

II. Адабиёти илмӣ:

8. Абдуманнонов, А. Нуқтаи назар [Матн] / А. Абдуманнонов. – Душанбе: Адиб, 1989. – 239 с.

9. Акбаров, Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 238 с.
10. Акбаров, Ю. Шеъри нав // Қисмати шеър ва қисмати инсон [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе, 1980. – 187 с.
11. Алиев, Р. Некоторые особенности творчество Бамдада [Текст] / Р. Алиев // Вопросы иранской филологии. Вып.1. – Баку, 1966. – С. 291-299.
12. Амвоҷи Корун [Матн]. – Душанбе, 1977. – 308 с.
13. Асозода, Х. Адабиёти Эрон дар садаи ХХ [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Пайванд, 1997. –272 с.
14. Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър [Матн] / М. Аҷамӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 296 с.
15. Ваҳҳобов, Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритми назми муосири тоҷик [Матн] / Р. Ваҳҳобов. – Душанбе, 2019. – 150 с.
16. Дадашева, У.М. Поэзия современного иранского поэта Ахмеда Шамлу. Автореф. дисс. канд. фил. наук [Текст] / У.М. Дадашева. – Баку, 1975. – 34 с.
17. Давронов, С. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / С. Давронов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 163 с.
18. Кляшторина, В.Б. «Новая поэзия» в Иране [Текст] / В.Б. Кляшторина. – М.: Наука, 1975. – 225 с.
19. Комиссаров, Д.С. Пути развития новой и новейшей персидской литературы [Текст] / Д.С. Комиссаров. – М.: Наука, 1982. – 264 с.
20. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 327 с.
21. Маводди конференсияи амалии олимон ва мутахассисони ҷавони Тоҷикистон. Бахши забон ва адабиёти тоҷик [Матн]. – Душанбе, 1990. – 157 с.
22. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.
23[а]. Наҷот, Д. Гулҷӯшаҳо [Матн] / Доро Наҷот. – Душанбе: Сифат-офсет, 2016. – 558 с.

23. Нодирпур, Н. Куҳна ва нав [Матн] / Нодири Нодирпур // Садои Шарқ. – 1968. №2. – С.138-145.
24. Отахонова, Х. Падидаҳои навҷӯйӣ [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 175 с.
25. Сафар, У. Аз хоки рангбохта. Нақду баррасии ашъори Нимо Юшиҷ [Матн] / У. Сафар. – Душанбе: Шуҷоиён, 2010. – 196 с.
26. Сафаров, У. Сиёвуши Касроӣ ва «шеъри нав»-и форсӣ [Матн] / У. Сафаров. – Душанбе, 1996. – 144 с.
27. Сафар, У. Нимо ва шеъри форсӣ [Матн] / У. Сафар. – Душанбе, 1996. – 153 с.
28. Сафар, У. Шеъри форсӣ дар аҳди ҷадид [Матн] / У. Сафар. – Душанбе, 2021. – 312 с.
29. Сафар, У. Фалсафаи дӯст доштан (Маҷмуаи мақолаҳо) [Матн] / У. Сафар Душанбе: Эр-Граф, 2019. – 275 с.
30. Сирус, Б. Арузи тоҷикӣ [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе: Нашрдавтоҷик., 1963. – 286 с.
31. Сирус, Б. Оид ба шеъри нав [Матн] / Б. Сирус // Садои Шарқ. – 1965. – №8. – С. 108-125.
32. Словарь русского языка: в 4-х т. [Текст] // РАН, Ин-т лингвистических исследований, под ред. А.П. Евгеньевой. – М.; Рус. яз. Полиграфресурсы, 1999 (Электронная версия).
33. Ҳакимов, А. Шеър ва замон [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 253 с.
34. Ҳакимов, А. Дар қаламрави сухан [Матн] / А. Ҳакимов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 224 с.
35. Ҳиравӣ, М. Вазнҳои аруз дар шеъри муосир [Матн] / Моил Ҳиравӣ // Садои Шарқ. – 1968. – №2. – С. 100-112.
36. Шарифов, Х. Шоир ва шеър [Матн] / Худоӣ Шарифов. – Душанбе, 1998. – 218 с.
37. Шелковый путь. Альманах, выпуск первый [Текст]. – Душанбе: Ирфон, 1990. – С. 352.

38. Шойтов, А.М. Персидская литература [Текст] / А.М. Шойтов // Справочник «Современной Иран». – М., 1957. – С. 514.

III. Бо хатти форсӣ:

39.اخوان ثالث مهدی. يك سخن در بارهٔ آثاري كه نيما يوشيج به شيوهٔ قدما سروده است. «كبوتر صلح» 1958، شمارهء1

(Ахавони Солис, Маҳдӣ. Як сухан дар бораи осоре, ки Нимо Юшиҷ ба шеваи қудамо сурудааст [Матн] / Маҳдӣ Ахавони Солис // Кабутари сулҳ. – Шумораи 1. – 1958).

40. اخوان ثالث مهدی. عطا و لقای نيما يوشيج. – تهران، 1372. – 163 ص.

(Ахавони Солис, Маҳдӣ. Ато ва лиқои Нимо Юшиҷ [Матн] / Маҳдӣ Ахавони Солис. – Теҳрон, 1372. – 63 с.).

41. اخوان ثالث مهدی. بدعت ها و بدايع نيما يوشيج. – تهران، 1376. – 357 ص.

(Ахавони Солис, Маҳдӣ. Бидъатҳо ва бадоеи Нимо Юшиҷ [Матн] / Маҳдӣ Ахавони Солис. – Теҳрон, 1372. – 163 с.).

42. اخوان ثالث مهدی. نوعی وزن در شعر امروز فارسی. //پيام نوين. – شماره های 6، 7، 8. – 1343.

(Ахавони Солис, Маҳдӣ. Навъи вазн дар шеъри имрӯзи форсӣ [Матн] / Маҳдӣ Ахавони Солис // Паёми навин. – Шумораҳои 6, 7, 8. – 1343).

43. اخوان ثالث مهدی. مجموعه مقالات. كتاب اول. – تهران. توس. 1349. – 196 ص.

(Солис, М.А. Мақолот. Китоби аввал [Матн] / Ахавони Солис, Маҳдӣ. – Теҳрон, 1349. – 196 с.)

44. احمد اشرف. موانع تاريخی رشد سرمايه داری در ايران. دوره ی قاجاريه. – تهران، زمينه، 1359. – 172 ص .

(Ашраф, Аҳмад. Мавонеи таърихии рушди сармоядорӣ дар Эрон: даврai Қоҷория [Матн] / Аҳмад Ашраф. – Теҳрон: Замина, 1359. – 172 с.)

45. احمد شاملو شاعرشبانه ها و عاشقانه ها. – تهران. هيرمند، 1368. – 280 ص.

(Шомлу, А. Шоири шабонаҳову ошиқонаҳо [Матн] / Аҳмади Шомлу. – Теҳрон, 1368. –280 с.)

46. آل احمد جلال. نيما چشم جلال بود. – تهران، 1376. – 181 ص.

(Оли, Аҳмад Ҷалол. Нимо чашми Ҷалол буд [Матн] / Ҷалол Оли Аҳмад. – Теҳрон, 1376. – 181 с.).

47. امینپور قیصر. سنت و نواوری در شعر معاصر، – تهران، علمی و فرهنگی. 1383. – 570 ص.

(Аминпур, Қайсар. Суннат ва навоварӣ дар шеъри муосир [Матн] / Қайсари Аминпур. – Теҳрон, Илмӣ ва фарҳангӣ. 1383. – 570 с.)

48. اسفندیار علی . دفتر اول شعر. با کوشش سیروس طاهباز. – تهران، 1363. – 540 ص.

(Исфандиёри Алӣ. Маҷмуаи осор. Дафтари авали шеър [Матн] / А. Исфандиёр / Бо кӯшиши Сирус Таҳбоз. – Теҳрон, 1363. – 540 с.)

49. با دوستان. //خوشه. – شماره 3. –اسفند 1347.

(Бо дӯстон [Матн] // Хӯша. – Шумораи 3. – Исфанди 1347.)

50.با حرف های در شعر و شاعری . برگزیده شعرهای احمد شاملو. – تهران. بامداد ،1350. – 250 ص.

(Бо ҳарфҳое аз шеър ва шоирӣ [Матн] // Баргузидаи шеърҳои Аҳмади Шомлу. – Теҳрон, Бомдод, 1350. – 250 с.).

51. براهنی رضا. طلا در میس. چاپ دوم با تجدید نظر و اظا فات. – تهران، 1347. – 664 ص.

(Бароҳанӣ, Ризо. Тилло дар мис. Чопи дувум бо таҷдиди назар ва изофот [Матн] / Ризо Бароҳанӣ. – Теҳрон, 1347. – 664 с.).

52.پورنامداریان تقی. سفر در مه. تأملی در شعر احمد شاملو. – تهران .زمستان،1374. – 477 ص.

(Пурномдориён, Тақӣ. Сафар дар меҳ (Тааммуле дар шеъри Аҳмади Шомлу) [Матн] / Тақӣ Пурномдориён. – Теҳрон, 1374. – 477 с.).

53.پورنامداریان تقی. خانه ام ابری است. شعر نیما از سنت تا تجدد. – تهران، سروش 1377. – 401 ص.

(Пурномдориён, Тақӣ. Хонаам абрист (Шеъри Нимо аз суннат то таҷаддуд) [Матн] / Тақӣ Пурномдориён. – Теҳрон, Суруш. 1377. – 401 с.).

54. پیام شاملو به کنگره ی بزرگداشت احمد شاملو (کانادا 1395) // دفتر هنر. – شماره ی 3. – مهرماه 1376.

(Паёми Шомлу ба конгураи бузургдошти Аҳмади Шомлу (Конодо, 1395) [Матн] // Дафтари ҳунар. – Шумораи 3. – Меҳрмоҳи 1376.)

55.ترابی ضیا الدین. پیرامون شعر.– تهران، سوره مهر. 1375. - 277 ص.

(Туробӣ, Зиёуддин. Перомуни шеър [Матн] / Зиёуддин Туробӣ. – Теҳрон, Сураи меҳр. 1375–277 с.).

56. توللی فریدون. رها. – تهران. امیر کبیر، 1333. – 232 ص.

(Таваллулӣ, Ф. Раҳо [Матн] / Ф. Таваллулӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1333. – 232 с.)

57. تعهد به زبان یک تعهد اجتماعی // کیهان. – 1351 (انتشار مجدد، کتاب جمعه).

(Тааҳҳуд ба забон як тааҳуди иҷтимоӣ [Матн] // Кайҳон. – 1351 (интишори муҷаддади Китоби ҷумъа)).

58.ثروتیان بهروز. اندیشه و هنر در شعر نیما. – تهران، نگاه، 1375. – 334 ص.

(Сарватиён, Беҳрӯз. Андеша ва ҳунар дар шеъри Нимо [Матн] / Беҳрӯз Сарватиён. – Теҳрон, Нигоҳ. 1375. – 334 с.).

59.جنتی عطائی ابو القاسم، نیما یوشیج و قسمتی از اشعار او. – تهران. 1333. -92 ص.

(Ҷаннатии Атоӣ Абулқосим. Нимо Юшиҷ ва қисмате аз ашъори ӯ [Матн] / Абулқосим Ҷаннатии Атоӣ. – Теҳрон, 1333. – 92 с.).

60.جنتی عطائی ابو القاسم. نیما یوشیج. زندگی و آثار. – تهران. صفی علیشاه، 1334. – 193 ص.

(Ҷаннатии Атоӣ Абулқосим. Нимо Юшиҷ. Зиндагӣ ва осор [Матн] Абулқосим Ҷаннатии Атоӣ. –Теҳрон: Сафи Алишоҳ, 1334. – 193 с.).

61. چهره ی دیگری در «شاهنامه» // آدینه. – شماره ی 40. دی 1371.

(Чеҳраи дигаре дар «Шоҳнома» [Матн] // Одина. – Шумораи 40. – Дайи 1371.)

62. جهان نو. سال سوم. – شماره ی دوم. – فروردین 1327.

(Ҷаҳони нав [Матн]. – Соли савум. – Шумораи дуюм. – Фарвардини 1327.)

63.حرفهایی ازا. بامداد // اندیشه و هنر (ویژه ا. بامداد). – شماره ی 2.– فروردین 1343.

(Ҳарфҳое аз А. Бомдод [Матн] // Андеша ва ҳунар (Вижаи А. Бомдод). – Шумораи 2. – Фарвардини 1343.)

64.حرف هایی از بامداد// اندیشه و هنر (ویژهنامه ی بامداد) – شماره ی 9، – فروردین 1342.

(Ҳарфҳое аз Бомдод [Матн] // Андеша ва ҳунар (Вижаномаи Бомдод). – Шумораи 9. – Фарвардини 1342).

65.حسینی حمید. موسیقی شعر نیما. – تهران، 1371. – 282 ص.

(Ҳусайнӣ, Ҳамид. Мусиқии шеъри Нимо [Матн] / Ҳамид Ҳусайнӣ. – Теҳрон, 1371. – 282 с.).

66.حقوقی محمد. شعر زمان ما. احمد شاملو. شعرهای برگزیده./ محمد حقوقی (تفسیر و تحلیل موفقترین شعرها). – تهران. نگاه ، 1376. – 330 ص.

(Ҳуқуқӣ, Муҳаммад. Шеъри замони мо. Аҳмади Шомлу. Шеърҳои баргузида (Тафсир ва таҳлили муваффақтарин шеърҳо) [Матн] / Муҳаммад Ҳуқуқӣ. – Теҳрон, Нигоҳ, 1376. – 330 с.).

67.حقوقی محمد. شعر نو از آغاز تا امروز. تهران، 1377- 603 ص.

(Ҳуқуқӣ, Муҳаммад. Шеъри нав аз оғоз то имрӯз [Матн] Муҳаммад Ҳуқуқӣ. – Теҳрон, 1377. – 603 с.).

68.دست غیب ع. نگاهی به مهدی اخوان ثالث. – تهران. مروارید، 1373. – 280 ص.

(Дастғайб, А. Нигоҳе ба Маҳдӣ Ахавони Солис [Матн] А. Дастғайб. – Теҳрон: Марворид, 1373. – 280 с.).

69.دست غیب ع. گرایشهای متضاد در ادبیات معاصر ایران. – تهران. خنیا 1371. – 306 ص.

(Дастғайб, А. Гароишҳои мутаззод дар адабиёти муосири Эрон [Матн] / А. Дастғайб. – Теҳрон, Хунё. 1371. – 306 с.).

70.دست غیب ع. نقد اثار احمد شاملو. – تهران. چاپار.1375. – 330 ص.

(Дастғайб, А. Нақди осори Аҳмади Шомлу [Матн] / А. Дастғайб. – Теҳрон, Чопор, 1375. – 330 с.).

71.در باره ی شعر امروز (پیشنویس مقدمه ی سخنرانی در دانشکده ی ادبیات تبریز) ، 1344.

(Дар бораи шеъри имрӯз [Матн] // Пешнависи муқаддимаи суханронӣ дар Донишкадаи адабиёти Табрез, 1344.)

72.در راه هنر // سنگر خاوران. – شماره ی 1. – 1333.

(Дар роҳи ҳунар [Матн] // Сангари ховарон. – Шумораи 1. – 1333.)

73.دهباشی علی. یاد صادق چوبک. – تهران، ثالث، 1380. –668 ص.

(Деҳбошӣ, А. Ёди Содиқи Чубак [Матн] / Алӣ Деҳбошӣ. – Теҳрон: «Солис», 1380. – 668 с.)

74.دهقانی محمد. پیشگامان نقد ادبی در ایران. – تهران. سخن، 1380. – ص 352 .

(Деҳқони Маҳмуд. Пешгомони нақди адабӣ дар Эрон [Матн] / Маҳмуд Деҳқонӣ. – Теҳрон: Сухан, 1380. – 352 с.)

75.دیدار با احمد شاملو// امید ایران. – شماره ی 28 (مسلسل 1020). – مرداد 1358.

(Дидор бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Умеди Эрон. – Шумораи 28 (мусалсали 1020). – Мурдоди 1358.)

76.دیدار با جاودانه مرد // امید ایران. – شماره ی 27. – مرداد 1358.

(Дидор бо ҷовидонамард [Матн] // Умеди Эрон. – Шумораи 27. – Мурдоди 1358.)

77.روشنتر از خاموشی. (برگزیده شعر امروز ایران (1300-1358)). با انتخاب و مقدمه ی مرتضی کاخی. – تهران. آگه. 1369. – 674 ص.

(Равшантар аз хомӯшӣ (баргузидаи шеъри имрӯзи Эрон (1300-1358)). Бо интихоб ва муқаддимаи Муртазо Кохӣ [Матн]. – Теҳрон: Огоҳ, 1369. – 674 с.)

78.روزبه محمدرضا. ادبیات معاصر ایران (شعر). – تهران. روزگار. 1381. – 422 ص.

(Рӯзбеҳ, Муҳаммадризо. Адабиёти муосири Эрон (шеър) [Матн] / Муҳаммадризо Рӯзбеҳ. – Теҳрон, 1381. – 422 с.)

79.زرین کوب، عبدالحسین. شعر بی دروغ، شعر بی نقاب. – تهران، 1986. – 338 ص.

(Зарринкӯб, Абдулҳусайн. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб [Матн] / Абдулҳусайни Зарринкӯб. – Теҳрон, 1989. – 338 с.).

80.زرقانی سعید مهدی. چشم انداز شعرمعاصر ایران. – تهران. ثالث، 1384. – 710 ص.

(Зарқонӣ, С. Чашмандози шеъри муосири Эрон [Матн] / Саидмаҳдӣ Зарқонӣ. – Теҳрон: «Солис», 1384. – 710 с.)

81.سلاجقه پروین. امیرزاده ی کاشی ها (احمد شاملو). – تهران. مروارید. 1384. – 720 ص.

(Салоҷиқа, Парвин. Амирзодаи кошиҳо (Аҳмади Шомлу) [Матн] / Парвин Салоҷиқа. – Теҳрон: Марворид, 1384. – 720 с.)

82.سخنرانی احمد شاملو در اینترلیت // دنیای سخن. – شماره ی 21. – مهر 1367.

(Суханронии Аҳмади Шомлу дар интерлит [Матн] // Дунёи сухан. – Шумораи 21. – Меҳри 1367.)

83.سهراب سپهری. هشت کتاب. – تهران. مرسل. 1402. – 312 ص.

(Суҳроб, С. Ҳашт китоб [Матн] / Суҳроби Сипеҳрӣ. – Теҳрон: Мурсал, 1402. – 312 с.)

84.شاملو احمد // نگرانی های من (سخنرانی در دانشگاه برکل امرکا اوریل 1990 // کتاب جمعه. – شماره ی 31. 1359.

(Шомлу, Аҳмад. Нигарониҳои ман (Суханронӣ дар донишгоҳи Берклии Амрико) [Матн] / Аҳмади Шомлу // Китоби ҷумъа. – Шумораи 31. – 1359).

85.شعر از نظر من // جوانان. – شماره ی 355. – 25.05.1352.

(Шеър аз назари ман [Матн] // Ҷавонон. – Шумораи 355. – 25.05.1352.)

86.شعر خوب. // کیهان. – شماره ی 29. – 12 اسفند 1350.

(Шеъри хуб [Матн] // Кайҳон. – Шумораи 92. – 12 исфанди 1350.)

87.شکیبا پروین. زندگینامه شاعران ایرانی. – تهران. هیرمند، 1379. – 476 ص.

(Шикебо, П. Зиндагиномаи шоирони эронӣ [Матн] / Парвин Шикебо. – Теҳрон: Ҳирманд, 1379. – 476 с.)

88.شمیسا سیروس. راهنمای ادبیات معاصر. – تهران. میترا، 1383. – 720 ص.

(Шамисо, С. Раҳнамои адабиёти муосир [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: «Митро», 1383. – 720 с.)

89.شمیسا سیروس. سیر غزل درشعر فارسی. – تهران. فردوسی، 1380. – 312 ص.

(Шамисо, С. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ [Матн] / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1380. – 312 с.)

90.عابدی کامیار. شبان بزرگ امید. بررسی زندگی و آثار شیاوش کسرائی. – تهران، 1379. – 198 ص.

(Обидӣ, Комёр. Шубони Бузургумед (Баррасии зиндагӣ ва осори Сиёвуши Касроӣ) [Матн] / Комёр Обидӣ. – Теҳрон, 1379. – 198 с.).

91.عابدی کامیار. در روشنی باران ها. – تهران، 1381. – 325 ص.

(Обидӣ, Комёр. Дар равшании боронҳо [Матн] / Комёр Обидӣ. – Теҳрон, 1381. – 325 с.).

92.عابدی کامیار.در زلال شعر. زندگی و شعر امیر هوشنگ ابتهاج. – تهران، 1377. – 376 ص.

(Обидӣ, Комёр. Дар зулоли шеър. Зиндагӣ ва шеъри Амир Ҳушанг Ибтиҳоҷ [Матн] / Комёр Обидӣ. – Теҳрон, 1377. – 376 с.).

93.عابدی کامیار. در جستجوی شعر. – تهران، 1381. – 446 ص.

(Обидӣ, Комёр. Дар ҷустуҷӯйи шеър [Матн] / Комёр Обидӣ. – Теҳрон, 1381. – 446 с.).

94.علی اصغر شعردوست. چشم انداز شعر معاصر تاجیکستان. – تهران. الهدی. 1376. – 328 ص.

(Шеърдӯст, А. Чашмандози шеъри муосири Тоҷикистон [Матн] / Алиасғари Шеърдӯст. – Теҳрон: Алҳудо, 1376. – 328 с.)

95.غلامحسین یوسفی.چشمهٔ روشن. – تهران، انتشارات علمی. 1369، – 764 ص.

(Ғуломҳусайн, Юсуфӣ. Чашмаи равшан [Матн] / Юсуфӣ Ғуломҳусайн. – Теҳрон, интишороти илмӣ. 1369. – 764 с.).

96.قمری داریوش. تحول ناسیونالیستی در ایران. – تهران. مرکز اسناد انقلاب اسلامی، 1380. – 236 ص.

(Қамарӣ, Д. Таҳаввули носиюнолизм дар Эрон [Матн] / Дориюш Қамарӣ. – Теҳрон: Маркази аснодиинқилоби исломӣ, 1380. – 236 с.)

97.فروغ جلیلی. آئینه های بی طرح. –تهران: 1387، – 192 ص.

(Фурӯғи Ҷалилӣ. Ойинаҳои бетарҳ [Матн] / Ҷалилии Фурӯғ. – Теҳрон, 1387. – 192 с.).

98.فرهنگنامه ادبی فارسی. جلد دوم. – تهران، 1381. – 1537 ص.

(Фарҳангномаи адаби форсӣ. Ҷилди дувум [Матн]. – Теҳрон, 1381. – 1537 с.).

99.فلکی محمود. موسیقی در شعر سپید فارسی. – چاپ آلمان، 1389.

(Фалакӣ, Маҳмуд. Мусиқӣ дар шеъри сапеди форсӣ [Матн] / Маҳмуд Фалакӣ. – Чопи Олмон, 1389).

100. فلکی محمود. نگاهی به شعر شاملو. – تهران، مروارید. 1380. – 192 ص.

(Фалакӣ, Маҳмуд. Нигоҳе ба шеъри Шомлу [Матн] / Маҳмуд Фалакӣ. – Теҳрон: Марворид, 1380. – 192 с.).

101. فولادوند، عزت الله. از چهره های شعر معاصر اخوان ثالث، شاملو، سپهری، شفعیی کدکنی. – تهران: سخن، 1387.

(Фулодванд, Изатуллоҳ. Аз чеҳраҳои шеъри муосир – Ахавони Солис, Шомлу, Сипеҳрӣ, Шафеии Кадканӣ [Матн] / Изатуллоҳ Фулодванд. – Теҳрон, 1387).

102. کدکنی محمد رضا شفیعی. صور خیال در شعر فارسی. – تهران، 1350. – 588 ص.

(Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон, 1350. – 588 с.).

103. کدکنی محمد رضا شفیعی. موسیقی شعر.– پاریسِ. خاور. 1367، – 254 ص.

(Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Порис: Ховар, 1367. – 254 с.).

104. کدکنی محمد رضا شفیعی. ادوار شعر فارسی از مشروطیت تا سقوت سلطنت. – تهران 1383. – 175 ص.

(Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Адвори шеъри форсӣ аз Машрутият то суқути салтанат [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон, 1383. – 175 с.).

105. کبوتر صلح. – دوره ی دوم. – شماره ی 6 (18). – بهمن 16، 1330.

(Кабутари сулҳ [Матн]. – Давраи дуюм. – Шумораи 6 (18). – Баҳман 16, 1330.)

106. کفن به تن و شمشیر در دست // کیهان. – شماره ی 6. – خرداد 1350.

(Кафан ба тан ва шамшер дар даст [Матн] // Кайҳон. – Шумораи 6. – Хурдоди 1350.)

107. گپی جانانه با احمد شاملو شاعر امروز(گفتگوی شاهروخ جنابیان با شاملو).// روزنامه ی رستاخیز –6 آبان 1355.

(Гапеи Ҷонона бо Аҳмади Шомлу шоири имрӯз (Гуфтугӯйи Шоҳрух Ҷанобиён бо Шомлу) [Матн] // Рӯзгомаи Растохез. – 6 обони 1355.)

108. گفتوگوی احمد شاملو با منصور پیرنیا.// کیهان. – شماره ی 4 – لاندن. 24.08.1357

(Гуфтугӯйи Аҳмади Шомлу бо Мансури Пирниё [Матн] // Кайҳон. – Шумораи 4. – Лондон. – 24.08.1357.)

109. گفتوگوی علی اصغر ضرابی با احمد شاملو.// فردوسی – شماره ی 4 – فروردین 1345.

(Гуфтугӯйи Алӣ Асғар Заробӣ бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Фирдавсӣ. – Шумораи 4. – Фарвардини 1345.)

110. گفتوگوی علی اصغر ضرابی با احمد شاملو.// فردوسی – شماره ی 1 – فروردین 1345.

(Гуфтугӯйи Алӣ Асғар Заробӣ бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Фирдавсӣ. – Шумораи 1. – Фарвардини 1345.)

111. گفتوگوی در باره شعر با احمد شاملو.// بامداد. – 20 مرداد 1358.

(Гуфтугӯйе дар бораи шеър бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Бомдод. – 20-уми мурдоди 1358.)

112. گفتوگوی جواد مجابی و غلامحسین نصیری پور با احمد شاملو // دنیای سخن. – شماره ی 25. – اسفند 1367.

(Гуфтугӯйи Ҷавод Маҷобӣ ва Ғуломҳусайн Насирипур бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Дунёи сухан. – Шумораи 25. – Исфанди 1367.)

113. گفت و شنید با احمد شاملو. // دریچه. (ویژه نامه ی احمد شاملو) – شماره ی 16. – فروردین 1369.

(Гуфтушунид бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Дарича (Вижаномаи Аҳмади Шомлу). – Шумораи 16. – Фарвардини 1369.)

114. گفتوگوی «زمانه» با احمد شاملو // زمانه. – شماره ی 1. – (ویژه نامه احمد شاملو). – مهر 1370(اکتبر 1991، آمریکا).

(Гуфтугӯйи «Замона» бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Замона. – Шумораи 1 (Вижаномаи Аҳмади Шомлу). – Меҳр 1370 (октябри 1991, Амрико)).

115. گفت و شنود بهنود با احمد شاملو.// تهران مصور. – سه شماره ی پی در پی، – اردیبهشت. 1358

(Гуфтушуниди Беҳнуд бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Теҳрони мусаввар. – Се шумораи пай дар пай. – Урдубиҳишти 1358.).

116. گفت و شنود فرخ سرکوهی با احمد شاملو// آدینه، – شماره ی 72، – 1371.

(Гуфтушуниди Фаррух Саркӯҳӣ бо Аҳмади Шомлу [Матн] // Одина. – Шумораи 72. – 1371.).

117. گفت و شنود احمد شاملوبا دانشجویان علوم و ارتباطات// کتاب جمعه، – شماره ی 91. – فروردین 1359

(Гуфтушуниди Аҳмади Шомлу бо донишҷӯёни улум ва иртиботот [Матн] // Китоби ҷумъа. – Шумораи 91. – Фарвардини 1359.).

118. گزینه اشعار احمد شاملو. – تهران. مروارید. 1397. – 300 ص.

(Гузинаи ашъори Аҳмади Шомлу. [Матн]. – Теҳрон. Марворид.1375. – 300с.).

119. لنگرودی شمس. تاریخ تحلیلی شعر نو.– تهران. نشر مرکز، جلد اول. 1370. – 649 ص.

(Лангрудӣ, Шамс. Таърихи таҳлилии шеъри нав. [Матн] / Шамс Лангрудӣ. – Теҳрон, нашри Марказ. Ҷилди аввал. 1370. – 649 с.).

120. لنگرودی شمس. تاریخ تحلیلی شعر نو. – تهران. نشر مرکز. جلد دوم. 1377. – 705 ص.

(Лангрудӣ, Шамс. Таърихи таҳлилии шеъри нав. [Матн] / Шамс Лангрудӣ. – Теҳрон, нашри Марказ. Ҷилди дуюм. 1377. – 705 с.).

121. لنگرودی شمس. چهره های قرن بیستم ایران. نیما یوشیج. – تهران، نشر قصه. 1380. – 144 ص.

(Лангрудӣ, Шамс. Чеҳраҳои қарни бистуми Эрон. Нимо Юшиҷ [Матн] / Шамс Лангрудӣ. – Теҳрон, нашри Қиса. 1380. – 144 с.).

122. مرگ امیدها// هفته نامه کتاب جمعه – شماره ی نهم. –19 مهر 1358

(Марги умедҳо [Матн] // Ҳафтаномаи китоби ҷумъа. – Шумораи 9. – дайи 1322).

123. محمدی حسنعلی. از بهار تا شهریار. – تهران. فرتاب، 1397. – 820 ص.

(Муҳаммадӣ, Ҳасаналӣ. Аз Баҳор то Шаҳриёр [Матн] / Ҳасаналӣ Муҳаммадӣ. – Теҳрон: Фартоб, 1397. – 820 с.)

124. محمود محمود. تاریخ روابط سیاسی ایران و انگیس در قرن نوزدهم میلادی. جلد 3. – تهران. اقبال، 1350. – 3200 ص.

(Маҳмуд, М. Таърихи равобити сиёсии Эрону англис дар қарни XIX. Ҷилди III [Матн] / Маҳмуди Маҳмуд. – Теҳрон. Иқбол, 1350. – 3200 с.)

125. مفاهیم رندو رندی در غزل حافظ// سخنرانی در دانشگاه هاروارد و برکلی امریکا. زمانه ما 1991.

(Мафоҳими ринду риндӣ дар ғазали Ҳофиз. Суханронӣ дар донишгоҳи Ҳорвард ва Берклии Амрико [Матн] // Замонаи мо, 1991.).

126. محمد رضا رهبریان. ترانه های بی هنگام. – تهران، مروارید . 1386. – 356 ص.

(Муҳаммадризо, Раҳбариён. Таронаҳои беҳангом [Матн] / Раҳбариён Муҳаммадризо. – Теҳрон: Марворид, 1386. – 356 с.).

127. ملاحظاتی مختصر در سه پیشامد کاملاً آدی // کیهان. – 04.02.1352.

(Мулоҳизоти мухтасар дар се пешомади комилан одӣ [Матн] // Кайҳон. – 04.02.1352.)

128. ناتل خانلری پرویز. پست و بلند شعر نو. //»سخن». – تهران، شماره ی 12. 1334.

(Нотил, Хонларӣ Парвиз. Пасту баланди шеъри нав [Матн] / Парвиз Нотили Хонларӣ // Сухан. – Теҳрон,– Шумораи 12. 1334.).

129. نامه های نیما. نسخه پرداز شراگیم یوشیج. – تهران، 1376. – 550 ص.

(Номаҳои Нимо. Нусхапардозии Шарогим Юшиҷ [Матн] / Номаҳои Нимо. – Теҳрон, 1376. – 550 с.).

130. نوری علا اسماعیل. صور و اسباب در شعر امروز ایران. – تهران. 1348.– 582 ص.

(Нурӣ, Ало Исмоил. Сувар ва асбоб дар шеъри имрӯзи Эрон [Матн] / Ало Исмоил Нурӣ. – Теҳрон, 1348. – 582 с.)

131. نیما یوشیج. مجموعه کامل اشعار. تدوین سیروس طاهباز. – تهران، 1371. – 710 ص.

(Нимо, Юшиҷ. Маҷмуаи комили ашъор (Тадвини Сирус Тоҳбоз) [Матн] / Юшиҷ Нимо. – Теҳрон, 1371. – 710 с.).

132. نیما یوشیج. حرفهای همسایه. – تهران، 1372. – 160 ص.

(Нимо, Юшиҷ. Ҳарфҳои ҳамсоя [Матн] / Юшиҷ Нимо. – Теҳрон, 1372. – 160 с.).

133. نیما یوشیج. ارزش احساسات. – تهران، خردادماه 1345. – 402 ص.

(Нимо, Юшиҷ. Арзиши эҳсосот [Матн] / Юшиҷ Нимо. – Теҳрон, 1345. – 402 с.).

134. وفایی عباص علی ؛ سفر در آئینه. – تهران.1387. – 182 ص.

(Вафоӣ, Аббос Алӣ. Сафар дар ойина [Матн] / Аббос Алӣ Вафоӣ. – Теҳрон, 1387. – 182 с.).

135. هوشنگ سایه. آینه در آینه. – تهران. چشمه. 1385. – 222 ص.

Ҳушанг, С. Оина дар оина. [Матн] / Соя Ҳушанг. – Теҳрон, «Чашма». 1385. – 222 с.)

136. یاحقی محمد جعفر. جویبار لهزه ها. – تهران، 1385. – 106 ص.

(Ёҳақӣ, Муҳаммад Ҷаъфар. Ҷӯйбори лаҳзаҳо [Матн] / Муҳаммад Ҷаъфари Ёҳақӣ. – Теҳрон, 1385. – 106 с.).

137. یحیی آرین پور. از صبا تا نیما. تاریخ 150 سال ادب فارسی. جلد اول. – تهران، 1379. – 422 ص.

(Яҳё, Ориянпур. Аз Сабо то Нимо. Таърихи 150 соли адаби форсӣ. Ҷилди аввал [Матн] / Ориянпур Яҳё. – Теҳрон, 1379. – 422 с.).

138. یحیی آرین پور. از صبا تا نیما. تاریخ 150 سال ادب فارسی. جلد دوم. – تهران، 1379. – 540 ص.

(Яҳё, Ориянпур. Аз Сабо то Нимо. Таърихи 150 соли адаби форсӣ. Ҷилди дувум [Матн] / Ориянпур Яҳё. – Теҳрон, 1379. – 540 с.).

139. یحیی آرین پور. از صبا تا نیما. – تهران. 1978 – 267 ص.

(Яҳё, Ориянпур. Аз Сабо то Нимо [Матн] / Ориянпур Яҳё. – Теҳрон, 1978. – 267 с.).

140. یرواند آبراهامیان. ایران بین دو انقلاب. (ترجمه احمد گل محمدی، محمدابراهیم فتاحی...). چاپ دوم. – تهران. نی، 1377. – 348 ص.

(Эрванд, Иброҳимиён. Эрон байни ду инқилоб. (Тарҷумаи Аҳмади Гулмуҳаммадӣ ва Муҳаммад Иброҳим Фаттоҳӣ...) Чопи дувум [Матн]. – Теҳрон: Най, 1377. – 348 с.).

IV. Манобеи интернетӣ:

141. احمد شاملو. شکوفتن در مه. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://www.iketab.com/%D8%B4%DA%A9%D9%81%D8%AA%D9%86-%D8%AF%D8%B1-%D9%85%D9%87

142. احمد شاملو – ویکیپدیا، دانشنامه آزاد. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: احمد شاملو - ویکیپدیا، دانشنامهٔ آزاد

143. اکولالیا – آرشیو شعر جهان. لیست شاعران. نصرت رحمانی. در عطر عشق. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: نصرت رحمانی - در عطر عشق | اکولالیا - آرشیو شعر جهان

144. پیچک (خوشه های شعر و غزل). شعر و ادب فارسی. گلچین گیلانی. پشت شیشه باد شبرو جار می زد. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://pichak-iran.blogsky.com/1394/08/25/post-273/

145. رهی معیری. غزلها – جلد اول. حدیث جوانی. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://ganjoor.net/rahi/ghazalha1/sh2

146. زندگی و زمانه عماد خراسانی، شاعر اندوهگن عاشق[Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: زندگی و زمانه عماد خراسانی، شاعر اندوهگین عاشق
147. شعر فارسی. نادرپور. از درون شب. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: از درون شب - پایگاه خبری شاعر
148. ستاره. جملات و هنرها. ادبیات. مجموعه ای از زیباترین اشعار گلچین گیلانی. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://setare.com/fa/news/12720/
149. غزلی از مهدی حمیدی شیرازی. شنیدم که چون قوی زیبا بمیرد. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://fararu.com/fa/news/895839
150. کتاب آیدا درخت و خنجر و خاطره اثر احمد شاملو. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: کتاب آیدا درخت و خنجر و خاطره اثر احمد شاملو | ایران کتاب
151. کوچه سار شعر. پژمان بختیاری. دیوانه ی کمتر. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://kouchesaresher.blogfa.com/post/621
152. کلام قصار. ویکی پدیا. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: کلام قصار - ویکی‌پدیا، دانشنامهٔ آزاد
153. گل یاس. شعر و ادب. عماد خراسانی. پیدا شد و پیدا شد. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://goleyasss.blogfa.com/post/89
154. نصرت رحمانی: شاعر نوگرا و روایتگر تلخی های جامعه. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: نصرت رحمانی؛ شاعر نوگرا و روایتگر تلخی‌های جامعه - ایرنا
155. نصرت رحمانی. صبح در راه است، باور داشتم. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: https://m-bibak.blogfa.com/post/16883
156. نیما یوشیج. مرغ آمین. [Манбаи электронӣ] // Низоми дастрасӣ: مرغ آمین - نیما یوشیج - پلیکان

Б) РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ ДОИР БА МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Шодиева (Шодиён), Ф.Т. Шомлу – асосгузори шеъри сафед [Матн] / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №1. – С. 166-172.

[2-М]. Шодиева (Шодиён), Ф.Т. Нигоҳе ба гузингӯяҳои Аҳмади Шомлу [Матн] / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №6-1 (101). – С. 251-257.

[3-М]. Шодиева (Шодиён), Ф.Т. Шеър аз нигоҳи Аҳмади Шомлу [Матн] / Ф.Т. Шодиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №8. – С. 234-239.

[4-М]. Шодиён, Ф.Т. Нақд ва шеъри Аҳмади Шомлу [Матн] / Ф.Т. Шодиён // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Бахши илмҳои таърих ва бостоншиносӣ, педагогика ва филология. – Кӯлоб, 2026.– №3 (44). – С. 475-483.

II. Таълифоти муаллиф дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар илмӣ:

[5-М]. Шодиева (Шодиён), Ф.Т. Гунаҳои шеърӣ дар девони Аҳмади Шомлу [Матн] / Ф.Т. Шодиева // Масъалаҳои мубрами филология ва методикаи ташаккули салоҳиятмандии донишҷӯён аз забонҳои хориҷӣ (Маводди конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии робитаҳои дипломатӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳурии Федеролии Олмон, Ҷумҳурии Тоҷикистон – Ҷумҳурии Австрия, инчунин, 75-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Х.Г. Сайфуллоев, 20-22-юми майи соли 2023). – Душанбе, 2023. – С. 229-232.

[6-М]. Шодиева (Шодиён), Ф.Т. Нақши нашрияҳои адабӣ дар инкишофи «шеъри нав»-и Эрон дар даҳаи 40-50-уми асри XX [Матн] / Ф.Т. Шодиева // Масоили мубрами арабшиносӣ (Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи байналмилалии илмию-назариявӣ дар мавзуи «Дастовардҳои илмии ховаршиносони тоҷик дар замони Истиқлол», 14-уми марти соли 2024). – Душанбе, 2024. – С. 331-335.

[7-М]. Шодиён, Ф.Т. Мавлоно ва Аҳмади Шомлу [Матн] / Ф.Т. Шодиён // Маводди конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Мероси адабӣ-ирфонии Ҷалолуддини Балхӣ ва таъсири он ба тафаккури ҷомеаи муосир» (30-юми сентябри соли 2026). – Душанбе, 2026. – С. 214-218.